Шуғли аҳолӣ имрӯз дар Тоҷикистон яке аз масъалаи асосӣ маҳсуб ёфта, маҷмӯи муносибатҳоро оид ба иштироки одамон дар фаъолияти меҳнатӣ тавсиф менамояд. Шуғли самаранок ва аз ҷиҳати пардохти музд ва шароити меҳнат муносиб, на танҳо манбаи даромад мебошад, ки сатҳ ва сифати ҳақиқии ҳаёти корманд ва оилаи ӯро таъмин месозад, балки заминаи асосии инкишофи инсон ва рушди иқтисодӣ низ мебошад.

Вазъи дар кишвар ҷойдоштаи шуғли аҳолӣ, ба сатҳи камбизоатӣ таъсири асосӣ мерасонад. Дар соли 2007 қашшоқии ниҳоӣ дар ҷумҳурӣ 17%-ро ташкил дод, 53,5%-и аҳолиро бошад камбизоатон ташкил мекарданд[1]. Ин ба вазъи шуғли расмӣ ва ғайрирасмӣ ва дар навбати худ, ба миқёс ва сатҳи камбизоатӣ дар кишвар таъсири ҷиддӣ мерасонад ва ҳамчун натиҷаи он тамоюли рушди инсонро муайян месозад.

Ба вазъи камбизоатӣ дар Тоҷикистон бӯҳрони молиявии ҷаҳонии солҳои 2008-2009 ба таври ҷиддӣ таъсир кард. Дар айни замон сатҳи камбизоатӣ ба 58-60% (соли 2003 – 64%) ташкил мекунад[2]. Бинобар ин, сиёсати иҷтимоии Ҳукумат бояд ҳамаи проблемаҳои иҷтимоиеро, ки ба мавқеи шаҳрвандон ҳам дар ҷамъият ва ҳам дар истеҳсолот алоқаманд аст ба инобат гирад. Бар замми ин талаботи онҳо ба шуғли доимӣ ва муносиб ба мадди аввал гузошта шавад.

Ҷой доштан ё надоштани кори муносиб ба омили асосӣ табдил ёфта истода, дар ин ё он шакл ба инкишофи иқтисодиёти глобалӣ ва тавассути он ҳам ба зист ва ҳам ба фаъолияти меҳнатии шахрвандони мамлакатҳои ҷудогона таъсир мерасонад. Чунин тамоюлҳо дар ин соҳа хусусияти таҳдидомез пайдо карда истодааст. Таҷрибаи чораҳои зиддибӯҳронӣ дар бисёр кишварҳо собит сохт, ки ба самаранокии нисбатан баланд оид ба ҳавасмандгардонии иқтисодиёт ҳамонҳое ноил шуданд, ки ба таъсиси ҷойҳои корӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, аз ҷумла дастгирӣ ва рушди соҳибкории хурд ва миёна, ҳамчун роҳи самараноки зиёд намудани ҷойҳои корӣ ва ҳалли аксарияти проблемаҳои иҷтимоӣ эътибори ҷиддӣ доданд.

Дар шароити кунунӣ шуғли аҳолии дар ин ё он кишвар ҷой дошта, бояд аз нигоҳи даъватҳои анъанавӣ, ки ба онҳо ин кишвар, бо дарназардошти бекорӣ, шуғли ғайрирасмӣ, меҳнати иҷборӣ, муҳоҷирати меҳнатии дохилӣ ва хориҷӣ дучор меояд, таҳқиқ карда шавад.

**ЗАМИМАИ МАТНИ 1**
**БӮҲРОНИ ҶАҲОНИИ ОЗУҚА АЗ СЕ ДУ ҲИССАИ ОИЛАҲОРО ДАР ТОҶИКИСТОН ФАРО ГИРИФТ**

**Душанбе. 28 январ.**
**«Азия-Плюс»-/Виктория Наумова/-**
Дар Тоҷикистон бӯҳрони ҷаҳонии озуқа аз се ду ҳиссаи оилаҳоро фаро гирифт, - изҳор дошт Намояндаи доимии ҶТ дар СММ Сироҷиддин Аслов дар баромади худ дар Ню-Йорк умед бар он мебандад, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ тадбирҳои зарурии сиёсӣ, молиявӣ ва иқтисодиро баҳри пешгирии афзоиши бӯҳрони озуқа меандешад. «Дар солҳои охир инсоният бо як қатор бӯҳронҳои ба ҳам алоқаманд рӯ ба рӯ шуд. Оқибатҳои даъватҳои нав, бахусус ба аҳволи иҷтимоии миллионҳо одамон дар кишварҳои рӯ ба инкишоф ва давлатҳои дорои иқтисодиёти давраи гузариш, аз ҷумла дар кишвари ман таъсири шадид расонд», - арз намуд сафир. Ӯ таъкид дошт, ки дар баробари афзоиши нарх барои маводи озуқа, дар солҳои 2007-2008 ба Тоҷикистон лозим омад, ки хунукиҳои ғайримуқаррарӣ, камобӣ ва хушксолиро аз сар гузаронад, ки ба бӯҳрони озуқа ва энергетикӣ оварда расонд ва дар натиҷа - боиси хеле паст шудани сатҳи иҷтимоӣ ва иқтисодии аҳолии кишвар гашт.

Имрӯз ин даъватҳо хусусияти возеҳ ифодаёфта доранд ва аз таъсири бӯҳрони муосири молиявию иқтисодӣ, озуқаворӣ ва гуманитарӣ вобастаанд. Бӯҳрони муосир иқтисодиёти Тоҷикистон ва бозори меҳнати дар он амалкунандаро аз «ҳолатҳои ногувори (шоки) беруна» хеле осеппазир мегардонад. Таъсири бӯҳрони ҷаҳонӣ пешрафтеро, ки дар татбиқи Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар солҳои 2007-2009 ба даст омадааст, зери хатар мегузорад. Дар баробари баъзе муваффақиятҳои ҷойдошта, вазъ дар Тоҷикистон дар соҳаи шуғл боиси нигаронӣ мебошад.

Ташаккули бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити махсуси миллӣ, дар зери таъсири чунин омилҳо, ба монанди вазъи мураккаби демографӣ, то ба охир ҳал нагардидани оқибатҳои бӯҳрони шадиди иҷтимоию иқтисодӣ ва оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ, аз кишвар муҳоҷир шудани теъдоди зиёди кормандон ва мутахассисони баландихтисос, нарасидани ҷойҳои корӣ зимни зиёд будани захираҳои меҳнатӣ ба вуҷуд омада истодааст.

Имрӯз дар кишвар сатҳи баланди шуғли ғайрирасмӣ ба мушоҳида мерасад, ки бешубҳа бонги огоҳкунандаи фаъолияти ғайриқаноатбахши бозори меҳнат мебошад. Шуғли ғайрирасмӣ зуҳуроти васеъ паҳнгардидабуда, мутаассифона, аз ҷониби Кумитаи давлатии омор ба қайд гирифта намешавад. Бо дарназардошти шароити душвори молиявию иқтисодии рушди кишвар ва сатҳи баланди шуғл дар бахши ғайрирасмӣ, яке аз роҳҳои воқеии имконпазир, дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии рушди соҳибкорӣ мебошад.

Воқеияти ҷойдошта дар ҷумҳурӣ мавҷуд будани бозори меҳнати «сеқисма» мебошад, ки вай дар ҳиссаҳои амалан баробар шуғли расмӣ, шуғл дар бахши ғайрирасмӣ ва муҳоҷирати меҳнатии дар ҷойи таъминоти кор ба қайд гирифта нашударо барқарор менамояд. Вобаста ба ин, проблемаҳои ҳифзи иҷтимоии шахсони дар бахши ғайрирасмии иқтисодиёт ба муносибатҳои меҳнатӣ ворид гардида ва муҳоҷирони меҳнатӣ ба миён меояд.

***Аз Стратегияи миллии рушд дар давраи то соли 2015***

Одатан дар Тоҷикистон ба шуғл ва бозори меҳнат иқтидори демографӣ таъсир мерасонад. Дар 14 соли охир шумораи аҳолии қобили меҳнати кишвар (мардон дар сини 15-62 сол ва занон дар сини 15-57 сол) ба зиёда аз 1,62 млн расид. Вале сатҳи фаъолнокии иқтисодии аҳолӣ дар ин солҳо ба 18% кам гардида, 52%-и шумораи умумии аҳолии қобили меҳнатро ташкил дод.[3]

Дар панҷ соли охир сатҳи расмии (ба қайд гирифташудаи) бекорӣ куллан тағйир наёфта, дар сатҳи зиёда аз 2% қарор гирифт. Сатҳи ҳақиқии фақат бекории ниҳонӣ, аз рӯи маълумоти ОРС-2004 10,6%-ро аз рӯи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол ташкил кард ва ин нишондиҳанда дар байни мардон 10,2% ва дар байни занон 11,3% баробар шуд. Сатҳи бекории ниҳонӣ дар шаҳракҳо 20,5% ва деҳот 7,2%-ро ташкил дод.[4] Сабаби асосии бекорӣ дар кишвар ҳолате мебошад, ки гурӯҳҳои ҷудогонаи аҳолӣ тамоман ягон хел касб ё ихтисос надоранд. Умуман, аксарияти аҳолии қобили меҳнати кишвар барои кор дар соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ омода нестанд.

Проблемаҳои асосии бозори муосири меҳнати Тоҷикистон инҳоянд:
а) номутобиқатӣ байни суръати баланди афзоиши аҳолии қобили меҳнат ва суръати нокифояи таъсиси ҷойҳои кори муносиб; б) афзоиши миқдори хатмкунандагони дорои маълумоти олӣ ва нарасидани кадрҳои соҳаи маълумоти касбии техникӣ ва миёнаи махсус; в) ҳаҷми калони шуғл дар бахши ғайрирасмӣ ва сатҳи пасти музди меҳнат дар бахши расмӣ; г) номутаносибии хусусияти гендерӣ дар соҳаи шуғл ва афзоиши ҳаҷми истифодаи меҳнати кӯдакон.

Имкониятҳои маҳдуди бо кор таъминкунӣ ва музди пасти меҳнат дар баробари шароити вазнини меҳнат, маҷбур месозад, ки ҳамасола барои ҷустуҷӯи кор зиёда аз 130 ҳазор нафар дар дохили ҷумҳурӣ ва мувофиқи маълумоти гуногун аз 420 ҳазор то 1,0 миллион нафар берун аз қаламрави ҷумҳурӣ муҳоҷир шаванд.

Аз нигоҳи рушди инсон баробарии гендерӣ омили муҳими рушди иқтисодӣ ва шарти ҳатмии сатҳи баланди рушди иҷтимоию иқтисодии ҷамъият маҳсуб меёбад. Дар Ҳисоботи мазкур дар маҷмӯъ ба таҳлили нобаробарии гендерӣ дар соҳаи шуғл, музди меҳнат ва маориф ва инчунин таъсири нобаробарии гендерӣ ба ҷамъият аҳамияти махсус дода шудааст.

Дар ин Ҳисоботи миллӣ инчунин ба проблемаи тайёр кардани аҳолии босавод ва бомаърифат, ки дорои тахассуси зарурии касбӣ мебошад, эътибори ҷиддӣ дода шудааст. Кӯшиши муайян кардани вобастагии дурнамои инкишофи иқтидори инсонии кишвар аз бисёр ҷиҳат ба сатҳ ва сифати таҳсилоти умумӣ, миёнаву махсус, касбию техникӣ ва олӣ ба харҷ дода шудааст.

Ҳисобкунии шохиси рушди иқтидори инсонӣ (ШРИИ), ки дар ин ҳисобот гузаронида шудааст, пеш аз ҳама барои муайян кардани дастовардҳои кишвар дар таъминнамоии шаҳрвандони худ бо имкониятҳои дарозумрӣ ва ҳаёти солим, гирифтани таҳсилоти зарурӣ ва таъмини сатҳи зарурии даромадҳо барои худ ва оилаи худ нигаронида шудааст.

Аввалин маротиба дар силсилаи ҳисоботҳои миллӣ ҳисоби шохиси рушди иқтидори инсон дар сатҳи минтақавӣ анҷом дода шуд, ки он ба таври амиқ фаҳмидан ва ҳал кардани проблемаҳои мавҷудаи рушди инсонро бевосита дар минтақаҳо имконпазир мегардонад. Таҳиягарони Ҳисоботи мазкур пешбини мекунанд, ки ин барои тадқиқотҳои минбаъдаи минтақавӣ оид ба сифати зист ва рушди инсон дар кишвар намунаи мусбат мегардад.

Одатан, ҳангоми пешниҳоди Ҳисоботи миллӣ асосан нишондиҳандаҳои сатҳи миллӣ ҳисоб карда мешаванд, ки фақат барои муқоиса намудан бо нишондиҳандаҳои байналмилалӣ истифода мегарданд. Зимнан ин нишондиҳандаҳо ҳолатро бо тағйирёбандаҳои шохиси рушди иқтидори инсон (таҳсилот, даромад ва давомнокии умри пешбинишаванда) ба ҳисоби миёна дар кишвар тавсиф менамоянд ва хусусиятҳо ва сатҳи рушди инсониро дар минтақаҳои кишвар ба назар намегиранд. Ҳисоби нишондиҳандаи шохиси рушди иқтидори инсон дар сатҳи минтақавӣ барои ошкор намудани проблемаҳои мураккаб ва сарбастаи иҷтимоӣ имкон медиҳад, ки ҳалли онҳо дар сатҳи минтақавӣ бояд афзалияти рушди Тоҷикистон гардад.

**ЗАМИМАИ МАТНИ 2**
**РЕЙТИНГИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА ШОХИСИ РУШДИ ИҚТИДОРИ ИНСОН**

Имрӯз дар рейтинг оид ба шохиси рушди иқтидори инсон Тоҷикистон мақоми 127-умро ишғол менамояд. Кишварҳои Вануату (126) и Намибия (128) дар қатори он қарор доранд. Тоҷикистон дар гурӯҳи он мамлакатҳое ҷойгир аст, ки нишондиҳандаи шохиси рушди иқтидори инсони онҳо миёна аст. Ба чунин мақом Тоҷикистон ба туфайли ҳанӯз ҳам сатҳи нигаҳдошташудаи баланди таҳсилот ва давомнокии кофии умр расид. Аммо шохиси даромад ба ҳар сари аҳолӣ дар Тоҷикистон ба таври ҷиддӣ рейтинги кишварро хеле паст менамояд. Масалан, дар Вануату сатҳи даромаднокӣ ба сари аҳолӣ (аз рӯи ТҚХ - таносуби қобилияти харидорӣ) қариб 4 ҳазор доллари ИМА, дар Намибия зиёда аз 5 ҳазор доллари ИМА, дар Тоҷикистон бошад ин нишондиҳанда аз 1,7 ҳазор доллари ИМА камтар зиёд мебошад.

***Human Development Report 2009. Overcoming barriers: Human mobility and development.***

Дар Стратегияи миллии рушди (СМР) Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2015, ки тезонидани суръати рушди иқтисодӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва кам кардани сатҳи камбизоатиро пешбинӣ менамояд, бахши иҷтимоӣ мавқеи муҳимро ишғол менамояд ва маҷмӯи тадбирҳоеро дар бар мегирад, ки онҳо ба таъмини шуғли нисбатан пурраи захираҳои меҳнатӣ, паст кардани сатҳи бекорӣ ва баланд бардоштани некӯаҳволии моддӣ ва маънавии аҳолӣ нигаронида шудаанд.

Ҳамзамон, Ҳисоботи мазкур таҳлили нисбатан муфассали проблемаҳои шуғл ва бозори меҳнатро дар сатҳҳои миллӣ ва минтақавӣ, ки дар Стратегияи миллии рушд, Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2008-2009, Консепсияи муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа, Консепсияи рушди соҳибкорӣ дар давраи то соли 2015 ва ғ. мушаххас гардидаанд, фаро гирифта, баъзе роҳҳои ҳалли онҳоро пешниҳод месозад.

Ҳисоботи миллӣ оид ба рушди инсон воситаи беназир дар пешбурди муколамаи ҷомеа вобаста ба сиёсати шуғл дар Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Он замина барои доираи васеи баҳсҳои тарафҳои манфиатдор бо мақсади таҳияи тадбирҳои сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоӣ маҳсуб меёбад, ки ба стратегияи рушд дар асоси принсипҳои баробарӣ ва риояи ҳуқуқҳои инсон дар соҳаи шуғл нигаронида шудаанд.

# БОБИ 1

## ШУҒЛ ДАР ТОҶИКИСТОН: ДАЪВАТҲОИ АНЪАНАВӢ ВА НАВ





# 1.1. ЗАХИРАҲОИ МЕҲНАТӢ ВА ШУҒЛ: МУШКИЛОТИ ДОХИЛӢ БОҚӢ МЕМОНАД

## ДАЪВАТИ ЯКУМ - СУРЪАТИ АФЗОИШИ АҲОЛӢ

Чун анъана суръати баланди афзоиши аҳолӣ дар Тоҷикистон дар низоми собиқ ИҶШС, мушкилоти махсусро ба миён намеовард, зеро бо сабаби на танҳо манфиатҳои иқтисодӣ, балки манфиатҳои сиёсӣ, шумораи аҳолӣ яке аз нишондиҳандаҳои асосӣ дар мусобиқаи системаҳои ба ҳам муқобил маҳсуб мейфт. Ҳамзамон қисми зиёди хароҷотро барои нигаҳдории суръати баланди афзоиши аҳолӣ, аз ҷумла аҳолии қобили меҳнат, буҷети ягонаи иттиҳод бар дӯш дошт.

Дар маҷмӯъ, таносуби суръати афзоиши аҳолӣ ва аҳолии қобили меҳнат, инчунин аҳолии ба шуғл фаро гирифта шуда, на танҳо имконияти иқтидори меҳнатии кишвар, балки имконияти рушди иқтисодиро низ муайян мекунанд. Ҳар чи қадаре ки дар миқдори умумии аҳолии қобили меҳнат шахсони ба шуғл фаро гирифта шуда ва миқдори шахсони қобили меҳнат дар миқдори умумии аҳолӣ зиёд бошанд, ҳамон қадар сарборӣ барои як корманд кам гашта, ҳосилнокии меҳнати ҷамъиятӣ меафзояд.

Агар суръати афзоиши аҳолӣ дар солҳои 1981-1990 дар Тоҷикистон  дар байни ҷумҳуриҳои собиқ ИҶШС баландтарин буда, 3%-ро ташкил карда бошад, пас ба таври қатъӣ бад шудани вазъи иҷтимоию иқтисодии дар солҳои 1990 оғозгардида, ба пастшавии суръати афзоиши аҳолӣ то 2% дар як сол овард.  Бо вуҷуди ин, миқдори мутлақи аҳолӣ аз 5505,6 ҳазор нафар дар соли 1991 то 7345,1 ҳазор нафар дар соли 2008, ё 31, 5% зиёд гардида, суръати афзоиши миқдори аҳолии қобили меҳнат нисбат ба суръати афзоиши аҳолии ба кор фаро гирифташуда 3,5 баробар афзудааст. Суръати воқеии афзоиши миқдори аҳолии ба кор фаро гирифташуда 0,9%-ро ташкил дод, ки қариб 8 маротиба аз нишондиҳандаи зарурии мувозинат камтар аст.  Аз ин лиҳоз, раванди трансформатсия ва рушди бозори меҳнат дар Тоҷикистон дар шароите ҷараён дорад, ки дар давоми 17 соли охир шумораи аҳолии Тоҷикистон тақрибан ба андозаи аз се як ҳисса (31,5%), миқдори захираҳои меҳнатӣ зиёда аз якуним баробар (54%) афзуда, зимнан сатҳи шуғл фақат ба андозаи 7% зиёд гардид, яъне суръати афзоиши шуғл аз суръати афзоиши аҳолии қобили меҳнат дошта 47% ақиб мемонад.[5]

Дар Консепсияи таъсис ва нигоҳдории ҷойҳои корӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2008 №74 тасдиқ шудааст, дурнамои зерини таносуби суръати афзоиши шумораи аҳолӣ ва захираҳои меҳнатии кишвар оварда мешавад.

### ҶАДВАЛИ 1.1
### СУРЪАТИ АФЗОИШИ ШУМОРАИ АҲОЛӢ ВА ЗАХИРАҲОИ МЕҲНАТИИ КИШВАР (ДАР ОХИРИ СОЛ, ҲАЗОР НАФАР)

*(дурнамои пешбинишуда дар Консепсияи таъсис ва нигоҳдории ҷойҳои корӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015)*

| Сол | Шумораи аҳолии доимӣ | Захираҳои меҳнатӣ |
|---|---|---|
| 1995 | 5701 | 2811 |
| 2000 | 6250 | 3186 |
| 2001 | 6376 | 3301 |
| 2002 | 6507 | 3463 |
| 2003 | 6640 | 3644 |
| 2004 | 6780 | 3777 |
| 2005 | 6920 | 3893 |
| 2006 | 7064 | 4047 |
| 2010 (пешгӯи) | 7694 | 3970 |
| 2015 (пешгӯи) | 8662 | 4490 |

Ҳамзамон дурнамои озмудаи мо (ки ба маълумоти воқеӣ дар солҳои 2000-2009 ва истифодаи усули ҳаракати синнусолӣ асос ёфтааст) вазъи дигарро нишон медиҳанд. Шумораи аҳолии қобили меҳнат дар соли 2010 4501,2 ҳазор нафарро ташкил дод, ки назар ба нишондиҳандаи дар доираи Консепсияи таъсис ва нигоҳдории ҷойҳои корӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015 муайянгардида 650,5 ҳазор нафар зиёд мебошад. Ҳамин тавр, суръати таъсиси ҷойҳои корӣ ва тарбияи кадрҳо дар кишвар бояд зиёд карда шаванд.

**ҶАДВАЛИ 1.2**
**СУРЪАТИ АФЗОИШИ ДЕМОГРАФӢ ВА ЗАХИРАҲОИ МЕҲНАТИИ КИШВАР (ДАР АВВАЛИ СОЛ, ҲАЗОР НАФАР)**
*(арзёбии коршиносон)*

| Сол | Шумораи аҳолии доимӣ | Захираҳои меҳнатӣ |
|---|---|---|
| 2000 | 6126,7 | 3126,7 |
| 2002 | 6373,5 | 3376,8 |
| 2006 | 6920,3 | 3984,5 |
| 2007 | 7063,8 | 4121,3 |
| 2008 | 7215,7 | 4254,0 |
| 2009 | 7373,8 | 4336,1 |
| 2010 | 7524,2 | 4501,2 |
| 2011 | 7677,7 | 4620,5 |
| 2012 | 7834,3 | 4728,6 |
| 2013 | 7994,2 | 4838,2 |
| 2014 | 8157,2 | 4951,1 |
| 2015 | 8323,6 | 5057,1 |

**ДИАГРАММАИ 1.1**
**ШУМОРАИ АҲОЛӢ ДАР СИННИ ҚОБИЛИЯТИ МЕҲНАТӢ ТИБҚИ ДУРНАМО (ДАР ОХИРИ СОЛ, ҲАЗОР НАФАР)**




## ДАЪВАТИ ДУЮМ – ПРОБЛЕМАИ ҶОЙҲОИ КОРӢ

Дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ чунин чараёнҳои нав дар шуғли аҳолӣ ба вуҷуд меоянд: кам шудани ҳиссаи дар бахши давлатӣ машғулбудагон ва инкишофи васеи шуғли ғайрирасмӣ, тағйирёбии сохтори соҳавии шуғл, афзоиши бекорӣ (бахусус бекории ниҳонӣ), инкишофи шуғли нопурра, пастшавии тақозо ба қувваи корӣ, афзоиши муҳоҷирати ба қайд гирифтанашуда берун аз қаламрави ҷумҳурӣ, тафовути бозорҳои минтақавии меҳнат.

Зимни афзоиши баланди шумораи аҳолӣ дар маҷмӯъ, аҳолии қобили меҳнат, хусусан, дар давраи солҳои 1998-2007 афзоиши ҷойҳои корӣ дар кишвар танҳо 354 ҳазор нафарро ташкил дод.

Бояд гуфт, ки бӯҳрони иқтисодии ҷаҳонӣ таъсири худро аллакай ба бозори меҳнат расонидааст. Вобаста ба ин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбарони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифадор карда шуданд, ки соли равон дар кишвар на камтар аз 180 ҳазор ва минбаъд ҳар сол 100 ҳазор ҷойҳои нави корӣ таъсис диҳанд. Барои то ҳадди имкон кам кардани таъсири бӯҳрони иқтисодии ҷаҳонӣ ба бозори меҳнат Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолиро зарур аст, ки оид ба ҷойҳои корӣ ҳарчи зудтар махзани маълумоти воқеиро ташаккул дода, тавассути васоити ахбори омма ва ташкили ярмаркаҳои ҷойҳои кории холӣ маълумоти заруриро мунтазам ба таваҷҷӯҳи корҷӯён расонад.

***Аз матни Паёми Президенти кишвар ба Маҷлиси Олӣ 15 апрели соли 2009***

Имрӯз дар кишвар дар суръат ва ҳаҷми афзоиши шумораи аҳолии қобили меҳнат ва миқдору сифати ҷойҳои кории таъсисдодашаванда номутаносибии анъанавӣ боқӣ мемонад. Корхонаҳои калон барои таъсиси ҷойҳои нави кории технологӣ қодир нестанд, имконияти соҳибкории хурди ташаккулёфтаистода бошад, маҳдуд аст.

Сиёсати дар кишвар пешбурдаистода ҷиҳати хусусигардонии объектҳои моликияти давлатӣ, ҳамчун чораи комилан зарур ва асоснок дар шароити иқтисоди бозорӣ, ба таври қатъӣ ба ҷараёни афзоиши ҳаҷми азкорхоликунии кормандон таъсир расонд. Ҳамзамон давлат аллакай имкони кафолати бо кор таъмин намудани кормандони аз кор холикардашударо надошт.

Боқӣ мондани миқёси калони бекории ниҳонӣ ва шуғли дубора дар истеҳсолот аз набудани алоқамандии мутақобила дар байни бозори меҳнат ва бозори хизматрасониҳои таълимӣ вобаста аст. Зимнан дараҷаи касбии аксарияти корҷӯяндагон ба талаботи техникию тахассусии ҷойҳои кории мавҷуда ҷавобгӯ намебошад.

Ҷойҳои кории ҳамасола таъсисдодашаванда, ба ғайр аз ҷойҳои нави корӣ, ки дар энергетика, сохтмони роҳҳо ва саноати кӯҳию истихроҷи маъдан ташкил карда мешаванд, аксаран ҳамчун қонунигардонии ҷойҳои холии кории мавҷуда (қаблан ниҳонӣ) дар корхонаҳо ва ташкилотҳои фаъолияткунанда, ва инчунин «азнавтаъсисдиҳии» ҷойҳои корӣ дар корхонаҳои қаблан хусусӣ гардонидашуда, вале муддати зиёд аз фаъолият бозмонда мебошанд.

## ДАЪВАТИ СЕЮМ - МУҲОҶИРАТИ ДОХИЛӢ

Равандҳои муҳоҷирати меҳнатии дохилӣ ба бозори ташкилшудаистодаи меҳнат, сатҳи шуғл ва зисти аҳолӣ дар минтақаҳо бевосита вобаста аст. Илова бар ин, муҳоҷирати дохилӣ бо ду раванд – ба ҷойи дигар кӯчидан ва муҳоҷирати меҳнатии муваққатӣ тавсиф дода мешавад.

Муҳоҷирати дохилӣ дар Тоҷикистон ҳам сабаб ва ҳам натиҷаи проблемаҳои ба кишварҳои иқтисодиёташон сусттараққикарда хос мебошад. Дар шароити тараққиёти сусти ниҳодҳо ва механизмҳои бозорӣ муҳоҷират ба нишондиҳандаи махсуси номутаносибӣ - шиддатёбии проблемаи шуғл, даромаднокӣ ва рушди сусти муносибатҳо дар бозори меҳнат табдил меёбад.

Муҳоҷирате, ки ба иваз кардани ҷойи истиқомат ё гузаштан ба кор ё таҳсил ба ҷойи дигар дар Тоҷикистон пештар ҳам ба мушоҳида мерасид, асосан тавассути усулҳои маъмурӣ ба танзим дароварда мешуд. Имрӯз муҳоҷирати дохилӣ хеле зиёд ба назар мерасад, вале ин раванд сифатан тағйир ёфтааст, зеро ки сабабҳои муҳоҷират дигаргун шудаанд.

Дар айни замон, муҳоҷирати дохилӣ аз бисёр ҷиҳат тахти таъсири омилҳои «теладиҳандае» (радкунандае) қарор дорад, ки бинобар сабаби маҳдудияти дастрасӣ ба захираҳо ва имкони истифодаи қувваи корӣ дар минтақаҳо рух медиҳад. Аксаран одамон ҳатто дар он ҳолатҳое ҳиҷрат менамоянд, ки дар бораи шароити зист ва меҳнат дар ҷои нав иттилооти боэътимод надоранд. Дар натиҷа, ин ба рушди минтақаҳо барои ҷалби қувваи корӣ мусоидат намекунад ва ба вусъат ёфтани шуғл дар бахши ғайрирасмии иқтисодиёт ва нарасидани қувваи корӣ дар як қатор ноҳияҳои деҳот оварда мерасонад.

Имрӯз бӯҳрони ҷаҳонии молиявӣ гарчанде ғайримустақим бошад ҳам, вале ҳамзамон ба таври воқеӣ ба муҳоҷирати дохилӣ таъсир мерасонад. Пеш аз ҳама, ин таъсиррасонӣ ҳам ба шиддатёбӣ дар бозори меҳнат бо сабаби баргаштани муҳоҷирони хориҷӣ ва ҳам фишор овардан ба бозори меҳнат аз ҷониби қисми муайяни қувваи кории ҷумҳурӣ, ки бинобар бӯҳрон маҷбур аст, ки бозмонад ва барои музди кор ба кишварҳои дигар сафар накунад, вале он бешак ба муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ нигаронида шудааст. Сонияи, он инчунин ба кам гардидани дастгирии субвенсионии минтақаҳои ҷумҳурӣ бо сабаби кам шудани воридоти маблағҳо аз андоз ба буҷет алоқаманд аст.

Дар шароите, ки қисми зиёди ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар шакли субвенсияҳо аз буҷети ҷумҳуриявӣ кӯмаки молиявӣ мегиранд, мушкилоти саривақт пардохт накардани музди меҳнат, нафақа ва кӯмакпулиҳо ба миён меоянд, ки барои муҳоҷирати дохилӣ яке аз омилҳои мусоидаткунанда маҳсуб меёбад. Дар ин ҳолат вазнинӣ бар дӯши бозорҳои меҳнати шаҳрҳои калон ва инфрасохтори иҷтимоии онҳо меафтад.

## ДАЪВАТИ ЧОРУМ - МУҲОҶИРАТИ ХОРИҶӢ

Дар Тоҷикистон  муҳоҷирати хориҷӣ яке аз хусусиятҳои муҳими рушди иҷтимоию иқтисодиро дар шароити кунунӣ ташкил медиҳад.

Агар дар ибтидо ва миёнаи солҳои 90-уми асри XX аз Тоҷикистон  барои истиқомати доимӣ асосан русҳо, украинҳо, белорусҳо, арманиҳо ва дигар гурӯҳҳои этникӣ муҳоҷират мекарданд, пас дар солҳои охир шумораи асосии шахсони ҳиҷраткунандаро тоҷикон ташкил медиҳанд, ки барои пайдо намудани музди кор сафар мекунанд.

**ХАРИТАИ 1.1 ХАРИТАИ САМТИ ҶАРАЁНИ МУҲОҶИРАТ АЗ ТОҶИКИСТОН**



Аломати асосии муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ - хусусияти ғайримуташаккил ва номураттабии он мебошад. Аз рӯи санҷишҳои гуногун, дар ҳоли ҳозир шумораи муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ аз 0,5 то 1 млн. нафарро ташкил медиҳад. Аксарияти ин одамон дар низоми ғайрирасмӣ кор карда, аз ҳуқуқҳои муқаррарӣ, ки одамон дар ҷаҳони муосир баҳравар ҳастанд, маҳрум мебошанд.

**ЗАМИМАИ МАТНИ 3**
**АЗ МАВЗӮИ ҶАЛАСАИ КОТИБОТИ СААД ВА ЕВРАЗЭС**

«Дар бораи вазифаҳои мақомоти салоҳиятдори давлатҳои аъзои СААД ва ЕврАзЭс оид ба муқовимат бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ дар шароити бӯҳрони ҷаҳонии иқтисодӣ ва таъмини ҳуқуқҳои иҷтимоию меҳнатии меҳнаткашони муҳоҷир»
«Дар шароити ҷаҳонишавии асри XXI муҳоҷирати ғайриқонунӣ ба яке аз даъватҳои асосии давраи муосир табдил ёфт. Зимнан муҳоҷирати ғайриқонунӣ на танҳо худ таҳдид менамояд, балки он бо чунин шаклҳои ҷинояткории транссарҳадӣ, чи терроризми байналмилалӣ, фурӯши аслиҳа, муомилоти ғайриқонунии моводи нашъадор ва фурӯши одамон зич алоқаманд аст. Бо дарназардошти пастшавии сатҳи иқтисодии пешбинишаванда ва мутобиқан кам гаштани микдори ҷойҳои корӣ, мутахассисон дар соҳаи муҳоҷират пешбинӣ менамоянд, ки қисми зиёди муҳоҷирони меҳнатии қонунӣ, бо аз даст додани кор ва бо сабабҳои объективӣ ба кишваре, ки шаҳрванди он мебошанд, хоҳиши баргаштан надоранд, метавонанд ба қатори муҳоҷирони ғайриқонунӣ ҳамроҳ шаванд».

Сарфи назар аз равандҳои зиёди мухолиф, имрӯз муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ яке аз шартҳои базавии пайдо шудани синфи миёна дар Тоҷикистон мегардад. Тибқи арзёбии коршиносон, талабот ба қувваи кории хориҷӣ дар кишварҳое, ки одатан муҳоҷирони тоҷик сафар мекунанд, хусусан ба Россия ва Қазоқистон, дар 50 соли минбаъда низ боқӣ мемонад.[6] Дар ниҳояти кор, маҳз аз ин лиҳоз, ин раванд ба танзими ҳаматарафаи давлатӣ ниёз дорад.

Барои Тоҷикистон муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ на танҳо проблемаи имрӯза, балки ҳамчун проблемаи оянда низ боқӣ мемонад. Афзоиши босуръати аҳолӣ ва кам будани замин (агар дар соли 1965 ба як нафар 0,21 га замин рост меомад, пас имрӯз он ба 0,08 га ва аз рӯи пешгӯиҳо дар соли 2030 ба 0,05 рост меояд) на танҳо барои амнияти озуқаворӣи кишвар таҳдид менамоянд, балки ба миён омадани мушкилоти нарасидани хонаҳои истиқоматӣ ва зичии баланди аҳолиро боис гардида истодаанд, ки имрӯз аз бисёр ҷиҳат бо муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ ҷуброн карда мешаванд.

## ДАЪВАТИ ПАНҶУМ - ШУҒЛИ ҒАЙРИРАСМӢ

Шуғли ғайрирасмӣ – фаъолияти расман ба қайд гирифта нашуда, вале аз ҷиҳати ҳуқуқӣ иҷозат дода шудаи фаъолияти меҳнатӣ мебошад, ки надоштани барасмиятдарории ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ ё таъминоти мустақилона бо корро пешбинӣ менамояд. Мафҳуми иқтисодиёти ғайрирасмӣ ва шуғли ғайрирасмӣ ҳамчун аломатҳои базавии фаъолияти хоҷагӣ, ки берун аз доираи меъёрҳои ҳуқуқӣ бе бақайдгирӣ ва баҳисобгирии фискалӣ қабул карда шудаанд.

Шуғли ғайрирасмӣ дар намуди муосири он - аз бисёр ҷиҳат ҳодисаи нав барои бозори меҳнат мебошад, гарчанде ки шаклҳои алоҳидаи шуғли бақайдгирифтанашуда дар Тоҷикистон дар давраи то ислоҳот, давраи шӯравӣ низ мавҷуд буданд. Шуғли ғайрирасмӣ ҳамчун даъвати шаклан тағйирёфтаи анъанавӣ барои кишвар то ба имрӯз низ боқӣ мемонад.

Дар раванди гузариш ба муносибатҳои бозорӣ миқёс, сохтор ва хусусияти шуғли ғайрирасмӣ, инчунин нақши он дар иқтисодиёт моҳиятан тағйир ёфтаанд. Дар солҳои охир миқёси он хеле зиёд шуд, ки ҳатто дар сатҳи мушоҳидаи оддӣ аён аст. Шуғли ғайрирасмӣ дар воқеъ ба бахши мустақили бозори меҳнат табдил ёфта ба  вазъи шуғли аҳолӣ ва ҳолати иҷтимоию иқтисодӣ умуман таъсири калон мерасонад.

Ҳиссаи шахсони дар бахши ғайрирасмии Ҷумҳурии Тоҷикистон машғулбуда дар соли 2008 1029,2 ҳазор нафар ё 47,4% аз шумораи умумии машғулбудагонро ташкил дод.

Шуғли ғайрирасмӣ  дар Тоҷикистон бештар ҷавонони синни қобили меҳнатро фаро гирифта истодааст, зеро маҳз ҳамин гурӯҳи синнусолӣ омода аст бо мақсади ноаёни дар оянда ба даст овардани ҳуқуқҳои нафақа дар доираи шуғли расмӣ ва ҳуқуқҳои дигари эҳимолияташон кам барои дигар хизматрасониҳои иҷтимоии давлат бар ивази  музди меҳнати нисбатан мунтазам ва аз бисёр ҷиҳат, нисбатан зиёд, ки шуғли ғайрирасмии онҳоро таъмин менамояд, худро қурбон намояд.

Устувории миқёси шуғли ғайрирасмӣ бо тақозои махсус дар бозори меҳнати мавҷуда алоқаманд аст. Тадқиқотҳои интихобии анҷомёфта, ки дар кишвар гузаронида шудаанд, нишон доданд, ки шуғли ғайрирасмӣ дар корхонаҳои хурди хусусӣ мутамарказонида шудаанд, ки асосан дар соҳаи савдо, хизматрасонӣ, инчунин сохтмон амал мекунанд. Маҳз ин соҳаҳо бо тағйирёбиҳои ҷиддии тақозо дучор гардида, ба раванди танзими чандирии шумораи машғулбудагон эҳтиёҷ доранд, ки онро танҳо шуғли ғайрирасмӣ метавонад таъмин намояд.

Сарфи назар аз ҷанбаҳои манфӣ, вазифаи шуғли ғайрирасмӣ, ин пеш аз ҳама, кам кардани бекории воқеӣ ва паст намудани сатҳи шиддатнокӣ дар бозори меҳнат мебошад. Ин нақши иҷтимоии шуғли ғайрирасмӣ - имрӯз яке аз сабабҳои пойдорӣ ва рушди хориқаи (феномени) мазкур мебошад.

Дар навбати худ, шуғли ғайрирасмӣ гуногунтабиат аст. Масалан, шуғли ғайрирасмии донишҷӯён ва нафақахӯрон, ки тақрибан аз шаш як ҳиссаи тамоми шуғли ғайрирасмиро ташкил медиҳад, падидаи воқеан бебозгашт ва ба гумон манфӣ мебошад. Шуғли ғайрирасмӣ, ки дар шакли соҳибкорӣ ё худиштиғолӣ амалӣ мегардад, инчунин имрӯз назар ба ҷанбаҳои манфӣ ҷанбаҳои мусбат бештар дорад.

Ҳамзамон, маҳз дар соҳаи шуғли ғайрирасмӣ риоя накардани кафолатҳои меҳнатӣ ва иҷтимоии шаҳрванд ҷамъ гардида, маҳз дар ҳамин ҷо даромади ками оммаи асосии машғулбудагон ба қайд гирифта мешаванд ва дар он имкониятҳо барои худинкишофёбии касбӣ ва рушди инсон вуҷуд надоранд.

Васеъшавии доираи шуғли ғайрирасмӣ барои пурра нагирифтани пардохтҳои иҷтимоӣ ва воридоти андоз ба буҷетҳои ҳамаи сатҳҳо боис гардида, сабаби нарасидани сармоягузории дохилӣ ва пурра маблағгузорӣ накардани соҳаи иҷтимоӣ мегардад ва аз ҳама асосӣ, он барои бурдани сиёсати самарабахши даромадҳо ва музди меҳнат дар кишвар мусоидат наменамояд.

## ДАЪВАТИ ШАШУМ - ЭКОЛОГИЯ ВА ШУҒЛ

Муҳити зист, рушди иқтисодӣ ва камбизоатӣ дар Тоҷикистон бо ҳам алоқамандии зич доранд. Аксарияти аҳолии кишвар зери таъсири омилҳои номусоиди муҳити зист, аз ҷумла ҷараёнҳои биёбоншавӣ, ифлосшавии манбаъҳои об ва оқибатҳои офатҳои стихиявии табиӣ, аз қабили хушксолӣ ва обхезӣ қарор гирифтаанд. Аммо, сабабҳои онҳо на танҳо шароити табиии релеф ва иқлими кишвар, балки аз бисёр ҷиҳат амалияи бади идоракунии замин – аз қабили шудгори замин дар нишебиҳои ноҳамвор, буридани растаниҳо, чаронидани аз ҳад

зиёди чорво, ба таври лозимӣ набудани технологияи обёрӣ, чораҳои нокифояи эътидолгардонӣ ҳангоми рушди инфрасохтори нақлиёт ва инфрасохтори дигар, истихроҷи маъдан ва ғ. низ мебошанд, ки таҳдидро барои ҳифз, пешбурд ва рушди минбаъдаи кишоварзӣ ба вуҷуд меоранд.

Маблағгузории нокифояи чорабиниҳое, ки дар ҳуҷҷатҳо, нақшаҳо ва барномаҳои стратегӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист пешбинӣ шудаанд, ҳамчун даъвати анъанавӣ ба рушди инсон дар кишвар боқӣ мемонад, ки боиси талафёбии захираҳои замин мегардад, ки аз рӯи иқтидор қобилияти таъминоти шуғли аҳолиро доранд.

Сарфи назар аз он ки Тоҷикистон дорои қонунгузории нисбатан инкишофёфта дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва мушкилоти дахлдор мебошад, таҳияи худи механизмҳои иҷрои ин қонунгузорӣ, аз ҳамоҳангии бо қонунгузории моделӣ дар солҳои охир оғозгардида ақиб монда истодааст, ки дар доираи конвенсияҳо ё созишномаҳои байналмилалӣ тавсия гардидаанд.

Барномаи давлатии экологӣ барои солҳои 1998-2008 муҳим будани солимии доимӣ ва озодаи муҳити зистро барои рушди муваффақиятноки иқтисодӣ, инчунин вобастагии истодагарии инсон аз қобилияти ҳаётӣ доштани биосфера эътироф менамояд ва барои ноил гаштан ба мувозинати байни манфиатҳои иқтисодӣ ва қобилияти пешбарандаи муҳити зист даъват мекунад.

Дар рафти шарҳи мониторинги паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон ҳангоми гузаронидани пурсиши оилаҳо аён гардид, ки обтаъминкунӣ, амнияти озуқаворӣ ва таъминоти барқ ба муҳити зист алоқамандии зич дошта, чун афзалият барои зистан имрӯз боқӣ мемонанд. Ҳатто чунин афзалият ба мисли «таъсиси ҷойҳои корӣ» ба муҳити зист муносибати нисбатан зич дорад, ки дар назари аввал чунин наменамояд. Ба кор таъмин набудан, надоштани имкониятҳо барои шуғл сабаби асосии вобастагии одамон аз захираҳои табиӣ, аз ҷумла аз замин, барои ба даст овардани маблағ барои зистан маҳсуб меёбад. Ин афзалиятҳо сабаби асосии муҳоҷирати аҳолӣ аз ҷойҳои сукунат боқӣ мемонанд.

Муҳоҷирати иҷборӣ ба таври ҳассос ва зуд ба тағйирёбии омилҳо ва бадшавии муҳити зист таъсир мекунад. Мувофиқи тадқиқотҳои байналмилалӣ тағйирёбии иқлим метавонад ба пайдошавии гурӯҳи нави гурезаҳо - гурӯҳи камбизоати аҳолӣ оварда расонад, ки аз ҷойҳои сукунати ватани хеш маҷбур мешаванд бинобар ҷараёнҳои хатарноки иқлим муҳоҷират намоянд. Шароити ногувори иқлим омили афзоиши ҷараёнҳои муҳоҷират мегарданд.

Муҳоҷирати ғайриимуташаккил ва номураттаб ба аз ҳад зиёдшавии зичии аҳолӣ дар баъзе минтақаҳои табиию ҷуғрофии кишвар мусоидат менамоянд, ки аз нуқтаи назари мафҳуми «қаламрави самаранок», наметавонад ба таври кофӣ ба онҳо захираҳои таъмини зиндагиро фароҳам оварад. Ин бахусус ба ноҳияҳои кӯҳистони Тоҷикистон хос мебошад. Сухан дар бораи чунин захираҳо ба монанди киштзорҳо, чарогоҳҳо, ҷойҳои алафдаравӣ, конҳои канданиҳои фоиданок, бешазорони табиӣ, олами ҳайвонот, дарахтзорони бисёрсола ва ғайра меравад.

Мувофиқи маълумоти Бонки ҷаҳонӣ, ҳар сол дар ноҳияҳои кӯҳистони кишвар 50 000 ярч, 5000 заминларза ва садҳо тармаю селҳо ба мушоҳида мерасанд. Дар айни замон аз оқибатҳои офатҳои табиии ба омилҳои обӣ вобаста, қариб 1200 оила ҳатман бояд ба ҷойи дигар кӯчонида шаванд, дар панҷ соли наздик бошад, афзоиши шумораи муҳоҷирони эҳтимолии экологии зиёда 10 000 оила дар назар аст.

Бадшавии таъминоти аҳолӣ бо барқ, гази табиӣ, ангишт ва дигар маводи ҳосилкунандаи нерӯи барқ ба маротибаҳои зиёд афзудани миқёси буридани дарахтон дар нишебиҳои кӯҳҳо ва нобуд сохтани дарахтзори бисёрсола дар маҳалҳои аҳолинишин меоварад. Дар айни замон майдони умумии фонди давлатии ҷангал 1,8 млн. га, аз ҷумла майдони ҷангалзорҳо 410 ҳазор гектарро ташкил медиҳад. Дар солҳои охир ҳаҷми буридани дарахтзорҳо ба 10-10,5 ҳазор гектар дар як сол расид. Мувофиқи шарҳи самаранокии фаъолияти экологӣ дар Тоҷикистон (2004) ҳар сол аз 5000 то 10000 метри мукааб дарахтзорҳо бинобар сабаби ғайриқонуни буридан, чаронидани чорво ва офатҳои табиӣ нобуд мегарданд, ки ба 1,5-3 маротиба аз афзоиши табиӣ ва барқарорсозии дарахтзорҳо дар баъзе минтақаҳои Тоҷикистон зиёд аст.

Яке аз сабабҳои асосии муҳоҷирати аҳолӣ аз ҳудуди деҳот - ин вазъи ғайриқаноатбахши киштзорҳои хоҷагии қишлоқ мебошад, ки дар натиҷаи он мунтазам ҳосилхезии онҳо паст шуда истодааст. Бо сабаби нарасидани қувваи корӣ, нокифоя ё саривақт нагузаронидани корҳои агротехникӣ, сатҳи пасти дониши экологии соҳибони хоҷагиҳои фермерии таъсисёфта ва инчунин дигар чораҳои ташкилию хоҷагидорӣ, вайроншавии қабати ҳосилхези замин ба миён омада, дар таркиби он гумус кам шуда истодааст. Дар натиҷаи фаъол гардидани ҷараёни паҳншавии буттазорҳо ва растаниҳои бегона, ҳар сол аз 20 то 70 ҳазор гектар заминҳои обӣ самарабахш истифода бурда намешаванд.

Суръати баланди афзоиш ва зичии баланди аҳолии деҳот, маҳдудияти майдонҳои обӣ ба ҳар сари аҳолӣ, инчунин проблемаҳои экологии вобаста ба дастрасии аҳолӣ ба оби нӯшокии тоза ва санитария, истифода ва азхудкунии нодурусти заминҳо (эрозияи замин, камшавии майдони ҷангалзорҳо, шӯршавии хок ва ғайра), системаи сусти идораи партовҳо ва мониторинг оид ба ҳолати қисматҳои муҳити зист, инчунин ҳолати бади ахлотҷойҳо ва партовгоҳҳо, аллакай имрӯз ба аҳолии деҳот имкон намедиҳанд, ки худро пурра бо кор ва маводи озуқа таъмин намояд. Вобаста ба ин, таъминоти беҳдошти лозимаи муҳити зист ва механизмҳои татбиқи қонунгузории ҳифзи табиат ҳамчун даъват барои таъмини шуғли самарабахш дар кишвар боқӣ мемонад.

## ЗАМИМАИ МАТНИ 4
## ДАСТРАСӢ БА ОБИ ТОЗАИ НӮШОКӢ

Дар ҷумҳурӣ 4,01 миллион нафар ё ин ки 55,5% ба оби нӯшокӣ дастрасӣ доранд, аз ҷумла дар шаҳрҳои калон ва шаҳракҳо-94%, дар деҳот бошад аз 38% зиёд нест. Ба оби тозаи нӯшокӣ 2,9 миллион аҳолӣ дастрасии доимӣ надорад, ки аз он 2,8 миллион дар деҳот сукунат дорад.

Аз 62 шаҳр, марказҳои ноҳияҳо ва шаҳракҳо, танҳо 52–тои онҳо системаи марказонидашудаи таъминоти об ва 28-тои онҳо системаи канализатсия доранд. Аз 1,75 миллион сокинони шаҳрӣ -1,5 миллион (87%) обро аз системаҳои марказонидашудаи оби нӯшокӣ мегиранд. Дар деҳот танҳо 20 % аҳолӣ бо оби нӯшокии мутамарказ таъмин карда шудаанд. Аҳолии боқимонда обро аз манбаъҳои гуногун (чашмаҳо, чоҳҳо бо насосҳои обкаши дастӣ, ҷӯйборҳо, каналҳо, боришоти атмосферӣ ва ғайра) истеъмол мекунанд, ки ба дараҷаи кофӣ ба қоидаҳои санитарию гигиенӣ беҳдоштӣ мутобиқат намекунанд.

Аксарияти системаҳои таъминоти об ҳанӯз солҳои 1960-1980 сохта шуда буданд ва имконияти истифодабарии онҳо аз 30 то 50 солро ташкил медиҳад. Дар 10-15 соли охир хизматрасонии техники онҳо анҷом дода нашудааст. Корхонаҳои амалкунандаи обтаъминкунӣ ва канализатсия қобилияти нигоҳдорӣ ва хизматрасонии иқтидорҳои мавҷуда ва шабакаҳоро ба таври зарурӣ надоранд, илова бар ин, вазъ бо сабаби саривақт пардохт нагардидани ҳаққи хизматрасонии таъминоти об ҳамоно душвор мебошад.

Муассисаҳои тиббӣ асосан дар маркази нуқтаҳои аҳолинишин (вилоят, шаҳр, ноҳия, деҳот) ҷойгиранд. Дар ҷумҳурӣ қариб 1768 муассисаи тиббӣ мавҷуданд, ки 46%-и онҳо бо системаи марказонидашудаи обтаъминкунӣ ва канализатсия таъмин нестанд.

***Аз рӯи маълумоти Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2009***

### ДАЪВАТИ ҲАФТУМ - ТАҲСИЛОТ ВА СИФАТИ ҚУВВАИ КОРӢ

Марҳилаи муосири ташаккули иқтисоди бозорӣ дар ҷумҳурӣ ба сифати қувваи корӣ ва бозори меҳнати ташаккулёфтаистода талаботҳои махсусро пеш мегузорад. Дар ташаккули қувваи кории босифат сатҳи таҳсилот нақши муайянкунанда мебозад.

Таҳсилот вазифадор аст, ки лоақал ду вазифаи муҳимтаринро иҷро намояд: вазифаи иҷтимоӣ, ки ба такомули шахсият, аз ҷумла мақоми ӯ дар ҷомеа, рушди маънавӣ, эстетикӣ ва инкишофи зеҳнӣ нигаронида шудааст ва иқтисодӣ, ки ба такрористеҳсоли қувваи корӣ вобаста аст.

Аз оғози ташаккули муносибатҳои бозорӣ сар карда тарбияи кадрҳо дар кишвар бо талаботи бозори меҳнат алоқамандии суст дорад (ба истиснои миқдори на он қадар зиёди мутахассисони омодашаванда бо таҳсилоти олӣ дар асоси квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, донишҷӯёни гурӯҳҳои буҷетии мактабҳои олӣ, инчунин миқдори на он қадар зиёди донишҷӯён дар системаи таҳсилоти касбии техникӣ). Вобаста ба ин, номувофиқатии тақозо ба қувваи кории тахассуси муайян ва арзаи он боқӣ мемонад.

Имрӯз талаботи бозори дохилии меҳнати ҷумҳурӣ ба мутахассисони дорои таҳсилоти олӣ маҳдуд аст, дар айни замон, системаи таҳсилот аз рӯи анъана омодасозии мутахассисони дорои таҳсилоти олиро идома медиҳад. Ин боиси барзиёдии ин гурӯҳи захираҳои меҳнатии омодагардида мешавад, ки дар бозори дохилии меҳнат бинобар сабаби набудани ҷойҳои кори мувофиқ ва музди меҳнати кофӣ истифодаи худро пайдо намекунад ва он сафи бекоронро зиёд намуда, ба муҳоҷирати берун аз ҷумҳурӣ мусоидат менамояд.

Натиҷаҳои Таҳқиқи қувваи корӣ (ТҚК)-и соли 2004 нишон медиҳанд, ки дар байни аҳолии ба кор таъминбудаи ҷумҳурӣ бештар аз нисф - 50,5% дорои таҳсилоти миёнаи пурра, 16,8% таҳсилоти миёнаи умумӣ ва танҳо 11,2 % таҳсилоти олӣ мебошанд.[7] Аз ин рӯ, системаи тарбияи кадрҳои ҷумҳурӣ бояд ба таъмини таносуби муносиб дар омодасозии мутахассисони дорои таҳсилоти олӣ, миёна ва миёнаи махсус нигаронида шавад. Агар тарбияи кадрҳо дар ҷумҳурӣ бо дарназардошти талаботи ҳолати имрӯзаи бозори меҳнат анҷом дода шавад, яъне мутахассисони дорои таҳсилоти миёна ва миёнаи махсус омода карда шаванд, пас дар оянда ин метавонад ҳамчун омили нигаҳдорандаи рушди иқтисодӣ ва ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ баромад кунад. Бинобар ин, истифодаи принсипҳои нави тарбияи кадрҳои касбӣ зарур аст, ки талаботи иқтисоди бозории ташаккулёбандаро дар ҷумҳурӣ қонеъ мегардонанд.

Категорияи «сифати қувваи корӣ» дар илми муосири иқтисодиёти ҷаҳонӣ ба таври васеъ истифода бурда мешавад. Зимнан бояд ба ҳисоб гирифт, ки қувваи корӣ - ин танҳо маҷмӯи малакаю дониш ва қобилиятҳое нест, ки инсон дорад. Аввало, ин захираи малака, дониш ва қобилиятҳо мебошад. Сониян, ин чунин малакаю дониш ва қобилиятҳоест, ки аз тарафи инсон дар ин ва ё он соҳаи такрористеҳсоли ҷамъиятӣ мақсаднок истифода бурда шуда, ба афзоиши ҳосилнокии меҳнат ва истеҳсолот мусоидат менамояд. Сеюм, ин чунин роҳи истифодаи ҳамин захира дар шакли фаъолияти сермаҳсул мебошад, ки ба афзоиши музди меҳнати корманд меоварад. Чорум, зиёдшавии даромад инсонро тавассути сармоягузорӣ ҳавасманд ва манфиатнок месозад, ки он метавонад ба таҳсилот ва саломатӣ таъсир расонад, захираи нави малакаҳо, донишҳо ва мақсадҳо ҳосил гардад, зеро дар оянда аз нав онро самаранок истифода барад.

Дар айни ҳол сифати таҳсилот ва сифати қувваи корӣ ба ҳамдигар зич вобаста мебошанд. Ҳиссаи омӯзгорони дорои таҳсилоти олӣ аз 76,6% дар соли 1991 то 61,1% дар соли 2008 кам гардида, ҳиссаи омӯзгорони дорои таҳсилоти миёнаи омӯзгорӣ аз 14,1% то 23,8%[8] дар ҳамин давра афзудааст, ки боиси нигаронӣ нашуда наметавонад. Мутахассисони ҷавоне, ки таҳсилоти олӣ гирифтаанд, ҷойҳои холии кориро пурра намесозанд, ба соҳаи маориф рӯ намеоранд (бо сабаби кам будани музди меҳнат ё дигар омилҳо), дар ҳоле ки дар ҷумҳурӣ нарасидани 10 ҳазор омӯзгор ба таври шадид эҳсос мегардад. Ин тамоюл ҳоло ҳам боқӣ мемонад.

Барои санҷиши сифати таълим Шохиси сифати таълим (ITQ), ки аз ҷониби Фонди Аврупо тавсия гардидааст, истифода бурда мешавад. Ҳисобҳои охир нишон додаанд, ки сифати таълим дар ҷумҳурӣ аз рӯи шохиси ITQ 0,62[9] мебошад. Аммо, дар бораи сифати таълим дар он сурат метавон гуфт, ки ин шохис аз 1 зиёд гардад.

# 1.2. ИҚТИСОДИЁТИ ТОҶИКИСТОН: УСТУВОРӢ БА ҲОЛАТҲОИ НОГУВОРИ (ШОКИ) БЕРУНӢ ВА ДАЪВАТҲОИ НАВ БАРОИ КИШВАР

### ДАЪВАТИ ҲАШТУМ - ТОҶИКИСТОН: ИҚТИСОДИЁТИ ХУРДИ КУШОД Ё ВОБАСТА?

Баъд аз заволи ИҶШС барои давлатҳои Осиёи Марказӣ дар маҷмӯъ, аз ҷумла барои Тоҷикистон, мавҷуд набудани ҳамгироии минтақавӣ ва дурӣ аз роҳҳои баҳрӣ проблемаҳои асосӣ гардиданд. Имрӯз Тоҷикистон дар шароити душвори иқтисодию ҷуғрофӣ қарор дорад, зеро қисми зиёди ҳудуди он дар мавзеъҳои баландкӯҳ ҷойгир буда, алоқаи нақлиётии нисбатан самаранок тавассути роҳҳои хушкигард аз тариқи роҳҳои Ӯзбекистон мегузарад. Масофа то бандари баҳрии наздиктарин 3100 километрро ташкил медиҳад.

Аз шоҳроҳҳои нақлиётии ҷаҳонӣ дур ҷойгир будани ҷумҳурӣ, баланд будани арзиши боркашонӣ (аз рӯи маълумоти коршиносони алоҳида арзиши ҳамлу нақли молҳо аз кишварҳои аз лиҳози иқтисодию ҷуғрофӣ сарбаста, аз арзиши ҳамлу нақли молҳо аз давлатҳои наздибаҳрӣ нисбатан 50% зиёд аст), мавҷуд набудани роҳҳои муносиб, ки метавонанд ҷумҳуриро бо чунин шарикони тиҷоратии ояндадор ва кишварҳои ҳамсоя, ба монанди Хитой, Покистон, Ҳиндустон ва Эрон пайванданд, барои ба роҳ мондани робитаҳои муносиби иқтисодӣ халал мерасонанд.

> **ЗАМИМАИ МАТНИ 5**
> **АЗ СТРАТЕГИЯИ МИЛЛИИ РУШД ДАР ДАВРАИ ТО СОЛИ 2015**
>
> Рушди иқтисодии кишвар тахти таъсири як қатор омилҳои зерини манфӣ қарор дорад, ки дар байни онҳо: (1) мавҷуд набудани роҳи баромад ба баҳр; (2) аз марказҳои тараққикардаи иқтисодии ҷаҳонӣ дар масофаи дур ҷойгир будан; (3) нарасидани конҳои дастраси худии истихроҷи нафт ва газ; (4) аз ҷиҳати табиӣ ва ҷуғрофӣ ба минтақаҳо ҷудо будани кишвар; (5) имконияти начандон калони бозори дохилӣ; (6) зуҳурёбии ҳолатҳои ноороми сиёсӣ дар минтақаи иҳотакунандаи кишвар; (7) харҷҳои калони транзаксионӣ, ки барои рафъи оқибатҳои офатҳои табиӣ, мубориза бо наркотраффикҳо ва терроризм вобастаанд.

Тағйироти куллии вазъи геосиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз заволёбии ИҶШС, хеле аҳамияти омили иқтисодии хориҷиро дар инкишофи кишвар баланд бардоштанд. Робитаҳои иқтисодии хориҷии кишвар дар шароити бӯҳронҳои давраи гузариш нақши махсусро иҷро карда, дар солҳои ҷудогона сатҳи квотаи савдои хориҷиро то 210 % ( с.1995) ноил гардиданд. Дар давраи инкишофи мустақилона вобастагии иқтисодиёти кишвар аз ҳолатҳои ногувори (шоки) берунӣ афзуд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бозорҳои ҷаҳонии истеҳсол ва фурӯши пахта (камтар аз 4%) ва алюминий (камтар аз 5%) ҳиссаи ночиз дорад, ки ҳамчун ду маҳсулоти содиротӣ ММД-и кишварро ташкил медиҳанд. Ҳиссаи ҷумҳурӣ дар раванди байналмилалии ҷалби сармояҳои мустақими хориҷӣ аз 0,02% зиёд нест.

Ҳарчанд ки санҷишҳои коршиносон оид ба Тоҷикистон нишон медиҳанд, ки баландшавии нархи алюминий ва пахта ба андозаи 1% метавонанд тавозуни савдои кишварро мутаносибан 0,2% ва 0,12% беҳтар намоянд, ин наметавонад ҳалли қатъии масъалаи шуғл дар кишвар гардад. Ин пеш аз ҳама, бо он вобастагӣ дорад, ки дар доираи иқтисодиёти миллӣ комплекси мукаммали ба содирот ва воридот нигаронидашуда вуҷуд надорад, ки он ба таъсиси ҷойҳои корӣ ва бартараф намудани дуализм дар маҷмӯи қувваи кории кишвар равон карда шавад.

> Мувофиқи маълумоти омори расмӣ дар соли 2008 дар бозори дохилии меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёдтар аз 2,0 миллион нафар, берун аз қаламрави кишвар бошад зиёда аз 0,4 миллион нафар машғули кор буданд.

Санҷишҳои коршиносон нишон медиҳанд, ки содир кардани маҳсулоти тайёр аз алюминий бар ивази содироти алюминийи аввалия даромадҳои асъориро метавонад чандин маротиба зиёд гардонида, ҷойҳои кори иловагӣ барои бо кор таъмин кардани қувваи кории бешуғл таъсис дода шаванд. Як тонна алюминийи аввалия, ки ба содирот фиристода нашуда, балки барои истеҳсоли варақаи алюминий равон карда мешавад, арзиши иловагиро ба андозаи 600 доллар зиёд мекунад.

Ташкили коркарди нахи пахта дар кишвар метавонад дар кишвар маҷмӯи даромадро ба андозаи 1,5 миллиард доллари ИМА диҳад. Ҳисобҳо нишон медиҳанд, ки тафовут байни нархи нахи пахта ва матои пахтагини аз он коркардшаванда (ба ҳисоби 1 кг нах) 10-12 маротибаро ташкил медиҳад. Ҳатто агар 40% нахи пахтаи истеҳсолшаванда барои ришта ва матоъ коркард шаванд, пас фоидаи умумии бадастомада аз фурӯш метавонад тахминан 2,1 маротиба ва қисми даромади буҷети давлатӣ 2,3 маротиба афзояд.

## ДАЪВАТИ НӮҲУМ - БӮҲРОНИ ЭНЕРГЕТИКӢ

Тоҷикистон аз рӯи захираҳои гидроэнергетикӣ дар ҷаҳон ҷои 8-умро ишғол менамояд ва ҳиссаи он дар иқтидори аз ҷиҳати иқтисодӣ самараноки гидроэнергетикии олам қариб 4% мебошад.

Имрӯз захираҳои эҳтимолии умумии солонаи гидроэнергетикӣ дар кишвар зиёда аз 527 миллиард кВт соат аст. Захираҳои пешбинишавандаи ангишт, нефт ва газ, мутаносибан 4452 млн. тонна, 117,6 млн. тонна ва 8517 млрд. метрии мукаабро ташкил дода, истихроҷ бошад, мувофиқан ҳамагӣ 97,0 ҳазор тонна, 21 ҳазор тонна ва 30,0 млн метри мукааб мебошад, ки талаботи кишварро фақат ба ангишт - 16%, нефт - 4,7% ва газ - 5,4 % қонеъ месозад.

Мавҷудияти захираҳои зиёди гидроэнергетикӣ афзалиятро барои сохтани нерӯгоҳҳои обии баркӣ муайян намуда, ҷиҳати содироти нерӯи барқ барои кишварҳои ба он танқисӣ доштаи минтақаи Осиёи Марказӣ имкон фароҳам меорад.

Системаи энергетикии Тоҷикистон аз ду зерсистемаи ҷудокардашуда – ҷанубӣ ва шимолӣ иборат аст. Дар системаи ҷанубӣ - нерӯи барқ барзиёд аст, дар системаи шимолӣ бошад он намерасад. Дар давраи ИҶШС байни Тоҷикистон ва кишварҳои ҳамсоя дар доираи Системаи Ягонаи Энергетикии (СЯЭ) Осиёи Миёна мубодилаи нерӯи барқи барзиёди дар мавсими тобистон истеҳсолгардида ба нерӯи барқ дар мавсими зимистон сурат мегирифт ва ин норасоии нерӯи барқ бартараф карда мешуд, вале пас аз барҳамхӯрии ИҶШС чунин нақшаи мубодилаи нерӯи барқ аз байн бурда шуд. То тирамоҳи соли 2009 як қисми талаботи системаи энергетикии шимол аз ҳисоби интиқоли он аз Ӯзбекистон пардохта мешуд. Дар навбати худ, Тоҷикистон чунин миқдор нерӯи баркро дар тобистон барои ҷануби Ӯзбекистон интиқол медод. Чунин шакли интиқоли нерӯи барқ бозорӣ набуд ва миқдори барзиёди истеҳсолкунандаро дар мавсими тобистон барои пӯшонидани касри истеъмолкунанда дар мавсими зимистон ташкил медод. Ба туфайли сайъу кӯшиши Ҳукумат ин проблема то андозае аз ҳисоби сохтумони хати интқоли нерӯи барқи «Ҷануб – Шимол» бо иқтидори 500 киловатт соат ҳалли худро ёфт, ки таъсири бӯҳрони энергетикиро дар шимоли кишвар кам гардонид.

Ҷудошавии системаи энергетикӣ норасоии (касри) системаи энергетикиро дар кишвар дар давраи тирамоҳу зимистон ба вуҷуд меорад. Дар натиҷа дар ин давра дар ҷумҳурӣ низоми додани нерӯи барқ аз рӯи меъёр ҷорӣ карда мешавад, ки ба таври ҷиддӣ ба паст шудани рушди иқтисодӣ, шуғли аҳолӣ таъсир мерасонад, дастрас будани таҳсилот, хизматрасониҳои тиббӣ ва оби тозаи нӯшокӣ маҳдуд сохта, вазъи муҳити зисти кишварро бинобар сабаби ғайриқонунӣ буридани дарахтон бад месозад ва барои зиёд шудани миқдори офатҳои табиӣ шароит ба вуҷуд меорад.

Бо мақсади таъмини амнияти энергетикии ноҳияҳои дурдасти кишвар бо нерӯи барқи арзон, бидуни таъсиррасонии манфӣ ба экология, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Барномаи дарозмӯҳлати сохтмони НОБ-ҳои хурдро дар давраи солҳои 2009-2020 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.02.2009) қабул намуд.
Барномаи дарозмӯҳлати сохтмони НОБ-ҳои хурд аз се марҳилаи зерин иборат аст:
- кӯтоҳмуддат, мӯҳлати татбиқ аз соли 2009 то соли 2011, ҳамагӣ 66 нерӯгоҳҳои барқӣ бо иқтидори умумии муайянгардида- 43530 кВт;
- миёнамӯҳлат, мӯҳлати татбиқ солҳои 2012-2015, ҳамагӣ 70 нерӯгоҳҳои барқӣ бо иқтидори умумии муайянгардида – 32850 кВт;
- дарозмӯҳлат, мӯҳлати татбиқ солҳои 2016 – 2020, ҳамагӣ 53 нерӯгоҳҳои барқӣ бо иқтидори умумии муайянгардида – 26801 кВт.
Дар соли 2020 189 адад нерӯгоҳҳои барқии хурд бо иқтидори умумии муайянгардида 103181 кВт соат сохта мешаванд, ки коркарди нерӯи барқи солонаашон 641645,9 ҳазор. кВт соатро ташкил менамояд.

Имрӯз дар кишвар масъалаи гузаронидани марказҳои гармидиҳӣ - энергетикии мавҷуда ба сӯзишвории ангишт дар асоси истифодаи технологияҳои нави аз ҷиҳати экологӣ тозаи сӯхтани ангишт ҳал шуда истодааст, ки он имконияти қисман ҳал кардани масъалаи амнияти энергетикиро медиҳад. Дар баробари ин соҳаи истихроҷи ангишт боз рушд ёфта, таъминоти аҳолии шаҳрҳои калони ҷумҳурӣ бо оби гарм ва гармидиҳӣ беҳтар гардонида мешавад, ки барои ба вуҷуд омадани ҷойҳои иловагии корӣ

мусоидат менамояд ва ба солим гардонидани иқтисодиёти миллӣ оварда мерасонад.

Аммо самти асосӣ дар азхудкунии захираҳои беҳамтои обию энергетикии Тоҷикистон ва раҳоӣ аз бӯҳрони энергетикӣ ҳамгироии минтақавӣ ва иштирок дар бозори ягонаи минтақавии энергетикӣ мебошад, ки метавонад самараи иловагиро аз ин миқёс таъмин созад.

## ДАЪВАТИ ДАҲУМ - ТАЪСИРИ БӮҲРОНИ МОЛИЯВИИ ҶАҲОНӢ БА ИҚТИСОДИЁТИ КИШВАР

Имрӯз чор самти зерин, ки аз рӯи онҳо таъсири бӯҳрони молиявии ҷаҳонӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон эҳсос мегардад, муайян гардидаанд:

- кам гардидани воридшавии сармояи хусусии ватанӣ
- ва хориҷӣ,
- паст шудани суръати рушди иқтисодӣ,
  кам гаштани даромади шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ,
  кам гаштани ҳаҷми даромад аз содирот дар натиҷаи паст шудани нархҳои ҷаҳонӣ ба ашёи хом то ба 50%.

Иқтисодиёти хурди кушоди Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти таъсири шадиди сиклҳои хоҷагии ҷаҳонӣ қарор дорад, аз ин лиҳоз, ба сохтори ғайрисаноатии содироти ҷумҳурӣ ин сиклҳо пайваста таъсир мерасонанд. Ҳаҷми арзишии содироти ҷумҳурӣ аз бисёр ҷиҳат бинобар пасту баландшавии нархҳои ҷаҳонӣ барои нахи пахта ва алюминийи аввалия, ҳамчун ду маҳсулоти содиротии кишвар тағйир меёбад. Пастшавии нархҳои ҷаҳонӣ ба алюминий ва пахта дар шароити бӯҳрони ҷаҳонӣ боиси касри тиҷорат дар кишвар гардиданд, ки дар солҳои охир 35% -и сатҳи ММД-ро ташкил мекунад.

Барои иқтисодиёти хурди кушоди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолатҳои ногувори (шокҳои) тағйирёбии нархҳои хориҷӣ нисбати содироти захираҳои ашёи хом боз солҳои зиёд чун проблемаи мубрам боқӣ мемонад.

Бо сабаби таъсири бӯҳрони молиявии ҷаҳонӣ, дар нимаи аввали соли 2009 дар иқтисодиёти кишвар хароҷоти дохилӣ нисбат ба ММД 27,1% афзоиш ёфтааст (дар соли 2008 афзоиши хароҷоти дохилӣ нисбат ба ММД 26,6%, дар соли 2007 – 18,4%, дар соли 2006– 4,6%, дар соли 2005 – 13,8%, дар соли 2004 - 11,9% ташкил карда буд). Сатҳи пӯшонидани хароҷоти воридот аз даромади содирот аз 102% дар соли 2002 то 43% дар соли 2008 паст фаромад. Дар нимаи аввали соли 2009 ин нишондиҳанда боз то 35,4% паст фаромад.

## ДАЪВАТИ ЁЗДАҲУМ - КАМ ШУДАНИ ИНТИҚОЛИ МАБЛАҒҲО АЗ ҶОНИБИ МУҲОҶИРОН

Даҳ кишваре, ки ҳаҷми аз ҳама зиёди интиқоли маблағҳоро аз муҳоҷирон ба даст меоранд дар соли 2006 инҳоянд: Руминия (US$6,8 млрд), Полша (US$5 млрд), Сербия ва Черногория (US$4,9 млрд), Россия (US$4 млрд), Босния и Герсеговина (US$1,9 млрд), Болгария (US$1,9 млрд), Хорватия (US$1,8 млрд), Албания (US$1,5 млрд), Арманистон (US$1,3 млрд), Тоҷикистон (US$ 2,6 млрд).

***World Bank, Global Economic Prospects 2006.***

Маблағҳои пулие, ки аз хориҷа ворид мешаванд, ба сохтори иҷтимоии Тоҷикистон таъсири мусбат расонда, шумораи аҳолии табақаи миёнаро зиёд намуда, мутаносибан, шумораи аҳолии табақаи камбизат ва қашшоқро кам мегардонанд. Аксари оилаҳо имрӯз сатҳи зиндагии худро аз ҳисоби интиқоли маблағҳои пулии муҳоҷирон – фарзандон, бародарон, волидайн нигоҳ медоранд. Вазъи моддии хонавода, ки аъзояшон ба муҳоҷирати меҳнатӣ ҷалб карда шудааст, дар ҳолати нисбатан мусоид қарор доранд. Онҳо имкониятҳои зиёди бартараф кардани таҳдидҳои давраи трансформатсияи ҷамъиятиро доранд.

Дар соли 2008 ҳаҷми интиқоли маблағҳо дар Тоҷикистон 2,6 млрд. долл. ИМА-ро ташкил дод, ки ба 52 % ММД-и Тоҷикистон дар ҳамин сол баробар аст. Ба ҳар сар сокини кишвар маблағҳои интиқолшуда дар як сол 370,6 долл. ё дар як моҳ ба 30,8 долл. рост меомад. Барои муқоиса, даромад ба ҳар сари аҳолӣ тибқи маълумоти омори ҷорӣ дар ин давра 376 долл. ва аз рӯи маълумоти таҳқиқоти хонавода бошад 535,8 долларро ташкил кардааст.

Фоидаи умумии Ширкати алюминийи Тоҷикистон «ТАЛКО» дар соли 2008 г. аз рӯи ҳисобҳои гуногун аз 200 то 300 млн. долларро ташкил дод, ки 10 маротиба аз маблағҳои интиқолшавандаи муҳоҷирони хориҷии кишвар камтар аст, маблағи умумии аз фурӯши пахта бадастомада бошад, ҳамагӣ 127 млн. долларро ташкил дод, ки аз маблағҳои пулии интиқолшуда 20 маротиба камтар мебошад.

**ДИАГРАММАИ 1.2**
**ИНТИҚОЛИ МАБЛАҒҲОИ ПУЛИИ МУҲОҶИРОНИ МЕҲНАТӢ (ҲАЗОР ДОЛЛАР)**




Дар нимаи аввали соли 2009 интиқоли маблағҳо ба кишвар 696,6 миллион доллари ИМА-ро ташкил дод, ки 34% аз нишондиҳандаи ҳамин давраи соли 2008 камтар аст.

Интиқоли маблағҳои пулӣ манбаи аз ҳама устувори воридоти маблағҳои молиявӣ ба Тоҷикистон гардид. Бар хилофи кӯмакҳои хориҷӣ, ки онҳо бо муассисаҳои байналмилалии қарзӣ мувофиқа карда мешаванд, ҳаҷми трансфертҳои пулӣ дар заминаи шартҳои қатъӣ, душвор гардонида нашудаанд. Аммо то ба ҳол, интиқоли маблағҳои пулӣ ба иқтисодиёти кишвар, баланд бардоштани сатҳи шуғли аҳолӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ таъсири ҷиддӣ намерасонад. Сарфи назар аз таҷрибаи калони дар амалияи ҷаҳонӣ ҷойдошта, имрӯз дар Тоҷикистон механизми самараноки истифодаи дурусти маблағҳои интиқолшаванда дар иқтисодиёт ба вуҷуд оварда нашудааст. Ҳамзамон қайд намудан зарур аст, ки интиқоли маблағҳои пулӣ дар айни ҳол як қатор проблемаҳои хусусияти иҷтимоию иқтисодӣ доштаро ба вуҷуд меорад, ки он пеш аз ҳама дар суст шудани шавқу рағбат барои таҳсил ва пур кардани ҷойҳои кори мавҷуда зоҳир мегардад.

## ОҚИБАТҲОИ БӮҲРОН: ШУҒЛ ВА ОМОРИ БЕКОРӢ

Ҳодисаҳои бӯҳронии иқтисодиёти кишвар дар оғози солҳои 90-уми асри гузашта, ки дар натиҷаи муқовимати шаҳрвандӣ дучанд гардида буданд, бахусус дар зери таъсири бӯҳрони молиявии ҷаҳонӣ шиддат гирифтанд. Агар кишварҳои мутараққӣ, имрӯз авҷи бӯҳронро аз сар гузаронида истода бошанд, пас кишварҳои рӯ ба инкишоф, аз ҷумла Тоҷикистон ба лаппишҳои начандон баланди бӯҳронӣ дучор омада, бо оқибатҳои он боз солҳои тӯлонӣ мувоҷеҳ мешаванд.

Сарфи назар аз номутаносибии мавҷуда дар суръати афзоиши аҳолии қобили меҳнат ва ҷойҳои кории таъсис додашаванда, бӯҳрон, ки таъсири худро ба бозори меҳнати ҷумҳурӣ дар охири соли 2008 ва аввали соли 2009 ба таври амиқ гузошта, боиси баста шудани теъдоди зиёди корхонаҳои саноатӣ (бахусус дар фасли зимистон) дар тамоми минтақаҳои кишвар гардид ва ҳамчун натиҷа ба афзоиши бекории воқеӣ овард.

Яке аз таъсирҳои нисбатан вазнини бӯҳрони ҷаҳонӣ бозгашти муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ ба ҷумҳурӣ ва инчунин оқибатҳои эҳтимолии манфии он мебошад.

Бӯҳрон гузаришро ба бозори меҳнат, ки дар он корфармо шахси асосӣ аст душвор мегардонад, чунки дар он миқдори дархостҳо дар бораи ба кор гирифтан боз ҳам бо суръати баланд меафзояд, миқдори ҷойҳои кории холӣ бошад кам мегардад. Оқибатҳои иҷтимоию сиёсии чунин камшавӣ маълуманд: афзоиши ҷинояткорӣ, камшавии сармояи инсон, нооромии иҷтимоӣ, оқибатҳои вазнин барои наслҳои оянда.

Оқибатҳои иқтисодӣ низ метавонанд вазнин бошанд. Афзоиши бекорӣ бо пастравии тӯлонии сохтории хоҷагии кишвар таҳдид менамояд. Иқтисодиёти кишвар барои азнавтаъсисдиҳии миқдори кофии ҷойҳои кории

баландихтисос барои иқтидори маҷудаи меҳнатии кишвар қодир набудани худро нишон медиҳад.

Бахши содиротии ашёи хоми иқтисодиёти миллӣ дар сатҳи баланд ҳамчун сармояталаб, аз он ки меҳнатталаб баромад мекунад ва истеҳсолро аз ҳисоби афзоиши фондғунҷоиши меҳнат зиёд карда, қариб барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ кӯшиш намекунад. Вазъ дар бахши корхонаҳои калон ва хурд низ шиддат ёфта, онҳо базудӣ ҷойҳои кориро ихтисор менамоянд.

Дар вазъияти бӯҳронӣ корхонаҳо имконияти маҳдуди мутобиқшавӣ, ҳам аз нуқтаи назари шуғл ва ҳам аз лиҳози музди меҳнат ва танзими вақти корӣ ду механизми асосии мутобиқшавии бозори меҳнатро доранд. Дар чунин ҳолат барои корфармоён як роҳ мемонад, ки аз назорати давлат берун аст, яъне тадриҷан одамонро аз кор холи кардан тавассути ҳавасмандгардонии ихтиёрӣ аз кор рафтан ва ба кор қабул накардан.

Бӯҳрон имконияти диверсификатсияи иқтисодиёти миллӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ, ва на фақат истифода карданро аз ҷойҳои кории холӣ дар корхонаҳо ва истеҳсолоти анъанавӣ медиҳад. Дар вазъи бӯҳронӣ дар сиёсати шуғл барои таъсиси ҷойҳои кории сатҳи пасти тахассус бо музди меҳнати кам ва кӯмакпулии ҳадди ақал барои бекорӣ мувофиқи мақсад намебошад, чунки он қобилияти миллатро барои такрористеҳсоли иҷтимоӣ паст менамояд.

Барои он ки дар кишвар ҷойҳои кории босифат ва пурарзиш таъсис дода шаванд, ҷиҳати фароҳам овардани шароит барои рушди соҳибкорӣ дар марҳалаи дарозмӯҳлат иқдомҳои воқеӣ андешидан зарур аст. Онҳоро бештар бахши хусусӣ, вақте ки дастгирии воқеии давлат ва дарки ҷомеаи шаҳрвандиро эҳсос мекунад, метавонад ташкил намояд. Бо вуҷуди он соҳибкории хурд ва миёна дар кишвар, сарфи назар аз тадбирҳои андешидаи ҳукумат, хеле суст инкишоф ёфта истодааст.

Шумораи умумии шаҳрвандони қобили меҳнати ба кор таъмин набуда дар Тоҷикистон аз 751 ҳазор нафар зиёд аст: дар баробари муҳоҷирони меҳнатие, ки баргашта истодаанд, сафи бекоронро хатмкунандагони мактабҳои миёна, миёнаи махсус, олӣ ва шахсони аз хизмати ҳарбӣ ҷавобшуда зиёд мекунанд. Мувофиқи маълумоти Хадамоти муҳоҷирати ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 октябри соли 2009 ба кишвар 371,4 ҳазор нафар баргаштанд. Аз рӯи маълумотҳои Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моҳи октябри соли 2009 – 44 383 бекор ба қайд гирифта шуда, зимнан миқдори ҷойҳои кории холӣ 13 668 адад, яъне ба як ҷойи холӣ тақрибан се бекор талабгор мебошанд.

Дар шароити бӯҳрон барои одамон ҷиҳати дарёфти кори муносиб дастгирӣ зарур аст. Дар кишвар аз ташкил кардани ярмаркаҳои ҷойҳои кории холӣ ба таъсиси маркази давлатии маълумоти бозори меҳнат гузаштан зарур аст, ки он ба ҳар як шахси корҷӯянда бояд дастрас бошад. Ҳангоми набудани маркази ягонаи маълумот дар бораи ҷойҳои кории холӣ барои инсон, хоса агар ӯ на дар ҷойи истиқомати асосии худ, балки дар дигар минтақаи кишвар (масалан, сохтмони НОБ ё сохтмони роҳ) кор кардан хоҳад, пайдо намудани кор душвор мегардад.

Дар шароити иқтисодиёти бозорӣ бекорӣ, ҳамчун ҳодисаи комилан қонунӣ, баҳисобгирии мувофиқро тақозо менамояд, вале дар омори расмӣ то айни замон ба сифати нишондиҳандаи бекории мутлақ маълумот дар бораи шумораи шахсоне, ки дар марказҳои шуғл расман ба қайд гирифта шуда мақоми бекорро гирифтаанд, истифода бурда мешавад. Дар тӯли даврони соҳибистиқлолӣ ин нишондиҳанда ҳудуди 2,4 – 4,6%-ро аз сатҳи аҳолии фаъол фаро гирифт ва ин нишондиҳанда аз ҳамин нишондиҳандаи кишварҳои мутараққӣ хеле пасттар мебошад.

Бӯҳрони ҷаҳонии молиявию иқтисодӣ проблемаи комилан баҳисобгирии шумораи бекоронро аён сохт. Аз рӯи маълумоти таҳқиқоти сатҳи зиндагӣ дар Тоҷикистон дар соли 2007 ва маълумоти нави соли 2008, бақайдгирии бекорӣ, ки аз рӯи усули СБМ (Созмони байналмилалии меҳнат) гузаронида шуда буд, нишон дод, ки сатҳи мутлақи он 9,5%-ро ташкил медиҳад. Ҳамзамон, санҷишҳои миллии коршиносон маълум менамоянд, ки муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ имкон медиҳад, ки қариб 3 маротиба сатҳи бекорӣ паст гардад ва 15% сатҳи шуғли аҳолии қобили меҳнатро баланд бардорад.[10] Бо дарназардошти услубҳои гуногуни ҳисобу китоб сатҳи воқеии бекорӣ дар кишвар метавонад 24-27% бошад. Маълум аст, ки сатҳи воқеии бекориро дар асоси ба рӯйхатгирии ҳамаро фарогирандаи қувваи корӣ ва аҳолии қобили меҳнат муайян кардан мумкин аст. Вале нишондиҳандаи дар боло зикргардида нисбатан дақиқ буда, ба санҷишҳои аз ҷониби коршиносони Тоҷикистон ҳанӯз соли 2005 гузаронидашуда, ки сатҳи бекорӣ он вақт дар доираи 35% арзёбӣ мегардид, мутобиқат мекунад.[11]

# 1.3. ШОХИСИ РУШДИ ИҚТИДОРИ ИНСОН (ШРИИ)

**РЕЙТИНГИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ШОХИСИ РУШДИ ИҚТИДОРИ ИНСОН ДАР ТОҶИКИСТОН**

Шохиси рушди иқтидори инсон (ШРИИ) гуфта баҳои умумии дастовардҳои миёнаи омории мамлакатро дар таъмини чораҳои зерин меноманд:
таъмини умри дароз ва солим, ки бо дарозумрии пешбинишаванда (умедбаста) ҳангоми таваллуд арзёби мегардад;
дастрас будан ба донишҳо, ки бо ду нишондиҳанда - дараҷаи саводнокии аҳолии калонсол ва маҷмӯи коэффитсиенти умумии фарогирӣ бо таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олӣ ҳисоб карда мешавад;
сатҳи зиндагии арзанда, ки бо нишондиҳандаи ММД ба ҳар ҳар сари аҳолӣ, ки бо доллари ИМА аз рӯи паритети қобилияти харидорӣ (ПҚХ) ифода мeёбад, ҳисоб карда мешавад.
Барои тавсифи сатҳҳои шохиси рушди иқтидори инсон (ШРИИ) меъёрҳои зерини ҳудуди истифода бурда мешаванд:
0,800 ва болотар аз он – баланд;
от 0,500 то 0,800 – миёна;
аз 0,500 пасттар – сатҳи пасти иқтидори инсонӣ.

Аз рӯи андоза Шохиси рушди иқтидори инсон (ШРИИ) дар Тоҷикистон дар гурӯҳи кишварҳои дорои сатҳи миёнаи иқтидори инсонӣ бо меъёри 0,688 (дар соли 2007), ҷойи 127-ро дар байни 182 кишвари ҷаҳон ишғол менамояд.[12]

**ДИАГРАММАИ 1.3**
**ШРИИ ТОҶИКИСТОН**




Таҷдиди сохтори иқтисодиёти Тоҷикистон пас аз пошхӯрии ИҶШС, инчунин муноқишаи мусаллаҳона дар қаламрави кишвар аз солҳои 1992 то соли 1997 боиси таназзули иқтисодиёт гардида, барои якбора паст гардидани иқтидори инсонӣ аз соли 1990 то соли 1995 (0,709 ва 0,642 мувофиқан) оварданд. Аз соли 1995 тамоюли устувори афзоиши рушди инсонӣ ба мушоҳида расида, вале дараҷаи соли 1990 ҳамоно ба даст наомадааст. Зимни суръати ҷойдоштаи афзоиши иқтидори инсонӣ дар Тоҷикистон мумкин аст то соли 2015 сатҳи шохиси рушди иқтидори инсон дар соли 1990 ба даст ояд. Аммо таъсири манфии бӯҳрони иқтисодии ҷаҳонӣ мавҷуд аст, ки метавонад тамоюли ҷойдоштаи афзоиши ММД-ро боздорад ва дар навбати худ суръати рушди инсониро дар кишвар якчанд сол паст намояд. Бӯҳрони муосири молиявии ҷаҳонӣ ба нишондиҳандаҳои инкишофи кишвар тасҳеҳот ворид месозад. Мувофиқи арзёбии байналмилалӣ афзоиши ММД-и Тоҷикистон дар соли 2009 3%, дар соли 2010 бошад танҳо 4%-ро ташкил медиҳад, ки ин ӯҳдадориҳои иловагиро ба ҳукумати кишвар ҷиҳати нигоҳдории нишондиҳандаҳои иҷтимоиии инкишоф вогузор менамояд.

**ҶАДВАЛИ 1.3**
**РЕЙТИНГИ ТОҶИКИСТОН ВА БУЗУРГИИ АНДОЗАИ ШРИИ ВА ТАРКИБИ ОН ДАР СОЛИ 2007**[13]

| Нишондиҳанда | Воҳид | Рейтинги глобалӣ |
|---|---|---|
| ШРИИ | 0,688 | 127 |
| Давомнокии пешбинишаван-даи (умедбастаи) умр, сол | 66,4 | 116 |
| Сатҳи саводнокии аҳолии калонсол, % | 99,6 | 9 |
| Фарогирӣ бо таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олӣ, % | 70,9 | 107 |
| ММД ба ҳар сари аҳолӣ, ПҚХ (паритети қобилияти харидорӣ) бо доллари ИМА | 1753 | 143 |

Таҳлили таркиби ШРИИ нишон медиҳад, ки Тоҷикистон назар ба даромад ба ҳар сари аҳолӣ, нишондиҳандаҳои нисбатан баландро дар шакли дастовардҳо дар соҳаи маориф ва тандурустӣ дорад. Ҳамин тариқ, аз рӯи сатҳи таҳсилот ва тандурустӣ Тоҷикистон ба гурӯҳи кишварҳое шомил мешавад, ки бо сатҳи баланди рушди инсон тавсиф мегарданд (сатҳи саводнокӣ ва фарогирӣ бо таҳсилот ба ҳисоби миёна аз 80% зиёд аст, давомнокии пешбинишавандаи (умедбастаи) умр дар доираи 65-70 сол қарор дорад). Аммо аз рӯи сатҳи ММД ба ҳар сари аҳолӣ Тоҷикистон ба гурӯҳи кишварҳои дорои сатҳи пасти рушди инсон мансуб аст ( аз рӯи паритети қобилияти харидорӣ аз 2000 доллари ИМА камтар).

Сарфи назар аз он ки афзоиши нишондиҳандаҳои ШРИИ дар солҳои охир асосан аз ҳисоби афзоиши босуръати даромад амалӣ карда мешуд, даромад ҳамоно дар муқоиса бо нишондиҳандаҳои соҳаи тандурустӣ ва маориф бинобар сабаби сатҳи пасти ибтидо дар сатҳи паст қарор дорад, ки ба бӯҳрони вазнини иқтисодӣ, ки кишварро дар солҳои 90-ум фаро гирифтааст, вобаста мебошад.

## ШОХИСИ МИЛЛӢ ВА МИНТАҚАВИИ РУШДИ ИҚТИДОРИ ИНСОН (ШРИИ)

Асоси Консепсияи рушди инсониро баробарии имкониятҳо барои ҳамаи гурӯҳҳои иҷтимоӣ ташкил менамояд. Нишондиҳандаи миёнаи афзоиши даромад дар кишвар номутаносибиро дар дастрас будан ба таҳсилот, тандурустӣ, даромади шахсони сарватманд ва камбизоат инъикос намекунад. Яке аз самтҳои муҳими азнавҳосилкунии ШРИИ муқоисаи рушди инсонӣ аз рӯи минтақаҳои кишвар мебошад.

Бо мақсади муайянкунии таҳлилии сатҳи рушди иқтидори инсонии минтақаҳо дар ҳисоботи мазкури миллӣ ШРИИ-и Тоҷикистон бо истифода аз рӯи нишондиҳандаи даромад ба ҳар сари аҳолӣ бе дарназардошти паритети қобилияти харидорӣ (ПҚХ) арзёбӣ карда шудааст. Чунин арзёбӣ фақат бо мақсади таҳлили муқоисавии ШРИИ дар сатҳи кишвар умуман ва минтақаҳои он қобили қабул аст.

Натиҷаи ҳисоби ШРИИ-и миллии Тоҷикистон ва таркиби он дар соли 2007 дар ҷадвали 1.4 оварда шудаанд.

**ҶАДВАЛИ 1.4**
**ШРИИ-И ТОҶИКИСТОН ВА ТАРКИБИ ОН ДАР СОЛИ 2007**

| ШДПУ | ШСТ | ШДСА | ШРИИ |
|---|---|---|---|
| Шохиси давомнокии миёнаи пешбиниша-вандаи умр | Шохиси сатҳи таҳсилот | Шохиси даромад ба ҳар сари аҳолӣ | Шохиси рушди иқтидори инсон (бе дарназардошти паритети қобилияти харидорӣ (ПҚХ) |
| 0.726 | 0.911 | 0.108 | 0.582 |

**ДИАГРАММАИ 1.4**
**ШРИИ-И ТОҶИКИСТОН ВА ТАРКИБИ ОН ДАР СОЛИ 2007**




Ҳамин тариқ, бо мақсади пешниҳоди таҳлилӣ дар ҳисоботи мазкури миллӣ бузургии ШРИИ-и Тоҷикистон дар соли 2007 ба 0,582 баробар аст.

Маълумоти мушоҳидашавандаи оморӣ оид ба Тоҷикистон нишон медиҳад, ки бузургии шохиси сатҳи таҳсилот (ШСТ) ба таври кофӣ баланд буда, бузургии шохиси давомнокии пешбинишавандаи (умедбастаи) умр (ШДПУ) аз миёна баланд мебошад. Мутаносибан, маҳз бузургии нисбатан пасти шохиси даромад ба ҳар сари аҳолӣ (ШДСА) ба таври ҷиддӣ ба паст шудани шохиси рушди иқтидори инсонии (ШРИИ) кишвар таъсир мерасонад. Дар оянда бо мақсади нигоҳ доштани бузургиҳои баланди шохисҳои ДПУ, СТ ва баланд бардоштани шохиси ДСА, дар Тоҷикистон барои таъсиси барномаи миллии комплексӣ, ки ба аз нав дида баромадани сиёсати даромад ва музди меҳнат дар давраи дарозмӯҳлат нигаронида шудааст, оғоз кардан зарур аст.

**ЗАМИМАИ МАТНИ 6**
**СЕНАРИЯИ МАКРОИҚТИСОДИИ РУШДИ КИШВАР**

Бароиояндаи дарозмӯҳлат се варианти (сенарияи) асосии рушди иқтисодиёти миллӣ пешбинӣ карда мешаванд:

Варианти якум - «варианти имкониятҳои кам». Суръати афзоиши миёнаи солонаи ММД аз рӯи ин вариант аз 9,4% дар солҳои 2001-2005 ва 7% дар соли 2006 то 5% дар давоми тамоми давраи пешбинишаванда ташкил медиҳад. Афзоиши воқеӣ бошад дар солҳои 2006-2015 66,0%-ро ташкил медиҳад. Самаранокии варианти мазкур мӯътадил мебошад, зеро ММД ба ҳисоби ҳар сари аҳолӣ дар соли 2015 бо нархи соли 2006 аз рӯи дурнамо қариб 1735 сомониро бар хилофи 1311,3 сомонӣ дар соли 2006 ташкил хоҳад дод.

Варианти дуюм суръати афзоиши иқтисодиро ба ҳисоби миёна 7-7,5% дар тамоми давраи пешбинишаванда пешбинӣ мекунад. Афзоиши пешбинишаванда дар солҳои 2006-2015 97,8% мебошад. Аз рӯи ин вариант ММД ба ҳар сари аҳолӣ дар соли 2015 бо нархи соли 2006 2066 сомониро бар хилофи 1311,3 сомонӣ дар соли 2006 ташкил медиҳад.

Варианти сеюм болоравии суръати афзоиши ММД на камтар аз 9 % ва зиёда аз он ҳар сол ташкил медиҳад. Афзоиши воқеии ММД зимнан дар солҳои 2006-2015 ба 2,3 маротиба баробар мешавад. Ба ҳисоби ҳар сари аҳолӣ ММД дар соли 2015 бо нархи соли 2006 2427 сомониро ташкил хоҳад дод.

Ҳамаи вариантҳои сенарияи дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон баландшавии сифати рушди иқтисодиро пешбинӣ менамоянд, ки то андозае бо афзоиши сармояҳо ва содирот вобаста аст. Нисбатан имконпазир (базавӣ) варианти 2-юми рушди кишвар аст, ки мувофиқи он суръати миёнаи солонаи рушди иқтисодӣ ба ҳисоби миёна на кам аз 7%-ро барои тамоми давра то соли 2015 ташкил медиҳад. Дар доираи Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ (қисмати сесолаи Стратегияи миллии рушд (СМР) нишондиҳандаҳои сенарияи базавӣ метавонанд бо дарназардошти вазъи ҷойдоштаи иқтисодӣ ва сиёсати татбиқ кардашаванда тағйир ёбанд.

***Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015***

Барои ҳисоби ШРИИ дар сатҳи минтақавӣ бо мақсади таъмини шарти муқоисанамоӣ, ба ҷойи нишондиҳандаи даромад ба ҳар сари аҳолӣ аз рӯи паритети қобилияти харидорӣ (ПҚХ), даромади дар ихтиёр дошта ба ҳар сари аҳолӣ (ДСА) бо дарназардошти ҳаҷми субвенсияҳои аз ҷониби минтақаҳо аз буҷети давлатӣ (БД) гирифташаванда ҳисоб карда шуд (Замимаи 1).

Даромад ба ҳар сари аҳолӣ (ДСА) дар сатҳи минтақавӣ бо дарназардошти он ки Маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ (МММ) маблағи умумии арзиши иловашудаи дар минтақа истеҳсол кардашударо дар бар мегирад, ҳисоб карда шудааст. Маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ (МММ) иқтидори иқтисодиёти маҳаллиро тавсиф намуда, натиҷаи фаъолияти тамоми субъектҳои хоҷагӣ дар минтақа мебошад, ДСА бошад на танҳо сатҳи истеҳсолот ва истеъмол, балки муносибатҳои тақсимотии дар минтақа ба вуқӯъояндаро инъикос менамояд.

ШРИИ-и минтақавӣ аз маълумоти соли 2007 аз рӯи 5 воҳиди марзию маъмурӣ-шаҳри Душанбе (пойтахт), 2 вилоят (Суғд ва Хатлон), ВМКБ ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (ШНТҶ) ҳисоб карда шудааст.

Мавқеи аввалро шаҳри Душанбе бо бузургии ҳадди максималӣ 0,666 ишғол менамояд. Нишондиҳандаи пастарини рушди инсон дар вилояти Хатлон ҷой дорад, ки ба 0,552 баробар аст.

Таҳлили таркиби ШРИИ нишон медиҳад, ки давомнокии пешбинишавандаи (умедбастаи) умр аз 71,0 сол дар вилояти Хатлон то 76,5 сол дар шаҳри Душанбе фарқ мекунад. Дар тамоми минтақаҳо нишондиҳандаи саломатӣ баланд аст ва бо гурӯҳи кишварҳои дорои сатҳи баланди рушди инсонӣ муқоисашаванда аст. Сатҳи саводнокии аҳолии калонсол дар тамоми минтақаҳо низ баланд буда, дар бузургиҳо каме тафовут ҷой дорад. Нишондиҳандаҳои баланди фарогири таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олӣ дар 3 минтақа – шаҳри Душанбе, ВМКБ ва вилотяти Суғд ҷой дорад. Нишондиҳандаҳои пасттарини фарогирӣ бо таҳсилот дар ШНТҶ ва вилояти Хатлон ба мушоҳида мерасад. Тафовут дар нишондиҳандаҳои фарогирӣ бо таҳсилот байни шаҳри Душанбе ва ШНТҶ қариб 14% ташкил медиҳад (Замимаи 2).

## ДИАГРАММАИ 1.5
## ШРИИ-И МИНТАҚАҲОИ ТОҶИКИСТОН




## ДИАГРАММАИ 1.7
## ДАРОМАД БА ҲАР САРИ АҲОЛӢ (ДСА), бо долл ИМА




## ДИАГРАММАИ 1.6
## ДАВОМНОКИИ ПЕШБИНИШАВАНДАИ (УМЕДБАСТАИ) УМР ДАР МИНТАҚАҲО, СОЛ




## ДИАГРАММАИ 1.8
## САТҲИ САВОДНОКИИ АҲОЛИИ КАЛОНСОЛ, %



**ДИАГРАММАИ 1.9**
**ФАРОГИРИИ СИСТЕМА БО ТАҲСИЛОТ, %**






Умуман, ба монанди ҳолати дар кишвар ҷойдошта, байни минтақаҳо низ тафовути нисбатан ҷиддӣ дар сатҳи даромад мушоҳида мешавад. Ҳамин тавр, даромад ба ҳар сари аҳолӣ дар шаҳри Душанбе аз чунин нишондиҳанда дар ВМКБ зиёда аз 3 маротиба, дар вилоятҳои Суғду Хатлон 2.5 маротиба ва дар ШНТҶ 1,7 маротиба зиёд мебошад.

Ҳамин тариқ, барномаи миллии комплексии имконпазир, ки ба аз нав баррасӣ намудани сиёсати даромад ва музди меҳнат дар давраи дарозмӯҳлат нигаронида шудааст, дар сатҳи минтақавӣ низ бояд мушаххас гардонда шавад.

# БОБИ 2

## БОЗОРИ МЕҲНАТ

## ВА ШУҒЛИ АҲОЛӢ



Шуғл муносибатҳои ҷамъиятию иқтисоди одамонро оид ба иштироки онҳо дар меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ дар бар мегирад. Он сатҳи миқдорӣ ва сифатии истифодаи аҳолии қобили меҳнат ва инчунин вазъи баамаломадаи иқтисодӣ дар кишвар, фаъолнокии корӣ ва молиявӣ, сатҳи зист, даромадҳои аҳолӣ ва тақозои пардохтпазирии онро тавсиф менамояд.



2

# 2.1. ТАМОЮЛҲОИ ДЕМОГРАФӢ ВА ИМКОНИЯТИ СИСТЕМАИ МАОРИФ

## ВАЗЪИ ДЕМОГРАФӢ

Ба вазъи муосири демографии кишвар якбора паст гардидани сатҳи таваллуд ва афзоиши табиии аҳолӣ, вусъатёбии пастшавии мақоми шаҳрҳо дар ҷамъият, умуман бадшавии тамоми маҷмӯи шароити ба такрористеҳсоли инсон ва аҳолӣ вобастабуда, афзоиши муҳоҷирати аҳолӣ ва тағйирёбии таркиби он ва якбора васеъ гардидани миқёси муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ хос мебошад.

Дар соли 2001 дар Тоҷикистон Барномаи нуфуси аҳолӣ қабул карда шуд, ки самаранокии татбиқи он аллакай баъд аз 2-3 сол, аз ҷумла тавассути паст кардани сатҳи фавти кӯдакони навзод ва модарон, инчунин танзими таваллуд ва танзими оила баръало аён гардида буд. Дар солҳои минбаъда ба Барномаи мазкур таваҷҷӯҳ камтар шуд. Соли 2002 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №501 «Барномаи амалисозии консепсияи сиёсати демографии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2003-2015» қабул карда шуд. Дар айни замон, барномаҳои демографии шаҳрҳо, деҳот ва ғайра таҳия гардида истодаанд.

Тағйирёбии шумора ва таркиби аҳолии кишвар на танҳо хусусияти ҷумҳуриявӣ, балки хусусияти минтақавӣ низ дорад, зеро ки ҳар кадоме аз вилоятҳои Тоҷикистон бо хусусиятҳои рушди иқтисодӣ ва шароитҳои гуногуни табиию иқлим фарқ мекунад. Дар давраи аз соли 2001 то соли 2009 шумораи аҳолӣ дар ҷумҳурӣ ба ҳисоби миёна тақрибан ба андозаи 2,04% дар як сол афзудааст. Мушоҳидаҳои оморӣ афзоиши шумораи аҳолиро дар тамоми минтақаҳои кишвар нишон медиҳад, вале ин афзоиш дар ҳолати паст гардидани суръати афзоиши табиӣ сурат мегирад.

Тадқиқотҳо дар сатҳи мамлакатҳои ҷудогона муайян сохтанд, ки ба раванди афзоиши табии аҳолӣ сатҳи камбизоатии аҳолӣ низ таъсири бевосита мерасонад. Моҳиятан пастшавии суръати афзоиши табии аҳолӣ натиҷаи якбора кам гаштани фонди такрористеҳсоли инсон мебошад, ки дар нокифоя ғизохӯрии фарзандон ва наврасон, нарасидани либос, пойафзол, китобҳои дарсӣ, синфхонаҳои мактабӣ, омӯзгорон ва падару модарони соҳибмаърифат, табибони баландихтисос, дармонгоҳҳо, таваллудхонаҳо, доруворӣ ва ғайра ифода меёбад.

Тағйирот дар афзоиши шумораи аҳолӣ дар минтақаҳои ҷудогонаи Тоҷикистон дар навбати худ таркиби ҷойгиршавии территориявӣ ва зичии аҳолиро дигаргун сохт. Масалан, дар соли 2000 ба 1 км мураббаъ микдори зерини сокинон рост меомад: дар ВМКБ – 3,2, вилояти Суғд – 74,8, вилояти Хатлон – 88.6, дар НТҶ –

**ҶАДВАЛИ 2.1.**
**АФЗОИШИ ШУМОРАИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН АЗ РӮИ МИНТАҚАҲО ДАР ДАВРАИ АЗ СОЛИ 2000 ТО СОЛИ 2009** ***(ДАР ОҒОЗИ СОЛ, ҲАЗОР НАФАР)***[14]

| Солҳо | Ҷумҳурии Тоҷикистон | ВМКБ | Вилояти Суғд | Вилояти Хатлон | ш. Душанбе | НТҶ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 2000 | 6126.7 | 206.4 | 1871.2 | 2149.3 | 561.2 | 1338.6 |
| 2001 | 6250.0 | 208.5 | 1900.4 | 2196.6 | 575.9 | 1368.6 |
| 2002 | 6375.5 | 210.7 | 1930.2 | 2243.5 | 589.4 | 1401.7 |
| 2003 | 6506.5 | 213.2 | 1962.4 | 2293.0 | 604.0 | 1433.9 |
| 2004 | 6640.0 | 215.7 | 1992.6 | 2344.6 | 619.4 | 1467.7 |
| 2005 | 6780.4 | 217.9 | 2027.8 | 2404.1 | 631.7 | 1498.9 |
| 2006 | 6920.3 | 218.4 | 2060.9 | 2463.3 | 646.4 | 1531.3 |
| 2007 | 7063.8 | 220.4 | 2095.7 | 2519.6 | 660.9 | 1567.2 |
| 2008 | 7215.7 | 218.0 | 2132.1 | 2579.3 | 679.4 | 1606.9 |
| 2009 | 7373.8 | 219.1 | 2171.2 | 2642.3 | 695.2 | 1646.0 |

47,9 нафар. Афзоиши шумораи аҳолӣ дар оянда низ минбаъд ба зиёдшавии зичии аҳолӣ, бахусус дар вилоятҳои Хатлон ва Суғд мусоидат менамояд.

Маводҳои тадқиқотӣ нишон медиҳанд, ки миқдори зиёди таваллудшавӣ ва ҷой надоштани номутаносубии ҷиддии ҷинсӣ ва синнусолӣ, дар таркиби аҳолии кишвар ҳиссаи зиёди одамони синнашон ҷавонро таъмин менамояд. Дар давраи байни барӯйхатгирии аҳолӣ таносуби аҳолии аз синни қобили меҳнатӣ ҷавонтар чандон зиёд тағйир наёфта, аз 42,9% то 42,7%-ро ташкил дод. Аммо шумораи мутлақи ин гурӯҳи аҳолӣ ба андозаи 19,7% афзуд. Вазни хоси аҳолии синни қобили меҳнат дар ин давра аз 49,5% то 51,0 зиёд шуд. Аз рӯи таносуби мутлақ шумораи ин гурӯҳи аҳолӣ ба андозаи 24,1 % афзуд. Ин маълумот оид ба барқароршавии таркиби муносиби синнусолӣ дар кишвар шаҳодат медиҳад, ки он зимни ҳолатҳи муайян метавонад ба омили мустақили афзоиши суръати рушди иқтисодӣ ва ҳосилнокии меҳнати ҷамъиятӣ табдил ёбад.

Шумораи аҳолии ҷумҳурӣ ба 1 январи соли 2009 7373,8 ҳазор нафарро ташкил дод, аз ҷумлаи онҳо занон – 3674,9 ҳазор нафар (49,8%), мардон – 3698,9 ҳазор нафар (50,2%).

## ҶАДВАЛИ 2.2
## ЗИЧИИ АҲОЛИИ ТОҶИКИСТОН *(дар огози сол, нафар дар 1 км²)* [15]

| Солҳо | 2001 | 2002 | 2003 | 2004 | 2009 |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | 43.7 | 44.5 | 45.5 | 46.4 | 51.5 |
| ШНТҶ | 47.9 | 49.0 | 50.1 | 51.3 | 57.6 |
| Вилояти Суғд | 74.8 | 76.0 | 77.3 | 78.4 | 85.5 |
| Вилояти Хатлон | 88.6 | 90.5 | 92.5 | 94.5 | 106.5 |
| ВМКБ | 3.2 | 3.3 | 3.3 | 3.4 | 3.4 |

## ДИАГРАММАИ 2.1
## ПИРАМИДАИ СИННУСОЛӢ ДАР 1 ЯНВАРИ СОЛИ 2009 (ҲАЗОР НАФАР)



Сарфи назар аз кам шудани ҳиссаи кӯдакон дар шумораи умумии аҳолӣ, таркиби синнусолии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун аҳолии синни ҷавон тавсиф мегардад. Аз рӯи санҷишҳои охирин, синни миёнаи аҳолӣ на камтар аз 25 сол, синни медианӣ бошад 20,5 солро ташкил медиҳад. Ҳол он ки, аз рӯи маълумоти барӯйхатгирии аҳолии соли 2000 синни миёнаи аҳолии ҷумҳурӣ 22,9 сол, синни медианӣ бошад 18,2 солро ташкил карда буд.

Дар давраи аз соли 1999 то соли 2009 вазни хоси аҳолии ба синни қобили меҳнат нарасида ва аз синни қобили меҳнат баромада, кам гардида, шумораи аҳолии қобили меҳнат барои ҳамин даҳсола ба андозаи 16,3% зиёд шуд ва дар таркиби умумии аҳолӣ 59,3% -ро ташкил дод (Диаграммаи 2.2).

**ДИАГРАММАИ 2.2**
**ТАРКИБ ВА ҶАРАЁНИ АФЗОИШИ АҲОЛИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БА СИННИ ҚОБИЛИ МЕҲНАТ НАРАСИДА, СИННИ ҚОБИЛИ МЕҲНАТ ВА АЗ СИННИ ҚОБИЛИ МЕҲНАТ БАРОМАДА ДАР СОЛҲОИ 1999-2009[16]**




Таркиб ва ҷараёни афзоиши аҳолии Тоҷикистон, ки дар давраи трансформатсияи муносибатҳои ҷамъиятӣ ташаккул ёфтааст, шиддатнокии баланди ҷойдоштаро дар бозори меҳнати кишвар баръало инъикос менамояд.

Ҳамзамон бо кам шудани ҳиссаи кӯдакон дар шумораи умумии аҳолӣ афзоиши шумора ва вазни хоси аҳолӣ дар синни қобили меҳнат ба мушоҳида мерасад. Шумораи аҳолии ин гурӯҳи синнусолӣ дар оғози соли 2009 4373,2 ҳазор нафар ва ҳиссаи он дар шумораи умумии аҳолӣ 59,3%-ро ташкил дод. Шумораи аҳолии қобили меҳнат дар соли 2009 нисбат ба соли 2000 ба андозаи 34,7 % афзуда, ҳиссаи онҳо ба андозаи 7,2% зиёд гардид. Чунин афзоиш ба он вобаста аст, ки дар ин давра аксарияти ҷавонон ба гурӯҳи синни қобили меҳнат ворид гаштаанд, ки соли таваллуди онҳо солҳои 80-ум буд, вақте ки дар кишвар нишондиҳандаҳои баланди таваллуд ба қайд гирифта шуда буданд.

Хусусияти муҳими тамоми аҳолии кишвар таносуби се гурӯҳи асосии синнусолии зерин маҳсуб меёбад: кӯдакон ва наврасони ба синни қобили меҳнат нарасида (0-14), синни қобили меҳнат (мардони 15-62 сола, занони 15-57 сола) ва шахсони аз синни қобили меҳнат баромада (мардони 63 сола ва калон аз он, занони 58 сола ва калон аз он), ки дар солҳои охир онҳо хеле тағйир ёфтаанд.

Паст шудани сатҳи таваллуд дар солҳои 90-уми асри гузашта, боиси камшавии шумораи кӯдакон ва вазни хоси онҳо дар шумораи умумӣ гардид. Шумораи кӯдакони синни 0-14 сола дар аввали соли 2009 2622,4 ҳазор нафарро ташкил дод. Тамоюли мазкур дар оянда метавонад ба камшавии вазни хоси гурӯҳҳои аҳолии минбаъдаи нисбатан калони синнусолӣ боис гардад.

Чунин таркиби аҳолӣ аз рӯи синну сол сарбории калони иқтисодиро бар дӯши қисми қобили меҳнати он мегузорад. Ташаккули муносибатҳои бозорӣ боз ҳам сарбории иқтисодиро ба аҳолии синни қобили меҳнат бештар шадид гардонид. Теъдоди зиёди гурӯҳи мазкур ё кор намекунанд, ё бинобар набудани ҷойҳои корӣ, пурра истифода накардани иқтидорҳои корхонаҳои амалкунанда, паст будани музди меҳнат ва ғайра қисман кор мекунанд.

Дигаргуниҳо дар суръати афзоиши аҳолӣ ба тағйироти намоён дар таркиби синнусолии аҳолӣ овард. Дар давраи байни ду барӯйхатгирии аҳолӣ (солҳои 1989 –2000) вазни хоси аҳолии аз аҳолии ба синни қобили меҳнат нарасида андаке тағйир ёфт (аз 42,9% то 42,7%), вале шумораи мутлақи ин гурӯҳи аҳолӣ ба андозаи 19,7% зиёд гардид. Вазни хоси аҳолӣ дар синни қобили меҳнат дар ин давра аз 49,5% то 51,0% афзуд. Ба таври мутлақ шумораи ин гурӯҳми аҳолӣ ба андозаи 24,1 % зиёд шуд.

Боқи мондани сатҳи баланди афзоиши аҳолӣ омили бевоситаи афзоиши шумораи аҳолии синни қобили меҳнат ба шумор меравад.

Синни қобили меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи қонун муайян карда мешавад.
То соли 2003 синни қобили меҳнат чунин муайян гардидааст: барои мардон 15-59 сол, барои занон 15-54- сола; синни ба қобили меҳнат нарасида 0-14 –сола; синни аз қобили меҳнат баромада: мардон – синни 60- сола ва калон аз он, занон – синни 55-сола ва калон аз он.
Аз соли 2003 синни қобили меҳнат чунин муайян карда шудааст: барои мардон 15-60 сол, барои занон 15-55 сол, синни ба қобили меҳнат нарасида 0-14 –сола; синни аз қобили меҳнат баромада – барои мардони 61- сола ва калон аз он, барои занони 56- сола ва калон аз он.
Аз соли 2004 синни қобили меҳнат чунин муайян гардидааст: барои мардон 15-61 сол, занон 15-56 сол, синни ба қобили меҳнат нарасида – 0-14 -сола; синни аз қобили меҳнат баромада: барои мардони 62- сола ва калон аз он, барои занони 57-сола ва калон аз он.
Аз соли 2005 синни қобили меҳнат барои мардон чунин муайян карда шудааст: барои мардони 15-62-сола, занони 15-57 сола, синни ба қобили меҳнат нарасида – 0-14 -сола; синни аз қобили меҳнат баромада – барои мардони 63 –сола ва калон аз он, барои занони 58-сола ва калон аз он.
Афзоиши ҳиссаи аҳоли қобили меҳнат дар давраи аз соли 2003 то соли 2005 бо суръати нисбатан баланд аз ҳисоби афзоиши фосилаи синни қобили меҳнат бо тартиби қонунгузорӣ рӯй дод.

Маълумоти овардашуда дар хусуси дар кишвар ташаккул ёфтани таркиби муносиби синнусолӣ шаҳодат медиҳад, ки дар ҳолатҳои муайян метавонад ба омили алоҳидаи баландшавии суръати рушди иқтисодӣ ва ҳосилнокии меҳнати ҷамъиятӣ дар асоси ҷалби онҳо ба фаъолияти меҳнатӣ табдил ёбад.

Ҳодисаҳои бӯҳронӣ, ки вақти тӯлонӣ дар ҷумҳурӣ идома дорад, ба он овард, ки дар Тоҷикистон раванди пастшавии мақоми шаҳрҳо дар ҷамъият боқӣ мемонад. Зимнан таносуби шумораи аҳолии шаҳрӣ ва деҳот дар 10 соли охир дар андозаи 26,4% ба 73,6% қарор дорад.

**ДИАГРАММАИ 2.3**
**ДАР ТОҶИКИСТОН РАВАНДИ ПАСТШАВИИ МАҚОМИ ШАҲРҲО ДАР ҶАМЪИЯТ БОҚӢ МЕМОНАД[17]**




## МАБЛАҒГУЗОРӢ БА СОҲАИ МАОРИФ

Вазъи системаи маориф ва сифати таҳсилот дар сатҳи баланд бо имкониятиҳои маблағгузорӣ ба он вобаста аст. Аз соли 2004 сар карда, давлат кӯшиш карда истодааст, ки вазъиятро, ҳам дар ҳолати моддию техникии базаҳои мактабҳои системаи маориф ва ҳам музди меҳнати кормандони тамоми сатҳҳои системаи маориф беҳтар намояд.

Дар даври солҳои 2000 - 2008 сатҳи хароҷоти давлатӣ барои соҳаи маориф аз 2,3% дар соли 2000 то 4,1% дар соли 2008 афзуд. Зимнан афзоиши асосӣ ба 4 соли охир рост меояд ва ба ислоҳоти дар системаи маорифи ҷумҳурӣ гузаронида шуда истода алоқаманд аст. Соли 2009 барои эҳтиёҷоти системаи маориф зиёда аз 1,2 млрд. сомонӣ ҷудо гардидааст, ки ин нисбат ба панҷсолаи қаблӣ 4 баробар ва дар муқоиса ба соли 1995 33 маротиба зиёдтар аст.[18]

**ДИАГРАММАИ 2.4**
**ҲАҶМ ВА МАНБАЪҲОИ МОЛИЯКУНОНИИ СИСТЕМАИ МАОРИФИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, МЛН. СОМОНӢ**




Дар солҳои охир ба системаи таҳсилоти умумӣ захираҳои калони молиявӣ ба воситаи қарзҳои беруна, бурсияҳо (грантҳо) ва барномаҳои кӯмакҳои техникӣ - ҷамъулҷамъ дар солҳои 2007-2009 аз рӯи Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ (БСД) хароҷоти зерсохтор тақрибан 166 млн. долларро ташкил дод.[19]

Дар соли 2008 нисбат ба соли 2007 молиякунонии буҷетии системаи маориф ба андозаи 40,2% афзуд. Аммо, новобаста ба афзоиши ҳаҷми молиякунонии соҳаи маориф, маблағҳои ҷудошаванда барои ҳал намудани проблемаҳои сифати таҳсилот ҳанӯз кофӣ нестанд.

Бояд қайд намуд, ки маблағгузории системаи маориф бештар аз ҳисоби маблағҳои буҷетҳои маҳаллӣ сурат мегирад, вале вақтҳои охир афзоиши ҳиссаи буҷети ҷумҳуриявӣ дар молиякунонии умумии буҷетии давлатии соҳа мушоҳида мешавад.

Дар давраи солҳои 2000-2009 сохтори хароҷоти давлатии соҳа аз рӯи сатҳҳои таҳсилот тағйироти ҷиддӣ наёфт. Таҳсилоти умумӣ дар сохтори хароҷот мавқеи афзалиятнокро нигоҳ дошт. Ҳарчанд ки афзоиши хароҷот байни сатҳҳои таҳсилот асосан ба таври кофӣ баробар тақсим шуда бошад ҳам, хароҷот ба як хонанда аз рӯи сатҳи таҳсилот асосан аз ҳисоби тағйирёбии нобаробари миқдори хонандагон афзуд.

Аз рӯи сатҳҳои таҳсилот суръати баланди афзоиши хароҷот дар таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ба мушоҳида мерасад, ҳол он ки дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ба ҳисоби як кӯдак сатҳ пасттарин буд.

**ДИАГРАММАИ 2.5**
**ХАРОҶОТИ БУҶЕТӢ БАРОИ МАОРИФ, ДАР % НИСБАТ БА ММД**



Дар сохтори харoҷот аз рӯи гурӯҳҳои иқтисодӣ тағйироти нисбатан муҳим рӯй доданд. Афзоиши харoҷоти давлатӣ асосан ба пардохти музди меҳнат равона карда шуда буд, ки ин имкон дод вазъи бо музди меҳнат баамаломада дар маҷмӯъ дар соҳа, бахусус музди меҳнати ҳайати омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ беҳтар гардад. Ҳамзамон, баъзе тағйироти мусбат оид ба афзоиши харoҷоти асосӣ ба вуқӯъ пайваст, ки то соли 2004 дар сатҳи хеле паст на бештар аз 2 % аз харoҷоти умумӣ барои соҳа қарор доштанд. Аз соли 2004 сар карда харoҷоти асосӣ комилан зиёд гардонида шуда, ба 7-8% аз харoҷоти умумӣ ба таҳсилот расид.

Ҳукумат саъй дорад, ки ислоҳоти соҳаро бо мақсади ноил шудан барои истифодаи нисбатан баробар ва самараноки захираҳои давлатӣ идома диҳад. Бо мақсади ҳалли ин вазифа, Ҳукумат азм дорад, ки системаи молиякунонии сарикасиро дар системаи маориф ҷорӣ намояд, ки он имкон медиҳад самаранокии харoҷоти давлатӣ комилан зиёд гардад, баробарии харoҷот таъмин карда шавад, пешгӯи намудани раванди таҳияи буҷет зиёд карда шуда, интизоми буҷетӣ дар тамоми сатҳҳои идоракунӣ мустаҳкам гардонида шавад.

**ДИАГРАММАИ 2.6**
**СОХТОРИ МОЛИЯКУНОНИИ СИСТЕМАИ МАОРИФ АЗ РӮИ САТҲҲОИ СИСТЕМАИ БУҶЕТӢ, СОЛИ 2007**




**СОХТОРИ МОЛИЯКУНОНИИ СИСТЕМАИ МАОРИФ АЗ РӮИ САТҲҲОИ СИСТЕМАИ БУҶЕТӢ, СОЛИ 2009**




**ҶАДВАЛИ 2.3**
**НИШОНДИҲАНДАҲОИ АРЗИШИИ МОЛИЯКУНОНИИ САРИКАСӢ ДАР СОЛИ БУҶЕТИИ 2009 ВА НИШОНДИҲАНДАҲОИ АРЗИШИИ ИНДИКАТИВӢ ДАР СОЛҲОИ 2010 ВА 2011**

| Навъи мактаб ва меъёрҳо | 2009 | 2010 | 2011 |
|---|---|---|---|
| **Мактабҳои таҳсилоти умумӣ(синфҳои 1-11)** | | | |
| - Ба як хонанда, сомонӣ | 268 | 349 | 435 |
| - Ба як мактаб, сомонӣ | 51310 | 66903 | 83396 |
| **Мактабҳои таҳсилоти асосӣ (синфҳои 1-9)** | | | |
| - Ба як хонанда, сомонӣ | 268 | 354 | 447 |
| - Ба як мактаб, сомонӣ | 36335 | 48033 | 60692 |
| **Мактабҳои ибтидоӣ (синфҳои 1-4)** | | | |
| - Ба як хонанда, сомонӣ | 428 | 566 | 447 |
| - Ба як мактаб, сомонӣ | 7650 | 10112 | 12777 |

Ҷорӣ намудани молиякунонии сарикасӣ дар минтақаҳо тадриҷан сурат мегирад. Дар вилояти Хатлон дар соли 2009 танҳо 4 минтақа дар озмоиш иштирок мекунанд, дар соли 2010 бошад аллакай 20 ва дар соли 2011 тамоми муассисаҳои таҳсилоти умумии вилоят ба молиякунонии сарикасӣ гузаронида мешаванд. Дар вилояти Суғд дар давоми солҳои 2009 ва 2010 танҳо дар 4 минтақа таҷрибаи молиякунонии сарикасии мактабҳо гузаронида мешавад. Дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ раванди гузариш ба молиякунонии сарикасии мактабҳо нисбатан босуръат анҷом дода хоҳад шуд, аллакай дар соли 2010 қариб тамоми минтақаҳо бо системаи молиякунонии сарикасии мактабҳо фаро гирифта хоҳанд шуд. Дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон фақат дар соли 2011 мактабҳои миёна ба молиякунонии сарикасӣ гузаронида мешаванд.

Иқтидори системаи маориф аз нигоҳи робитаи мутақобила бо ҷараёнҳои демографӣ ва ҳаракат ба бозори меҳнат бо се самти зерин тавсиф мегардад: а) баҳогузории миқдорӣ ва сифатии хатмкунандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ, б) сифати системаи таҳсилоти касбӣ, в) дархост ба хатмкунандагони системаи таҳсилоти касбӣ.

Имрӯз шумораи кӯдакони синни мактабӣ (аз 7 то 18-сола) 2058,6 ҳазор нафарро ташкил менамояд, ки ин бештар аз 27,9% тамоми аҳолии ҷумҳурӣ мебошад (соли 2008).[20] Бо системаи таҳсилоти умумӣ, миёна, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ зиёда аз 92%-и кӯдакон ва наврасон фаро гирифта шудаанд.[21]

Таҳсилоти умумӣ бахши бартаридоштаи таҳсилот ба шумор меравад. Дар ин марҳилаи таҳсилот 1506,1 ҳазор нафар кӯдакон ва наврасон таълим мегиранд ва ба мактаб фарогирии ин гурӯҳи кӯдакон меафзояд.

**ЗАМИМАИ МАТНИ 7**
**ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН САТҲҲОИ ЗЕРИНИ ТАҲСИЛОТ МУАЙЯН ГАРДИДААНД:**

- таълим ва тарбияи томактабӣ;
- таҳсилоти миёнаи умумӣ – таҳсилоти ибтидоӣ (аз синфи 1 то 4, синни аз 7 то 11-сола), таҳсилоти ҳатмии умумӣ (аз синфи 5 то 9, синни аз 11 то 16-сола), таҳсилоти миёнаи умумӣ (аз синфи 10 то 11, синни 16 -17-сола);
- таҳсилоти касбӣ – таҳсилоти миёнаи касбӣ, миёнаи махсус ва таҳсилоти олии касбӣ, таҳсилоти баъди хатми мактаби олӣ ва таҳсилоти иловагӣ.

Мувофиқи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳсилоти асосии умумӣ ҳатмӣ мебошад ва давлат ӯҳдадор аст, ки таҳсилоти бепулро барои тамоми шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намояд.

**ДИАГРАММАИ 2.7**
**МУҚОИСАИ ШУМОРАИ ХОНАНДАГОН АЗ СИНФИ 1 ТО 9 ВА ШУМОРАИ КӮДАКОН ДАР ГУРӮҲИ СИННУСОЛИИ ДАХЛДОР**[22]



Агар бо таҳсилоти ибтидоӣ асосан тамоми кӯдакони синни мувофиқ фаро гирифта шуда бошанд, пас бо баробари наздик шудан ба синфи 9 сатҳи фарогирӣ паст мегардад. Фарогирӣ дар синфҳои болоии таълимӣ нисбатан дар сатҳи паст қарор дорад, ки то андозае бо идомаи таҳсил дар муассисаҳои таълимии миёнаи махсус ва гузаштан ба системаи таҳсили касбӣ алоқаманд аст.

**ДИАГРАММАИ 2.8**
**ФАРОГИРИИ КӮДАКОН ВА НАВРАСОНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ТАҲСИЛОТИ УМУМӢ, %**




Муқоисаи хатмукунандагони таҳсилоти умумӣ бо шумораи хонандагони синфҳои 10 ва қабул ба муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ нишон медиҳад, ки дар ин силсилаи таҳсилотӣ ҳамасола ҳадди ақал 13% ҷавонписарон ва 20% духтарон кам мешаванд. Бо дарназардошти он ки ба муассисаҳои касбомӯзӣ чи баъд аз хатми таҳсили асосӣ ва чи зимни доштани таҳсилоти миёнаи умумӣ қабул карда мешавад, ин нишондиҳандаҳо бузургии калонро ташкил медиҳад.

Дараҷаи давомот ба ҳар сурат дастрас будани системаи мактабиро назар ба сатҳи фарогирӣ бо таҳсилоти мактабӣ инъикос менамояд. Тадқиқоти сатҳи зист дар Тоҷикистон, ки соли 2007 гузаронида шуд, нишон дод, ки дараҷаи давомоти мактабҳои ибтидоӣ (синфҳои 1-4) 97,3% ва дар синфҳои 5-11 бошад 76,1%-ро[24] ташкил дод. Дар баробари ин, нишондиҳандаи мақсадноки дастоварди ҲРҲ болоравии сатҳи давомоти ҳам таҳсилоти ибтидоӣ ва ҳам миёнаи умумӣ то 100% дар соли 2015 ба ҳисоб меравад.

Президенти кишвар дар Паёми худ ба Парламенти кишвар вазъи ҷойдошта ва дигар сабабҳоро ба инобат гирифта, пешниҳод карда буд, ки аз моҳи сентябри соли 2010 мактабҳои таҳсилоти асосӣ ба системаи ҳатмии таҳсилоти асосии 10-сола гузаронида шаванд.[25]

Фарогирӣ бо таҳсил - ин ҷалби кӯдакон ва наврасон бо таҳсилот мебошад. Нишондиҳандаи мазкур таносуби шумораи хонандагонро ба шумораи аҳолии синни дахлдор тавсиф менамояд. Коэффитсиенти фарогирии зиёда аз 100% бо он маънидод мегардад, ки ба мактаб инчунин кӯдакони аз синни 7-сола хурдтар низ мераванд (дар бештари ҳолатҳо писарон). Нишондиҳандаҳои оморӣ дар сатҳи фарогирии духтарон ва писарон бо таҳсилот дар хусуси вуҷуд доштани фарқиятҳои гендерӣ зимни гирифтани таҳсилот, инчунин дар қатори дигар омилҳои ба фарқиятҳои гендерӣ вобаста шаҳодат медиҳанд.

Тадқиқотҳои таҷрибавӣ собит намуданд, ки нобаробарии гендерӣ:

- хавфи фавти навзодон ва кӯдаконро зиёд намуда, сатҳи таҳсилоти кӯдаконро паст месозад, сатҳи баланди таваллудро зимни сатҳи пасти зист нигоҳ медорад (ҳама аз таҳсилоти модар вобаста аст);
- боиси талафот дар музди меҳнат мегардад;
- хавфи бо ВИЧ инфексия сироят шуданро зиёд мегардонад (нобаробарӣ дар дараҷаи саводнокӣ, афзоиши тақозо ба хизматрасонии маҳрамона).[23]

Аммо бояд қайд кард, ки новобаста аз саъю талошҳои Ҳукумат ва мақомотҳои дахлдор оид ба дастрасии кӯдакон ба таҳсилоти асосии умумӣ, дар шароити кунунии иҷтимоию иқтисодии кишвар, проблемаи фарогирии кӯдакони синни мактабӣ бо таҳсилот ҳамчун масъалаи муҳимтарин боқӣ монда, ҳалли фавриро тақозо менамояд. Азбаски аз рӯи дурнамо то соли 2015, шумораи умумии кӯдакони синни мактабӣ (онҳое, ки ба гирифтани таҳсилот эҳтиёҷ доранд) тақрибан ба андозаи 850 ҳазор нафар афзоиш меёбад ва ин дар навбати худ 1,5 маротиба талаботро барои хизматрасониҳои соҳаи маориф зиёд мегардонад.[26]

Дар солҳои охир шумораи донишҷӯён дар муассисаҳои ибтидоию касбӣ кам шуда истодааст, ҳол он ки дар муассисаҳои миёна ва олии касбӣ шумораи донишҷӯён ба туфайли ҷори ва васеъ истифода намудани хизматрасониҳои пулакӣ зиёд шуда истодааст. Аз соли 2003 то 2008 шумораи қабулшудагон ба муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ба андозаи 3% паст гардида, дар муассисаҳои миёнаи касбӣ ва дар мактабҳои олӣ бошад он дар ҳаҷми 13% ва 10% мувофиқан афзудааст.

Дар самти гендерӣ дар сатҳи баланд саъю кӯшиши духтарон барои гирифтани таҳсилоти олӣ, нисбат ба дигар дараҷаҳои таҳсилоти касбӣ зиёд мешавад.

**ДИАГРАММАИ 2.9**
**ҚАБУЛ БА МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ КАСБИИ КИШВАР (СОЛИ 2003 =100%)[27]**




**ҶАДВАЛИ 2.4**
**СУРЪАТИ АФЗОИШИ ШУМОРАИ ҚАБУЛИ ДОНИШҶӮЁН ДАР СИСТЕМАИ ТАҲСИЛОТИ КАСБИИ КИШВАР (СОЛИ 2003 =100%)**

| | 2004 | | 2005 | | 2006 | | 2007 | | 2008 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | ҶАВОНОН | ДУХТАРОН | ҶАВОНОН | ДУХТАРОН | ҶАВОНОН | ДУХТАРОН | ҶАВОНОН | ДУХТАРОН | ҶАВОНОН | ДУХТАРОН |
| Таҳсилоти ибтидоии касбӣ | 99 | 104 | 100 | 113 | 92 | 92 | 95 | 55 | 115 | 57 |
| Таҳсилоти миёнаи касбӣ | 93 | 109 | 116 | 123 | 101 | 121 | 109 | 114 | 109 | 116 |
| Таҳсилоти олии касбӣ | 98 | 109 | 118 | 132 | 110 | 135 | 114 | 139 | 105 | 125 |

**ДИАГРАММАИ 2.10**
**СУРЪАТИ АФЗОИШИ ШУМОРАИ ҚАБУЛШУДАГОН БА МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ КАСБИИ ҶУМҲУРӢ (СОЛИ 2003 = 100%)[28]**







Ҳиссаи духтарон дар ҳаҷми умумии қабул дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ нисбатан баланд буда 54%-ро ташкил мекунад. Ҳамзамон ин нишондиҳанда дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ аз 31% дар соли 2003 то 18% дар соли 2008 паст шуд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки муассисаҳои мазкур дар байни занон начандон маъмул нестанд. Ҳиссаи духтарон дар ҳаҷми умумии қабул ба мактабҳои олӣ низ зиёд набуда ба 28% баробар аст, вале вай афзуда истодааст, аз ҷумла аз ҳисоби «квотаи президентӣ».

Бо мақсади аз байн бурдани тафриқаи гендерӣ ва таъмини баробарии гендерӣ дар системаи таҳсилот 30 майи соли 1997 қарори Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби қабули ҳарсолаи миқдори муайяни духтарон аз ноҳияхои дурдасти кишвар бе имтиҳонҳои дохилшавӣ» қабул карда шуд. Тибқи ин қарор, аз рӯи квотаи президентӣ ба мактабҳои олии кишвар аз ноҳияҳои дурдаст оид ба ихтисосҳои гуногуни маҳалҳои деҳот духтарон қабул карда мешаванд ва дар солҳои оянда қабули ҷавонписарон низ дар назар аст. Дар соли таҳсили 2006/07 916 донишҷӯ тариқи квота ба мактабҳои олии кишвар қабул гардиданд, ки 480 нафари онҳо, яъне 53%-ро духтарон ташкил медиҳанд. Дар соли таҳсили 2007/08 аз рӯи квота ба мактабҳои олии кишвар 969 донишҷӯ қабул карда шуданд, ки  аз онҳо 528 нафарашон, яъне аллакай 55% духтарон буданд.

Ҳадафи асосии квотаи Президентӣ тарбияи мутахассисони касбӣ аз ҳисоби духтарони ноҳияҳои дурдасти ҷумҳурӣ барои ноҳияҳои худашон маҳсуб меёбад. Ин тадбир, бешак, ҳам барои баланд бардоштани сатҳи умумии таҳсилоти занон ва ҳам бо кор таъмин намудани онҳо мусоидат мекунад. Аммо, бояд қайд кард, ки қисми аз ин духтарон бо сабаби ба шавҳар баромадан ва дигар ҳолатҳои оилавӣ бештар таҳсилро тарк менамоянд.

Аз нуқтаи назари инкишофи иқтисодиёт сохтори тақозо ба таҳсилоти касбӣ аз рӯи соҳаҳои тахассус аҳамияти махсус дорад.

Дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 52 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ фаъолият мекунанд. Тақсим намудани хонандагони ин системаи таҳсилот аз рӯи гурӯҳҳои ихтисосҳо нишон медиҳад, ки зиёда аз 66%-и хонандагон ба ду ихтисос - маориф ва тандурустӣ таваҷҷӯҳи зиёд доранд. Инчунин, шумораи хонандагон аз рӯи ихтисосҳои техникии  бо техникаи ҳисоббарор, истеҳсоли молҳои ниёзи умум ва соҳаи сохтмон алоқаманд буда  афзуда истодааст.

Тарбияи мутахассисони соҳаи ғайриистеҳсолӣ низ хеле фаъол гардидааст. Аммо барои инкишофи иқтисодиёти индустриявӣ-аграрӣ афзунгардонии тарбияи мутахассион аз рӯи ихтисосҳои техникӣ муҳим

буда, омодасозии онҳо ҳанӯз дар сатҳи кофӣ ба роҳ монда нашудааст.

Дар системаи таҳсилоти олӣ 33 муассиса фаъолият менамоянд. Дар солҳои охир қабул ба ихтисосҳои иқтисодӣ, иттилоотию ҳисоббарорӣ ва сохтмонӣ нисбатан бештар афзуда истодаст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки қабул ба ихтисосҳои табиию техникӣ зиёд гардида истодааст, аммо начандон зиёд, ки ҳатто афзоиши ночиз ҳамчун зиёдшавии назаррас инъикос мегардад. Зиёда аз нисфи донишҷӯён аз рӯи ихтисосҳои иқтисодию идоракунӣ ва гуманитарию иҷтимоӣ таҳсил мекунанд. Ин ба он вобаста аст, ки дар ҷаҳони муосир аксарияти арзишҳо ҷолибияти худро гум карда истодаанд. Имрӯз бозори меҳнат бо мутахассисони чунин ихтисосҳо пур гардидааст, ҳол он ки нарасидани мутахассисони ихтисосҳои техникӣ эҳсос мешавад. Вобаста ба ин таҳсилот дорои бартариятҳо мебошад ва одамон худ интихоб менамоянд на фақат барои он ки бозори меҳнат талаботҳои худро мегузорад.

Иқтидори системаи таҳсилот дар сатҳи баланд аз рӯи миқдор ва сифати ҳайати кадрӣ муайян карда мешавад. Проблемаи кадрҳо дар системаи маориф бисёр муҳим будани худро нигоҳ дошта, дар сифати омодасозии мутахассисон ва мутобиқати онҳо ба талаботи бозори меҳнат зоҳир мегардад. Миқдори мактабҳо ва хонандагон зиёд шуда, вале шумораи омӯзгорон бошад кам шуда истодааст. Аммо мушкилот на танҳо дар нарасидани омӯзгорон, балки дар сатҳи нокифояи таҳсилоти онҳо мебошад. Дар системаи таҳсилоти миёнаи умумӣ аз се як ҳиссаи омӯзгорон ва дар деҳот бошад, қариб 37% онҳо таҳсилоти олӣ надоранд. Дар системаи таҳсилоти касбӣ низ проблемаҳо бо нарасидани омӯзгорон вобастаанд.

Вале дар маҷмӯъ, дар сатҳи миллӣ проблемаи муҳим номувозинатии бозори хадамоти таҳсилотӣ ва бозори меҳнат мебошад. Ҳар сол муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбиро зиёда аз 7 ҳазор донишҷӯ, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро қариб 8 ҳазор ва мактабҳои олиро зиёда аз 19 ҳазор нафар донишҷӯён хатм менамоянд. Ҳамин тариқ, ба бозори меҳнат 34 ҳазор мутахассисони ҷавон дар таносуби зерин барои кор меоянд: ба 1 хатмкунандаи ихтисоси корӣ 1,14 хатмкунандаи дорои таҳсилоти миёнаи махсус ва 2,7 хатмкунандаи дорои таҳсилоти олӣ рост меоянд. Ҳамин тавр, дар байни хатмкунандагон 21%-ро коргарон ва 79,4%-и онҳоро муҳандисон, кормандони техникӣ ва хизматчиён ташкил медиҳанд. Вале таносуби ҷойҳои кории холӣ дар бозори меҳнат талаботи зиёд ва тақозои баландро ба ихтисосҳои коргарӣ нишон медиҳад.

**ҶАДВАЛИ 2.5**
**СОХТОРИ МИНТАҚАВИИ ҶОЙҲОИ КОРИ ХОЛӢ ДАР БОЗОРИ МЕҲНАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

| | Сентябри 2007 | | Сентябри 2009 | |
|---|---|---|---|---|
| | ҲАМАГӢ, ҶОЙҲОИ КОРИИ ХОЛӢ, АДАД | ҲИССАИ ҶОЙҲОИ КОРИИ ХОЛӢ ДАР ИХТИСОСҲОИ КОРГАРӢ ДАР МИҚДОРИ УМУМИИ ҶОЙҲОИ КОРИИ ХОЛӢ, % | ҲАМАГӢ, ҶОЙҲОИ КОРИИ ХОЛӢ, АДАД | ҲИССАИ ҶОЙҲОИ КОРИИ ХОЛӢ ДАР ИХТИСОСҲОИ КОРГАРӢ ДАР МИҚДОРИ УМУМИИ ҶОЙҲОИ КОРИИ ХОЛӢ, % |
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | 15496 | 48,2% | 13668 | 43,1% |
| Вилояти Хатлон | 5695 | 42,1% | 3631 | 18,6% |
| Вилояти Суғд | 4174 | 65,1% | 3640 | 71,3% |
| ш. Душанбе | 2507 | 63% | 2289 | 35,9% |
| НТҶ | 2706 | 28,5% | 3270 | 44,6% |
| ВМКБ | 414 | 0,9% | 838 | 41% |

Зимнан, ба ҳисоб гирифтани талабот ба мутахассисон бо дарназардошти ҳолат ва дурнамои рушди иқтисодиёти минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ муҳим мебошад. Махсусан минтақаҳои деҳот нарасидани мутахассисонро эҳсос мекунанд ва бинобар ин коркарди механизми омодасозии мақсадноки мутахассисон чи бо таҳсилоти олӣ ва чи бо ихтисосҳои коргарӣ зарур аст.

Расман таълим дар муассисаҳои таҳсилоти касбии тамоми сатҳҳо (аз ҷумла таҳсилоти ибтидоии касбӣ) мустақиман баромадани хатмкунандагонро ба бозори меҳнат баъд аз хатм пешбинӣ мекунад, бо вуҷуди ин воқеан аксари онҳо маҷбуранд, ки баъдтар «то охир хонанд» ё «аз сари нав хонанд», ки оид ба сифати нокифоя ва самти мақсадноки таҳсилот дар кишвар шаҳодат медиҳад.

## САТҲИ БАДАСТОМАДАИ ТАҲСИЛОТ ВА ШУҒЛ

Таҳқиқи қувваи корӣ (ТҚК)-и соли 2004 нишон дод, ки аксарияти аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол ва ба кор машғулбуда таҳсилоти миёнаи умумӣ дорад, ки аз нокифоя будани дархостҳо ба таҳсилоти касбӣ гувоҳӣ медиҳад.

Агар маълумотро аз рӯи ТҚК-2004 бо маводи барӯйхатгири аҳолии соли 2000 муқоиса намоем, пас нишондиҳандаҳо хеле наздик мебошанд ва имкон медиҳад чунин қайд намуд, ки таҳқиқи қувваи корӣ пурра таассуроти муносибро дар бораи сохтори иқтидори таҳсилотӣ дар иқтисодиёти миллӣ медиҳад.

**ДИАГРАММАИ 2.11**
**САТҲИ ТАҲСИЛОТИИ АҲОЛИИ АЗ ҶИҲАТИ ИҚТИСОДӢ ФАЪОЛ ВА БА КОР МАШҒУЛБУДАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**




Дар соли 2004 беш аз чор як ҳиссаи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол таҳсилоти олӣ (пурра ва нопурра), ё таҳсилоти миёнаи махсус ва таҳсилоти ибтидоии касбӣ доштанд. Вале, аз рӯи минтақаҳо вазъ каме дигар аст: сатҳи нисбатан баланди таҳсилотро аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол дар шаҳри Душанбе дорад ва сатҳи нисбатан пасти таҳсилот бошад дар НТҶ мушоҳида мешавад.

**ҶАДВАЛИ 2.6**
**САТҲИ ТАҲСИЛОТИ АҲОЛИИ АЗ ҶИҲАТИ ИҚТИСОДӢ ФАЪОЛИ МИНТАҚАҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

| | ҶТ | ш.Душанбе | Вилояти Суғд | Вилояти Хатлон | НТҶ | ВМКБ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Таҳсилоти олӣ ва олии нопурра | 12,1% | 36,5% | 12,3% | 9,2% | 7,6% | 13,7% |
| Таҳсилоти миёнаи махсус | 8,0% | 9,8% | 8,0% | 7,8% | 6,9% | 11,4% |
| Таҳсилотимиёнаи умумӣ | 50,4% | 35,4% | 61,5% | 43,1% | 50,0% | 57,5% |
| Таҳсилоти миёнаи нопурра | 16,9% | 4,8% | 9,0% | 24,7% | 21,7% | 9,8% |
| Таҳсилоти ибтидоии умумӣ | 4,3% | 2,9% | 2,5% | 6,0% | 5,6% | 1,1% |

Барои аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъоли шаҳри Душанбе муассисаҳои таҳсилоти касбӣ аз нигоҳи ба нақлиёт таъмин будан баланд аст ва ин яке аз омилҳое мебошад, ки ба саъю кӯшиш намудан барои гирифтани таҳсилоти касбӣ метавонад мусоидат намояд. Ин ҳолат инчунин дар асоси муқоисаи сатҳи таҳсилотии аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъоли шаҳрӣ ва деҳот исбот мегардад.

Доштани таҳсилоти миёна аз тарафи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъоли деҳот барои гузариш ба сатҳи нисбатан баланди таҳсилот мусоидат мекунад. Имрӯз тақозо ба қувваи кории касбӣ дар бозори меҳнати ҷумҳурӣ зиёд шуда истодааст, ки тайёр кардани мутахассисони дорои таҳсилоти миёнаи махсусро, бахусус дар минтақаҳои деҳот тақозо менамояд. Вобаста ба ин вазифаи асосӣ барқарорсозии фаъолияти омӯзишгоҳҳои касбии техникӣ дар кишвар махсуб меёбад.

Тафовути ҷиддӣ дар сохтори гендерӣ ва синнусолӣ дар байни аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъоли кишвар боқӣ мемонад. Масалан, дар байни занони синни қобили меҳнат танҳо 31,1 % аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол махсуб меёбанд, ҳол он ки дар байни мардон ин нишондиҳанда ба 58,1% мерасад.

**ДИАГРАММАИ 2.12**
**ТАҚСИМОТИ АҲОЛИИ АЗ ҶИҲАТИ ИҚТИСОДИ ФАЪОЛ АЗ РӮИ САТҲИ ТАҲСИЛОТ[29]**




**ДИАГРАММАИ 2.13**
**ВАЗНИ ХОСИ АҲОЛИИ АЗ ҶИҲАТИ ИҚТИСОДИЙ ФАЪОЛ ДАР ШУМОРАИ УМУМИИ АҲОЛИИ ҚОБИЛИ МЕҲНАТ ДАР СОЛИ 2007[30]**



Фаъолнокии максималии иқтисодӣ дар байни мардон дар синни 35-54-солагӣ ба мушоҳида мерасад. Дар ин гурӯҳи синнусолӣ ҳар як нафари чорум аз панҷ мард аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол мебошад. Дар байни занон фаъолнокии максималӣ дар фосилаи синни 35-44-сола ба назар мерасад, ки дар он қариб ҳар зани дуюм аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол аст.

Бояд тазаккур дод, ки дар байни занон нишондиҳандаҳои фаъолнокии иқтисодӣ назар ба мардон дар сатҳи нисбатан паст қарор дорад. Тафовути гендерӣ бе истисно дар тамоми зинаҳои ҷадвали таҳсилотӣ ба қайд гирифта мешавад. Ин аз вуҷуд доштани проблемаҳо вобаста ба таҳсилоти занон, дастрасии занон ба таҳсилоти касбӣ шаҳодат медиҳад. Агар дар давраи барӯйхатгирии соли 2000 ва то ТҚК-2004 ҳиссаи шахсони дорои таҳсилоти олӣ дар байни занони аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол афзуда бошад, пас аз рӯи бузургиҳои мутлақ пастшавии ба қайд гирифта мешавад.

Вобаста ба ин, дар сиёсати иҷтимоии давлат афзалиятҳои махсус бояд ба таъмин намудани шароит барои ҷалби занон ба бозори меҳнат алоқаманд бошад.

## ДИАГРАММАИ 2.15
## ЗАНОНИ АЗ ҶИҲАТИ ИҚТИСОДӢ ФАЪОЛ АЗ РӮИ САТҲИ ТАҲСИЛОТ




## ДИАГРАММАИ 2.14
## МАРДОНИ АЗ ҶИҲАТИ ИҚТИСОДӢ ФАЪОЛ АЗ РӮИ САТҲИ ТАҲСИЛОТ




## ДИАГРАММАИ 2.16
## ТАҚСИМОТИ АҲОЛИИ АЗ ҶИҲАТИ ИҚТИСОДӢ ФАЪОЛ АЗ РӮИ САТҲҲОИ ТАҲСИЛОТ (ВАЗЪИ ГЕНДЕРӢ), БО %



Сатҳи баланди таҳсилоти аҳолии дар иқтисодиёт бо кортаъминбуда заминаи муҳими рушди иқтидори инсонӣ маҳсуб меёбад.

Агар масъалаи вобастагии чунин нишондиҳандаи асосии бозори меҳнат, ба монанди шумораи машғулбудаи аҳолиро аз сатҳи таҳсилот баррасӣ намоем, пас ҳолати зайл ба назар мерасад: дар шаҳри Душанбе, аҳолии бо кортаъминбуда мақоми нисбатан баланди таҳсилотиро доро буда, дар минтақаҳо бошад, қисми зиёди аҳолии бо кортаъминбуда таҳсилоти миёнаи умумӣ дорад.

Дар байни мардони ба кор машғулбуда, сатҳи таҳсилотӣ аз рӯи таҳсилоти олӣ 10% ва аз рӯи таҳсилоти миёнаи касбӣ 12,3% нисбат ба занон зиёд аст, Зимнан дар деҳот ин фарқият чандон баръало эҳсос намегардад, чунки худи ҳиссаи бо кортаъминбудагони дорои таҳсилоти касбӣ дар деҳот нисбат ба шаҳр камтар аст.

### ДИАГРАММАИ 2.17
### АҲОЛИИ БО КОРТАЪМИНБУДА АЗ РӮИ САТҲҲОИ ТАҲСИЛОТ ДАР ДЕҲОТИ ҶУМҲУРӢ




### ҶАДВАЛИ 2.7
### САТҲИ ТАҲСИЛОТИ АҲОЛИИ БО КОРТАЪМИНБУДА ДАР МИНТАҚАҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

| | ҶТ | Душанбе | Вилояти Суғд | Вилояти Хатлон | НТҶ | ВМКБ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Таҳсилоти олӣ ва олии нопурра | 12,0% | 43,0% | 13,0% | 9,0% | 8,0% | 13,0% |
| Таҳсилоти миёнаи махсус | 8,0% | 10,0% | 8,0% | 8,0% | 7,0% | 11,0% |
| Таҳсилоти миёнаи умумӣ | 51,0% | 33,0% | 61,0% | 43,0% | 50,0% | 58,0% |
| Таҳсилоти миёнаи нопурра | 17,0% | 3,0% | 9,0% | 25,0% | 21,0% | 11,0% |
| Таҳсилоти ибтидоии умумӣ | 4,0% | 1,0% | 3,0% | 6,0% | 6,0% | 1,0% |

Шуғл дар кишоварзӣ дар байни соҳаҳои истеҳсолӣ нисбатан баланд аст. Маҳз дар ҳамин соҳа қисми зиёди бо кортаъминбудагон таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ҳиссаи камтаринро шахсони таҳсилоти касбӣ дошта ташкил мекунанд. Аммо, маҳз аз маҳсулнокии меҳнат дар ин соҳа, асосан ҳалли проблемаҳои озуқаворӣ ва ба вуҷуд овардани замина барои истеҳсолоти коркарди маҳсулот вобаста аст.

Аз рӯи маълумоти Таҳқиқи қувваи корӣ 2004 дар байни соҳаҳои риштаи ғайриистеҳсолӣ сатҳи нисбатан баланди таҳсилот дар соҳаҳои маориф, молия ва қарз ва суғурта ба қайд гирифта шуд. Вале барои ба сатҳи сифатан нав баромадани иқтисодиёт заминаи мувофиқи касбии шахсони дар соҳаҳои ғайриистеҳсолӣ ва иҷтимоӣ фаъолиятдошта зарур аст.

Ҳамин тариқ, вазифаи системаи таҳсилоти касбӣ таъсиси системаи чандирии тайёр кардани кадрҳо бо дарназардошти хусусияти ҷойгиркунӣ ва суръати зарурии пешбиникардашудаи рушди бахшҳои афзалиятноки иқтисодиёти ҷумҳурӣ мебошад.

**ДИАГРАММАИ 2.18**
**АҲОЛИИ ДАР СОҲАИ ИСТЕҲСОЛИИ ИҚТИСОДИЁТ МАШҒУЛБУДА АЗ РӮИ САТҲИ ТАҲСИЛОТ, %**




**ДИАГРАММАИ 2.19**
**АҲОЛИИ ДАР СОҲАИ ҒАЙРИИСТЕҲСОЛӢ МАШҒУЛБУДА АЗ РӮИ САТҲИ ТАҲСИЛОТ, %**




Тарбия ва истифодаи оқилонаи қувваи кории баландихтисос дар сиёсати давлатии таҳсилот ҷойи махсусро ишғол менамояд. Ин ба тағйироти куллӣ, ки дар сохтор ва сифати умумии қувваи корӣ ба амал меоянд, вобаста аст. Тамоюли дар солҳои охир пешбинишаванда, мавриди нигаронии ҷиддӣ мебошанд. Аввало, азкоррави қувваи кории баландихтисос аз соҳаҳои бевоситаи истеҳсолот ба соҳаҳои ғайриистеҳсолӣ рух дода истодааст. Сониян, раванди бемайлони пиршавии кормандони кадрӣ ҷараён дорад. Қисми зиёди ҷавонон ба соҳаи хизматрасонӣ ва тиҷорат ба кор рафтанро афзал мешуморанд. Нуфузи ихтисосҳои муҳандисию техникӣ паст гардида истодааст. Сеюм, бинобар афзоиши бекорӣ ва фарқияти калон дар музди меҳнат дар дохили кишвар ва берун аз он, ба хориҷи кишвар рафтани қувваи кории ҳам баландихтисос ва ҳам бе ихтисос рӯй дода истодааст. Барномаи мақсаднок ва сиёсати воқеии ташаккулдиҳии омоданамоии оқилонаи қувваи кории ҷавони баландихтисос вуҷуд надорад, ки ҳоло зоҳир гардида истодааст ва баъд аз даҳсолаҳо ба иқтисодиёт таъсири худро мерасонад.

# ДАР ҶУСТУҶӮИ ТАҲСИЛОТ

***Муҳоҷирати таҳсилотӣ***

Муассисаҳои таълимие, ки гирифтани таҳсилоти махсус ва олиро таъмин мекунанд, бештар дар шаҳрҳои ҷумҳурӣ ҷойгир шудаанд ва ин омили муҳоҷирати ҷавонон мебошад.

**ДИАГРАММАИ 2.20**
**МУҲОҶИРАТИ ТАҲСИЛОТӢ АЗ ДЕҲОТ БА ШАҲРҲОИ ҶУМҲУРӢ, ҲАЗОР НАФАР**




Марказҳои ҷалби онҳо шаҳрҳои калони ҷумҳурӣ - Душанбе, Хуҷанд, Қӯрғонтеппа ва Кӯлоб мебошанд.

***Квотаҳои Президентӣ барои таҳсил дар мактабҳои олии ҷумҳурӣ***

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола ҳазорҳо довталабон аз ноҳияҳои дурдасти ҷумҳурӣ аз рӯи квотаи Президентӣ донишҷӯ мегарданд. Ин ҷавонон аз имтиҳоноти дохилшавӣ озод карда шуда, танҳо тавассути сӯҳбат аз озмун мегузаранд. Давлат таҳсили онҳоро маблағгузорӣ менамояд. Пас аз хатми таҳсил онҳо бояд ҳамчун мутахассис ба диёри худ баргарданд. Бо ҳар як довталабе, ки дар асоси имтиёзнок дохил мешавад, шартномаи сетарафа баста мешавад. Агар донишҷӯ пас аз хатми таҳсил ба ҷойи истиқоматаш барнагардад ва аз рӯи ихтисоси худ кор накунад, ӯ вазифадор аст, ки ба буҷети кишвар он маблағеро, ки барои таҳсили ӯ харҷ гардидааст, баргардонад.

Довталабоне, ки тибқи квотаи Президентӣ ба мактабҳои олӣ дохил мешаванд, чун қоида, он ихтисосҳоеро интихоб менамоянд, ки дар ноҳияҳояшон ба он талабот мавҷуд аст. Ин Барномаи президентӣ бояд ба тарбияи мутахассисон барои кор дар ноҳияҳои дурдаст мусоидат намояд.

Вале, сарфи назар, аз тамоми имтиёзҳо, чи хеле ки маълумотҳои оморӣ гувоҳӣ медиҳанд, «квотадорон» барои баргаштан ба диёри худ ва аз рӯи ихтисос кор кардан шитоб надоранд, аз ин рӯ проблемаи нарасидани мутахассисон мисли пештар боқи мемонад. Аз рӯи маълумотҳои оморӣ фақат дар деҳот зиёда аз 6 ҳазор омӯзгор намерасад.

***Муҳоҷират бо мақсади такмили ихтисос***

Муҳоҷирати назаррас аз рӯи ҳаҷм барои ҷустуҷӯи таҳсилот ба такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ, кормандони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ алоқаманд аст. Ин гурӯҳи муттахассисон дар ҳар се сол як маротиба аз курсҳои такмили ихтисос мегузаранд. Барои ин раванди таълим дар доираи Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (ДТИХД) ташкил карда шуд. Дар давоми солҳои 2004-2008 дар ДТИХД 5758 нафар, аз ҷумла 1847 нафар дар курсҳои бевосита дар Донишкада, 1747 нафар дар курсҳои сайёр ва 2164 нафар дар семинарҳо ва треннингҳо дар доираи лоиҳаҳои амалишуда таҳсил намудаанд.

Кормандони зерсохторҳои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳар ду сол як маротиба дар Маркази таълимии вазорат, ки дар шаҳри Душанбе ҷойгир аст, аз курсҳои такмили ихтисос мегузаранд. Ҳамагӣ дар давраи солҳои 2008-2009 курсҳои такмили ихтисоси Маркази таълимии вазоратро 225 нафар хатм кардаанд.

Омӯзгорони системаи таҳсилоти миёнаи умумии минтақаҳои ҷумҳурӣ дар ҳар 5 сол як маротиба дар курсҳои Донишкадаи такмили ихтисоси назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил менамоянд.

Системаи такмили ихтисоси омӯзгорони дорои таҳсилоти олии касбӣ дар ҷумҳурӣ амалан вуҷуд надорад, ки ин аз бисёр ҷиҳат ба таназзули сатҳи пасти мавҷудаи сифати таълим дар мактабҳои олии кишвар оварда мерасонад.

Муҳоҷират бо мақсади такмили ихтисос ба баландшавии сифати қарорҳои қабулшавандаи идоракунӣ дар минтақаҳои кишвар бояд мусоидат намояд. Аммо, сабақи бӯҳрони молиявии ҷаҳонӣ омода набудани намояндагони системаи идораи давлатиро ҷиҳати андешидани тадбирҳои пешгирикунанда, бахусус дар соҳаи дурнамои рушди иқтисодиёти миллӣ, таҳияи механизмҳои идоракунии зиддибӯҳронӣ дар сатҳи соҳаҳо, минтақаҳои ҷумҳурӣ ва системаи таҳсилот нишон дод.

# 2.2. САТҲҲО ВА ХУСУСИЯТИ ШУҒЛ

## ШУҒЛИ РАСМӢ

***Проблемаи ҷойҳои корӣ***

Дар раванди гузариш ба муносибатҳои бозорӣ имконияти аз як ҷониб интихоб кардани на танҳо ҷойи мушаххаси истифодаи меҳнат, балки тарзи аз ҷониби корманд истифода бурдани қобилияти худ барои меҳнат, яъне кор дар корхонаҳои давлатӣ, фаъолияти инфиродии меҳнатӣ, машғул будан ба соҳибкории хурд, шуғл дар сифати корманди кироя дар бахши ғайридавлатӣ пайдо мешавад, аз ҷониби дигар бошад мунтазам озод шудани қувваи корӣ ва баландшавии талабот нисбати корманд пайдо кардани ҷойи кориро душор мегардонанд.

Вобаста ба ин ва инчунин дар натиҷаи таъсири оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар тамоми қаламрави Тоҷикистон, аз ҷумла дар минтақаҳои ҷудогона, ҳолати ноборобарӣ дар шуғл  зиёд гардид, ки бо ду гурӯҳи омилҳои зерин вобаста буданд.

**Гурӯҳи якум** - аз ҷониби қувваи корӣ:

- миқдори зиёди  хатмкунандагони мактабҳои таҳсилоти миёна малака ва донишҳои заруриро намегиранд;
- барномаҳои таълимӣ дар соҳаи таҳсилоти миёна ва олӣ ба талаботи иқтисодӣ ва иҷтимоии рушди иқтисодии ҷумҳурӣ мутобиқат намекунанд;
- дар бисёр соҳаҳои иқтисодиёт барои кормандони дорои малакаҳои махсуси касбӣ зарурати шадид ба миён меояд.

Гурӯҳи дуюм – тавсифи техникии ҷойҳои кории мавҷуда ва нав таъсис додашаванда, ки мутахассиси касб ва тахассуси мушаххасро бо малакаҳои муайян (касбию техникӣ, миёнаи махсус ё тахассуси баланд)  тақозо мекунад, ки маҳз ба ин ҷойи корӣ мутобиқат намояд.

Вазъи пуршиддати дар бозорҳои минтақавии меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал омада, аз хусуси мавҷуд набудани номувозинатии қатъӣ шаҳодат медиҳад, ки бинобар сабаби баланд гардидани сатҳи арзаи қувваи корӣ ва амалан имконияти бо кор таъминшавӣ надоштани аҳолии бешуғл шаҳодат медиҳад. Ҳамзамон, ҳолатҳои мавҷудаи номувозинатӣ дар заминаи худ истифодаи нокифояи самараноки фондҳои асосии истеҳсолӣ, инчунин нокифоя асоснокнамоии танзим ва идоракунӣ дар сатҳҳои гуногуни истеҳсолӣ ва территориявиро метавонанд дошта бошанд. Таҳлил нишон медиҳад, ки имрӯз тақозои корхонаҳо ба қувваи корӣ зимни афзоиши арзаи он дар бозори қувваи корӣ кам гардида истодааст.

<u>Таҷдиди ҷойҳои корӣ.</u> Муҳим будани проблемаи мазкур тавассути як қатор омилҳои зерин муайян карда мешавад. Аввалан, дар солҳои оянда, шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол аз ҳисоби афзоиши шахсони синни қобили меҳнат хеле зиёд мегардад. Барои роҳ надодани авҷи якбораи бекорӣ дар байни ҷавонон, барои тамоми шахсони ба синни қобили меҳнат расида, таъсис додани ҷойҳои кори иловагӣ зарур аст. Сониян, дар натиҷаи ниҳоят паст будани фаъолнокии сармоягузории корхонаҳо дар муддати 10 соли охир дастгоҳҳои аксарияти соҳаҳо хеле фарсуда шудаанд ва дар якчанд соли наздик бо шиддат корношоям шуда, боиси ихтисоршавии ҷойҳои корӣ мегарданд. Вобаста ба ин, дар давоми панҷ –ҳафт сол, моҳиятан дар асоси заминаи нав азнавтаъсисдодани системаи

**ҶАДВАЛИ  2.8**
**ВАЗЪИ МИНТАҚАВИИ САТҲИ ТАҲСИЛОТИ АҲОЛИИ БА КОРТАЪМИНБУДАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, %**

| | Ҷумҳурии Тоҷикистон | Душанбе | Вилояти Суғд | Вилояти Хатлон | НТҶ | ВМКБ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| таҳсилоти олӣ | 12,4% | 42,6% | 12,6% | 9,3% | 8,0% | 13,4% |
| таҳсилоти миёнаи махсус | 15,4% | 20,4% | 14,1% | 16,0% | 14,7% | 16,8% |
| таҳсилоти миёнаи умумӣ | 50,5% | 32,9% | 61,3% | 43,2% | 50,3% | 57,5% |
| таҳсилоти аз миёна поёнтар | 21,7% | 4,1% | 12,0% | 31,5% | 27,0% | 12,3% |

амалкунандаи чойҳои кории дар тамоми соҳаҳои саноат зарур аст, ки ҷалби захираҳои зиёди молиявӣ ва моддиро талаб менамояд.

Азнавтаъсисдиҳии системаи амалкунандаи ҷойҳои кории пеш аз ҳама барои соҳибкории калон ва миёна дар соҳаҳо ва истеҳсолоти муқаррарӣ муҳим аст, ки дар он қисми зиёди онҳо фаъолият мекунанд, азнавсозиҳоро тақозо менамоянд. Дар шароити дар ду соли охир оғоз гардидани рушди фаъолнокии сармоягузорӣ заминаҳое мавҷуданд, ки зимни дастгирии ҳаматарафаи давлат соҳибкории калон ва қисман миёна, метавонанд масъалаи аз нав таъсис додани ҷойҳои кориро ҳал намоянд.

Агар сухан дар бораи таъсиси ҷойҳои кории иловагӣ равад, пас бо дарназардошти тамоюли тӯлонӣ доштани кам гардидани шуғлнокӣ дар корхонаҳои калон ва миёна, амалисозии ин вазифа асосан ба соҳибкории хурд ва миёна гузошта мешавад.

Дар маҷмӯъ, сатҳ ва ҷараёни инкишофи соҳибкории хурд дар кишвар сабаб шуда наметавонанд, ки ба кӯмаки вай дар ҳалли масъалаҳои шуғл умед бандем. Аз ин рӯ, дастгирӣ ва ҳавсмандгардонии давлатии соҳибкории хурд ва миёна дар таъсиси ҷойҳои корӣ, дар заминаи аниқ муайян кардани афзалиятҳои соҳавӣ, бағоят муҳим аст.

Ҳатто агар аз маҷмӯи проблемаҳои шуғл танҳо масъалаи таъсиси ҷойҳои кории иловагиро барои шахсони ба синни қобили меҳнат расида ҷудо намоем, пас ҳалли он низ хеле мушкил ҳаст. Пастравии истеҳсолот ва кам шудани ҷойҳои корӣ барои озодшавии қувваи корӣ аз корхонаҳо ва паст гардидани талабот ба қувваи кории иловагӣ оварданд.

Имрӯз дар ҷумҳурӣ ҳар сол тақрибан 100 – 150 ҳазор ҷойҳои нави корӣ таъсис додан (ба шарти нигоҳдорӣ ва такмили ҷойҳои кории мавҷуда) зарур аст. Ҳамзамон, талаботи дархосткардашуда ба кормандон тақрибан 10-15%-и сатҳи заруриро ташкил медиҳад.

Ҳамин тариқ, сиёсати макроиқтисодӣ ва ислоҳоти сохторҳои бозори меҳнат бояд маҷмӯи омилҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва психологиро, ки ба шуғл бевосита таъсир мерасонанд, фаро мегирад.

***Пардохти музди меҳнат ва даромад***

Самти асосии шуғли аҳолӣ музди меҳнат ба ҳисоб меравад. Сатҳи дар Тоҷикистон бавуҷудомадаи музди меҳнат сабаб ва натиҷаи пастшавии сифати қувваи корӣ маҳсуб меёбад. Ҳиссаи фонди музди меҳнат дар ММД аз 58,2% дар соли 1991 до 2,9% дар соли 2002 паст гардид. Дар солҳои охир тамоюли афзоиши ҳиссаи музди меҳнат дар ММД ба миён омад ва дар соли 2007 ба 10,9% расид,[31] бо вуҷуди ин арзиши меҳнат дар маҷмӯъ дар кишвар ҳанӯз дар сатҳи паст боқӣ мемонад.

Сарфи назар аз афзоиши ҳарсолаи музди меҳнати номиналӣ, афзоиши воқеии музди меҳнат бинобар сабаби афзоиши баланди нархҳои истеъмолӣ, чандон зиёд нест. Ҳамин тавр, шохиси музди меҳнати номиналӣ дар давраи аз соли 2001 то 2008 ба андозаи 7,1 маротиба зиёд шуд, зимнан, шохиси музди меҳнати воқеӣ 3,2 маротиба афзуд, дар ҳолате, ки нархҳои истеъмолӣ 1,1 маротиба баланд шуданд. Музди меҳнати миёна соли 2008 дар кишвар 67,5 доллари ИМА-ро ташкил дод.[32]

Маоши ҳадди ақал дар як моҳ дар хоҷагии қишлоқ (71 сомони) боқӣ мемонад, ки дар он ҷо нисфи кормандони кироя кор мекунанд, маоши баландтарин (максималӣ) дар соҳаҳои алоқа (849 сомони) ва қарздиҳӣ (1068

**Имрӯз танзими мувозинат тавассути системаи бо кор таъминкунӣ, инҳоро дар бар мегирад:**

- Марказҳои шуғли тамоми сатҳҳо (бо мавҷуд будани махзани маълумот дар бораи ҷойҳои корӣ дар онҳо);
- Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008 – 2009 (Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2007 №632 тасдиқ гардидааст);
- Консепсияи таъсис ва нигоҳдории ҷойҳои корӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015 (Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2008 №74 тасдиқ гардидааст);
- Консепсияи давлатии ислоҳоти соҳаи таҳсилот ва таълими ибтидоии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон - (Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2004 №387 тасдиқ гардидааст);
- Барномаҳои мақсадноки корхонаҳо, ки бозомӯзии кадрҳоро пешбинӣ менамояд.

сомони) мебошад, ки ҳамагӣ 0,8 ва 1,2%-и кормандони кирояро фаро мегиранд.

Арзиши воқеии ҳадди ақали сабади истеъмолӣ дар Тоҷикистон дар охири соли 2007 зиёда аз 300 сомониро ба як нафар аъзои калонсоли оила (ҳисоб аз рӯи усули нормативӣ) ташкил кард. Музди миёнаи 82,2% кормандони кироя бошад на бештар аз 300 сомониро ташкил дода, ҳатто арзиши ҳадди ақали сабади истеъмолии кормандро, бе дарназардошти аъзои бекори оилаи вай пӯшонида наметавонад.

Сатҳи музди меҳнати занон аз ҳамин нишондиҳандаи мардон қариб ду маротиба пасттар мебошад. Дар солҳои охир тамоюли камшавии начандон зиёди фарқияти гендерӣ дар музди меҳнат ба назар расид. Ҳамин тавр, сатҳи музди меҳнати занон нисбат ба музди меҳнати мардон дар давраи панҷсола аз соли 2001 то 2008 аз 52,5% то 61,3% афзуд.

Тафриқаи зиёд дар нишондиҳандаҳои музди якмоҳаи меҳнат ба ҳисоби миёна дар минтақаҳо вуҷуд дорад. Ҳамин тариқ, дар шаҳри Душанбе музди якмоҳаи меҳнат ба ҳисоби миёна дар соли 2008 аз ҳамин нишондиҳанда беш аз 2 маротиба зиёд мебошад, дар ҳоле ки дар ВМКБ ва вилояти Хатлон қариб 40 % аҳолии Тоҷикистон зиндагӣ мекунанд, музди якмоҳаи меҳнат бо ҳисоби миёна ҳамагӣ ба андозаи аз се ду ҳисса аз ҳамин нишондиҳанда ба ҳисоби миёна дар кишвар қарор дорад.

Давлат оид ба давра ба давра зиёд намудани музди меҳнати ҳадди ақал тадбирҳо меандешад, вале андозаи он наметавонад ҳатто арзиши ҳадди ақали сабади истеъмолиро пӯшонад. Ҳамин тавр, музди меҳнати ҳадди ақал 60 сомонӣ, ки дар моҳи июли соли 2008 муқаррар гардидааст, аз арзиши ҳадди ақали сабади истеъмолии аз рӯи усули нормативӣ ҳисоб карда шуда, панҷ маротиба камтар мебошад.

Дар моҳи июни соли 2009 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳадди ақали зиндагӣ» қабул карда шуд,[33] ки андозаи ҳадди ақали зистро барои муайян намудани ҳаҷми ҳадди ақали музди меҳнат ва дигар пардохтҳо муқаррар менамояд. Аммо қонун давраҳои мушаххаси ҳисоб кардани андозаи ҳадди ақали зистро барои мутобиқсозии пардохтҳои гуногун муқаррар накардааст. Чунончӣ, мувофиқи моддаи 7 қонун «андозаи ҳадди ақали зиндагӣ, қоидаҳои муқарраркунӣ ва даврияти дида баромадани онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд», дар моддаи 8 бошад, зикр мешавад, ки «ҳадди ақали кафолатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳила ба марҳила то андозаи ҳадди ақали зиндагӣ бо назардошти вазъи иқтисодии ҷумҳурӣ баланд бардошта мешавад». Чунин тасвиятҳо дар қонун проблемаи номутобиқатии музди меҳнат ва кафолатҳои иҷтимоиро ба ҳадди ақали зист бе ҳалли лозимӣ дар мӯҳлати номуайян метавонанд нигоҳ доранд.

Лекин аз шумораи умумии аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол танҳо 47% бо музди кироя кор мекунанд, шахсони боқимонда дар шароити худиштиғолӣ, бо ҳуқуқи соҳибкорони инфиродӣ ё фермерҳо, ё бидуни бақайдгирии шахси ҳуқуқӣ, яъне дар бахши ғайрирасмӣ кор мекунанд. Даромади ин гурӯҳи машғулбудагон

**ҶАДВАЛИ 2.9**
**МУЗДИ МИЁНАИ ЯКМОҲАИ ҲИСОБКАРДАШУДАИ КОРМАНДОНИ КИРОЯ ДАР МИНТАҚАҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛИ 2008**

| Минтақаҳо | Музди миёнаи меҳнати ҳисобкардашуда, ба сомони | Таносуб нисбат ба сатҳи умумиҷумҳуриявӣ, % |
|---|---|---|
| Ҳамагӣ дар ҶТ | 231,5 | 100,0 |
| ВМКБ | 167,7 | 72,4 |
| Вилояти Суғд | 167,1 | 72,2 |
| Вилояти Хатлон | 152,3 | 65,8 |
| ш.Душанбе | 490,2 | 211,7 |
| Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ | 224,1 | 96,8 |

маълум нест, зеро ки соҳибкорони инфиродӣ ва фермерҳо ҳар моҳ маблағи муқарраршударо барои патент пардохт менамоянд, даромади дар бахши ғайрирасмӣ машғулбудагон бошад, танҳо дар ҷараёни таҳқиқҳои интихобии хонавода метавонанд арзёбӣ гарданд.

Дар шароити барзиёдии қувваи корӣ сиёсати давлатии андоз ба рушди корхонаҳои меҳнатталаб монеъ мегардад. Корфармо андозро дар ҳаҷми 25% аз фонди музди меҳнати ҳисобкардашуда пардохт менамояд. Аз ин рӯ, қувваи корӣ барои корфармо ҳамчун захираи гарон меафтад.

## СОХТОРИ СОҲАВИИ ШУҒЛ

Шуғл аз рӯи соҳаҳои иқтисодиёт дар Тоҷикистон проблемаи муҳим маҳсуб меёбад. Дар кишвар афзоиши барзиёди аграрии аҳолӣ ва ташаккули сохти аграрии шуғл ба назар мерасад, ки ҳосилнокии меҳнатро дар миқёси миллӣ паст мекунад ва ба устувории ақибмондагии саноатии кишвар ва сатҳи пасти зиндагии аҳолӣ меоварад.

Тоҷикистон дорои иқтисодиёти аграрӣ буда, мутаносибан зиёда аз нисфи аҳолии машғулбуда дар соҳаи аграрӣ кор пайдо мекунанд. Ба афзоиши миқдори дар деҳот машғулбудагон рушди хоҷагии шахсии ёрирасон (ХШЁ), хоҷагиҳои деҳқонию фермерӣ (ХДФ), инчунин аз ҷониби давлат ҷудо гардидани 75 ҳазор гектар замин барои инкишофи ин хоҷагиҳо, мусоидат менамояд.

### ДИАГРАММАИ 2.21
### СОХТОРИ ШУҒЛ АЗ РӮИ СОҲАҲОИ ИҚТИСОДИЁТ ДАР СОЛИ 1991




### ДИАГРАММАИ 2.22[34]
### СОХТОРИ ШУҒЛИ АҲОЛӢ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛИ 2008




### ҶАДВАЛИ 2.10
### ТАҚОЗО ВА АРЗАИ ҚУВВАИ КОРӢ ДАР БОЗОРИ МЕҲНАТ (ҲАЗОР НАФАР)[35]

| | 2002 | 2003 | 2004 | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шахсоне, ки ба фаъолияти меҳнатӣ машғул нестанд, кор меҷӯянд, дар хадамоти шуғл ба қайд гирифта шудаанд | 89,8 | 98,3 | 81,0 | 72,4 | 62,5 | 60,5 | 53,3 |
| Аз байни онҳо шахсоне, ки мақоми бекорро гирифтаанд, ҳамагӣ | 46,7 | 42,9 | 38,8 | 43,6 | 46,6 | 51,7 | 43,6 |
| Аз ҷумлаи онҳо: Занон | 25,7 | 23,2 | 21,9 | 23,8 | 25,3 | 28,3 | 23,3 |
| Ҷавонони синни 15-29 сола | 29,2 | 28,8 | 24,9 | 25,5 | 22,7 | 26,9 | 23,1 |
| Талаботи аз ҷониби корхонаҳо дархостшуда барои кормандон | 10,7 | 16,3 | 21,8 | 15,7 | 16,3 | 15,5 | 14,0 |

Дуюм бахши муҳим дар соҳаи шуғл соҳаи хизматрасонӣ мебошад. Соҳаи истеҳсолӣ аз ҷиҳати таъмини шуғл нақши муҳим намебозад.

Таъмини шуғли захираҳои меҳнатӣ на танҳо вазифаи иқтисодӣ, балки вазифаи иҷтимоӣ низ маҳсуб меёбад, ки ба мувозинатгардонии максималии тақозо ва арза дар бозори меҳнат хизмат мекунад.

Таносуби тақозо ва арзаи мутахассисон зери таъсири омилҳои гуногун қарор дорад, ки ба тағйирбии зиёди тақозо ва арза меоваранд.

## ТАҚОЗО ВА АРЗАИ МУТАХАССИСОН ДАР СОҲАҲОИ ГУНОГУНИ ИҚТИСОДИЁТ

**Кишоварзӣ** – соҳаи асосии шуғли аҳолии ҷумҳурӣ мебошад, ки дар он ноустуворӣ байни тақозо ва арза дар солҳои алоҳида зиёданд.

**Баъзе соҳаҳои доираи истеҳсолот.**
Ҷараёни инкишофи таносуби талабот ва омодасозии мутахассисон нишон медиҳад, ки системаи маориф тақозоро ба кормандони соҳаи саноати иқтисодиёт қонеъ намегардонад.

**Маориф** – яке аз соҳаҳои асосие мебошад, ки иқтидори таҳсилотии захираҳои меҳнатии ҷумҳуриро ташаккул медиҳад.

### ДИАГРАММАИ 2.23
### ТАЛАБОТ ВА ПЕШНИҲОД БА МУТАХАССИСОН (КИШОВАРЗӢ)




### ДИАГРАММАИ 2.24
### ТАҚОЗО ВА АРЗА АЗ РӮИ БАЪЗЕ СОҲАҲОИ ИСТЕҲСОЛОТИ МОДДӢ




### ДИАГРАММАИ 2.25
### ТАҚОЗО ВА АРЗА БА МУТАХАССИСОН ДАР СИСТЕМАИ ТАҲСИЛОТ



Сарфи назар аз он ки системаи таҳсилот шумораи зиёди мутахассисони баландихтисосро омода месозад, дар бозори воқеии меҳнат ин мутахассисон истифодаи худро намеёбанд, зеро тақозо ба онҳо назар ба арза камтар мебошад. Махсусан системаи тарбияи кадрҳои педагогиро аз ҷониби мактабҳои олии кишвар қайд намудан лозим аст: зимни афзоиши ҳарсолаи омодасозии мутахассисони дорои таҳсилоти педагогӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ омӯзгорон намерасанд, дар натиҷа дар ҷараёни таълим мутахассисони таҳсилоти миёнаи махсус ва миёнаи умумӣ ҷалб карда мешаванд, ки ба сифати таълим таъсир мерасонад.

Барои ҳалли проблемаҳои таносуби муносиби тақозо ва арзаи мутахассисон барои бозори меҳнати ҷумҳурӣ, тағйир додани самти сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф, ҷиҳати омодасозии мутахассисон барои иқтисодиёти ба донишҳо асосёфта зарур аст.

Имрӯз афзоиши сарборӣ ба табибон ва омӯзгорон ба мушоҳида мерасад, лекин музди меҳнат дар соҳаҳо яке аз муздҳои пасттарин мебошад. Ба замми ин дар ин соҳаҳо аксарияти машғулбудагон занон мебошанд.

Имрӯз дар Тоҷикистон бад шудани сифати шуғли технологӣ мушоҳида мешавад. Ин пеш аз ҳама, дар афзоиши вазни хоси машғулбудагон дар соҳаи кишоварзӣ ва пастшавии ҳиссаи соҳаҳои саноатӣ ифода меёбад. Ба ғайр аз ин дар давраи баъд аз гирифтани истиқлолияти давлатӣ хеле камшавии шуғл дар соҳаҳои бо пешрафти илмию техникӣ алоқаманд ба вуқӯъ омад.

## ТАЪСИРИ ЭКОЛОГИЯ БА ШУҒЛ

Тоҷикистон ҳамчун кишвари кӯҳӣ дорои системаи экологии хеле осебпазир ва нозук мебошад ва вазъи муҳити зисти он омиле маҳсуб меёбад, ки шароитро барои шуғл дар бахши аграрӣ ба вуҷуд меорад. Чунин омилҳо, ба монанди иқлим, миқдор ва сифати об, ҳолати захираҳои замин ва офатҳои табиӣ ба пойдории зироаткорӣ ва бинобар ин ба шуғли устувори кишоварзӣ таъсир мерасонанд.

Дар 55 соли охир майдони ҷангалзорҳо дар Тоҷикистон 5 маротиба кам гардида, феълан зиёда аз 50 000 гектар замини обёришаванда аз истифода бароварда шуд. Дар сурати ба назар гирифтани он ки дараҷаи миёнаи меҳнатталаб будани як гектар аз 5 то 20 нафар мебошад, пас дар ин давра дар майдонҳои мазкур аз 250 ҳазор то як миллион нафар аз ҷойҳои корӣ маҳрум шуданд.

Вайроншавии қабати замин дар Тоҷикистон доимо ҷой дошт. Аммо муҳимияти ин проблема бахусус дар даҳсолаи охир аён гардид. Қисми зиёди киштзорҳои зироатии Тоҷикистон (70%) дар баландии 800-2500 м аз сатҳи баҳр қарор дорад. Заминҳои дар нишебии 10-200 ҷойгиршуда 14,6%-ро аз тамоми масоҳати

**ҶАДВАЛИ 2.11**
**ТАМОЮЛҲО ДАР СОҲАИ МАОРИФ ВА ТАНДУРУСТӢ[36]**

| Солҳо | 1991 | 1998 | 2001 | 2005 | 2006 | 2007 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **МАОРИФ** | | | | | | |
| Шумораи омӯзгорон дар мактабҳои миёна, ҳаз.нафар | 99,1 | 94,9 | 100,2 | 98,9 | 99,9 | 99,4 |
| Вазни хоси занон дар шумораи умумии омӯзгорон, % | 37 | 43 | 46 | 50 | 52 | 53 |
| Музди меҳнат, сомонӣ | 295 | 6,44 | 17,25 | 75,41 | 102,11 | 140,79 |
| Миқдори мактабҳои миёна | 3229 | 3560 | 3695 | 3804 | 3830 | 3810 |
| Шумораи хонандагон дар мактабҳои миёна, ҳаз.нафар | 1325,4 | 1451,3 | 1579,5 | 1682,0 | 1688,4 | 1692,1 |
| Сарбории омӯзгор, миқдори хонандагон ба як омӯзгор | 13,4 | 15,29 | 15,8 | 17,0 | 16,9 | 17,0 |
| **ТАНДУРУСТӢ** | | | | | | |
| Шумораи духтурони дорои тамоми ихтисосҳо, ҳаз. нафар | 14,4 | 12,6 | 17,25 | 13,3 | 13,3 | 13,4 |
| Вазни хоси занони духтур, % | 46 | 37 | 38 | 38 | 39 | 39 |
| Музди меҳнат, сомонӣ | 271 | 3,06 | 8,85 | 40,87 | 56,0 | 77,13 |
| Миқдори муассисаҳои тиббӣ, адад | 2749 | 3091 | 3196 | 3218 | 3223 | 3231 |
| Дараҷаи таъминоти аҳолӣ бо табибон | 25,5 | 20,6 | 21,0 | 19,2 | 18,8 | 18,6 |

ҷумҳурӣ ташкил медиҳанд. Муҳоҷирати бозгашт ба ноҳияҳои кӯҳӣ ва азхудкунии нишебиҳои хамиашон зиёда аз 100 барои рушди фаъоли бодлесии замин мусоидат намудаанд. Дар айни замон, дар кишвар баҳодиҳии ҳамгироии заминҳо, махсусан вақте ин ба чараёни бодлесшавӣ дахл дошта бошад, вуҷуд надорад. Дар асоси таҳқиқотҳои гузаронидашудаи Пажӯҳишгоҳи хокшиносии Академияи кишоварзии Тоҷикистон, заминҳои кишоварзӣ, ки ба биёбоншавӣ дучор шудаанд, соли 1990 3,03 млн. гектарро ташкил дод, дар ҳоле ки заминҳои мавриди бодлесшавӣ қарордошта 2,65 млн. гектарро ташкил додааст. Дар тӯли даҳсолаи охир майдони заминҳои кишоварзӣ, ки ба биёбоншавӣ дучор меоянд, то 4,33 млн. га, ё 1,3 млн. га зиёдтар назар ба соли 1990 расид.

Мувофиқи Ҳисоботи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мубориза бо биёбоншавӣ, чарогоҳҳо 3,52 млн. гектари қаламравро ташкил дода, яке аз муҳимтарин қисматҳои таркибии фаъолияти кишоварзии кишвар маҳсуб меёбад. Чарогоҳҳо мавриди истифодабарии зиёд қарор доранд, ҳол он ки давраи барқарорсозии табиии онҳо аз давраи истифодабариашон тӯлонитар аст. Сарфи назар аз ин ки мутобиқи маълумоти оморӣ аҳолӣ имрӯз шумораи ками чорворо нигоҳубин менамоянд, ин миқдор низ аз сатҳи имконпазири чарогоҳҳои истифодашаванда зиёд аст.

Аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқотҳои дар давраи аз соли 2006 то 2007 дар минтақаҳои кӯҳии ҷумҳурӣ анҷомдода – аҳоли дар ВМКБ ва ноҳияҳои минтақаи Қаротегин, бо мақсади муқаррар намудани ҳаҷми ками пардохтҳо барои истифодаи чарогоҳҳо, дидаю дониста чорвои хонагиро (аз 10 то 50% ва зиёда аз он) кам нишон медиҳад.

Имрӯз 89% чарогоҳҳои тобистона, 97%-и чарогоҳҳои зимистона ва 87%-и чарогоҳҳои баҳорию тирамоҳӣ (аз сатҳи миёна то шадид) ба бодлесшавӣ ё биёбоншавӣ дучор шудаанд, ки дар натиҷаи он дар 20 соли охир ҳосилнокӣ тақрибан 50% паст фаромад. Тақрибан 3 миллион гектар чарогоҳҳо вайрон шуданд. Бинобар сабаби шароити шадиди иқлимӣ, минтақаи Помир нисбатан осебпазир аст, ки 45%-и масоҳати ҷумҳуриро ишғол менамояд. Зиёда аз 95%-и заминҳои кишоварзиро дар Помир чарогоҳҳо (773 ҳазор га) ташкил мекунанд. Мувофиқи Ҳисоботи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мубориза бо биёбоншавӣ, дар натиҷаи чаронидани аз ҳад зиёд дар чарогоҳҳо ва ҷамъоварии буттазорҳо баъзе қитъаҳои майдонҳо то 4300 ҳазор м² қабати хокро дар як сол талаф медиҳанд.

Имрӯз қисми камбизоати аҳолӣ дар аксари ҳолатҳо ғайриихтиёр ба вайрошавии муҳити зист мусоидат мекунанд. Бо сабаби набудани алтернативаи муҳоҷирати табақаи камбизоати аҳолӣ худсарона маскан гирифтани онҳо, дар бисёр ҳолат боиси ифлосшавии захираҳои обӣ ва замин бо ахлотҳои маишӣ ва обҳои корез, буридани бе ин ҳам захираҳои ками ҷангалзорҳо барои сӯзишворӣ, дар натиҷаи бедолу дарахт гардидани нишебиҳои кӯҳҳо, афзоиши селфароӣ ва шустани қабати ҳосилхези замин мегарданд.

Ботлоқшавии замин дар ҷумҳурӣ (бахусус дар вилоятҳои Суғду Хатлон) дар натиҷаи баланд шудани сатҳи обҳои зеризаминӣ, боиси корношоям шудани замин, ва дар маҷмӯъ ба кӯчонидани одамон аз ҷойҳои истиқомати худ ба ноҳияҳои дигар мегардад. Садҳо хоҷагӣ дар маҳалҳои гуногуни аҳолинишини ҷумҳурӣ дар ҳолати обзеркунии доимӣ ва мунтазам қарор доранд.

Яке аз сабабҳои муҳоҷирати аҳолӣ аз деҳот ҳолати ғайриқаноатбахши киштзорҳо дар хоҷагии қишлоқ маҳсуб меёбад, ки дар натиҷаи он ҳосилнокии онҳо мунтазам паст шуда истодааст. Бо сабаби нарасидани қувваи корӣ, нокифоя будан ва саривақт нагузаронидани чораҳои агротехникӣ, инчунин дигар чораҳои ташкилию хоҷагӣ вайроншавии қабати ҳосилхези замин рух дода, дар таркиби онҳо гумус кам мегардад. Дар натиҷаи фаъолнок гардидани чараёни паҳншавии буттаҳо ва растаниҳои бегона ба киштзорҳо, ҳамасола аз 20 то 70 ҳазор га заминҳои обёришаванда истифода бурда намешаванд.

Дар Тоҷикистон, инчунин дар дигар кишварҳои рӯ баинкишоф, одамон барои таъмини чунин талаботҳои асосӣ, ба монанди даромад, хӯрок, қувваи барқ, об ва манзил аз захираҳои табиӣ сахт вобастагӣ доранд.

Захираҳои муҳити зист, аз ҷумла моҳӣ, ҷӯб, масолеҳи дигари сохтмонӣ ва табиати зинда, сарчашмаи бевоситаи даромад ва дигар амволи моддӣ мебошанд.

Ҷамъоварии растаниҳо ва гиёҳҳои шифобахш, аз ҷумла он гиёҳҳое, ки ба «Китоби Сурх»-и ҷумҳурӣ дохил карда шудаанд, хизматрасонӣ дар соҳаи туризм, инчунин қӯруқшикании мавҷуда дар ҳудуди ҳифзшавандаи Тоҷикистон, барои аҳолии маҳаллӣ, ки дар ин бахши махсуси иқтисодиёти ғайрирасмӣ машғуланд, сарчашмаҳои даромад маҳсуб меёбад.

Ҳамзамон, вазъи дар солҳои охир баамаломадаи иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ ва ҷараёнҳои дохилии муҳоҷират ба ҳолати биогуногунрангӣ - яке аз манбаъҳои пешниҳоди хизматрасонии экосистемавӣ, ҳамин тариқ, ба сарчашмаи шуғли аҳолӣ таъсири манфӣ расониданд. Дар зери фишори антропогенӣ ҷойивазкунии калони аҳолӣ аз водиҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ рушдёфта ба минтақаҳои кӯҳӣ сурат гирифт, ки дар ин ҳолат табиат манбаи асосии зисти аҳолӣ гардид.

Ифлосшавии обанборҳо ва хокҳо ба саломатии одамон, бахусус насли наврас, ҳамчун кормандони оянда, таъсири манфӣ мерасонад.

Мунтазам буридани ниҳоли терескен (Ceratoides) дар ноҳияи Мурғоби Тоҷикистон чи барои биогуногунрангӣ ва чи барои аҳолии маҳаллӣ оқибатҳои ҷиддиро ба бор овард, ки онҳо бинобар сабаби бад шудани вазъи экологӣ муҳоҷират карда истодаанд. Инчунин ин ба устувории шуғл, ки ба истифодаи захираҳои табиӣ вобастааст, таъсири манфӣ мегузорад.
Бедолу дарахт кардан, кишт ва зиёд поймол намудани нишебиҳо, истихроҷи кушодаи канданиҳои фоиданок ва сохтмони роҳҳо ноустувории минтақаҳои кӯҳиро шадид мегардонанд - яъне шароит ҳам барои шуғли кишоварзӣ ва ҳам шуғл дар иқтисодиёти ғайрирасмӣ бад мегардад.
Нишебиҳо ва водиҳои қаторкӯҳҳои Ҳисор, Қаротегин, Вахш, Дарвоз, Ванҷ, Язғулом ва Петри Якум, инчунин ҳавзаи дарёи Мурғоб ва назди кӯли Сарез минтақаҳое мебошанд, ки ба ярч, лойқаҳои ярчӣ ва обхезиҳо моил мебошанд. Таъсири антропогенӣ дар минтақаи Ҳисору Зарафшон нисбатан шадид мебошад, ки дар он ҷо чаронидани чорво, кишоварзӣ ва саноат (аз ҷумла, истихроҷи маъдан) дар нишебиҳои нозук кори худро карданд.

***Бонки Осиёгии Рушд. Экологический профиль Таджикистана, 2002 г.***

Офатҳои табиӣ, эҳтимол ифодаи нисбатан эътимодбахши оқибатҳои талафоти биогуногунрангӣ ва пастравии муҳити зист мебошанд. Тоҷикистон бинобар хусусиятҳои геологии худ ба обхезиҳо, ярчҳо ва бодлесшавиҳо дучор меояд.

Офатҳои табиӣ, ки сабаби ҳодисаҳои нохуш дар байни сокинони минтақаҳои хавфнок мегарданд, дар солҳои охир зиёд шуда истодаанд. Обхезиҳо, селҳо, ярчҳо ва тармаҳо ҳар сол рӯй дода, роҳҳо, кӯпрукҳо, сарбандҳо, иншоот ва таҷҳизотро хароб месозанд. Дар баландкӯҳҳо кӯлҳои пиряхӣ ва кӯлҳои дар натиҷаи фаромадани харсангҳо дар дарёҳои хурд баамаломада, барои рахна сохтан ва зери об мондани қитъаҳои поёноби маҷрои онҳо таҳдид менамоянд.

Офатҳои табиӣ ба нобудшавии захираҳои табиӣ оварда мерасонанд, ки пешниҳодкунандаи хизматрасониҳои дахлдори экосистемавӣ ва аҳолӣ мебошанд, яъне онҳо ба талафёбии даромади аҳолӣ, манбаъҳои ғайрирасмии шуғл низ боис мешаванд.

**ДИАГРАММАИ 2.26**
**МАБЛАҒИ ЗАРАР АЗ ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА ДАР СОЛҲОИ 2000 – 2008 (ҲАЗОР СОМОНӢ)**




Муҳоҷирати ба муҳити зист вобаста ва проблемаҳои марбут ба шуғли аҳолӣ, ғамхории асосии Ҳукумат гардида истодаанд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 700 оиларо муайян намуд, ки бинобар омилҳои ба муҳити зист дахлдошта, фавран бояд кӯчонида шаванд ва 10037 оилаҳо бошанд, ҳамчун муҳоҷирони эҳтимолии экологӣ дар панҷ соли оянда бояд кӯчонида шаванд.[37]

Вобаста ба зери об мондани ҳудуде, ки зери обанбори НОБ-и Роғун мемонад, танҳо аз як ҷамоати деҳоти Сичароғи ш.Роғун ба ҷойи дигар аҳолии 10 деҳа - 229 оила ва зиёда аз 1600 нафар одамон пурра кӯчонида мешаванд. Зимнан 121 оила ба ш.Турсунзода, оилаҳои боқимонда ба ноҳияи Рӯдакӣ, инчунин ба деҳаҳои кӯҳистони ноҳияҳои худашон кӯчонида мешаванд.



Чунин сарчашмаи шуғли аҳолӣ, ба монанди зироати обёришаванда, бахусус барои чунин зироат чун пахта, истифодаи технологияҳои кӯҳнаи исрофкунандаи обёрикунӣ ва амсоли он ба ҳолати захираҳои замин ва хок дар ҷумҳурӣ, ифлосшавӣ ва шӯршавии онҳо ва афзоиши миқдори офатҳои табиӣ низ таъсири манфӣ расонд. Вобаста ба ин, усулҳои пешқадами зироаткорӣ, инчунин кам кардани кишти пахта, ҳамчун зироати асосии стратегии кишвар, гузаштан ба зироаткории лалмӣ, диверсификатсияи зироатҳои кишоварзӣ, рушди маркетинги дахлдор ва баланд бардоштани иқтидори умумии фермерҳо ва одамони ба соҳаи кишоварзӣ ҷалб кардашуда, аз ҷумла мақомоти давлатӣ ва бахши хусусӣ, метавонанд ҳам барои беҳтар намудани ҳолати заминҳо ва об, ки дар кишоварзӣ истифода бурда мешаванд ва ҳам ба таъсиси манбаъҳои нави шуғл барои аҳолӣ мусоидат намоянд.

Аксаран маскуншавӣ бе дарназардошти имконоти экологӣ, инчунин фишори аз ҳад зиёди аҳолии муқимӣ ба муҳити зист, бинобар таъсири вазъи иқтисодӣ, ба вайроншавии муҳити зист ва ба тамом шудани захираҳои зарурӣ барои зиндагонӣ оварда расонданд.

Дар Тоҷикистон проблемаи таъсирнамоии истеҳсолоти кӯҳнаи ифлоскунанда (мавҷуд будани 22 партовгоҳ ва хоктӯдаҳои кӯҳӣ) ҷой дорад, ки ба вазъи экологӣ дар кишвар, аз ҷумла шароити зиндагии аҳолӣ, қобилияти корӣ ва ниҳоят шуғли онҳо ба таври шадид таъсир мекунад.

Ҳолати ҷойдошта дар минтақаҳои нигоҳдории партовҳои маъданҳои коркардшуда дар тамоми қаламрави Тоҷикистон, андешидани чораҳои фаврии пешгирикунандаро оид ба кам кардани хатари онҳо барои аҳолӣ ва муҳити зист, инчунин бурдани корҳоро оид ба барқарорсозии аҳолии зарардида ва ҳудудҳои ифлосшуда тақозо менамояд. Ин дар навбати худ, шароитро барои шуғли экологӣ аз як тараф ва беҳтар намудани шароити экологӣ ва имконияти пешниҳоди хизматрасонии дахлдори экосистемавӣ ва шароити нав барои шуғл аз тарафи дигар фароҳам меорад.

# 2.3. ШУҒЛ ДАР БАХШИ ҒАЙРИРАСМӢ

## ТАФСИР ВА ПРОБЛЕМАИ МУАЯЙНКУНӢ

Шуғли ғайрирасмӣ - фаъолияти меҳнатии расман ба қайд гирифтанашуда, вале аз ҷихати ҳуқуқӣ иҷозатдодашуда мебошад, ки надоштани барасмиятдарории ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ ё таъмини мустақилона бо корро пешбинӣ менамояд. Мафҳуми иқтисодиёти ғайрирасмӣ ва шуғли ғайрирасмӣ ҳамчун аломатҳои бунёди (базави)-и фаъолияти хоҷагӣ, ки аз доираи меъёрҳои ҳуқуқии амалкунанда берун – бидуни бақайдгирӣ ва баҳисобгирии фискалӣ ба роҳ монда шудааст, қабул гардидааст.

Мафҳуми шуғли ғайрирасмӣ ва шуғл дар бахши ғайрирасмӣ, сарфи назар аз шабоҳати зоҳирӣ, айнан монанд нестанд. Дар шуғли ғайрирасмӣ меъёри ҳаммонанаднамоӣ ҷой надоштани муносибатҳои меҳнатии аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ба расмият даровардашуда маҳсуб меёбад. Меъёри муайянсозии воҳидҳои бахши ғайрирасмӣ дар Тоҷикистон, аз ҷумла шуғл дар соҳаи мазкур, набудани бақайдгирии давлатӣ ба сифати шахси ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад.

Шуғли ғайрирасмӣ чунин шакли шуғл мебошад, ки воқеан ҳамчун шакли захиравӣ вуҷуд дорад. Ҳар чи қадаре ки вазъ дар бозори меҳнат беҳтар, ҷойҳои холи корӣ зиёд ва шуғли кироя устувор аст, ҳамон қадар одамон камтар ба бахши ғайрирасмӣ ва соҳибкорӣ рӯ меоранд. Ва баръакс, дар шароити бӯҳрон ва кам шудани шуғли расмӣ ба бахши ғайрирасмӣ таваҷҷӯҳ зиёд мегардад.

Шуғли ғайрирасмӣ ба андозаи зиёд якбора пастравии сатҳи зиндагии аҳолӣ ва афзоиши бекориро нигоҳ медорад. Рушди шуғли ғайрирасмӣ яке аз қисматҳои худтанзимкунандаи бозории иқтисодиёт мебошад. Аммо шуғли ғайрирасмӣ як қатор проблемаҳои иҷтимоиро ба вуҷуд оварда, барои ҷиноятгорӣ дар ҷамъият шароит фароҳам меорад. Дар бахши «ғайрирасмӣ» кафолатҳои иҷтимоӣ, назорати шароити меҳнат, сифати молҳо ва хизматрасонӣ вуҷуд надошта, истифодаи васеи шуғли ғайрирасмӣ бошад, ба он оварда мерасонад, ки давлат дар натиҷаи пинҳон намудани даромадҳо аз андозбандӣ қисми зиёди маблағҳоро гирифта наметавонад.

Дар соли 1993 дар Конференсияи 15-уми оморшиносони меҳнат мафҳуми байналмилалии оморӣ «шуғл дар бахши ғайрирасмӣ» қабул гардид, ки ба тавсифи умумии воҳидҳои истеҳсолие (ё корхонаҳое) асос ёфта буд, ки дар онҳо ин ё он намуди фаъолият анҷом дода мешавад. Мафҳуми сатандартии «шуғл дар бахши ғайрирасмӣ» он одамонеро фаро мегирад, ки лоақал ба яке аз корхонаҳои шуғли ғайрирасмӣ ба кор қабул шуда буданд. Корхонаҳои шуғли ғайрирасмӣ – корхонаҳое мебошанд, ки соҳибмулконашон шахсони алоҳида ё хонаводаҳо маҳсуб меёбанд, муассисаи ҷудогонаи ҳуқуқии аз моликони худ вобаста мебошанд, ки онҳо ҳисоботи пурра надоданд, ки он ҷудонамоии молиявии фаъолияти истеҳсолии корхонаро аз дигар намудҳои фаъолияти соҳибмулкони худ имконпазир гардонад. Аз нуқтаи назари шуғл, ҳаҷми чунин корхонаҳо хурд мебошад (барои ҳисоботи байналмилалӣ «камтар аз панҷ шахси машғул» тавсия гардида буд) ва онҳо тибқи қонунгузории миллӣ ба қайд гирифта нашудаанд.
Чунин корхонаҳо ба фаъолияти ғайрикишоварзӣ машғуланд ва намунаи онҳое, ки дар корхонаҳои бахши ғайрирасмӣ кор мекунанд, савдогарони кӯчаҳо ва кормандони дар хона машғулбуда маҳсуб меёбанд

***Санҷиши шуғли ғайрирасмӣ. Қисми 1. 2007 с. The World Bank Group.UNECE***

Тибқи маълумоти таҳқиқи қувваи корӣ (ТҚК) дар соли 2004 ҳиссаи дар шуғли ғайрирасмии кмшвар машғулбудагон 53,3% (1308,3 ҳазор нафар) -ро аз миқдори умумии ба кор таъминбудагон ташкил дод.[38]

Санҷишҳои коршиносии мо нишон медиҳанд, ки дар соли 2008 дар Тоҷикистон ҳиссаи дар бахши ғайрирасмӣ машғулбудагон паст фаромада, 47.4% (1029,2 ҳазор нафар)-ро аз шумораи умумии ба кор таъминбудагон ташкил намуд. Дар муқоиса ба соли 2004 ҳиссаи дар бахши ғайрирасмӣ машғулбудагон ба андозаи 5,9% (279,1 ҳазор нафар) кам гашт, ки ба татбиқи сиёсати давлатии таъсиси ҷойҳои иловагии корӣ (дар панҷ соли охир 360 ҳазор ҷойҳои корӣ таъсис root дода шудаанд)[39] ва афзоиши муҳоҷирати хориҷӣ вобаста аст.

Дар Тоҷикистон ба бахши ғайрирасмӣ инҳо шомил ҳастанд:

- шахсоне, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ ё дар асоси инфиродӣ, сарфи назар аз он, ки онҳо ба сифати соҳибкори инфиродӣ ба қайди давлатӣ гирифта шудаанд ё не;
- шахсони дар хоҷагиҳои деҳконӣ (фермерӣ) кор карда истода, ки ба сифати шахсони ҳуқуқӣ ба қайд гирифта нашудаанд;
- шахсоне, ки ба тариқи кироя дар назди шахсони воқеӣ ва соҳибкорони инфиродӣ кор мекунанд;
- шахсоне, ки дар хонавода (хоҷагии шахсии ёрирасон) машғуланд;
- аъзои ёрирасони оила, ки дар заминҳои ба иҷора гирифта ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ машғуланд.

***Кудусов Д. Обзор рынка труда в Таджикистане. Рабочая версия документа. Душанбе 2009.с.86.***

Агар дар сори 2004 ҳиссаи шахсони дар бахши ғайрирасмӣ машғулбуда нисбат ба аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол 61,3%-ро ташкил карда бошад, пас дар соли 2008 ин таносуб 46,4%-ро ташкил дод. Чунин камшавии ҷиддӣ бо таъсиси ҷойҳои иловагии корӣ ва ҷалби аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол ба муносибатҳои меҳнатӣ вобаста аст. Ҳамзамон, агар нисбат ба аҳолии аз ҷиҳати иқтсодӣ ғайрифаъол ҳиссаи дар бахши ғайрирасмӣ машғулбудагон дар соли 2004 79%-ро ташкил диҳад, пас дар соли 2008 ин рақам аллакай 49,1%-ро ташкил дод. Вале сабаби чунин пастравии ҷиддӣ афзоиши худи шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ ғайрифаъол мебошад. Дар муқоиса ба соли 2004 шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ ғайрифаъол дар соли 2008 ба 439100 нафар зиёд гардид.

Чунин вазъ низ зимни муқоисаи ҳиссаи дар бахши ғайрирасмӣ машғулбудагон нисбат ба аҳолии қобили меҳнат (мардони 15-62-сола ва занони синни 15-57-сола) ҷой дорад, ки дар соли 2004 34,9% ташкил дод ва дар соли 2008 бошад то 24,1% паст фаромад. Сабаби ин пастравӣ - афзоиши устувори аҳолии синни қобили меҳнат мебошад. Масалан, дар давраи аз соли 2004 то соли 2008 шумораи аҳолии қобили меҳнат ба 514 500 нафар афзуд.

Сохтори шуғли ғайрирасмӣ:

- дар бахши расмӣ - фаъолияти кирояи меҳнатии мунтазам ё ки номунтазам пардохтшаванда дар корхонаҳо ё дар муассисаҳо дар асоси мувофиқаи шифоҳӣ;
- дар бахши ғайрирасмӣ – фаъолияти ғайрикирояи меҳнатии мунтазам ё ки номунтазам (худиштиғолӣ, соҳибкории инфиродӣ), бидуни патент, иҷозатнома ё бақайдгирӣ ва инчунин на аз рӯи кироя на дар корхонаҳо (муассисаҳо), балки аз рӯи кироя дар назди шахсони воқеӣ дар асоси мувофиқаи шифоҳӣ;
- дар бахши хонавода - фаъолияти меҳнатии доимӣ ва номунтазами пардохтнашаванда оид ба истеҳсоли маҳсулот дар хонавода барои фурӯш.[41]

**ҶАДВАЛИ 2.12**
**ҲИССАИ ДАР БАХШИ ҒАЙРИРАСМӢ МАШҒУЛБУДАГОН НИСБАТ БА ШУМОРАИ УМУМИИ АҲОЛӢ, АҲОЛИИ ҚОБИЛИ МЕҲНАТ ВА АЗ ҶИҲАТИ ИҚТИСОДӢ ФАЪОЛ (ҲАЗОР НАФАР)**[40]

| | 2004 | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 |
|---|---|---|---|---|---|
| Миқдори умумии аҳолии машғулбуда | 2089,5 | 2111,7 | 2137 | 2149,7 | 2168,0 |
| Шумораи аҳолии қобили меҳнат | 3739,6 | 3842,2 | 3984,5 | 4121,3 | 4254,1 |
| Аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол | 2132 | 2154 | 2185 | 2201 | 2216,7 |
| Аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ ғайрифаъол | 1654 | 1739 | 1862 | 2009 | 2093,1 |
| Шумораи кормандони кироя | 1056,3 | 1065,5 | 1082,9 | 1065,7 | 1053,9 |
| Шумораи кормандони ғайрикироя | 1033,2 | 1046,2 | 1054,1 | 1084,0 | 1114,1 |
| Бекорон | 42 | 42 | 48 | 51 | 43,6 |
| Шумораи дар бахши ғайрирасмӣ машғулбудагон | 1308,3 | 966,5 | 981,8 | 1013,3 | 1029,2 |
| Ҳиссаи дар бахши ғайрирасмӣ машғулбудагон аз миқдори умумии машғулбудагон | 53,3% | 45,7% | 45,9% | 47,1% | 47,4% |

Имрӯз дар Тоҷикистон шуғл дар бахши ғайрирасмӣ барои қисми муайяни аҳолӣ манбаи асосӣ ва иловагии даромад, воситаи дохилшавӣ ба муносибатҳои меҳнатӣ, имконияти раҳоӣ ёфтан аз хавфи бекорӣ ва камбизоатӣ ба ҳисоб меравад. Дар марҳилаи кунунии рушди иқтисодию иҷтимоӣ чунин муносибатҳои меҳнатӣ ногузир мебошанд.

Таҳқиқоти интихобии қувваи кории миллӣ ва хонаводаҳо ҳолати зерини шуғли ғайрирасмиро дар Тоҷикистон нишон медиҳанд:

- сатҳи шуғли ғайрирасмӣ хеле баланд аст ва он пеш аз ҳама, аз коргарони «инфиродии» дар хоҷагиҳои хурди истеҳсолоти кишоварзӣ, шахсони дар хоҷагиҳои фермерӣ ва корхонаҳои тиҷоратӣ машғулбуда, ки музди меҳнат намегиранд, инчунин шахсоне, ки ба соҳибкории хурди хусусӣ дар корхонаҳои ғайрикишоварзии оилавӣ машғуланд, иборат аст;
- як қисми  аҳолии қобили меҳнат, ки дар бахши расмии иқтисодиёт машғул  аст, маҷбур аст дар бахши ғайрирасмӣ низ бо мақсади ба даст овардани даромади иловагӣ кор кунад;
- музди меҳнат дар доираи шуғли расмӣ танҳо ҳамагӣ 1/3 ҳиссаи даромади умумии хонаводаҳоро ташкил медиҳад, қисми боқимондаи музди меҳнат бошад аз фаъолияти аграрии ғайрирасмӣ, маблағҳои интиқолӣ аз муҳоҷирони меҳнатӣ ва баъзе кӯмакпулиҳои давлатӣ ворид мегардад;
- сатҳи баланди истифодаи меҳнати кӯдакон дар киштукори мавсимӣ ба ташаккул ва рушди сармояи инсон дар кишвар таъсири манфӣ мерасонад; нобаробарии мавҷуда дар гирифтани тахассус байни гурӯҳҳои муайяни аҳолии қобили меҳнат, ба маҳдудкунии ҳуқуқи музди меҳнат ва имконнопазирии ин қисми аҳолӣ барои мутобиқшавӣ ба бозори меҳнат меоварад.

## ШАКЛҲОИ ШУҒЛИ ҒАЙРИРАСМӢ

***Худиштиғолӣ***

Худиштиғолӣ – ин истеҳсоли мустақилонаи молҳо ва хизматрасонӣ бе ҷалби меҳнати кироя бидуни чаҳорчӯбаҳои ташкилӣ мебошад.

**Гурӯҳи худиштиғолон иборатанд аз:**

- корфармоёни инфиродӣ (истифодабарандагони меҳнати кироя);
- соҳибкорони инфиродӣ, ки алоҳида ё бо ҷалби аъзои оилаи худ бе пардохти ҳаққи меҳнат кор мекунанд;
- аъзои кооперативҳои истеҳсолӣ;
- кормандони бемузди корхонаҳои оилавӣ (ба соҳибкорони инфиродӣ аъзои оилаҳои онҳо ёрӣ мерасонанд);
- шахсоне, ки ба истеҳсоли молҳо ва хизматрасонӣ барои истеъмоли худ ё истеъмол дар хоноводаҳо машғуланд, агар неъматҳои истеҳсолнамудаи онҳо қисми асосии истеъмоли оилаҳои онҳоро ташкил медиҳанд.

Чунин таснифот дар қарори Конференсияи 15-уми байналмилалӣ оид ба омори меҳнат (соли 1993) ба тасвиб расидааст ва қобили қабули умум мебошад, гарчанде мутлақо баҳснопазир намебошад. Ба ин таъриф дар маҷмӯъ Муқаррароти методологӣ оид ба омор низ мувофиқат мекунад. Мувофиқи ин муқаррарот, ба ғайр аз гурӯҳҳои дар боло зикршуда, ба гурӯҳи худиштиғолӣ шахсонеро низ мансуб донистан мумкин аст, ки ба истеҳсоли молҳо ва хизматрасониҳои барои фурӯш таъингардида дар хонаводаҳо машғуланд.[42]

Худиштиғолӣ дар Тоҷикистони муосир зуҳуроти нисбатан паҳнгашта ба шумор меравад. Аз ҷониби фард интихоб кардани мақоми худиштиғолӣ, пеш аз ҳама ба он алоқаманд аст, ки ӯ худро дар ҷамъият ҳамчуни шахси аз нигоҳи иҷтимоӣ ғайрикомил дарк мекунад ва наметавонад дар бозори меҳнат кори доимиеро ёбад, то ки ӯро қаноатманд гардонад. Барои чунин одамон худиштиғолӣ - воситаи мубориза бо бекорӣ ва камбизоатӣ маҳсуб меёбад. Вале шахси ба худиштиғолӣ машғулбуда соҳибкори инфиродӣ буда метавонад ва он имкониятҳои гуногунро барои баланд бардоштани даромадҳо ва пинҳон кардани онҳо аз андозбандӣ истифода менамояд.

Чи тавре аз ҷадвал бармеояд, дар Тоҷикистон ҳиссаи шахсони на аз рӯи кироя коркунанда (худиштиғолон) аз 50,4% дар соли 2004 то 52,4% афзудааст. Дар муқоиса ба соли 2004 шумораи худиштиғолон дар соли 2008 ба 87100 нафар ё ба андозаи 2% афзоиш ёфт. Чунин зиёдшавии миқдори шахсони ба худиштиғолӣ машғулбуда, пеш аз ҳама, ба афзоиши бекории воқеӣ ва аз бахши расмӣ ба бахши ғайрирасмӣ рафтани як қисми машғулбудагон, бинобар сабаби паст гардидани музди воқеии меҳнат вобаста аст. Ин ҳолат нақши бахши ғайрирасмиро чун захираи иқтисодӣ собит месозад, ки дар марҳилаи таназзули иқтисодӣ вусъат пайдо карда, дар марҳилаи болоравии иқтисодиёт танг мегардад.

**ҶАДВАЛИ 2.13**
**МИҚДОРИ ШАХСОНИ АЗ РӮИ КИРОЯ ФАЪОЛИЯТНАДОШТА (ХУДИШТИҒОЛ) (ҲАЗОР НАФАР)[43]**

| | Аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол | Коргарони кироя | Коргароне, ки на аз рӯи кироя кор мекунанд (худиштиғолон) | Худиштиғолон нисбат ба аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол (%) |
|---|---|---|---|---|
| 2004 | 2132 | 1056,3 | 1075,7 | 50,4 |
| 2005 | 2154 | 1065,5 | 1088,5 | 50,5 |
| 2006 | 2185 | 1082,9 | 1102,1 | 54,0 |
| 2007 | 2201 | 1065,7 | 1135,3 | 51,5 |
| 2008 | 2216,7 | 1053,9 | 1162,8 | 52,4 |

Шуғли мусбат дар бахши ғайрирасмӣ имконияти гирифтани малакаҳо ва таҷрибаи заруриро барои баланд бардоштани даромад ва дастрас гардидан ба маҷмӯи неъматҳои иҷтимоӣ (таҳсилот, тандурустӣ, таъминоти нафақа ва ғ.) медиҳад, ки онҳо асоси рушди инсон мебошанд.

Бахши ғайрирасмӣ ин мактаби ба худ хоси сорҳибкории инфиродӣ маҳсуб ёфта, ба бозор воридшавиро таъмин намуда, ба ҳалли проблемаи шуғл мусоидат менамояд. Дар шароите, ки хоҳиши ба соҳибкории хурд машғул шуданро монеаҳои зиёди маъмурӣ ва ғайра халалдор месозанд, шуғл дар бахши ғайрирасмӣ имкон медиҳад, ки онҳоро тавассути хароҷоти кам бартараф созанд. Шуғли ғайрирасмӣ, дастрасиро ба касбҳои нав фароҳам оварда, имкон медиҳад малакаҳои навро «бо арзиши кам» аз бар намоянд ва давр айни замон, он ҳамчун механизми муҳими мутаҳаррики иҷтимоӣ, меҳнатӣ ва касбӣ дар кишвар амал менамояд ва ба раванди ташаккули соҳибкории инфиродӣ таъсири калон мерасонад.

Ҳавасмандгардонии соҳибкории инфиродӣ метавонад ҳамчун алтернатива барои кам кардани ҳиссаи шуғл дар бахши ғайрирасмӣ баромад намояд. Дар соли 2007 шумораи шаҳрвандоне, ки ба соҳибкории инфиродӣ машғул будаанд, ба 117 ҳазор нафар расид. Аз ҷумлаи онҳо 69,4% дар соҳаи савдо ва хӯроки умумӣ, 18,9% дар хизматрасонии маишӣ, боқимондаҳо 28,7% бошанд ба намудҳои дигари фаъолият машғул буданд. Мувофиқи санҷишҳои коршиносон, дар соли 2008 шумораи ба соҳибкории инфиродӣ машғулбудагон ба 125 ҳазор нафар расид.

### *Муҳоҷират ба мақсади тиҷорат*

Ин навъи муҳоҷират, чун шакли зоҳиршавии шуғли ғайрирасмӣ, имкон медиҳад, ки фаъолияти меҳнатӣ бидуни хароҷот барои кӯчидани тамоми оила анҷом дода шавад.

Минтақаҳои калон ва марказҳои тиҷоратии ҷумҳурӣ барои ташкили савдои яклухт дорои инфрасохтори дахлдор мебошанд. Масалан, бозори яклухтфурӯшии «Корвон» имрӯз калонтарин бозор дар Душанбе мебошад, ки ба он аз давлатҳои ҳамсоя молҳо ворид карда мешаванд. Ба бозори «Корвон» «тоҷирони бозории» минтақаҳои ҷумҳурӣ, бештар аз ноҳияҳои ҷанубӣ барои хариди мол меоянд. Ин бозор бештар ба истеъмолкунандагони дохилӣ нигаронида шудааст. Дар чанд соли охир нақши «тоҷирони бозорӣ» тағйир ёфт, аллакай онҳо молҳои заруриро дархост менамоянд, барои боркашонӣ то ба ноҳияҳои ҷануби ҷумҳурӣ микроавтобусҳо доранд.
Дар шимоли Тоҷикистон яке аз калонтарин бозорҳои Осиёи Марказӣ – бозори Истаравшан амал мекунад. Харидорони асосӣ дар ин бозор савдогарони ноҳияҳои ҳамшафати водии Фарғона мебошанд. Алоқаи ноҳияи мазкур дар фасли зимистон бо ҷануби ҷумҳурӣ қатъ мегардад. Танҳо дар оғози тобистон ба Истаравшан бо мақсади харид «тоҷирони бозорӣ» аз Душанбе ва вилояти Хатлон меоянд. Фаъолияти пурраи шоҳроҳи нақлиётӣ, ки ҷануби кишварро бо ноҳияҳои шимол мепайвандад, бешак барои фаъол гардидани муҳоҷиратро ба мақсади тиҷорат ва афзоиши таҳвили молҳо ба минтақаҳои ҷанубӣ аз вилояти Суғд ва ҷиҳати паст намудани нархҳо дар бозорҳои истеъмолӣ мусоидат менамояд.

Шаҳрҳои калони ҷумҳурӣ - Душанбе ва Хуҷанд инчунин марказҳои калонтарини тиҷоратии ҷумҳурӣ ҳисоб мешаванд. Маҳз дар ин шаҳрҳо миқдори зиёди аҳолӣ-истеъмолкунандагони эҳтимолӣ зиндаги мекунанд. Ба туфайли наздик будани ин марказҳо сокинони деҳот маҳсулоти кишоварзиро ба ин шаҳрҳо таҳвил менамоянд. Ин дар навбати худ барои онҳо шуғл ва гирифтани даромадро таъмин месозад, ки он бешубҳа, барои баландшавии сатҳи зиндагии аҳолии ноҳияҳои деҳот мусоидат менамояд.

### *«Бозорҳои мардикор»*

Ҷараёнҳои муҳоҷирати дохилии меҳнатӣ бо ном бозори ғайрирасмии меҳнат - «бозорҳои мардикор»-ро дар пойтахт ва маркази вилоятҳои ҷумҳурӣ ташкил менамоянд. Калимаи «мардикор» аз забони форсӣ ҳамчун «кори мардона» тарҷума мешавад. Чун қоида, он шахсонеро мардикор меноманд, ки ба кори рӯзбайъ ё ки муваққатии корбайъ киро карда мешаванд.

Чунин бозорҳо асосан дар шаҳрҳои калон – Душанбе ва Хуҷанд амал мекунанд. Таҳқиқот нишон дод, ки ба ин ҷо асосан аз ноҳияҳои ҳамшафати наздик (масалан, дар шаҳри Душанбе аз ноҳияҳои наздик – Варзоб, Рӯдакӣ, Ваҳдат) чи кормандони бетахассус ва чи дорои таҳсилоти олӣ барои ҷустуҷӯи кори муваққатӣ меоянд.

Муҳоҷирон чун қоида, кори бетахассусро пайдо мекунанд, аз ин рӯ малакаи касбиашонро онҳо тадриҷан гум мекунанд. Рӯзи кории муҳоҷир дар чунин бозор одатан меъёрӣ набуда, ба иҷрои ҳаҷми муайяни кор вобаста аст. Сарфи назар аз шароити вазнинтарини меҳнат, муҳоҷирон оид ба кироя бастани шартномаи расмиро афзал нашумурда, кори ғайрирасмиро беҳтар мешуморанд ва хавфи ба доми фиреби дигарон афтиданро доранд (напардохтани маздҳои ваъдадодашуда ҳолати муқаррарӣ мебошад). Барои қонунигардонии муносибатҳои меҳнатӣ на худи муҳоҷирон ва на худи корфармоён манфиатдор намебошанд.

Дар «бозорҳои мардикор» бештар сокинони деҳот иштирок мекунанд. Сабаби асоситарини ин вазъи номусоид (назар ба шаҳрҳо) дар бозорҳои меҳнати деҳот мебошад. Афзоиши баланди захираҳои меҳнатӣ, барзиёднуфузии аграрӣ ва инкишофи нокифояи доираи истифодаи меҳнат ба ғайр аз истеҳсолоти кишоварзӣ, омилҳои ҷиддие мебошанд, ки ҷустуҷӯи корро аз ҷониби мардуми деҳот берун аз ҷойи истиқомати доимии худ муайян менамоянд. Бартарияти сокинони деҳот дар «бозорҳои мардикор» аз хусуси шадид будани проблемаи шуғл дар деҳот ва шаҳрҳои хурд шаҳодат медиҳанд.

Тибқи маълумоти таҳқиқоти гузаронидаи Пажӯҳишгоҳи демографияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2000-2008 дар кишвар қисмати нави бозори ғайрирасмии меҳнат, махсусан бозори ғайрирасмии меҳнати занон вуҷуд дорад. Миқдори заноне, ки меҳнати худро дар ин бозор пешниҳод мекунанд, 1-2%-и тамоми шахсони машғулбударо ғайрирасмӣ ташкил медиҳад ва шумораи онҳо бинобар пешгӯии Пажӯҳишгоҳи демография афзоиш хоҳад ёфт. Ин ҳолат андешидани чораҳои ҷиддии давлатиро оид ба дастгирии занони бекор пешбинӣ менамояд. Падидаи «бозори мардикори» ғайрирасмии занон бештар дар деҳоти кишвар рушд ёфтааст

Корҳои муваққатӣ дар «бозорҳои мардикор» заминаи аввалин барои ҷалби аҳолӣ ба ҷараёни муҳоҷирати хориҷии меҳнатӣ маҳсуб ёфта, одамон дар бозорҳои дохилии меҳнат таҷрибаҳои муайяни муҳоҷиратро ҳосил намуда, баъд аз чанде ба сафарҳои дур омодагӣ мегиранд. Амалияи мавҷудаи кор дар «бозорҳои мардикор» ҳамчун алтернативаи ҷиддии муҳоҷирати хориҷӣ арзёбӣ гардида наметавонад. Аммо тамоюли дар солҳои охир дар Тоҷикистон мушоҳидашавандаи бозгашти муҳоҷирони пештар аз қаламрави кишвар берун рафта, шояд пур шудани сафи мардикоронро зиёд менамояд.

**ЗАМИМАИ МАТНИ 8**
**«БОЗОРИ МАРДИКОР» ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ**

Яке аз «мардикор-бозорҳои» стихиявӣ дар шаҳри Душанбе дар канори шаҳр, дар назди шоҳроҳе, ки ба ҷониби бозори шаҳраки Гипрозем мебарад, ҷойгир аст. Дар ин ҷо ҳар рӯз мардони ҳамакора (мардикорон), ки дар ҷустуҷӯи кор мебошанд, ҷамъ меоянд. Ба ин бозор аз 50 то 100 нафар ҳар рӯз барои ҷустуҷӯи кор мебароянд. Синну соли онҳо гуногун аст - ҷавонон ва мардоне низ дучор меоянд, ки аз синни 40-сола болоянд. Одатан, онҳо бо худ либоси махсуси корӣ ва асбобҳои зарурӣ доранд. Корфармоён низ гуногун мебошанд. Инҳо одамони ба таври кофӣ доро ва аҳолии «оддӣ» мебошанд, ки барои иҷрои корҳои начандон калони таъмиру сохтмон эҳтиёҷ доранд. Зимнан тақозои «одамони доро» ба иҷрои корҳои кашонидани ашёи вазнин, кофтани хандақҳо ва ҷӯйборҳо, яъне иҷрои корҳои якранги ҷисмонӣ вобастаанд, аҳолии «оддӣ» бошад, бештар ба тармими шабакаҳои обу таъминоти барқ ва гузаронидани таъмири ҷории хонаҳо ва биноҳои истиқоматӣ эҳтиёҷ доранд. Ҳамин ки ба пеши гурӯҳи  мардикорон мошин наздик шавад, ҳамон лаҳза онҳо ба роҳи мошингард баромада, ба корфармои эҳтимолӣ худро барои иҷрои кор пешниҳод мекунанд. Созмони дохилии меҳнатӣ низ мавҷуд аст - мардикорон ба бригадаҳои сайёри иборат аз 2-5 нафар муттаҳид мешаванд. «Чи кор кардан лозим? Маро гиред! Ман ҳамаи корро арзон анҷом медиҳам!». Ин суханонро ҳар нафаре, ки ба анбӯҳи мардикорон наздик мешавад, шунавида метавонад.



## ВАЗЪИ ИЗТОРОБОВАРИ МОЛИЯВИЮ ИҚТИСОДИИ ҲОЗИРА МЕТАВОНАД БА ВАСЕЪ ГАРДИДАНИ МИҚЁСИ МЕҲНАТИ КӮДАКОН ОВАРДА РАСОНАД

Вазъи изтиробовари молиявию иқтисодии ҳозира ба васеъ гардидани миқёси меҳнати кӯдакон, аз ҷумла ба афзоиши шумораи духтарони ноболиғе, ки кор мекунанд, метавонад оварда расонад, - гуфта мешавад, дар гузориши Созмони байналмилалии меҳнат (СБМ), ки ба Рӯзи умумиҷаҳонии мубориза бо меҳнати кӯдакон, ки 12 июн қайд карда мешавад, бахшида шудааст. Дар ҳуҷҷат иттилоъ дода мешавад, ки дар ҳоли ҳозир дар олам 100 миллион духтарон маҷбур ҳастанд, ки кор кунанд, ки 53 миллиони онҳо ба намуди хатарноки меҳнат машғул мебошанд. «Духтаронро маҷбур месозанд, ки ба фоҳишагӣ машғул шаванд, онҳоро ҳамчун ғуломон хариду фурӯш мекунанд», - зикр мешавад дар ҳисобот. Коршиносони СБМ таъкид менамоянд, ки ҷалби кӯдакон ба меҳнат вазъи ноилоҷи эҳтиёҷмандиро мустаҳкам мегардонад. Он ба вусъатёбии камбизоатӣ оварда мерасонад. Ҳангоми кор кӯдакон наметавонанд ба мактаб раванд. Илова бар ин, онҳо салоаматии худро зери хатар мегузоранд. Кӯдакони бесавод ва саломатии суст дошта наметавонанд аз сатҳи камбизоатӣ раҳоӣ ёбанд. Аз рӯи маълумоти СБМ, имрӯз дар тамоми дунё қариб 250 миллион кӯдак кор мекунанд. «Онҳо дар фермаҳо, киштзорҳо ва конҳо кор мекунанд, - гуфта мешавад дар ҳуҷҷат. Аксари онҳо бо химикатҳо ва пестисидҳо сарукор дошта, инчунин техникаи хатарнокии баланддоштаро идора мекунанд. Кӯдаконро ба сифати сарбозон дар муноқишаҳои мусаллаҳона истифода мебаранд». Дар тайи солҳои охир, гуфта мешавад дар гузориш, ба ҷомеаи байналмилалӣ муяссар гашт, ки пешравии муайянро барои аз байн бурдани меҳнати кӯдакон ноил гардад, аммо СБМ изҳори нигаронӣ менамояд, ки бӯҳрони кунунӣ ин дастовардро метавонад боз ба ақиб гардонад. «Нарасидани захираҳо метавонад боиси он гардад, ки ҳукумат ва оилаҳои камбизоат барои ҷудо намудани маблағ ҷиҳати таҳсилот даст мекашанд ва дар ин ҳолат пеш аз ҳама духтарон зарар мебинанд, - таъкид карда мешавад дар ҳисобот». Онҳо метавонанд барои ҷинояткорон, ки ба хариду фурӯши кӯдакон машғуланд, инчунин корфармоёне, ки қувваи кори арзонро дар «ҳолатҳои вазнин» истифода мебаранд, фоидаи бедарди миён гарданд. Бояд хотирнишон сохт, ки Конвенсияи Созмони байналмилалии меҳнат дар бораи манъ кардан ва чораҳои фаврӣ оид ба решакан намудани шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакон, ки таҳти №182 маълум аст, ҷалби кӯдакони то синни 18-соларо ба корҳое, ки ба саломатӣ, вазъи маънавӣ ё психологии онҳо зарар мерасонанд, манъ мекунад. Ба чунин машғулиятҳо кор дар корхонаҳои хатарноки саноатӣ, масалан дар саноати истихроҷи маъдан, инчунин маҷбуркунӣ барои фоҳишагӣ, порнография ва хариду фурӯши маводи нашъадор мансуб дониста мешаванд. Ба ҳамин гурӯҳ кор дар ҳарорати баланд ё паст ва коре, ки истифодаи моддаҳои хатарноки химиявиро дар назар дорад, низ дохил мешаванд.

***Дайджест №25 (756) 18.06.2009***

***Меҳнати кӯдак***

Меҳнати кӯдакон ҳамчун яке аз проблемаҳои нисбатан шадид дар ҷумҳурӣ, ки боиси нигаронии ҷиддии ҷомеа мебошад, боқӣ мемонад. Сарфи назар аз тадбирҳои андешидашаванда ҷиҳати фаъолгардонии сиёсати давлатӣ дар соҳаи пешгирии падидаи мазкури иҷтимоӣ, аз байн бардоштани истифодаи меҳнати кӯдакон имрӯз муяссар нагардидааст.

Сатҳи пасти зиндагӣ, бекорӣ дар байни аҳолии калонсол ва арзон будани меҳнати кӯдакон, сабаби асосии паҳн шудани меҳнати кӯдакон дар кишвар мебошанд. Меҳнати кӯдакон, ки аз камбизоатӣ ба вуҷуд омадааст, ба насли ҷавон зарари ислоҳнопазири ҷисмонӣ ва маънавӣ мерасонад.

Таҳқиқотҳои дар кишвар гузаронидашуда нишон доданд, ки кӯдакон аҳамияти таълимро дар ҳаёташон мефаҳманд. 95% -и кӯдакон чунин мешуморанд, ки онҳо набояд кор, балки таҳсил кунанд. Дар байни кӯдакони пурсидашуда 15% бесавод буданд, ки

## ЗАМИМАИ МАТНИ 9
## ҲОЛАТИ ИҶТИМОИЮ ДЕМОГРАФИИ КӮДАКОНЕ, КИ КОР МЕКУНАНД[44]

Дар соли 2006 аз ҷониби Пажӯҳишгоҳи илмии тадкикотии меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тадқиқотҳои саҳроӣ оид ба меҳнати кӯдакон дар кишвар гузаронида шуданд. Дар ҷараёни таҳқиқот 250 нафар пурсида шуданд, ки аз онҳо 227 нафар писарон ва 23 нафар духтарони синни 8-16-сола буданд. Дар байни кӯдакони пурсидашуда 197 нафар тоҷикон (79%) ва 53 нафар ӯзбекон (20%) буданд, ки 2 нафарашон (1%) худро араб номиданд. Аз кӯдакони пурсидашуда сокинони шаҳр (56%) ва деҳот (44%) буданд. Синну соли кӯдакон чунин буд: аз 8 то 10-сола - 0,9%, аз 11 то 13-сола - 35% ва аз 14 до 16-сола - 56%. Аксарияти пурсидашудагон аз оилаҳои серфарзанди иборат аз: 11 нафар - 2% ,10 нафар - 6%, 9 нафар - 5%, 8 нафар - 12%, 7 нафар - 22%, 6 нафар - 23%, 5 нафар - 3%, 4 нафар - 10%, 3 нафар- 9%, 2 нафар - 4% буданд. Дар байни пурсидашудагон, кӯдакон аз оилаҳои пурра 64%, кӯдакон аз оилаҳои нопурра бошанд 36% -ро ташкил медиҳад. 85% -и кӯдакони пурсидашуда дар хонаи падару модаронашон, 42%-и онҳо дар квартираҳо зинадагӣ мекунанд ва 15% -и онҳо бошанд, манзил надошта, дар ҳудуди бозорҳо зиндагӣ мекунанд.

навишта ва хонда наметавонистанд. Ин зуҳурот ҷиҳати паст намудани сатҳи истифодаи меҳнати кӯдакон дар ҷумҳурӣ омили мусбат маҳсуб меёбад. Вале вазъи ногувор ба он оварда мерасонад, ки қариб 30%-и онҳо таҳсил накарда, 11% бошад дар як ҳафта ҳамагӣ 4 рӯз ба дарс мераванду халос.

Аксари кӯдакон барои корашон маблағ мегиранд, қисми дигаре, ки дар тиҷорати оилавӣ бо падару модар кор мекунанд, музди меҳнат намегиранд ва барои афзоиши буҷети оилавӣ кор мекунанд.

Мувофиқи маводи пурсиш 65%-и кӯдакон маблағҳои бадастовардаашонро ба буҷети оилавӣ медиҳанд, ки асосан барои харидории маводи озуқа, 20% маблағро барои хариди либос ва лавозимоти мактабӣ, 12% маблағи худро барои эҳтиёҷоти шахсӣ ва 3%-и маблағхояшонро барои хизматрасонии таҳсили иловагӣ харҷ менамоянд.

Қариб нисфи кӯдакон, мувофиқи пурсиш, ба меҳнати вазнини ғайриҷолиб машғуланд. Кӯдакон дар бораи ҳуқуқҳои худ ҳеч чизро намедонанд. Аксарияти онҳо мавриди таҳқир ва дашном қарор мегиранд ва ба ҳимояи ҳуқуқӣ эҳтиёҷ доранд.

Истифодаи бештари меҳнати кӯдакон дар шаҳри Қӯрғонтеппа (40%) ва камтарин бошад дар шаҳри Хоруғ (8%) ба назар мерасад.

Ба кор кӯдакон асосан аз оилаҳои серфарзанд, инчунин фарзандони волидайне, ки кор надоранд ё ҳангоми кор музди меҳнати кам мегиранд, машғуланд. Падару модарони аксари кӯдакони пурсидашуда (85%) саҳми фарзандонашонро ба буҷети оилавӣ инкор намекунанд ва пули ҳаррӯзаи овардаи фарзандонашонро новобаста аз машаққати ба дастомада назар аз таҳсил дар мактаб авлотар меҳисобанд.

Кӯдакон қонунгузории амалкунанда дар бораи меҳнат, тартиби муайянсозии миқдори муқаррари вақти корӣ, додани танаффус дар кор, техникаи бехатарии меҳнат, меъёри сарбориҳо ва ғайраро надониста, кор мекунанд. Ҳеч вақт ва ягон нафар аз кӯдакони ҳатто дар соҳаи хӯроки умумӣ фаъолият дошта, аз муоинаи пурраи тиббӣ намегузарад.

Таҳқиқоти меҳнати кӯдакон маълум сохт, ки дар мӯҳлати кӯтоҳтарин ҷиҳати маҳдудсозӣ ва тадриҷан аз байн бурдани меҳнати кӯдакон дар кишвар қабули чораҳо зарур мебошад.

Муҳим будани ҳамкории байналмилалиро дар доираи ҳалли проблемаҳои меҳнати кӯдакон эътироф намуда, Ҷумҳурии Тоҷикистон ду конвенсияи Созмони байналмилалии меҳнатро дар соҳаи меҳнати кӯдакон – Конвенсияи СБМ №182 «Оид ба решакан намудани шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакон» (8.06.2005 ба тасвиб расидааст) ва  Конвенсияи СБМ №138 «Дар бораи синни ҳадди ақал барои қабул ба кор» (26.10.1993 ба тасвиб расидааст) ба тасвиб расонд.

Имрӯз аз ҷониби Ҳукумати кишвар ҷиҳати мутобиқсозии меъёрҳои ин санадҳо ба қонунгузории ҷумҳурӣ тавассути ворид намудани тағйироту иловаҳо ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, қабули қонунҳои нав ва муайян кардани механизмҳои татбиқи онҳо тадбирҳо андешида шуда истодаанд.



# БОБИ 3

## БЕКОРӢ ВА ШУҒЛ




3

# 3.1. БЕКОРӢ ВА НАМУДҲОИ ОН

## ПРОБЛЕМАҲОИ БАҲОДИҲӢ

Баҳодиҳии бекорӣ дар сатҳи расмӣ дар заминаи нишондиҳандаи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол бо дарназардошти он миқдори бекорон, ки расман дар бозори меҳнат ба қайд гирифта шудаанд, анҷом дода мешавад. Мувофиқи ин усул, сатҳи бекорӣ дар Тоҷикистон муддати тӯлонӣ наздик 2,0%-ро ташкил медиҳад. ки яке аз нишондиҳандаҳои пасттарин дар ИДМ мебошад. Ин нишондиҳанда пасттар нисбат ба Россия (2,6%), Қирғизистон (2,9%), Украина (3,6%), Арманистон (9,0%) ва сатҳи умумии бекорӣ дар ИДМ (2,6%) мебошад.[45]

Чунин ҳолат ҳангоми муқоисаи сатҳи бекорӣ дар Тоҷикистон бо кишварҳои мутараққӣ ба мушоҳида мерасад. Дар маҷмӯъ, дар кишварҳои СИҲР (Созмони иқтисодии ҳамкорӣ ва рушд) сатҳи бекорӣ ба 6,5% мерасад. Агар сухан дар бораи аъзоёни ҷудогонаи он равад, пас дар ИМА - 5,1%, Фаронса – 10,0%, Япония – 4,4%, в Шветсия – 5,9%, Полша – 15,6%, Словакия – 15,8%-ро ташкил медиҳад.[46]

Дар Тоҷикистон баҳодиҳии аниқ ва яхкелаи миқёси бекории воқеӣ вуҷуд надорад. Аз рӯи маълумоти омори расмӣ 2,8 % аҳолии қобили меҳнат, ки дар хадамоти шуғл ба қайд гирифта шудаанд, бекор ҳисобида мешаванд. Ҳисобҳои дар асоси усули СБМ анҷомдода, ҳолати зеринро нишон медиҳанд: бекории ошкоро - 4,3%, бекории пинҳонӣ - 5,1%, шуғли муваққатӣ - 11,9%, шахсони дар ҷустуҷӯи кор ноумедгашта - 16,7%, шуғли нопурра - 19,5% ва ғайра - 21,3%. Ҳамин тавр, сатҳи бекории воқеӣ аз 35 то 40% -ро дар муқоиса бо шумораи аҳолии қобили меҳнат, ё аз 500 до 650 ҳазор нафарро ташкил менамояд.[47]

Барои мақсади таҳлил маълумотҳои омори расмӣ дар бораи сатҳи воқеии бекорӣ дар Тоҷикистон эътимоднок нестанд. Муайянкунии шумораи бекорон аз рӯи бақайдгирии онҳо дар биржаҳои меҳнат бо сабабҳои зерин номумкин аст:

а) биржаҳои меҳнат дар Тоҷикистон ҳанӯз ҳам дар марҳилаи ибтидоии рушди худ қарор дошта, ба унсури муайянкунандаи бозори миллии меҳнат табдил наёфтаанд;
б) сатҳи ниҳоят пасти музди меҳнат монеаи ҷиддӣ барои муроҷиат ба биржаҳои меҳнат ҷиҳати бақайдгирӣ мегардад;
в) сатҳи ниҳоят пасти кӯмакпулӣ бо сабаби бекорӣ ҳавасмандии чунин бақайдгирӣ шуда наметавонад.

Дар шароити афзоиши доимии аҳолии ҷумҳурӣ аз соли 2001 то соли 2008 ба андозаи 13,4% ва афзоиши шумораи миёнаи солонаи дар иқтисодиёт ба кортаъминбудагон дар ин давра ба андозаи 16,7% -ро ташкил дода, сатҳи бекорӣ дар ин давра тағйир наёфт ва ҳамагӣ 2,2% (+,- 0,1% – 0,2 % аз рӯи солҳо дар ин давра) буд. Ҳол он ки аз рӯи маълумоти Таҳқиқи қувваи корӣ дар Тоҷикистон (ТҚК-2004), ки аз ҷониби Кумитаи давлатии омор дар соли 2004 гузаронида шуд, сатҳи бекории умумӣ нисбат ба аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол 7.4 % ва шумораи умумии бекорон бошад - 196 ҳазор нафарро ташкил дод.

## НАМУДҲОИ БЕКОРӢ

Аз ҷиҳати шуғл ва бекорӣ дар Тоҷикистон вазъ хусусияти ангезанда дорад. Дар давраи солҳои 2000-2008 шумораи захираҳои меҳнатӣ ба андозаи 35,2%, шумораи аҳолии фаъол ба андозаи 23,5% ва аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ ғайрифаъол 50,4% афзуд.[48] Дар давоми се соли охир вазъ куллан тағйир наёфтааст.

Дар соли 2008 дар ҷумҳурӣ 196 ҳазорон бекорон буданд, ки 7,4% -и аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъолро ташкил медиҳанд.[49] Ҳамзамон шумораи **бекорони расман бақайдгирифташуда** дар мақомоти бо кор таъминкунӣ дар соли 2008 52,0 ҳазор нафарро ташкил дод. Дар баробари ин, афзоиши миқдори машғулбудагон аз афзоиши захираҳои меҳнатӣ бештар аз 5 маротиба ақиб мемонад. Сатҳи шуғли аҳолӣ дар бахши расмии иқтисодиёт ба андозаи 2,5% паст фаромада, 52,8 % бар хилофи 55,3 %-и ҳамин давраи соли 2005 ташкил дод. Таркиби бекорон аз рӯи сатҳи таҳсилот нишон медиҳад, ки бештар он қисми аҳолӣ бекор мегардад, ки таҳсилоти касбӣ надорад. Чунончӣ, аз шумораи умумии бекорон қариб 75% таҳсилоти касбӣ надошта, 48,7%-и онҳо дорои таҳсилоти пурраи миёна, 18,4% таҳсилоти миёнаи асосӣ ва 7,4% таҳсилоти ибтидоӣ мебошанд.[50] Ҳамин тавр, афзоиши миқдори ҷойҳои корӣ дар иқтисодиёти расмӣ ба афзоиши табиии аҳолии қобили меҳнат мувофиқат намекунад. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки ба хадамоти шуғли аҳолӣ на ҳамаи бекорон муроҷиат менамоянд.

**ҶАДВАЛИ 3.1**
**САТҲИ БЕКОРӢ ТИБҚИ МАЪЛУМОТИ ОМОРИ РАСМӢ**

| | 2002 | 2003 | 2004 | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи аҳолии доимӣ дар оғози сол, ҳазор нафар | 6375,5 | 6506,5 | 6640,0 | 6780,4 | 6920,3 | 7063,8 | 7215,7 | 7373,8 |
| Шумораи миёнасолии дар иқтисодиёт машғулбудагон, ҳазор нафар | 1829 | 1857 | 1885 | 2090 | 2112 | 2137 | 2150 | - |
| Шумораи бекороне, ки дар мақомоти ҳадамоти шуғл расман ба қайд гирифта шудаанд, дар авали сол, ҳазор нафар | 43 | 47 | 43 | 39 | 44 | 47 | 52 | 44 |
| Сатҳи бекорӣ | 2,3% | 2,5% | 2,4% | 2,0% | 2,0% | 2,2% | 2,3% | 2,2% |

Бартарияти асосии бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон сатҳи баланди **бекории ниҳонӣ** маҳсуб меёбад, ки аз як тараф, захираи васеъгардонии истеҳсолот бошад, аз тарафи дигар он метавонад омили ҷиддии ноустуворгардии муносибатҳои иҷтимоӣ ҳангоми бад шудани вазъи иқтисодӣ гардад.

Бекории ниҳонӣ худ шуғли нопуррае мебошад, ки бинобар бозистодани истеҳсолот як қисми кормандон дар рухсатиҳои иҷборӣ қарор дошта, ё дар низоми нопурраи ҳафта ё рӯзи корӣ кор мекунанд. Аз рӯи маълумоти ТҚК-2004 сатҳи бекории ниҳонӣ 10,6 %-и аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол, аз ҷумла дар байни мардон – 10,2 %, дар байни занон – 11,3%-ро ташкил дод. Сатҳи бекории ниҳонӣ дар шаҳрҳо 20,5 % ва дар деҳот бошад 7,2 %-ро ташкил намуд.

Дар соли 2007 барои гурӯҳҳои ҷудогонаи аҳолӣ, ки ба ҳифзи иҷтимоӣ эҳтиёҷ дошта барои ҷустуҷӯи кор мушкилӣ мекашиданд ва имконияти баробари рақобатро дар бозори меҳнат надоштанд, аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ 1331 ҷойи корӣ тибқи квота пешбинӣ шуда буданд. Бо ёрии мақомоти Агентии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират 520 нафар эҳтиёҷмандон бо кори доимӣ таъмин карда шудаанд.

**ЗАМИМАИ МАТНИ 10**
**ОЁ ШУМОРАИ БЕКОРОН КАМ МЕГАРДАД?**

Дар давоми нимсолаи аввал аз ҳисоби тамоми манбаъҳо зиёда аз 88 ҳазор ҷойҳои кории нав таъсис дода шуд, ки 59%-и Нақшаи «Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2009» мебошад. Ба гуфтаи Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ Шукурҷон Зуҳуров, ин рақам нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 35 ҳазор зиёдтар аст. Ба қавли ӯ, дар ин давра 385 ярмаркаҳои ҷойҳои корӣ гузаронида шуда, дар натиҷа зиёда аз 34400 нафар бо ҷойи кор таъмин гаштанд. «Бисёриҳо дар ин ярмаркаҳо ҷойи кор пайдо намуданд, вале шароити кор, аз ҷумла музди меҳнат ва ғайра на ба ҳамаи онҳо писанд омад ва онҳо боз ба сафи бекорон баргаштанд - гуфт вазир». Ба гуфтаи Ш.Зуҳуров, дар мақомоти шуғли аҳолӣ дар давраи ҳисоботӣ 44,6 ҳазор шаҳрвандони бекор ба қайд гирифта шудаанд.

***Мавҷуда Ҳасанова,***
***Азия-Плюс № 30(497). 29 июля 2009***

**Дар кишвар дастгирии моддии шаҳрвандони бекор бо роҳҳои зерин амалӣ карда мешавад:**

- пардохти кӯмакпулӣ бо сабаби бекорӣ аз Фонди суғуртаи иҷтимоӣ;
- пардохти маблағҳои иловагӣ аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллӣ;
- кӯмаки моддӣ барои дафни шаҳрванди бекоре, ки мақоми бекорро соҳиб аст ва оид ба бекорӣ кӯмакпулӣ мегирад.

Андозаи кӯмакпулиро бо сабаби бекорӣ мақомоти хадамоти давлатии шуғли аҳолӣ муайян мекунад ва вобаста ба омилҳои гуногун тафриқа карда шудаанд.

- шаҳрвандони бекор аз ҷойи кори охирин ба андозаи 50% аз музди миёнаи меҳнат кӯмакпулӣ мегиранд, ба шарте агар онҳо на камтар аз 12 рӯзи тақвимӣ дар давоми 12 моҳи охир кор карда бошанд;
- шаҳрвандоне, ки на камтар аз 12 рӯзи тақвимӣ дар давоми 12 моҳи охир кор карда бошанд, инчунин шахсони тибқи даъват баъд аз адои хизмати ҳарбӣ ҷавоб додашуда дар ҳаҷми маоши ҳадди ақал кӯмакпулӣ мегиранд;
- ҳангоми дар ихтиёри бекорон будани хӯрандагони ғайриқобили меҳнати синни то 15-сола бо қарори Маҷлиси вакилони халқ ба кӯмакпулӣ бо сабаби бекорӣ ба андозаи 10 фоиз ба ҳар як хӯранда аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ иловапулӣ муқаррар карда мешавад;
- шаҳрвандоне, ки бори нахуст ба ҷустуҷӯи кор баромада, муддати тӯлонӣ (зиёда аз як сол) кор накардаанд, бо роҳхати мақомоти хадамоти давлатии шуғли аҳолӣ аз омодагии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзӣ дар муассисаҳои таълимӣ гузаштаанд, нафарони дар корҳои ҷамъиятии пардохтшаванда ширкаткарда ва инчунин шахсони бо сабаби вайрон кардани қонунгузорӣ ва интизоми меҳнат аз кор озод карда шуда барои гирифтани кӯмакпулӣ бо сабаби бекорӣ ҳуқуқ надоранд.[51]

Дар давраи омодагии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзии шаҳрвандони бекор, ки кори муздноки на камтар аз 12 ҳафта дар давоми 12 моҳи охир дошта, бо роҳхати мақомоти хадамоти давлатии шуғли аҳолӣ стипендия ба андозаи кӯмакпулии бо сабаби бекорӣ додашаванда пардохта мешавад.

Шаҳрвандоне, ки бори нахуст ба ҷустуҷӯи кор баромада, муддати тӯлонӣ (зиёда аз як сол) кор накардаанд ва ба омодагии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзӣ эҳтиёҷ доранд, стипендия ба андозаи музди меҳнати ҳадди ақал таъин карда мешавад.[52]

## ҲАЙАТИ СИННУСОЛӢ, ГЕНДЕРӢ ВА ТЕРРИТОРИЯВИИ БЕКОРОН

Таҳлили бекорӣ аз рӯи аломати синнусолӣ нишон медиҳад, ки аз рӯи гурӯҳҳои синнусолии алоҳида фарқиятҳои куллӣ ҷой доранд. Ҳиссаи мардон ва занон дар шумораи бекорон мутобиқан 51,9% (101,6 ҳазор нафар) ва 48,1% (93,5 ҳазор нафар) мебошад. Сатҳи бекорӣ дар байни ҷавонон баланд аст. Наздик 62,7%-и бекорон таҷрибаи корӣ надоранд.

Мутаассифона, ҳодисаҳои бӯҳронӣ дар иқтисодиёт ба он оварда расонд, ки шумораи аз ҳад зиёди бекорон дар ҷумҳурӣ ба синнусоли қобили баланди меҳнат (20-29 –сола ва 30-39-сола) рост меояд. Зимнан ин ҳам ба мардон ва ҳам ба занон яксон мансуб аст. Ин гурӯҳҳои синнусолӣ мактаби миёнаро солҳои 90-ум, вақте ки имконияти гирифтани таҳсилоти касбӣ якбора кам гардид, хатм кардаанд. Аз ин рӯ, инҳо ва наслҳои оянда нисбат ба наслҳои калонсолтар, ки тахассуси касбиро дар давраи шӯравӣ гирифтаанд, бо рақобатпазирии пасти тахассусӣ дар бозори меҳнат тавсиф карда мешаванд.

Зимни фарогирии ҷойдоштаи ҷавонон бо таҳсилоти касбӣ сатҳи тахассуси қувваи корӣ дар 20 соли наздик аз ҳисоби ба нафақа баромадани ин насл, ки мактаби миёнаро солҳои 90-ум тамом кардааст, инчунин аз ҳисоби суръати нисбатан баланди афзоиши қисми қобили меҳнати аҳолӣ, дар муқоиса бо омодагии касбии онҳо, паст мегардад.

## ҶАДВАЛИ 3.2
## СОХТОРИ ҶИНСӢ ВА СИННУСОЛИИ БЕКОРОН

| | Ҳамагӣ | до 20 | 20-24 | 25-29 | 30-34 | 35-39 | 40-44 | 45-49 | 50-54 | 55-59 | 60-75 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **НАФАР** | | | | | | | | | | | |
| ҳамагӣ | 195952 | 46303 | 37058 | 34373 | 19656 | 21565 | 13936 | 11652 | 8515 | 2294 | 602 |
| мардон | 101604 | 23030 | 23434 | 18004 | 8593 | 8608 | 6256 | 6638 | 4848 | 1591 | 602 |
| занон | 94349 | 23273 | 13624 | 16368 | 11063 | 12957 | 7680 | 5014 | 3667 | 703 | - |
| **ДАР ФОИЗ** | | | | | | | | | | | |
| ҳамагӣ | 100,0 | 23,6 | 18,9 | 17,5 | 10,0 | 11,0 | 7,1 | 5,9 | 4,3 | 1,2 | 0,3 |
| мардон | 100,0 | 22,7 | 23,1 | 17,7 | 8,5 | 8,5 | 6,2 | 6,5 | 4,8 | 1,6 | 0,6 |
| занон | 100,0 | 24,7 | 14,4 | 17,3 | 11,7 | 13,7 | 8,1 | 5,3 | 3,9 | 0,7 | - |

## ДИАГРАММАИ 3.1
## СОХТОРИ БЕКОРӢ АЗ РӮИ ГУРӮҲҲОИ СИННУСОЛӢ ВА ҶИНСӢ[53]




Дар байни занон якбора кам шудани шумораи бекорон пас аз синни 20-солагӣ ба мушоҳида мерасад, ки ба афзоиши ӯҳдадориҳои репродуктивӣ дар оила (таваллуди фарзандон ва тарбияи онҳо) алоқаманд аст. Азбаски қариб нисфи занон на аз рӯи кироя кор мекунанд, ки дар он ҷо барои онҳо имтиёзҳо оид ба ҳифзи модар мавриди истифода қарор намегиранд, он гоҳ дар сурати аз даст додани кор, онҳо рафтанро аз бозори меҳнат авлотар шуморида, ба пешбурди корҳои хоҷагӣ ё тиҷорати расман ба қайд гирифтанашуда машғул мешаванд.

Инчунин хусусияти бекории ба қайд гирифташудаоро аз рӯи минтақаҳо таъкид кардан зарур аст - он дар шаҳри Душанбе, вилоятҳои Хатлон ва Суғд баланд аст (дар баробари ин натиҷаҳои таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки сатҳи бекорони ба қайд гирифташуда маҳз дар шаҳрҳо зиёд мебошад), гарчанде ки шумораи аҳолии деҳот, 73%-и шумораи умумии аҳолиро ташкил медиҳад.

Ин асосан аз набудани боварии аҳолии деҳот ба мақомоти расмии кортаъминкунӣ, инчунин сатҳи пасти (нисбат ба шаҳрҳо) хизматрасонии хадамоти шуғл маънидод карда мешавад.

## ҶАДВАЛИ 3.3
## ҲАЙАТИ БЕКОРОН АЗ РӮИ ҶИНСУ СИННУСОЛ ДАР МИНТАҚАҲО (НАФАР)

| | Ҳамагӣ | то 20 | 20-24 | 25-29 | 30-34 | 35-39 | 40-44 | 45-49 | 50-54 | 55-59 | 60-75 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **НАФАР** | | | | | | | | | | | |
| ҳамагӣ | 195952 | 46303 | 37058 | 34373 | 19656 | 21565 | 13936 | 11652 | 8515 | 2294 | 602 |
| Душанбе | 45876 | 6909 | 12576 | 6944 | 5094 | 5224 | 4121 | 2729 | 1688 | 319 | 271 |
| Суғд | 38271 | 14682 | 6948 | 5936 | 2077 | 2367 | 1754 | 2289 | 1814 | 405 | |
| Хатлон | 62747 | 14402 | 10236 | 12166 | 6419 | 8711 | 4228 | 3145 | 2603 | 535 | 302 |
| НТҶ | 31435 | 7317 | 4556 | 5208 | 3863 | 3065 | 2332 | 2277 | 1866 | 951 | |
| ВМКБ | 17623 | 2993 | 2741 | 4118 | 2203 | 2198 | 1501 | 1213 | 543 | 83 | 29 |
| **ДАР ФОИЗ** | | | | | | | | | | | |
| ҳамагӣ | 100,0 | 23,6 | 18,9 | 17,5 | 10,0 | 11,0 | 7,1 | 5,9 | 4,3 | 1,2 | 0,3 |
| Душанбе | 100,0 | 15,1 | 27,4 | 15,1 | 11,1 | 11,4 | 9,0 | 5,9 | 3,7 | 0,7 | 0,6 |
| Суғд | 100,0 | 38,4 | 18,2 | 15,5 | 5,4 | 6,2 | 4,6 | 6,0 | 4,7 | 1,1 | |
| Хатлон | 100,0 | 23,0 | 16,3 | 19,4 | 10,2 | 13,9 | 6,7 | 5,0 | 4,1 | 0,9 | 0,5 |
| НТҶ | 100,0 | 23,3 | 14,5 | 16,6 | 12,3 | 9,8 | 7,4 | 7,2 | 5,9 | 3,0 | |
| ВМКБ | 100,0 | 17,0 | 15,6 | 23,4 | 12,5 | 12,5 | 8,5 | 6,9 | 3,1 | 0,5 | 0,2 |

Дар айни ҳол аз нуқтаи назари минтақавӣ низ бекорӣ дар гурӯҳҳои синнусолии аз 15 то 39 сола зиёд аст.

Проблемаи калон барои Тоҷикистон **бекории ҷавонон** мебошад. Дар таркиби бекорон ҷавонони синни 15-29 сола 27,2 ҳазор нафар (51,9%)-ро ташкил мекунанд. Ҳиссаи ҷавонони ин синну сол дар ҳаҷми умумии бекории ба қайдгирифта дар солҳои охир хеле баланд буда, 60-65% мебошад, сатҳи бекорӣ дар қатори ҷавонони фаъоли иктисодӣ дар синни 15-29 сола 9-11%-ро ташкил менамояд. Сини миёнасолии бекорон ба 29,6 сол баробар аст.

Омӯзиши таркиби иҷтимоии ҷавонон дар синни 15-29 сола нишон дод, ки ҷавонони синни то 18 солаи ба мақомоти хадамоти шуғл муроҷиаткарда асосан на касб ва на тахассус доранд. Азбаски ҷои кори холи барои ин гурӯҳӣ аҳоли нест, проблемаи ба кортаъминкунии он ба масъалаи омодагии касбӣ табдил меёбад.

Шумораи расман ба қайд гирифташудагон дар ВМКБ 7150 нафар, дар вилояти Суғд – 17059 нафар, дар вилояти Хатлон – 17274 нафар, дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ – 8974 нафар ва дар шаҳри Душанбе – 1980 нафарро ташкил мекунад. Дар ин давра аз 60505 шаҳрвандони ба макомоти Агентӣ муроҷиаткарда, 12629 нафар (аз ҷумла 5604 занон) ба кори доимӣ таъмин гардонида шуданд; мақоми бекор ба 20155 дода шуда, ба 1654 нафар кӯмакпулӣ оид ба бекорӣ таъин карда шуд.

Зимнан воситаи ҷустуҷӯи кор дар гурӯҳҳои алоҳидаи синну солӣ аз ҳамдигар фарқ мекунад. Чунончӣ, зиёда аз 68% ба дӯстон, хешовандон, шиносон ва танҳо 14% ба хадамоти давлатии шуғл муроҷиат менамоянд. Ин нишондиҳандаҳо ба воситаи ҷустуҷӯи кор дар гурӯҳҳои сини 20-34 сола мутаносиб аст.

Аксарияти мутлақи бекорон (134 898 нафар) дар ҳамаи гурӯҳҳои синнусолӣ (ба ғайр аз 60-75-сола) ба дӯстон, хешовандон ва шиносон муроҷиат карданро ба сифати воситаи асосии ҷустуҷӯи кор интихоб намудаанд. Дар ҷойи дуюм – 27 418 нафар ба хадамоти давлатии шуғл муроҷиат намудаанд.

Мавҷудияти **шаклҳои шахшудамондаи бекорӣ** яқин аст, ки дар иртибот бо онҳо миқдори зиёди бекорон 12 моҳ ва бештар аз он дар ҷустуҷӯи кор мебошанд.

## ҶАДВАЛИ 3.4
## БЕКОРОН АЗ РӮИ СИННУ СОЛ ВА ВОСИТАИ ҶУСТУҶӮИ КОР (НАФАР)

| | ҳамагӣ | то 20 лет | 20-29 | 30-39 | 40-49 | 50-59 | 60-75 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Тавассути хадамоти давлатии шуғл | 27418 | 4488 | 10156 | 6373 | 3944 | 2428 | 29 |
| Тавассути ВАО ва интернет | 89 | | 89 | - | - | - | - |
| Ба воситаи дӯстон, шиносон ва хешовандон | 134898 | 34532 | 48968 | 27633 | 17287 | 6478 | - |
| Тавассути маъмурият/корфармо | 23885 | 4931 | 7883 | 5327 | 3434 | 1737 | 573 |
| Ҷустуҷӯи замин, бино, мошин барои оғоз намудани соҳибкорӣ | 3241 | 624 | 1806 | 579 | 232 | - | - |
| Воситаҳои дигар | 6422 | 1728 | 2529 | 1308 | 691 | 166 | - |
| Ҳамагӣ | 195952 | 46303 | 71431 | 41221 | 2588 | 10809 | 602 |

## ҶАДВАЛИ 3.5
## БЕКОРОН АЗ РӮИ СИННУ СОЛ ВА ДАВОМНОКИИ ҶУСТУҶӮИ КОР (НАФАР)

| | ҳамагӣ | то 20 лет | 20-29 | 30-39 | 40-49 | 50-59 | 60-75 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ | 195952 | 46303 | 71431 | 41221 | 25588 | 10809 | 602 |
| Камтар аз 1 моҳ | 18736 | 6129 | 7278 | 1993 | 2782 | 355 | - |
| 1 - 3 моҳ | 25457 | 7300 | 9073 | 6063 | 2790 | 202 | 29 |
| 3 - 6 моҳ | 12947 | 2950 | 4094 | 3425 | 1368 | 1112 | - |
| 6 - 9 моҳ | 12876 | 3244 | 6216 | 2488 | 763 | 166 | - |
| 9 - 12 моҳ | 26055 | 9246 | 8989 | 2077 | 4537 | 1205 | - |
| 12 моҳ ва бештар аз он | 95245 | 16358 | 13968 | 24294 | 12447 | 7604 | 573 |
| Дар ҷустуҷуи кор набуданд | 4636 | 1078 | 1613 | 878 | 900 | 166 | - |

Дар айни ҳол, аз 195 952 нафар корҷӯянда, дар давоми моҳи аввал танҳо 18 736 нафар (қариб 9%) кор пайдо карда тавонистанд, дар давоми як сол ва бештар аз он қариб 50% (95 245 нафар) дар ҷустуҷӯи кор буданд, зиёда аз 2% бошад, умуман боровариро баҳри пайдо кардани кор гум кардаанд.

Хусусияти бекориро дар деҳот, ки ба афзалияти бекории ниҳонӣ ва мавсимӣ алоқаманд аст, қайд кардан зарур аст. Бешак, набудани асос барои бақайдгирии бекорӣ дар деҳот, вазъи воқеии сатҳ ва сохтори бекориро дар деҳот нишон дода наметавонад. Бинобар ин, барои омӯзиши проблемаи меҳнат дар деҳот, гузаронидани тадқиқотҳои махсус бо истифодаи усулҳои хоса зарур аст.

# 3.2. ТАҲСИЛОТ ВА БЕКОРӢ

## ТАҚСИМОТИ БЕКОРОН АЗ РӮИ САТҲИ ТАҲСИЛОТ

### ЗАМИМАИ МАТНИ 11
### БЕКОРӢ ВА ПРОБЛЕМАҲОИ КИРОЯИ АВВАЛ (ХАТМКУНАНДАГОНИ МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМӢ)

Дар маҷмӯъ, бекорие, ки аз ҷониби хадамоти миллии шуғл ба қайд гирифта мешаванд, дар тамоми кишварҳои ИДМ зиёд нест: вазни хоси бекорони бақайдгирифташуда дар шумораи умумии синни қобили меҳнат дар соли 2004 аз 1% дар Озарбойҷон ва Тоҷикистон то 5,3 % дар Арманистон ташкил карда буд. Омор нишон медиҳад, ки ҷавонон агар аксариятро ташкил накунанд ҳам, қисми асосии бекоронро дар бар мегиранд. Дар соли 2002 ҷавононн то 30-сола 43%-и тамоми бекоронро дар Озарбойҷон, дар Арманистон - 28%, Қазоқистон - 26%, Қирғизистон - 37%, Россия - 31%, Тоҷикистон - 62,6% ташкил дод. Зимнан, дар байни ҷавонони бекор ҳиссаи калонтарин ба синни аз ҳама хурд тааллуқ дорад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки проблемаҳои зиёдро вобаста ба пайдо намудани кор синни хурдтарини иштирокчиёни бозори меҳнат доранд.

Ҳайати бекорон аз рӯи сатҳи таҳсилот нишон медиҳад, ки ба бекорӣ бештар он қисми аҳолӣ мувоҷеҳ мешавад, ки таҳсилоти касбӣ надорад. Чунончӣ, аз миқдори умумии бекорон қариб 75% таҳсилоти касбӣ надошта, 48,7% таҳсилоти миёнаи пурра, 18,4% таҳсилоти асосии миёна ва 7,4% таҳсилоти ибтидоӣ доранд.[54]

Сатҳи таҳсилот яке аз омилҳои асосии муайянкунандаи хавфи афтидан ба сафи бекорон маҳсуб меёбад. Зимнан барои гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоию демографӣ хавфи бекор мондан метавонад гуногун бошад. Одатан ба қатори гурӯҳҳои махсуси осебпазир занон, ҷавонон, кормандони таҳсилоти нокифоя ва тахассуси паст дошта, ақаллиятҳои миллӣ ва маюбон мансуб дониста мешаванд. Чунин вазъиятро дар бозори меҳнати ватанӣ мушоҳида намудан мумкин аст.

**ҶАДВАЛИ 3.6**
**ТАҚСИМОТИ БЕКОРОНИ БАҚАЙДГИРИФТАШУДА АЗ РӮИ САТҲИ ТАҲСИЛОТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН (БА 1 ЯНВАРИ СОЛИ ДАХЛДОР, ҲАЗОР НАФАР)[55]**

| Солҳо | Ҳамагӣ | Шахсони дорои таҳсилоти олӣ | Шахсони дорои таҳсилоти миёнаи махсус | Шахсони дорои таҳсилоти миёнаи умумӣ |
|---|---|---|---|---|
| 2001 | 43,2 | 1,9 | 5,9 | 28,4 |
| 2002 | 42,9 | 2,0 | 8,0 | 26,3 |
| 2003 | 46,7 | 2,1 | 6,5 | 29,3 |
| 2004 | 42,9 | 2,3 | 6,5 | 25,1 |
| 2005 | 38,8 | 2,2 | 4,9 | 11,7 |
| 2006 | 43,6 | 1,7 | 5,9 | 11,4 |
| 2007 | 46,5 | 2,1 | 5,9 | 10,9 |
| 2008 | 51,7 | 2,4 | 7,0 | 7,9 |
| 2009 | 43,6 | 2,4 | 7,0 | 6,1 |

## МАВҶУДИЯТИ БЕКОРОН ДАР БАЙНИ ҶАВОНОНИ СИННИ ТО 30-СОЛА БОИСИ НИГАРОНИИ МАХСУС МЕБОШАД

### ҶАДВАЛИ 3.7
### ҶАРАЁНИ АФЗОИШИ ҲИССАИ ҶАВОНОНИ СИННИ ТО 30 СОЛА ДАР ШУМОРАИ УМУМИИ БЕКОРОНЕ, КИ ДАР ХАДАМОТИ ШУҒЛИ БАЪЗЕ КИШВАРҲОИ ИДМ БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУДААНД (СОЛҲОИ 1992-2002)[56]

| | 1992 | 1995 | 2000 | 2001 | 2002 |
|---|---|---|---|---|---|
| Озарбойҷон | 24 | 50 | 43 | 43 | 43 |
| Арманистон | - | 45 | 30 | 22 | 28 |
| Қазоқистон | - | 47 | 29 | 28 | 26 |
| Қирғизистон | - | 40 | 40 | 37 | 37 |
| Россия | 38 | 36 | 32 | 32 | 31 |
| Тоҷикистон | - | 64 | 65 | 66 | 63 |

Дар гурӯҳи ҷавонони бекор гурӯҳҳои махсуси хатарнок низ мавҷуданд. Асосан, ин гурӯҳ онҳое мебошанд, ки ба бозори меҳнат бори аввал баромадаанд: инҳо хатмкунандагони муассисаҳои таълимии сатҳҳои гуногун мебошанд, ки таҷрибаи шуғли касбиро надоранд. Мушкилоти бо кор таъмин намудани чунин хатмкунандагон чи дар соҳаи маориф ва чи дар соҳаи меҳнат ташаккул меёбад.

Яке аз сабабҳои асосии пайдоиши мушкилот вобаста бо кортаъминкунӣ дар номутобиқатии ихтисос ва тахассуси хатмкунандагони муассисаҳои таълимӣ ба талаботи бозори меҳнат (сохтори ҷойҳои корӣ) маҳсуб меёбад. Зимнан ин дар номутобиқатии касбҳо ва ихтисосҳо ва ҳам дар номутобиқатӣ аз рӯи сатҳи тахассус ниҳон мебошад. Ба таври дигар, сухан дар бораи бекории сохторӣ меравад.

Сабаби дигар дар сифати пасти хизматрасонии таҳсилотӣ, ки аз тарафи аксарияти таълимгоҳҳои касбии сатҳи гуногун пешниҳод мегардад, нуҳуфта аст. Пастшавии сифати таълим ба он оварда мерасонад, ки хатмкунандагон бе бозомӯзии пешакӣ барои оғоз намудани кор қобилият надоранд. Ҳамзамон, корфармоён, ба омодагии касбии мутахассисони ҷавон боварӣ ҳосил накарда, вале дар баробари ин барои бозомӯзии корманди нав хоҳиши саҳмгузории маблағро надошта, яке аз талаботҳои асосиро барои довталаби ҷойи холии корӣ - мавҷудияти таҷрибаи кориро аз рӯи ихтисос мегузоранд, ки барои онҳо кафолати муайяни омодагии мутахассис ҷиҳати фавран ба иҷрои ӯҳдадориҳои худ шурӯъ кардани онҳо мегардад. Дар натиҷа, «доираи сарбастаи» хос ба вуҷуд меояд, ки бо кор таъмин намудани хатмкунандагони муассисаҳои таълимӣ (аз ҷумла муассисаҳои таълимии касбӣ) аз рӯи ихтисос, аксаран бо надоштани таҷрибаи корӣ аз рӯи ихтисос душвор мегардад, вале ҳамзамон онҳо наметавонанд чунин таҷрибаро ҳосил намоянд, зеро онҳоро ҳеҷ кас бинобар набудани таҷрибаи корӣ ба кор қабул намекунад.

Яке аз сабабҳои дигар мавҷуд набудани механизми бо кор таъминнамоии хатмкунандагон маҳсуб меёбад. Даст кашидан аз системаи қатъии муқarraргардидаи тақсимоти ҳатмии донишҷӯён пас аз хатми муассисаҳои таълимии касбӣ, ки дар даври шӯравӣ вуҷуд дошт, муддати тӯлонӣ бо таъсиси ягон системаи дигар иваз нагардид, ки бо ба кортаъминкунии ҷавонон ва муносибатҳои нави бозорӣ мусоидат намояд. Дар ҳоли ҳозир дар як қатор кишварҳо кӯшиш карда истодаанд, ки унсурҳои чунин механизмҳоро ба вуҷуд оранд (фармоишҳои давлатӣ барои омодасозии мутахассисон ҷорӣ гардида, омодасозии мутахассисон аз рӯи фармоиши сохторҳои тиҷоратӣ ва коромӯзии хонандагон дар корхонаҳо ташкил карда шуда истодаанд). Дар Тоҷикистон ба хатмкунандагони мактабҳои олӣ, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ таҳсил мекунанд, диплом дар бораи хатм танҳо баъд аз се соли дар ташкилотҳо ва корхонаҳои давлатӣ кор кардани онҳо дода мешаванд.

Вале, маъмулан, хатмкунандагони имрӯза худашон ё бо ёрии шиносон ва хешовандон ҷойи кор пайдо мекунанд. Мутаассифона, дар бисёр ҳолат ин ҷои кор ба ихтисоси гирифташуда мувофиқат намекунад ва хеле қадру қимати таҳсилоти бадастовардаи онҳоро коста мегардонад.

Дар бораи шадид будани проблемаи бо кор таъмин намудани хатмкунандагон пас аз хатми муассисаҳои таълимӣ баъзе маълумотҳои кумитаҳои оид ба омори кишварҳои ИДМ гувоҳӣ медиҳанд. Чунончӣ, мувофиқи ин маълумот, дар соли 2004 фақат дар байни бекорони аз ҷониби хадамоти шуғл бақайдгирифташуда, хатмкунандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ, омӯзишгоҳҳои касбии техникӣ, муассисаҳои миёнаи таълимии махсус дар Озарбойҷон - 20%, Қирғизистон - 21%, Россия - 10% ва дар Қазоқистон - 2% -ро ташкил дод.

Эзоҳ. Агар сухан дар бораи хатмкунандагон дар байни тамоми бекорон равад (тибқи методологияи ҳисобкардашудаи СБМ), пас чунин маълумот танҳо доир ба Қазоқистон мавҷуд аст. Мувофиқи ин маълумот, дар соли 2002 сабаби бекории 15,7% -и тамоми бекорон «набудани ҷойи кор пас аз хатми таҳсил» маҳсуб меёфт. Дар байни бекорони синни 16-24 сола - 47% ба кор таъмин набудани худро бо ҳамин сабаб вобаста донистанд.

Ҳангоми суханронӣ намудан дар бораи миқёс ва сатҳи баланди бекорӣ дар кишварҳои ИДМ, бояд ба назар гирифт, ки ин нишондиҳандаҳо дар тамоми кишварҳои минтақа метавонистанд бештар гарданд, ба шарте агар афзоиши шуғли ғайрирасмӣ намебуд, ки ба сафи худ кормандонеро ҷалб намуд, ки дар бозори расмии меҳнат дар давраи ислоҳоти иқтисодӣ нодаркор шуда буданд. Ин тамоюл бахусус ба шуғли ҷавонон хос аст.

**ДИАГРАММАИ 3.2**
**ТАҚСИМОТИ БЕКОРОН АЗ РӮИ САТҲИ ТАҲСИЛОТ, ҲАЗОР НАФАР**




Маълумотҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки миқдори бекорони дорои таҳсилоти олӣ ва миёнаи махсус буда, дар маҷмӯъ дар Ҷумҳурии Тоҷикитон афзоиш меёбад. Аммо, системаи таҳсилоти умумӣ истисно мебошад, ки дар он миқдори бекорон кам мегардад (аз 28,4 ҳазор нафар дар соли 2001 то 6,1 ҳазор нафар дар соли 2009). Чунин вазъ дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ ҷой дорад.

Дар ҷадвал сохтори муваққатии бекорӣ барои гурӯҳҳои гуногуни таҳсилотӣ оварда шудааст. Мӯҳлати ҷустуҷӯи кор барои бекорони дорои таҳсилоти олии нопурра аз ҳама кам давом мекунад. Қайд кардан муҳим аст, ки ҳангоми гузаштан аз гурӯҳҳои таҳсилоташон баланд ба гурӯҳҳои таҳсилотиашон нисбатан пасттар давомнокии мӯҳлати ҷустуҷӯи кор тадриҷан тӯл мекашад. Ин тамоюл ҳангоми таҳлили маълумот дар бораи ҳиссаи бекорони дарозмӯҳлат дар гурӯҳҳои таҳсилотии гуногун аён мегардад. Чунончӣ, дар байни бекорони дипломи мактаби олӣ дошта, 37% як сол ва зиёда аз он ҷойи кор ҷустанд, ҳол он ки ин нишондиҳанда дар байни бекорони дорои таҳсилоти миёна ва таҳсилоти пасттар 42-60% мебошад.

Тибқи маълумоти ТҚК соли 2004 аз шумораи умумии ҷавонони бекор 70% дар ҷустуҷӯи кор фаъол буда, 30% кӯшиш доранд, ки ба соҳибкории хусусӣ машғул шаванд. Танҳо 5,5%-и ҷавонони бекор ба хадамоти давлатии шуғл ва 7,2% ба биржаи меҳнат муроҷиат мекунанд. Бояд тазаккур дод, ки ҳар шашумин шахси бекор (15,7%) дар ҷустуҷӯи кор зиёда аз як сол фаъол буда, ҳар шахси сеюмӣ (28,5%) то се моҳ дар ҷустуҷӯи кор мебошад.[58]

## САТҲИ ТАҲСИЛОТИ БЕКОРОН АЗ РӮИ МИНТАҚА

Мушоҳидаҳои оморӣ нишон медиҳанд, ки аз соли 2001 то соли 2008 дар маҷмӯъ дар ҷумҳурӣ тамоюли умумии зиёдшавии миқдори бекорон, аз ҷумла бекорони дорои таҳсилоти олӣ ва миёнаи махсус боқӣ мемонад.

**ҶАДВАЛИ 3.8**
**БЕКОРОН АЗ РӮИ ДАВОМНОКИИ ҶУСТУҶӮИ КОР ВА САТҲИ ТАҲСИЛОТ (АЗ РӮИ МАЪЛУМОТИ ТҚК-2004)[57]**

| | камтар аз 1 моҳ | аз 1 то 3 моҳ | аз 3 то 6 моҳ | аз 6 то 9 моҳ | аз 9 то 12 моҳ | 12 моҳ ва бештар аз он | дар ҷустуҷӯи кор набуданд |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Олӣ | 12,5% | 11,7% | 7,2% | 8,9% | 4,1% | 5,8% | 15,9% |
| Олии нопурра | 0,0% | 4,9% | 5,8% | 0,0% | 1,8% | 0,4% | 12,4% |
| Миёнаи махсус | 7,4% | 6,4% | 7,5% | 9,4% | 12,3% | 8,4% | 11,4% |
| Ибтидоии касбӣ | 6,4% | 5,2% | 15,7% | 8,8% | 11,0% | 6,5% | 2,3% |
| Миёна (пурра) | 50,3% | 57,0% | 34,9% | 40,2% | 44,8% | 50,5% | 43,4% |
| Умумии асосӣ | 5,0% | 7,6% | 23,2% | 21,6% | 20,7% | 22,8% | 7,0% |
| Умумии ибтидоӣ | 12,3% | 4,3% | 5,7% | 11,1% | 2,8% | 5,4% | 7,6% |
| Умумии ибтидоӣ надорад | 6,1% | 3,0% | 0,0% | 0,0% | 2,4% | 0,2% | 0,0% |
| Ҳамагӣ | 100% | 100% | 100% | 100% | 100% | 100% | 100% |

Аммо, системаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки дар он миқдори бекорон аз 26,3 ҳазор нафар дар соли 2002 то 6,1 ҳазор нафар дар соли 2009 кам гардид, истисно мебошад.

Чунин ҳолат дар ВМКБ низ ба миён омада истодааст, лекин шумораи бекорон дар ВМКБ, новобаста аз сатҳи кам гардида истодааст. Ин ВМКБ-ро ба мавқеи махсус назар ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ мегузорад. Дар фазои баландшавии умумии миқдори бекорони дорои таҳсилот, пастшавии нишондиҳандаҳои онҳоро дар ВМКБ бо он метавон шарҳ дод, ки қариб 10% аҳолии он - муҳоҷирони меҳнатӣ мебошанд.

Чунин вазъ дар вилоятҳои Хатлон, Суғд ва НТҶ низ ба назар мерасад: дар шароити афзоиши шумораи бекорони дорои таҳсилоти олӣ ва миёна, камшавии миқдори бекорони дорои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба назар мерасад. Дар назар доштан мумкин аст, ки сабаб дар ин ҷо ҳамон тавр аст, яъне муҳоҷирати меҳнатии аҳолӣ. Шаҳри Душанбе дар ин ҷо истисно мебошад, ки дар он шумораи бекорон аз рӯи ҳамаи сатҳҳои таҳсилот афзоиш меёбад.

Дар оғози соли 2001 дар сохтори бекорон аз рӯи сатҳҳои таҳсилот вобаста ба минтақаҳо шахсони дорои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва миёнаи нопурра зиёд буданд. Аммо аз соли 2007 сар карда, тағйироти куллии сатҳи бекорони дорои таҳсилот ва дар хадамоти шуғл бақайдгирифташуда мушоҳида мешавад: хеле камшавии шумораи бекорони дорои таҳсилоти миёнаи умумидошта ба миён омад, ки ба муҳоҷирати меҳнатӣ алоқаманд аст ва ҳамзамон ҳиссаи бекорони дорои таҳсилоти миёнаи нопурра дар маҷмӯъ чи дар ҷумҳурӣ ва чи дар минтақаҳо зиёд гардид.

Вазъияти ҷойдошта ба паст гардидани сатҳи зиндагӣ ва кам гардидани имкониятҳои хонавода барои пардохтани таҳсили фарзандон дар муассисаҳои таълимӣ вобаста аст, ки дар натиҷа бархе аз насли ҷавони синни мактабӣ ба бозори меҳнат меравад.

Бекории сохторӣ ва фриксионӣ сатҳи табиии онро муайян мекунанд. Ин шаклҳои бекорӣ умуман наметавонанд аз байн бардошта шаванд, онҳо барои хоҷагии босуръат рушдёбанда ҳолати муқаррарӣ мебошанд.

Зимнан, ба тамоми намудҳои бекорӣ дар ҷумҳурӣ чунин омилҳо, ба монанди  шуғли территориявию соҳавӣ ва инчунин ҷанбаҳои таҳсилотӣ ва гендерии он таъсири ҷиддӣ мерасонанд.

Дар айни замон, мавҷуд набудани усули мукаммали баҳодиҳии сатҳи бекорӣ барои кишварҳои дорои иқтисодиёти давраи гузариш имкон намедиҳад, ки миқдори воқеии бекорон, чи дар маҷмӯъ, ва чи аз рӯи намудҳои ҷудогонаи он арзёбӣ карда шавад, ки дар навбати худ татбиқи самараноки на танҳо чорабиниҳоро оид ба танзими бозори меҳнат, балки стратегия ва барномаҳои рушдро низ дар маҷмӯъ дар кишвар душвор мегардонад.

**ҶАДВАЛИ 3.9**
**СОХТОРИ БЕКОРОНИ БАҚАЙДГИРИФТАШУДА АЗ РӮИ САТҲИ ТАҲСИЛОТ (ДАР АВВАЛИ СОЛ)**

| | Олӣ | | Миёнаи махсус | | Миёнаи умумӣ | | Миёнаи нопурра | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2002 | 2009 | 2002 | 2009 | 2002 | 2009 | 2002 | 2009 |
| ҶТ | 4,6% | 5,5% | 18,6% | 16,1% | 61,3% | 14% | 15,4% | 64,4% |
| ВМКБ | 1,3% | 2,0% | 9,9% | 10,2% | 82,9% | 6,1% | 5,9% | 81,6% |
| Вилояти Хатлон | 6,8% | 5,5% | 17,7% | 17,3% | 55,4% | 8,7% | 20,3% | 68,5% |
| Вилояти Суғд | 5,6% | 5,4% | 23,2% | 14,9% | 62,4% | 18,9% | 8,8% | 60,8% |
| ш. Душанбе | 20% | 23,5% | 8% | 17,6% | 40% | 11,8% | 40% | 47,1% |
| НТҶ | 5,5% | 5,3% | 32,9% | 17,9% | 21,9% | 16,8% | 39,7% | 60,0% |

# БОБИ 4

## СОҲАИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ




4

**Муҳоҷирати аҳолӣ** (аз лотинӣ migratio) – кӯчидан ва тағйири макон карданро мефаҳмонад. Вале кӯчидан ва тағйири макон муродифи ҳам нестанд. Маҳз барои ҳамин муҳоҷират дар маънии маҳдуд ва васеъ шарҳ дода мешавад. Ба маънии маҳдуд муҳоҷират намуди анҷомёфтаи тағйири минтақавии маҳал мебошад, ки бо иваз шудани ҷойи истиқомати доимӣ амалӣ мегардад, яъне дар маънии аслии калима он кӯчиданро мефаҳмонад.

**Тағйири минтақавии маҳал** - шарҳи нисбатан васеи муҳоҷират мебошад. Зимнан, ба муҳоҷират дар баробари муҳоҷирати бебозгашт, инчунин дигар намудҳои муҳоҷирати аҳолиро мансуб медонанд, ки барои бақайдгирӣ водор намесозанд ва ё қайди муваққатиро пешбинӣ мекунанд – муҳоҷирати лаҳзавӣ, даргузар, мавсимӣ, таҳсилӣ ва тиҷорати бозориро.

**Муҳоҷирати аҳолӣ** - тағйири ихтиёрии макон, кӯчидани сокинон дар ҳудуди кишвар аз як минтақа ба минтақаи дигар (муҳоҷирати дохилӣ), ё аз як давлат ба кишвари дигар (муҳоҷирати байналмилалӣ) мебошад.

**Муҳоҷирати қувваи корӣ.** Зери мафҳуми муҳоҷирати қувваи корӣ ё муҳоҷирати захираҳои меҳнатӣ муҳоҷирати аҳолиро бо мақсади бо кор таъминшавӣ дар хориҷи кишвар ё дигар минтақаи кишвар барои манфиатҳои шахсӣ дар назар доранд.

## МАНБАЪҲОИ МАЪЛУМОТ

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бақайдгирии аҳолӣ «аз рӯи ҷойи истиқомат» ҷорӣ гардидааст. Ин гурӯҳи тағйири маҳал муҳоҷиронеро дар бар мегирад, ки ҷои истиқомати доимии худро иваз намудаанд. Аз шумораи умумии муҳоҷирон ҷудо намудани гурӯҳи муҳоҷирони меҳнатӣ дар айни замон имконнопазир аст. Доир ба ин омори расмӣ, бахусус дар доираи тағйири дохилиҷумҳуриявии маҳал қариб ки вуҷуд надорад. Баҳодиҳии тағйирии муваққатии маҳал, одатан ташкили баҳисобгирии махсусро пешбинӣ менамояд, ки он барои аниқ муайян намудани таъсири муҳоҷирати меҳнатӣ ба бозорҳои маҳаллии меҳнат имкон медиҳад.

Вале, бешак, дар шароити инкишофёфта набудани иқтисодиёт, даромадҳои пасти аҳолӣ муҳоҷирати меҳнатии дохилӣ ва хориҷӣ назар ба муҳоҷирати марбут ба тағйири ҷои истиқомат, ҳаҷми васеи муҳоҷиратро фаро мегирад.

Зимнан, оқибатҳои чи кӯчидан ва чи тағйири муваққатии маҳалро арзёбӣ намудан муҳим аст, зеро дар ниҳояти кор ҳайат ва сохтори қувваи корӣ дигаргун мешавад.



# 4.1. МУҲОҶИРАТИ (КӮЧИДАНИ) АҲОЛӢ

## МУҲОҶИРАТИ ДОХИЛӢ ВА ХОРИҶИИ АҲОЛӢ

Муҳоҷирати ба тағйири ҷойи доимии истиқомат алоқаманд ва такрористеҳсоли аҳолӣ ду қисматро дар бар мегирад, ки аз миқёс ва таъсири мутақобилаи онҳо ҷараёни афзоиши аҳолӣ, вазъ дар бозори меҳнат вобастагӣ дорад. Нишондиҳандаи ин қисматҳо дар ҷараёни афзоиши шумораи аҳолӣ якчанд маротиба тағйир ёфтааст (Ҷадвали 4.1).

Зимнан, дар интиҳои садсолаи гузашта ва ибтидои садсолаи нав афзоиши табиӣ бузургии мусбатро ташкил дода, афзоиши умумии шумораи аҳолии ҷумҳуриро таъмин намуд. Ҷараёнҳои муҳоҷирати вобаста ба кӯчидан-тағйири ҷои истиқомати доимӣ бошад, дар нимаи аввали солҳои 90-уми қарни гузашта дар натиҷаи пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ва ноороми сиёсӣ нисбатан зиёд буд, ки он дар навбати худ бо муқовимати шаҳрвандӣ дар ҷумҳурӣ вобаста мебошад. Ин пеш аз ҳама, эмигратсияи сиёсӣ буд, на эмигратсияи меҳнатӣ.

Дар солҳои минбаъдина то ба имрӯз ҷараёни муҳоҷират дар сатҳи манфӣ қарор гирифта, тамоюли пастшавӣ он боқи мемонад. Мутобиқи маълумоти омори расмӣ шумораи шаҳрвандони ҷумҳурӣ, ки ҷойи истиқомати худро иваз мекунанд, аз 3,2 % (соли 1991) то 0,8% (соли 2008) паст фаромадааст[60] ва сабабҳои асосӣ дар ин ҷо бештар мақсадҳои меҳнатӣ мебошанд.

Дар маҷмӯъ, шумораи аҳолии ҷумҳурӣ аз ҳисоби афзоиши табиӣ зиёд шуда истодааст, ки он тавозуни манфии муҳоҷиратро бартараф менамояд. Бо вуҷуди ин, сатҳи афзоиши аҳолӣ дар деҳот зиёд мебошад ва дар солҳои охир бақия (салдо)-и муҳоҷират бузургии нисбатан баланди манфиро маҳз аз рӯи деҳот дорад, ки он аз мавҷудияти андозаи калони муҳоҷират аз деҳот шаҳодат медиҳад.

Дар соли 1992 дар ҷараёни умумии муҳоҷират, муҳоҷирати хориҷӣ бартарӣ дошт. Дар солҳои минбаъда ҷараёни дар дохили кишвар кӯчидани аҳолӣ назар ба ҷараёни хориҷии рафтуомад, ки ба тағйири ҷои истиқомати доимӣ вобаста аст, зиёд буд (диаграмма 4.1).[61]

**ҶАДВАЛИ 4.1**
**АФЗОИШИ УМУМӢ, ТАБИӢ ВА МУҲОҶИРАТИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ 1991-2008 (ҲАЗОР НАФАР)[59]**

| Солҳо | Афзоиши умумӣ | Афзоиши табиӣ | Афзоиши муҳоҷират |
|---|---|---|---|
| **ҲАМАГӢ, АҲОЛӢ** | | | |
| Ҳамагӣ дар давраи солҳои 1991-1999 | 766,5 | 1373,8 | -607,3 |
| Ҳамагӣ дар давраи солҳои 2000- 2008 | 1246,5 | 1357,9 | -111,4 |
| **АҲОЛИИ ШАҲРӢ** | | | |
| Ҳамагӣ дар давраи солҳои 1991-1999 | -50,6 | 291,6 | -342,2 |
| Ҳамагӣ дар давраи солҳои 2000- 2008 | 315,3 | 325,4 | -10,1 |
| **АҲОЛИИ ДЕҲОТ** | | | |
| Ҳамагӣ дар давраи солҳои 1991-1999 | 817,1 | 1082,23 | -265,13 |
| Ҳамагӣ дар давраи солҳои 2000- 2008 | 931,2 | 1032,5 | -101,3 |

**ДИАГРАММАИ 4.1**
**ГАРДИШИ МУҲОҶИРАТИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, НАФАР**




**ҶАРАЁНҲОИ МУҲОҶИРАТИ ДОХИЛИҶУМҲУРИЯВӢ**

***Муҳоҷират дар самти «деҳот-шаҳр».*** Самти асосӣ барои муҳоҷирати дохилӣ то ба имрӯз шаҳр боқӣ мемонад.

Ҷараёни муҳоҷират аз деҳот ба шаҳр ҳолати бӯҳронии соҳаи аграрии ҷумҳурӣ ва мавҷудияти нобаробарии сатҳи зиндагиро дар шаҳр ва деҳот инъикос менамояд. Омили иловагие, ки ба фаъолнокии муҳоҷирати сокинони деҳот вобаста аст, чун анъана суръати нисбатан баланди афзоиши аҳолӣ мебошад, ки проблемаи номутобиқатии миқдории захираҳои меҳнатиро ба тақозо нисбати онҳо шадид мегардонад.

***Муҳоҷират байни минтақаҳои маъмурӣ***

Дар доираи минтақаҳои муттаҳид гардонидашуда, масалан, ба монанди вилоят ду самти асосӣ, яъне кӯчидани байнимнтақавӣ ва дохилиминтақавӣ ҷудо карда мешаванд.

Дар маҷмӯъ дар ҷумҳурӣ таносуби ҳаҷми кӯчидани муҳоҷирон аз рӯи ин самтҳо сол аз сол на он қадар тағйир меёбад ва умуман муҳоҷирати байниминтақавӣ бартарӣ дошта, ҳиссаи он на камтар аз 62% мебошад.[62]

**ДИАГРАММАИ 4.2**
**ТАВОЗУНИ МУҲОҶИРАТ АЗ РӮИ МУҲОҶИРАТИ ДОХИЛӢ**



Номутобиқатии маълумоти омориро нисбат ба омадани муҳоҷирон ба минтақа ва ё аз минтақаи муайян рафтани онҳо қайд кардан зарур аст

**ДИАГРАММАИ 4.3**
**НИШОНДИҲАНДАҲО ОИД БА МУҲОҶИРАТИ ДОХИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, ҲАЗОР НАФАР**




Аз бисёр ҷиҳат ин ба интизоми сусти бақайдгирӣ ва фаъолгардии ҷараёнҳои муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ вобаста аст. Аз ин ҷост, ки системаҳои мавҷудаи ҷамъоварии маълумот дар бораи санҷиши шумораи муҳоҷирон, тавсифи сохтори онҳо алалхусус барои таҳлили мукаммали алоқамандии сабабу оқибатии онҳо, иттилооти эътимодбахш намедиҳанд.

Ҳамин тавр, дар айни замон масъалаи беҳтар намудани маҳзани иттилоотӣ барои таҳлили ҷараёнҳои муҳоҷират ба таври шадид қарор дорад.

## ЗАМИМАИ МАТНИ 12
## ОҚИБАТҲОИ МУҲОҶИРАТ АЗ ДЕҲОТ БА ШАҲР

Ҳиссаи муҳоҷирати дохилӣ ҳангоми омадан ба шаҳрҳо нисбат ба шумораи аҳолии шаҳрии ҷумҳурӣ 0,7%-ро ташкил медиҳад (соли 2007). Вале бо дарназардошти ҷараёни ҳарсолаи ба шаҳрҳо омадан, миқдори хеле зиёди одамоне, ки роҳҳои бо кор таъминшавиро дар шаҳрҳо меҷӯянд, зам мегарданд. Шаҳрҳо бошанд метавонанд, барои ба кор таъмин кардани қувваи кории омадаистода, зиёд кардани хизматрасонии соҳаи маориф, тандурустӣ ва хоҷагии манзилию коммуналӣ омода набошанд. Муҳоҷират метавонад нобаробариро байни шаҳру деҳот вобаста бо ду сабаби зерин тезутунд намояд:
- аз ҷониби муҳоҷирон пешниҳод кардани хизматрасониҳо метавонад проблемаи бекории шаҳрӣ ва рушди шуғли ғайрирасмиро пуршиддат гардонад. Кӯчида рафтани қувваи корӣ аз деҳот метавонад аз як тараф ба рушди рақобат дар бозори меҳнати шаҳр ва аз тарафи дигар ба нарасидани мутахассисони зиёд дар деҳот оварда расонад.
- таъсиси ҷойҳои кории нав дар шаҳр раванди душвор ва гарон мебошад.

Дар ҳаҷми умумии муҳоҷирати дохилӣ муҳоҷирати байниминтақавӣ дар тамоми минтақаҳои калони ҷумҳурӣ - ВМКБ, вилояти Хатлон ва НТҶ бартарӣ дорад. Танҳо дар вилояти Суғд ҳиссаи зиёди кӯчидани муҳоҷирони дохилиминтақавӣ ба қайд гирифта шудааст.
Натиҷаи бартарияти муҳоҷирати дохилиминтақавӣ маҳдуднамоии маконии кӯчидан аз маҳалҳо ва оқибатҳои онҳо, маҳдудияти нисбии бозорҳои маҳаллии меҳнат ба шумор меравад.

**Минтақаҳои гиранда ва минтақаҳои мададрасон.** Ҳолати муҳоҷирати дохилӣ беҳаракат намебошад, ҳаҷм ва самтҳои ҷараёни муҳоҷират тағйир ёфта истодаанд. Вале, дар маҷмӯъ дар давраи солҳои 2000-2008 фақат дар ш. Душанбе тавозуни муҳоҷират нишондиҳандаи мусбатро ташкил кард.

**ХАРИТАИ 4.1**
**ҶАРАЁНҲОИ АЗИМТАРИНИ МУҲОҶИРАТ АЗ РӮИ ҲАҶМИ ҲОЛАТҲОИ КӮЧИДАН ДАР ДАВРАИ СОЛҲОИ 2000-2007**




## ГУРӮҲБАНДИИ МУҲОҶИРАТ АЗ РӮИ МИНТАҚАҲОИ ҶУМҲУРӢ[63]

Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон куллан аз рӯи хислати иштирок низ дар муҳоҷирати дохилиҷумҳуриявӣ фарқ мекунанд. Аз 65 шаҳрҳо ва ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо 8 минтақа (6-то аз қатори онҳо - шаҳрҳои Душанбе, Роғун, Табошар, Қайроққум, Чкалов, Турсунзода) аҳолии худро дар рафти мубодилаи дохилиҷумҳуриявии муҳоҷират зиёд менамоянд (ҷамъбасти соли 2007).

Дар натиҷаи таҳлили кластерӣ, дар тадқиқоти мазкур бо мақсади аён сохтани омилҳои «ҷалбкунанда» ва «дуркунандаи»-и муҳоҷирати аҳолӣ барои минтақаҳои гуногуншакл ва дар заминаи ин таҳия намудани тавсияҳои асоснок дар бораи ба танзим даровардани рушди минтақаҳо гурӯҳбандии минтақаҳои ҷумҳурӣ анҷом дода шуд (Замимаи 3).

Муқоисаи натиҷаҳои гурӯҳбандӣ бо чунин омилҳои ба ҷараёнҳои муҳоҷират таъсиркунанда, ба монанди зичии аҳолӣ, сатҳи миёнаи барқароргаштаи музди меҳнати номиналӣ ва наздик будан ба инфрасохтори нисбатан инкишофёфтаи шаҳрӣ, нишон дод, ки дар асоси ҳолатҳои кӯчидани муҳоҷирон сабабҳои дарозмӯҳлат нуҳуфтаанд, ки бо кӯшиши гирифтани маоши нисбатан зиёд ва пайвастшавӣ ба имкониятҳои пешниҳодменамудаи инфрасохтори нисбатан рушдёфта, ки бештар дар шаҳрҳо ҷой доранд, алоқаманд аст.

Гурӯҳбандӣ нишон дод, ки чор ноҳия аз ҳафт ноҳияи ВМКБ аз ҷиҳати муҳоҷират ба гурӯҳи ниҳоят номусоид – кластери 5 мансуб мебошанд, вазъият дар се ноҳияҳои боқимонда низ начандон хуб мебошад. Ин бори дигар эхтимолияти зиёди пуршиддат гардидани вазъро дар бозори маҳаллии меҳнати ВМКБ дар оянда собит месозад.

Дар гурӯҳи ноҳияҳои водии Рашт, баъзе ноҳияхои вилоятҳои Суғду Хатлон низ вазъ номусоид аст.
Аз ин рӯ, тадбирҳои сиёсати давлатӣ нисбати ин минтақаҳо бояд бо кӯчонидани муташаккилонаи аҳолӣ аз минтақаҳои кӯҳии дорои майдонҳои нокифояи кишт ба минтақаҳои киштзорҳои азхуднакарда дошта, бо пеш бурдани сиёсати фаъоли иқтисодӣ, аз он ҷумла таҳия ва татбиқи барномаҳои сармоягузорӣ ва додани имтиёзҳои андоз ва субсидияҳо (кӯмакҳои молиявӣ), инчунин рушди инфрасохтори минтақавии иҷтимоӣ, нақлиётӣ ва бозорӣ ҳамоҳанг карда шаванд.

## ХАРИТАИ 4.2
## ГУРӮҲБАНДИИ МУҲОҶИРАТИ ШАҲРҲО ВА МИНТАҚАҲОИ ҶУМҲУРӢ, АЗ РӮИ ҶАМЪБАСТИ ҲОЛАТҲОИ МУҲОҶИРАТ ДАР СОЛИ 2007




## ЗАМИМАИ МАТНИ 13
## НАМУНАИ ТАДҚИҚОТИ МИНТАҚАВӢ (АЗ РӮИ МАВОДИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН ТИБҚИ МАЪЛУМОТИ СОЛИ 2007) (замимаи 4) [64]

Барои таҳияи сиёсати ҳамаҷониба дар минтақаҳои гуногун муайян намудани алоқаҳои мутақобила дар байни нишондиҳандаҳои шуғл, муҳоҷират ва дигар нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ аҳамияти калон дорад. Ҳисобҳои коэффитсиентҳои корелятсия байни 11 нишондиҳандаи тавсифкунандаи иқтисодиёти ноҳияҳои вилоят нишон дод, ки салдои муҳоҷират бо тағйирёбии миқдори кормандони кироя алоқаи мутақобилаи мустаҳкам дорад, вобастагии ҷараёнҳои муҳоҷират ҷиҳати воридоти андоз ба буҷет нисбатан суст ба назар мерасад, ки метавонад оид ба устувории молиявии андозсупорандагон ғайримустақим гувоҳӣ диҳад ва амалишавии худи ҷараёни иваз кардани ҷойи истиқоматро имконпазир гардонад. Ба назар гирифтани чунин далел, ки зудҳаракатӣ хароҷоти зиёдро талаб мекунад, зарур мебошад: дар он ҳолат сатҳи пасти даромад одамонро барои кӯчидан ба ноҳияҳои нибатан сатҳи даромаднокиашон баланд водор менамояд, ки метавонад муҳоҷиратро умуман маҳдуд намояд. Чунин бармеояд, ки набудани заминаи молиявӣ имконияти амалӣ шудани хоҳиши ивазкунии ҷойи истиқоматро намедиҳад. Дар навбати худ, воридоти андоз аз ҳаҷми музди меҳнати дар ноҳия барқароргашта, музди меҳнат бошад, аз сатҳи рушди истеҳсолоти саноатӣ вобаста аст. Вале, албатта ин маънии онро надорад, ки рушди исстеҳсолоти саноатӣ бевосита боиси иваз кардани ҷойи истиқомат мегардад, чунки барои тасмим гирифтан ҷиҳати тағйири маҳал, инчунин дигар омилҳоро низ ба назар гирифтан зарур аст. Тасмим гирифтан ҷиҳати тағйир додани маҳал раванди хеле душвор буда, таҳлили ниҳоят ҷиддии на танҳо бурдҳои иқтисодӣ (фарқият дар даромад), балки имконпазирии бо кор таъминшавӣ, даромади пешбинишаванда дар ҷойи нав, дастрас шудан ба хизматрасониҳои нисбатан босифати таҳсилот, тандурустӣ ва хоҷагии манзилию коммуналиро дар назар дорад.

## «НОБАРОБАРИИ МИНТАҚАВӢ» ҲАМЧУН ОМИЛИ МУҲОҶИРАТ

Шаҳрҳои инкишофёфтаистода, зиёдшавии зудҳаракатии аҳолӣ ва болоравии махсусгардонии истеҳсолот ҳамрадифи ҷудонопазири рушд ба шумор мераванд. Ҷои истиқомат дар тамоми марҳилаҳои инкишоф муҳим мебошад – вале дар кишвари пешрафта назар ба кишвари сусттараққикарда, аҳамияти он камтар ба назар мерасад.
Ба таври дигар, бо рушди сатҳи инкишофи кишварҳо ҷойгиршавӣ барои оилаҳо аҳамияти камтар ва барои ширкатҳо аҳамияти зиёдтар дорад. Мусаллам аст, ки инкишоф барои маҳали муайян имконияти истифодаи афзалиятҳои иқтисодиро аз мутамарказонии рушдкардаистодаи истеҳсолот ва гирифтани бартариятҳои иҷтимоиро аз баробаргардонии сатҳи истеъмол таъмин мекунад.[65]

Муҳоҷирати дохилӣ аз бисёр ҷиҳат ба сатҳи даромад ва музди меҳнат, бекорӣ ва пешниҳоди хизматрасонии давлатӣ вобаста аст.

**Тафовут дар музди меҳнат.** Чун қоида, даромадҳо ва сатҳи музди меҳнат ҳангоми тасмимгирӣ вобаста ба иваз намудани ҷойи истиқомат ба ҳисоб гирифта мешаванд. Вале сарфи назар, аз суръати афзоиши ММД ба сари ҳар нафари аҳолӣ, дар сатҳи музди меҳнат байни минтақаҳои ҷумҳурӣ тафовут дар сатҳи хеле баланд боқӣ мемонад. (Диаграммаи 4.4)[66]

**ДИАГРАММАИ 4.4**
**ҲАҶМИ ММД БА САРИ ҲАР НАФАРИ АҲОЛӢ ВА КОЭФФИТСИЕНТИ ТАФОВУТИ МУЗДИ МЕҲНАТ ДАР СОЛҲОИ 2000-2007**




Тақсимоти шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ аз рӯи музди миёнаи моҳонаи меҳнат, ки дар таносуби фоиз нисбат ба сатҳи ҷумҳуриявӣ (ҷадвали 4.2.) гирифта шудааст, нишон дод, ки дар аксарияти шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ (48 аз 65) сатҳи музди меҳнат аз 75%-и сатҳи музди меҳнати миёнаи ҷумҳуриявӣ баланд нест.

**ҶАДВАЛИ 4.2**
**ТАҚСИМОТИ НОҲИЯҲО ВА ШАҲРҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН АЗ РӮИ САТҲИ МУЗДИ МИЁНАИ МОҲОНАИ МЕҲНАТ, ДАР % НИСБАТ БА САТҲИ МИЁНАИ ҶУМҲУРИЯВӢ**[67]

| Солҳо | ФОСИЛА | | | | ҲАМАГИ НОҲИЯҲО |
|---|---|---|---|---|---|
| | Камтар аз 50% | 50-75% | 76-100% | Бештар аз 100% | |
| 2001 | 10 | 32 | 14 | 9 | 65 |
| 2003 | 10 | 29 | 16 | 10 | 65 |
| 2005 | 5 | 37 | 12 | 11 | 65 |
| 2007 | 13 | 34 | 8 | 10 | 65 |
| 2008 | 14 | 34 | 7 | 10 | 65 |

Сатҳи нисбатан баланди музди меҳнат дар он минтақаҳое ба вуҷуд омадааст, ки дар он ҷо корхонаҳои саноатӣ ва муассисаҳои молиявию қарзӣ мутамарказ ҷойгиранд. Аз ин рӯ, муҳоҷират аз деҳот ба шаҳр ва асосан ба шаҳри Душанбе фаъол гаштааст, ки маркази саноатӣ ва молиявии ҷумҳурӣ ба шумор меравад. Дар айни ҳол, сатҳи пасти музди меҳнат на танҳо омили мусоидаткунандаи муҳоҷират, балки омили боздорандаи муҳоҷират низ мебошад, чунки маҳдудияти маблағҳои молиявӣ ба аҳолӣ имкони тағйири маҳал, аз ҷумла ҷустуҷӯи корро дар дигар минтақаҳо намедиҳад.

Вобаста ба ин дар худи маҳалҳо, яъне дар минтақаҳо ба роҳ мондани инкишофи истеҳсолот бо арзиши иловашудаи баланд ва инчунин фаъолгардонии соҳибкории аҳолии маҳаллӣ басо муҳим аст.

***Тафовут дар даромади буҷетҳои минтақавӣ***

Муайянкунии вобастагиҳои нишондиҳандаҳои муҳоҷирати дохилӣ бо нишондиҳандаҳои бозори меҳнат робитаи мутақобилаи нисбатан баландро байни воридоти андоз ба буҷет ва навъи маҳал нишон дод.

Бартараф кардани фарқияти байни даромадҳо аз андоз ва пардохтҳо оид ба музди меҳнат дар аксари ҳолат бо роҳи додани кӯмакҳои молиявӣ – субвенсияҳо ба буҷети минтақа аз буҷети ҷумҳуриявӣ ба амал бароварда мешавад. Кӯмакҳои пешниҳодшаванда бояд талаботи ҷории минтақаро қонеъ гардонад.

**ДИАГРАММАИ 4.5**[68]
**АЛОҚАИ МУТАҚОБИЛАИ ВОРИДОТИ АНДОЗ ВА ҶОИ ИСТИҚОМАТИ АҲОЛӢ ДАР 58 НОҲИЯИ ҶУМҲУРӢ ДАР СОЛИ 2008**




Воридоти андоз ба буҷети ноҳия ба ҳисоби ҳар сар аҳолӣ, сомонӣ
Коэффитсиенти коррелятсия r = -0,6258

**ДИАГРАММАИ 4.6**
**АЛОҚАИ МУТАҚОБИЛАИ ҲАҶМИ СУБВЕНСИЯҲО ВА ҶОИ ИСТИҚОМАТ (аз рӯи маводи 58 ноҳияи ҷумҳурӣ, соли 2007)**




Ҳаҷми субвенсияҳо ба буҷети ноҳия ба ҳисоби ҳар сар аҳолӣ, сомонӣ
Коэффитсиенти коррелятсия r = 0,4680

Мақсади пешниҳоди субвенсияҳо аз буҷети ҷумҳуриявӣ, пеш аз ҳама барои пешгирии касри буҷет дар минтақаҳо нигаронида шудааст. Вале, набудани усули эътимодноки арзёбии талаботи воқеии минтақаҳо дар хароҷот ба баландшавии тақсимоти объективонаи кӯмакҳои молиявӣ дар байни минтақаҳои ҷумҳурӣ ва инчунин барои арзёбии самараи баробаркунандаи чунин кӯмакҳои молиявӣ мамониат мекунад, зеро маълум нест, ки маҳз кадом ҳаҷми хароҷотро ҳадди ақал дар минтақаи ҷудогона зарур шумориданмумкин аст.

## МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТИИ ДОХИЛӢ

Имрӯз дар кишвар вобаста ба муҳоҷирати меҳнатии дохилӣ проблемаҳои алоқамандбуда ба баҳодиҳии оморӣ боқӣ мемонанд. Дар ҳақиқат худи ин раванд ҷой дорад ва дар рушди бозорҳои меҳнати ғайрирасмии шаҳрӣ, муҳоҷирати тиҷорати бозорӣ[69] ва муҳоҷирати даргузар зоҳир меёбад.

Муҳоҷирати даргузар ба сафарҳои доимӣ (ҳаррӯза) ба ҷои кор вобаста аст. Зимнан, муҳоҷирати даргузар нисбат ба муҳоҷирати вобаста ба ҷои истиқомат, бештар аҳолии коркардаистодаро фаро мегирад.

Аз рӯи маълумоти ТҚК-2004 дар қисми сафарҳои доимӣ ба ҷои кор 3,4%-и машғулбудагон бо муҳоҷирати даргузар фаро гирифта шуда буд, ҳол он ки ҳиссаи муҳоҷирони дохилӣ аз рӯи омадан аз 0,2 % нисбат ба тамоми аҳолии ҷумҳурӣ зиёд набуд (аз рӯи ҷамъбасти соли 2004). Дар айни замон, муҳоҷирати даргузар дар вилоятҳои Суғд ва Хатлони ҷумҳурӣ нисбатан зиёдтар вусъат пайдо кард. Лекин, дар вилояти Суғд қисми зиёди муҳоҷирони даргузар дар дохили вилоят тағйири маҳал, дар вилояти Хатлон бошад, бештар берун аз ҳудуди вилоят муҳоҷирон тағйири макон мекунанд.

Муҳоҷирати даргузар бештар ба дастраси нақлиёт то ҷои кор вобастагии калон дорад. Бо баландшавии нархҳои хизматрасонии нақлиётӣ, вайрон шудани тартиби кори системаи нақлиёт бурд аз чунин шуғл кам мегардад.

Аммо, маҳз муҳоҷирати даргузар, на муҳоҷирати ба ивaз кардани ҷои истиқомат алоқаманд, метавонад роҳи аз ҳолати бекорӣ баромаданро сабук гардонад, зеро бекорон ва шахсони дар бозори меҳнат ғайрифаъол бо эҳтимолияти зиёд муҳоҷирати даргузарро интихоб менамоянд.

Агар сухан дар бораи муҳоҷирати меҳнатии дохилӣ равад, он гоҳ кормандони баландихтисос, назар ба бекорон имконияти бештари пайдо намудани корро дар дигар минтақаҳо доранд.

**ДИАГРАММАИ 4.7**
**МУҲОҶИРАТИ ДАРГУЗАР ДАР МИНТАҚАҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ТИБҚИ МАЪЛУМОТИ ТҚК-2004, ФОИЗ НИСБАТ БА ШУМОРАИ МАШҒУЛБУДАГОН**




Дар байни чораҳои мусоидат ба муҳоҷирати даргузар, паст намудани хароҷоти нақлиёт ва баланд бардоштани самаранокии бозори хизматрасонии нақлиётӣ самарабахш буда, метавонанд бахши хусусӣ бошанд ва аз ҷониби давлат танзим карда шаванд.

Таҳлили миқёс ва самтҳои ҷараёнҳои муҳоҷирати дохилиҷумҳуриявӣ имкон медиҳад, ки онҳоро ин тавр тавсиф намоем:

- проблемаҳои зиёд бо баҳодиҳии миқдории ин тамоюлҳо мавҷуданд, зеро маълумоти оморӣ, бахусус дар қисми муҳоҷирати меҳнатии дохилӣ нопурра мебошад;
- аксаран қисми зиёди муҳоҷирон ба шаҳрҳо, асосан шаҳри Душанбе мекӯчанд;
- вобастагиҳои мутақобилаи коррелятсионии муҳоҷират бо чунин омилҳои он, ба монанди тафовути минтақавӣ дар сатҳи музди меҳнат, таносуби байни ҷойҳои кории холӣ ва бекорони бақайдгирифташуда ғайримуҳим аст, чунки тасмимҳои муҳоҷирон на фақат бо саъйу кӯшиши ба даст овардани музди меҳнати нисбатан баланд ва эҳтимолияти нисбатан баланди бо кор таъминшавӣ, балки бо пайвастшавӣ ба инфрасохтори шаҳрии инкишофёфтаи иҷтимоӣ ва бозорӣ вобаста аст.

Имрӯз дар кишвар кам намудани тафовут байни шаҳр ва деҳот, байни минтақаҳои маъмурии ҷумҳурӣ аз ҷиҳати «муҳити зист», бо таваҷҷӯҳ намудан ба проблемаи самарабахшии шуғл ва таъмини дастрасӣ ба хизматрасониҳои базавии иҷтимоӣ, зарур аст.

# 4.2. МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТИИ ХОРИҶӢ

## ПРОБЛЕМАИ ОМОРИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТИИ ХОРИҶӢ

Барои Тоҷикистон, ки қаблан бо «кӯчиданҳои» оммавӣ дучор нашуда буд, мафҳуми ҷараёнҳои муҳоҷират аз нуқтаи назари иқтисодиёт, сиёсат ва захираҳои меҳнатӣ вазифаи басо мубрам маҳсуб меёбад. Тоҷикистони баъдишӯравӣ ба кишвари содиркунандаи қувваи корӣ табдил ёфт ва проблемаҳои дар ин ҷо ба миёномада хеле қобили таваҷҷӯҳ мебошанд.

Омили фавқулоддае, ки ба муҳоҷирати оммавии иҷборӣ боис гардид, ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1993 ва давраи ноорomии сиёсии то соли 1997 идомаёфта буд.

Кишвари ҷалбкунандаи муҳоҷирон, пеш аз ҳама Россия ба шумор меравад. Сарфи назар аз он ки, ҷараёнҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ва таҳсилӣ ба Россия пештар низ ба назар мерасиданд (масалан, бо кор таъминшавӣ дар корхонаҳои истихроҷи нафти Сибир, тиҷорат, сафари ҷавонон ба сохтмонҳои зарбдори умумиттифоқӣ, таҳсил ва ғ.), дар солҳои 1990-ум дар доираи ИДМ ҷараёни муҳоҷирати меҳнатӣ хусусияти васеъ пайдо намуд, аммо вазъият, аз ҷумла бо муҳоҷирони тоҷик ба ангезандаи ҷиддии шиддати сиёсӣ ва иҷтимоӣ табдил ёфт.

Баҳисобгирии аниқи шумораи муҳоҷирони хориҷии Тоҷикистон мавҷуд нест. Баҳодиҳии коршиносон дар ҳудуди аз 0,5 то 1 миллион нафар фарқ мекунад. Ҳамин тавр, аз рӯи натиҷаҳои пурсиши соли 2003, дар давраи аз соли 2000 то 2003 18 % сокинони калонсоли Тоҷикистон барои музд ба хориҷ сафар намудаанд.

**ҶАДВАЛИ 4.3**
**ТАҚСИМОТИ МУҲОҶИРОНИ МЕҲНАТӢ АЗ КИШВАРҲОИ ИДМ[70]**

| Кишварҳо | ҲАМАГӢ МУҲОҶИРОНИ МЕҲНАТӢ | | ТАҚСИМОТ АЗ РӮИ КИШВАРҲОИ АСЛ, БО % | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | ҳазор нафар | бо % нисбат ба аҳолӣ | Россия | Украина | Дигар кишварҳои ИДМ | Дигар кишварҳои ҷаҳон |
| Озарбойҷон | 1365 | 15,9 | 70,6 | 8,8 | 12,6 | 7,9 |
| Арманистон | 813 | 27,1 | 67,9 | 8,5 | 5,0 | 18,6 |
| Гурҷистон | 1025 | 23,3 | 70,0 | 9,2 | 5,8 | 15,0 |
| Қазоқистон | 3710 | 24,0 | 78,4 | 8,8 | 6,6 | 6,3 |
| Қирғизистон | 615 | 11,7 | 84,1 | 6,3 | 2,5 | 7,1 |
| Тоҷикистон | 797 | 11,8 | 84,4 | 5,4 | 5,4 | 4,8 |
| Туркманистан | 260 | 5,2 | 76,0 | 12,7 | 0,8 | 10,5 |
| Ӯзбекистан | 2186 | 8,1 | 50,5 | 14,7 | 26,1 | 8,7 |
| Ҳамагӣ дар кишварҳои минтақа | 10770 | 14,3 | 70,9 | 9,7 | 10,7 | 8,8 |

Тибқи маълумоти Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ (дар асоси кортҳои муҳоҷират), ҳар сол барои пайдо кардани музди меҳнат дар давраи солҳои 2004-2006 зиёда аз 420 ҳазор нафар шаҳрвандони Тоҷикистон ба хориҷ сафар намудаанд, ки қариб 11%-и аҳолии қобили меҳнатро дар кишвар ташкил медиҳад. Дар соли 2006 шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ зиёда аз 460 ҳазор нафарро ташкил кард.

Тибқи арзёбии Бонки ҷаҳонӣ миқдори муҳоҷирони меҳнатӣ аз Тоҷикистон ба 797 ҳазор нафар мерасад, ки 11,8% -и аҳолиро дар бар мегирад.

Тибқи маълумоти Хадамоти муҳоҷирати ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2008 852,1 ҳазор нафар шаҳрвандон дар Федератсияи Россия дар қайди муҳоҷират қарор доштанд. Дар ҳолати 1 июли соли 2009 Хадамоти муҳоҷирати ҷумҳурӣ шумораи 452247 нафарро пешниҳод кард, ки онҳо аз минтақаҳои зерин мебошанд:
Вилояти Суғд: - 152911 нафар
Вилояти Хатлон: - 28775 нафар
шаҳри Душанбе: - 270561 нафар.

**ЗАМИМАИ МАТНИ 14**
**ЗИЁДА АЗ 400 ҲАЗОР НАФАР ШАҲРВАНДОНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР РОССИЯ ДАР ДАВОМИ НИМ СОЛ ДАР ҚАЙДИ МУҲОҶИРАТ ҚАРОР ДОШТАНД**

**ДУШАНБЕ, 18 августи соли 2009 – «Авесто».** – Зиёда аз 405 ҳазор шаҳрванди Тоҷикистон дар шаш моҳи соли ҷорӣ аз ҷониби Хадамоти муҳоҷирати Федератсияи Россия ба қайд гирифта шудаанд.
Чи тавре ки ба «Авесто» котиби матбуоти намояндагӣ оид ба муҳоҷирати ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия Дилбар Хоҷаева хабар дод, чунин маълумотро Раёсати ташкили раводид ва корҳои бақайдгирии Хадамоти федералии муҳоҷирати ФР меорад.
Барои зисти муваққатӣ 23,2 ҳазор шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Россия иҷозат гирифтанд. Ба 107 нафар тоҷикистониҳо гувоҳномаи иқомат дода шудааст.
Тибқи иттилооти ғайрирасмӣ ба сифати муҳоҷирони меҳнатӣ ба Федератсияи Россия то 1 миллион шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам сафар мекунанд.

**ДИАГРАММАИ 4.8**
**МИҚДОРИ ШАҲРВАНДОНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, КИ БА ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ ДАР СОЛИ 2009 САФАР НАМУДААНД**[72]




Аз нуқтаи назари коршиносони мустақил шумораи муҳоҷирони Тоҷикистон якчанд маротиба зиёд аст.

Маълумоти омории Хадамоти федералии омори давлатии Россия дар нимсолаи аввали соли 2008 низ аз воқеият дур мебошанд. Тафовут байни маълумотҳои агентиҳои иттилоотӣ зиёда аз 100 ҳазор нафарро ташкил медиҳад.

Ҳадди ақал шаш манбаъ мавҷуд аст, ки дар онҳо баҳодиҳии муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ аз Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад. Барои муайян намудани стратегияи воқеии сиёсати муҳоҷирати Тоҷикистон, гузаронидани таҳқиқи мукаммали хонаводаҳои кишвар ва таъсиси бонки ягонаи иттилоот зарур аст.

Норасоии асосии ҳам омори Россия ва ҳам омори Тоҷикистон ва дар маҷмӯъ кишварҳои ИДМ оид ба муҳоҷирати хориҷӣ, ин ҷой надоштани системаи мукаммали баҳисобгирӣ мебошад. Дар аввали соли 2007 дар Россия қонунгузории нави муҳоҷират ба роҳ монда шуд, ва мутаносибан шумораи муҳоҷирони қонунӣ аз Тоҷикистон аз сӣ ҳазор нафар дар соли 2006 ба зиёда аз 200 ҳазор нафар дар соли 2008 расид.

**ДИАГРАММАИ 4.9**
**БАҲОДИҲИИ ГУНОГУНИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ АЗ ТОҶИКИСТОН**




Мувофиқи тадқиқоти Созмони байналмилалӣ оид ба муҳоҷират барои иқтисодиёти хурди кушоди Ҷумҳурии Тоҷикистон се навъи муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ хос мебошанд:

- муҳоҷироне, ки тибқи қарордодҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ бо корхонаҳои ба кор қабулкунанда (қариб 20% тамоми муҳоҷирони меҳнатӣ) кор карда, давомнокии корашон як сол ва ё зиёд аз он мебошад;
- муҳоҷироне, ки дар сохтмони хусусӣ ва дар соҳаи аграрӣ (қариб 50%) кор мекунанд. Одатан онҳо берун аз ҳудуди кишвар аз моҳи март то ноябр дар вақти вусъати сохтмон ва корҳои мавсимӣ дар соҳаи аграрии Россия кор мекунанд;
- муҳоҷирони тиҷоратӣ (қариб 30%), ки дар байни муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ нисбатан соҳибмаълумот буда, берун аз ҳудуди кишвар дар фосилаи кӯтоҳи вақт кор мекунанд.

Сабабҳои иқтисодӣ, ки асоси муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбанд, инҳо мебошанд:

- набудани миқдори кофии ҷойҳои корӣ;
- сатҳи пасти даромадҳо ва музди ками меҳнат;
- дурнамои номуайян барои гирифтани касби зарурӣ;
- муҳити заифи иқтисодӣ, ки ба таври муносиб тавонад қобилияти соҳибкории одамонро талаб намояд ва ғайраҳо.

Муҳоҷирати меҳнатии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан хусусияти ғайриқонунӣ дорад ва тибқи маълумоти ХБА қариб 60%-и муҳоҷирон тахассуси касбӣ надоранд, қонунҳо, урфу одат ва анъанаҳои кишвари қабулкунандаро, пеш аз ҳама забони русиро намедонанд. Вазъи ғайриқонунии онҳо имкон намедиҳад, ки ба ҳимояи ҳуқуқҳояшон умед банданд ва аз хизматрасониҳои системаи молиявии расмӣ барои амонатгузорӣ истифода баранд.

## ХУСУСИЯТИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ

Хислати фарққунандаи муҳоҷирати меҳнатӣ аз Тоҷикистон – хусусияти муваққатӣ, мавсимӣ ва бозгашт доштани он мебошад, ки ба робитаҳои анъанавии мустаҳками оилавии тоҷикон вобаста аст.

Имрӯз нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатии қувваи корӣ тағйир ёфта истодаанд. Аз як тараф, дар муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ кормандони бетахассус ва ихтисоснадошта иштирок мекунанд, ки бори аввал ба бозори меҳнат ворид мешаванд, аз тарафи дигар бошад, кормандони баландихтисос маҷбуранд, ки бинобар сабаби набудани ҷойҳои корӣ кишварро тарк намоянд.

То ба имрӯз, сарфи назар аз кӯшишҳои танзимкунӣ, ҳолати идоранашавандаи ҷараёнҳои муҳоҷират боқӣ мемонад. Ҳатто қонунгузории қатъӣ муҳоҷират дар Россия фақат қисман ба қонунигардонии муҳоҷирати меҳнатӣ оварда мерасонад.

Дар айни замон, дар Тоҷикистон ҷавонон бо баробари мактабро ба итмом расонидан барои дарёфти маблағ ба Россия мераванд. Рафтани ҷавонони синни 17-20 сола сол аз сол меафзояд. Ин далел боиси нигаронӣ мебошад.

Тамоюли мазкур пас аз зимистони қаҳратуни солҳои 2007-2008, ки дар натиҷаи сардии шадид мушкилоти ҷиддӣ дар хоҷагии коммуналӣ ва барқ ба миён омад пурзӯр гардид. Имкониятҳои маҳдуди шуғл ва душвориҳои маишӣ «рӯҳияи муҳоҷиршавии» аҳолиро тақвият бахшиданд.

**ЗАМИМАИ МАТНИ 15**
**СИМОИ МУҲОҶИРИ ТОҶИК**

Намунаи иҷтимоию типологии муҳоҷири меҳнатии муваққатиро бо аломатҳои зерин тавсиф додан мумкин аст: ин марди (ё ки зани) синни аз 20 то 40-сола аст, ки аслан аз деҳот буда, таҳсилоти миёна дораду, тахассуси кофии касбӣ надорад ва вобаста ба ин ба меҳнати дастии беихтисос розӣ мебошад.

Дар муҳоҷирати меҳнатӣ асосан ҷавонони синни 15-29-сола бартарият доранд, ки ҳиссаи онҳо нисбати тамоми муҳоҷирон қариб 53% мебошад. Шахсони синни миёна (30-49-сола) 44,4%-и шумораи умумии муҳоҷирони меҳнатиро ташкил медиҳанд. Синни миёнаи муҳоҷирони меҳнатӣ дар соли 2007 30,6 солро ташкил дод.[73]

## САМАРАҲОИ МУҲОҶИРАТИ ХОРИҶӢ

***Самараҳои мусбат***

***<u>Паст шудани шиддат дар бозори меҳнат.</u>*** Муҳоҷират шиддатнокии бозори меҳнатро аз байн бурда, ҳамчун омили устуворгардонанда дар ҷомеа баромад менамояд. Барои бозори меҳнати кишвар вазъе хос аст, ки мувофиқи он тақозо ва арза ба қувваи корӣ аз соли 2003 сар карда якбора паст шуда истодаанд. Зимнан, агар таносуби тақозо ва арза дар соли 2001 1:6 бошад, пас дар соли 2007 он ба 1:4 расид. Эҳтимол меравад, ки ин бо муҳоҷирати меҳнатии хориҷии аҳолӣ вобаста аст.

Дар шароити сатҳи баланди камбизоатӣ муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ имконияти зиндагӣ ва дастгирии некӯаҳволии оилаҳоро таъмин менамояд. Муҳоҷират барои пайвастшавӣ ба фарҳанги кишварҳо ва халқҳои дигар, азхудкунии забонҳои хориҷӣ, таҷрибаандӯзӣ ва омӯхтани технологияҳои нав, баркарор намудани робитаҳоро бо дигарон имконпазир мегардонад.

Чораҳои пешгирикунанда оид ба ташкили таълими босуръати касбии муҳоҷирон дар кишвар хеле муҳим мебошанд. Расонидани кӯмаки суроғавӣ ба шаҳрвандон, аз ҷумла ташкили тағйири ҷои зист барои кор чи дар дохили ҷумҳурӣ ва чи дар дигар кишварҳо, метавонад ҷанбаи муҳими фаъолияти сохторҳои давлатӣ гардад.

Аз миёнаи соли 2008 Ҳукумати кишвар барои ҳифзи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ берун аз кишвар, бо дарки он ки бозгашти оммавии муҳоҷирони меҳнатӣ ба ватан метавонад боиси оқибатҳои ногувор гардад, иқдомҳои мақсаднокро андешид. Миқдори зиёди муҳоҷироне, ки дар Федератсияи Россия ҳастанд, дар бозори сохтмон фаъолият доранд, вале бӯҳрон ба таназзули авҷи сохтмон дар Россия овард ва аксари муҳоҷирон бе ҷои кор монданд. Бӯҳрон нишон дод, ки аз худ намудани бозорҳои меҳнати дигар кишварҳо барои паст намудани таъсири ҳолатҳои ногувори берунӣ зарур аст.

***<u>Майдончаи таълимии касбӣ.</u>*** Имрӯз кор дар иншооти сохтмонӣ ва саноатии Россия ва Қазоқистон «майдончаи таълимии касбӣ» барои муҳоҷирони меҳнатӣ мегардад. Дар муддати кӯтоҳ ҷавонон касбу малакаҳои навро аз худ намуда, аз ҳама муҳим ҷаҳонбинии худро васеъ менамоянд. Касбомӯзии коргар вобаста ба азхудкунии технологияҳои муосири истеҳсолӣ сурат мегирад, ки ба шароити технологӣ ва ташкилию иқтисодии корхонаҳои пешқадам мутобиқ мебошанд. Омӯзиши таҷрибаи ҳамкории шабакавӣ дар фаъолияти биржаҳои меҳнати кишварҳои гуногун муҳим аст. Шиори «имрӯз барои Россия, фардо барои Тоҷикистон» дар раванди тарбияи кадрҳои миллӣ шакли воқеӣ пайдо мекунад.

Рушди густурдаи ҷараёнҳои муҳоҷират ба кишварҳое, ки дар онҳо гирифтани малакаҳои касбӣ дар соҳаи хизматрасонӣ мумкин аст, низ муҳим мебошад.

Санҷишҳои миллии коршиносон нишон медиҳанд, ки муҳоҷирони тоҷик аллакай азхудкунии бозори меҳнатро на фақат дар кишварҳои ИДМ, балки дар кишварҳои хориҷаи дур низ бояд оғоз намоянд. Аз ин рӯ, давлат бояд дастгирии муҳоҷирони меҳнатиро ба ӯҳдаи худ гирад, то ин ки онҳо фаъолияти худро дар хориҷа қонунӣ ба роҳ монанд.

***<u>Интиқоли маблағҳои пулӣ.</u>*** Самараи асосии мусбати муҳоҷирати хориҷӣ интиқоли маблағҳои пули муҳоҷирони хориҷӣ ба кишвари асл маҳсуб меёбад.

Интиқоли маблағҳои пулӣ унсури асосии рушди иқтисодӣ дар кишварҳои дорои иқтисодиёти давраи гузариш маҳсуб меёбад, ки сатҳи пасти даромад доранд. Интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ манбаи устувори воридоти асъори хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар мебошад, ки бевосита ба вазъи иқтисодии хонавода таъсир мерасонанд. Тадқиқотҳои гузаронидашуда, маълум сохтанд, ки интиқоли маблағҳо ба оилаҳо барои зиндагӣ дар давраи душвор, сармоягузорӣ ба моликият, беҳтар дастрас шудан

ба таҳсилот ва тандурустӣ, инчунин маблағгузории соҳибкории хурд ва миёна кӯмак мерасонад. Азбаски маблағҳои интиқолшударо асосан барои истеъмол истифода менамоянд, пас таъсири онҳо ҷиҳати кам кардани миқёси камбизоатӣ хеле зиёд аст.

Интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ба иқтисодиёти хурди кушоди ҷумҳурӣ таъсири ҷиддии институтсионалӣ мерасонанд. Онҳо барои пурзӯр гардидани рақобат дар байни муассисаҳои бонкӣ мусоидат намуданд. Чунончи, баъд аз соддагардонии расмиёти гирифтани маблағҳои интиқолии бонкҳо, вақте барои гирандагони маблағҳои пулӣ доштани ҳисобномаи бонкӣ ҳатмӣ намебошад, ба бонкҳои ватанӣ лозим омад, ки на танҳо байни худ, балки байни дигар миёнаравҳои молиявӣ барои ҷалб кардани мизоҷон рақобат намоянд. Ҳаҷми афзояндаи интиқоли маблағҳо ба рушди системаи бонкии кишвар ва ҳамбастагии он таъсир мерасонанд. Тадқиқотҳо муайян намуданд, ки роҳҳои асосии воридоти интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ (85%) дар айни замон системаи бонкӣ ба ҳисоб меравад. Ин бештар ба паст гардидани меъёрҳои хизматрасонии бонкӣ аз 10% то 1,5% вобаста аст. Натиҷаҳои тадқиқот нишон доданд, ки системаи бонкии Тоҷикистон воситаи нисбатан эътимоднок ва бехатари интиқоли маблағхо аз ҷониби муҳоҷирони меҳнатӣ ба шумор меравад.

***Самараҳои манфӣ***

***<u>Алтернативаи ягона.</u>*** Имрӯз барои аксарияти одамон муҳоҷирати хориҷӣ ҳамчун алтернативаи ягона барои зиндагӣ боқӣ мемонад. Танзими раванди муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ дар кишвар хеле зарур ва муҳим аст, зеро маҳз сатҳи рушди инсон, амнияти ӯ ва ҳимояи ҳуқуқҳои вай аз ин вобаста аст.

Вазъи дар ҷумҳури боқимондаистодаи сатҳи пасти музди меҳнат ва даромад ҳамчун омили ҳавасмандкунандаи муҳоҷирати на танҳо кадрҳои меҳнатии баландихтисос, ки ба корҳои дарозмӯҳлат ё доимӣ моил мебошанд, балки ҷавонон низ, ки ягон ихтисос надоранд, баромад мекунад. «Табларзаи муҳоҷират» дар байни ҷавонон ба омили паст гардидани сатҳи таҳсилоти умумӣ ва давомнокии умр дар мамлакат табдил ёфта истодааст.

***<u>Нарасидани мутахассисон.</u>*** Муҳоҷирати меҳнатии оммавӣ ба он оварда мерасонад, ки дар кишвар норасоии доимии мутахассисон ба вуҷуд меояд. Имрӯз дар деҳот аллакай обмонҳо, чӯпонҳо, трактористҳо ва ғ. намерасанд. Дар майдони бинокорӣ ва сохтмони роҳҳои мошингард мутахассисон намерасанд ва ин барои аз тарафи ширкатҳои сохтмонии Хитой, Ҳиндустон ва Россия овардани мутахассисонашон мегардад, ки ба самараи ивазшавӣ дар бозори меҳнат меоварад. Дар Тоҷикистон амсоли дигар кишварҳои камбизоат, ба монанди Ӯзбекистон, Молдова ва Қирғизистон, ин ҳодиса ба захираҳои меҳнатӣ таъсири харобиовар мерасонад ва ба номувофиқгардии касбии кадрҳо меоварад, ки умуман ба рушди устувори иқтисодӣ мусоидат наменамояд ва проблемаи тарбияи кадрҳоро дар мадди аввал мебардорад.

***<u>Тағйирёбии намунаи (модели) оила.</u>*** Муҳоҷирати меҳнатӣ ба тағйирёбии вазъи иҷтимоию демографӣ дар маҳалҳои аҳолинишини кишвар, бахусус дар деҳот мусоидат менамояд. Нуқтаҳои аҳолинишине ба миён омада истодаанд, ки дар онҳо шумораи мардон ва занони синни қобили меҳнат хеле кам мебошанд. Муҳоҷирати хориҷӣ барои таҳкими оила аз ҷиҳати моддӣ мусоидат намуда, вале аз бисёр ҷиҳат оиларо ахлоқан (аз ҷиҳати маънавӣ) хароб менамояд. Миқдори кӯдаконе зиёд шуда истодааст, ки онҳо дар оилаҳои яке аз волидайн ё ҳар дуи онҳо дар муҳоҷирати меҳнатибуда тарбия мегиранд. Ин гурӯҳи кӯдакон дар шароити беназоратӣ, зӯроварии оилавӣ ва берун аз оилавӣ ва амалнамоии сохторҳои ҷиноятӣ ба гурӯҳи махсуси хавф (риск) табдил мегарданд.

Ҳангоми дар хориҷа барои дарёфти маблағ қарор доштан, кӯшиши ҳарчи бештар ба даст овардани музд ва ба наздикони худ ба Тоҷикистон фиристодани пул, муҳоҷирони меҳнатӣ ба саломатии худ, хӯрок, шароити маишӣ ва техникаи бехатарӣ  нигоҳ накарда, маблағхояшонро сарфа менамоянд. Аз ин рӯ, ҳолатҳои фавти муҳоҷирони меҳнатӣ, бардоштани ҷароҳатҳои истеҳсолӣ ва гирифтор шудан ба бемориҳои гуногун зиёданд. Дар маҷмӯъ, дар натиҷаи муҳоҷирати хориҷӣ «ҳади саломатии» муҳоҷирони меҳнатии тоҷик паст мешавад.

***<u>Набудани асос барои соҳибкорӣ.</u>*** Ташаббуси соҳибкорӣ аз ҷониби шаҳрвандоне, ки аз хориҷа баргаштаанд, мисли пештара, дар сатҳи паст қарор дорад. Илова бар ин, муҳоҷират, чи тавре ки интизор мерафт, на танҳо ташаббуси шахсиро ҳавасманд мегардонад, балки аз бисёр ҷиҳат шаҳрвандонро нисбат ба фаъолияти соҳибкорӣ моил намекунад, зеро миқдори шаҳрвандони бевосита ба фаъолияти соҳибкорӣ ҷалбгардида, баъд аз муҳоҷират афзоиш намеёбад, баръакс мавҷи нави муҳоҷиратро ба вуҷуд меорад. Сабаби ин шароити номусоид барои соҳибкорӣ дар дохили кишвар, набудани ҷойҳои кории дорои музди сазовор мебошад, ки ба арзиши доимоафзояндаи ҳаёт дар кишвар мутобиқат намояд.

***<u>Поймол кардани ҳуқуқи меҳнаткашон-муҳоҷирон.</u>*** Поймол кардани ҳуқуқи меҳнаткашон-муҳоҷирон дар соҳаи шароит ва ҳифзи меҳнат, таҳаммулпазирӣ нисбат ба онҳо ва ҳамгироии онҳо дар ҷомеаи

қабулкунанда – тамоми ин проблемаҳо имрӯз ҳалли худро наёфтаанд. Ин раванд то ҳанӯз мавриди таҳқиқи амиқи олимони ватанӣ ва вазифаи рӯзмарра барои сиёсатмадорон ва институти ҷомеаи шаҳрвандӣ қарор нагирифтаанд.

Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла, мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Россия ба муҳоҷирон, бахусус муҳоҷирони ғайриқонунӣ бо ҳисси нобоварӣ  муносибат менамоянд. Тибқи маълумоти хадамоти муҳоҷирати Тоҷикистон дар соли 2007 аз Федератсияи Россия 1850 шаҳрванди Тоҷикистон ба ватан баргардонда шудаанд. Фақат барои риоя накардани қоидаҳои будубош дар қаламрави Россия 37 ҳазор шаҳрвандони Тоҷикистон ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шудаанд. Дар солҳои охир барои содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳои гуногун дар Россия зиёда аз 130 ҳазор тоҷикон ҷазоҳои маъмурӣ гирифтаанд.

Сарфи назар аз тамоюли ташаккулёфтаистода барои қонунигардонии оммавии муҳоҷирони меҳнатӣ дар Россия, аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқот, вазъ дар соҳаи муҳоҷират дар даҳ соли охир амалан тағйир наёфтааст. Чун қоида, муҳоҷирони меҳнатии ғайриқонунӣ дар шароити зиддисанитарӣ бевосита дар сохтмонҳо, биноҳои маишӣ, таҳхонаҳое, ки барои зисти бригадаҳои коргарӣ ташкил карда шудаанд, зиндагонӣ доранд. Аз ҳудуди иншооти сохтмонӣ, аз хавфи ба вуҷуд омадани мушкилот бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, онҳо берун намебароянд.

***<u>Тоҷикистон бояд ба дигаргуниҳо омодагӣ гирад.</u>*** Давраи муҳоҷирати стихиявӣ (ғайримуташаккил), бесарусомон дар оянда наздик ба охир мерасад. Россия  ба интихоби зерини афзалиятноки муҳоҷирони меҳнатӣ мегузарад: аввал - ба захираҳои меҳнатии дохилиминтақавӣ, сипас ба минтақаҳои Федератсияи Россия, баъдан – собиқ ҷумҳуриҳои ИҶШС ва ниҳоят – хориҷи дур. Ин чунин маъно дорад, ки Тоҷикистон бояд ба ин гуна дигаргуниҳо бояд омодаги гирад. Баҳодиҳии таҳлилии вариантҳои ҳодисаҳо дар оянда зарур аст.

Таҳқиқоти дар кишвар гузаронидашуда собит менамояд, ки бинобар таъсири бӯҳрони молиявии ҷаҳонӣ аксарияти муҳоҷирони меҳнатӣ бозгашта истодаанд ва ин ба ҳамаи минтақаҳои Тоҷикистон хос аст.

Тахминан зиёда аз 96%-и муҳоҷирон аз Россия ва танҳо 1,9% аз Қазоқистон бармегарданд. Аксарияти кулли муҳоҷирон дар давраи бӯҳрон аз моҳи октябри соли 2008 то моҳи марти соли 2009 ба ватан баргаштанд. Зиёда аз 76% муҳоҷирони меҳнатӣ, зимнан тахассусашон пасттарин, аз ҷумла коргарони ҳамакора (8,9%) дар соҳаи сохтмон кор мекарданд ва маҳз онҳо қурбони аввали бӯҳрон гаштанд. Дар соҳаи савдо 5,8%-и муҳоҷирони баргашта, 3,2% дар соҳаи нақлиёт ва 6% дар дигар соҳаҳо кор кардаанд. Чунин тақсимот ба ҳамаи минтақаҳои Тоҷикистон хос аст. Аз тамоми муҳоҷирони таҳқиқшуда, камтар аз нисф зиёд (51%) дар хориҷа аз рӯи қарордод кор кардаанд. Қариб 70% муҳоҷирон дар рафти пурсиш қайд карданд, ки сабаби баргаштани онҳо ба ватан бӯҳрон мебошад.

Санҷишҳои таҳлилӣ нишон медиҳанд, ки баргаштани шумораи зиёди муҳоҷирон ба пастшавии воридоти асъор ба кишвар оварда мерасонад. Аммо, пас аз ба охир расидани бӯҳрон, муҳоҷирони ба ватан баргашта ва тахассуси муайянро дар хориҷӣ гирифта, метавонанд яке аз қувваҳои асосии ҳаракатдиҳандаи рушди ояндаи иқтисодӣ гарданд. Имрӯз кишвар ба қабули барномаҳои махсус ва фароҳам овардани шароит барои муҳоҷирони меҳнатии баргаштаистода ниёз дорад. Дар сурати амалисозии мақсадноки барномаҳои кӯмакрасонӣ ба муҳоҷирон, ҷумҳурӣ метавонад дар ҳалли проблемаҳои муҳоҷират кишвари намунавӣ бошад.

### ЗАМИМАИ МАТНИ 16
### МУҲОҶИРОНИ МЕҲНАТӢ НАФАҚА ХОҲАНД ГИРИФТ

Муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон, ки маблағҳои худро ба ҷумҳурӣ тавассути системаи бонкӣ интиқол медиҳанд, дар оянда метавонанд нафақа гиранд. Дар ин бора ба «Азия Плюс» Раиси Кумитаи давлатии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон Мирганд Шабозов иттилоъ дод. «Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Вазорати рушди иқтисод ва савдоро вазифадор намуд, ки ҳангоми ҳисоби маблағҳои интиқолнамудаи муҳоҷирон, ба онҳо нафақаи дахлдор таъин намоянд»,-таъкид намуд вай. Раиси Кумитаи давлатии омор зикр кард, ки ҳангоми дар хориҷа кор карда маблағ равон кардан, муҳоҷирон на танҳо оилаи худро таъмин менамоянд, балки суботи иқтисодиро дар ҷумҳурӣ дастгирӣ хоҳанд намуд. «Охир баъд аз давраи начандон зиёд, метавонад чунин ҳолат ба миён ояд, ки муҳоҷир имконияти ҷисман кор карданро аз даст медиҳад, вале худ ва аҳли оилаи худро хӯрондан зарур аст, аз ин рӯ ҳукумат зарур мешуморад, ки ба муҳоҷирон нафақа таъин намояд, зеро онҳо дар баробари он шаҳрвандоне, ки дар дохили ҷумҳурӣ кор мекунанд, иктисодиётро дастгирӣ мекунанд», - мегӯяд ӯ.

***Asia-Plus №43(510). 28 октябри соли 2009***



# БОБИ 5

## ОЁ НОБАРОБАРИИ ГЕНДЕРӢ МЕАФЗОЯД?



Конститутсия (Сарқонун)- и Ҷумҳурии Тоҷикистон баробарии мардон ва занонро дар тамоми соҳаҳои фаъолияти зиндагӣ таъкид менамояд. Мувофиқи моддаи 17 Конститутсия (Сарқонун)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон «ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд. Давлат ба ҳар кас, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад». Моҳи марти соли 2005 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» қабул гардид, ки тибқи он поймол кардани ҳуқуқи мардону занон манъ карда шудааст (моддаи 3). Дар Қонуни мазкур «Давлат баробарии мардону занонро дар шохаҳои қонунгузорӣ, иҷроия ва судии ҳокимияти давлатӣ бо воситаҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва ғайра таъмин менамояд» (моддаи 5). Моддаи 17 Қонуни мазкур бо мақсади таҳлили вазъи таъмини баробарҳуқуқӣ ва имкониятҳои баробари мардону занон дар соҳаи иҷтимоию иқтисодӣ, пешгӯии тағйири вазъ, таҳияи чораҳои пешгирӣ ва рафъи далелҳои поймолкунии ҳуқуқ мушоҳидаи (мониторинги) доимӣ ташкил менамояд.


5

Сатҳи фаъолнокии иқтисодии занон нишондиҳандаи муҳим мебошад, ки аз як тараф афзалияти занонро барои шуғли музднок нишон дода, аз тарафи дигар имконияти татбиқи ин афзалиятҳоро, ки бозори меҳнат фароҳам меорад, муайян менамояд.

Нобаробарии гендерӣ дар соҳаи шуғл дар Тоҷикистон аллакай дар иштироки сусти занон дар бозори меҳнат зоҳир мегардад. Ин чунин маъно дорад, ки даромади асосии ташкилкунандаи заминаи баландбардории некӯаҳволии хонавода, сармоягузорӣ ба сармояи инсонии аъзоёни оила, барои ба вуҷуд овардани пасандозҳо ба мақсади устувории сатҳи истеъмол дар оянда, бештар аз ҷониби мардон таъмин карда мешавад. Дар натиҷа, занон дар шароити вобастагии иқтисодӣ аз мардон қарор мегиранд, ки сатҳи эҳтиёҷмандии на танҳо худи онҳо, балки фарзандони онҳоро низ баланд мегардонад.

Проблемаи нобаробарии гендерӣ дар бозори меҳнат дар шароити оммавӣ гардидани муҳоҷирати меҳнатии мардон хусусияти шадид пайдо мекунад. Ин зуҳурот номутаносибии вазъи демографиро пурзӯр намуда, хавфи афзоиши ҳиссаи оилаҳоеро зиёд менамояд, ки дар онҳо занон сарвари оила мебошанд, чунки муҳоҷирони меҳнатӣ бештар аз оилаҳои худ ҷудо гардида, онҳоро аз ҷиҳати иқтисодӣ дастгирӣ намекунанд ва дар дигар кишвар оилаҳои нав барпо мекунанд. Ҳарчи бештар собиқ ҳамсарони муҳоҷирони меҳнатӣ бо фарзандонашон бе сарчашмаи анъанавии даромад (музди мардон) монда, маҷбур мешаванд ба бозори меҳнат бе тахассуси касбӣ бароянд. Дар чунин хонаводаҳо сатҳи истифодаи меҳнати кӯдакон баланд мегардад.

Оқибатҳои чунин вазъ аз он ҷиҳат хатаровар мебошанд, ки он маҳдудиятҳои иловагиро барои кӯдакон ҷиҳати гирифтани таҳсилот ба вуҷуд меорад ва чун натиҷа, онҳо дар оянда ба меҳнати бетахассуси музди камдошта, яъне ба камбизоатӣ маҳкум карда мешаванд. Имкониятҳои маҳдуд барои маблағгузорӣ ба сармояи инсонӣ (таҳсилот ва саломатӣ) дар доираи хонаводаҳо сабаби паст гардидани сифати қувваи корӣ дар сатҳи ҷомеа ва пастшавии ҳосилнокии меҳнат дар иқтисодиёти кишвар мегардад.

# 5.1. НАҚШИ ГЕНДЕРИИ МАРДОН ВА ЗАНОН ДАР ТОҶИКИСТОНИ МУОСИР

## АФЗОИШИ САРБОРИИ ХОНАВОДАГӢ ҲАМЧУН МОНЕА ДАР РОҲИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ ФАЪОЛНОКИИ ИҚТИСОДИИ ЗАНОН

Дар натиҷаи паст гардидани иштироки давлат дар маблағгузории як қатор пардохтҳои иҷтимоӣ, инчунин пешниҳоди хизматрасониҳои иҷтимоӣ (кам кардани шумораи муассисаҳои бепули давлатии кӯдакона, муассисаҳо оид ба нигоҳубини пиронсолон, кам гаштани имконияти аз ҷониби давлат таъминнамоии хизматрасонии тиббӣ дар хона ва ғ.) ба занон вогузоршавии масъулият барои аъзоёни корношоями оила ба мушоҳида мешавад.

Ин ё ба афзоиши «вазнинии дукаратаи» ба занон вогузор шуда, кам шудани вақти холи онҳо, ё ба зан «вобаста намудани» нақши соҳибхоназан оварда, имконияти дастрасиро ба кори музднок маҳдуд мегардонад.

Натиҷаҳои таҳқиқотҳои интихобии яквақтаинаи аз ҷониби Агентии давлатии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2008 гузаронида шуда нишон доданд, ки занон барои кори хона нисбат ба мардон ду маротиба зиёдтар (44,24 ва 22,17 соат дар як ҳафта мутаносибан) вақти худро сарф менамоянд.[74] Усули ТСЗТ дар системаи худ танҳо масрафи вақти занонро барои кори хона дар бар мегирад. Муқоисаи натиҷаҳои ТСЗТ дар солҳои 2003 ва 2007 нишон медиҳад, ки сарбории занон дар хонавода мисли пештара зиёд буда, беш аз 32 соатро дар як ҳафта ташкил менамояд. Дар давоми 4 сол сохтори масрафи вақти аз ҷониби занон барои корҳои хона истифодашаванда тағйир ёфт. Дар натиҷаи фарсудашавӣ ва таназзули системаи манзилию коммуналӣ занон вақти худро қариб 1,5 маротиба зиёдтар ба овардани об барои эҳтиёҷоти хона ва зиёда аз 2,5 маротиба барои тайёр кардани хӯрок, рӯбучин кардани хона ва ҷомашӯӣ сарф менамуданд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти ТСЗТ собит менамоянд, ки дар маҷмӯъ бо дарназардошти корҳои музднок ва бемузд (хона) занҳо нисбат ба мардон бештар кор мекунанд. Вале қисми зиёди кори занон пардохт карда намешавад. Чунончи, мардон 56,4%-и вақти худро ба фаъолияти музднок ва 43,6%-и вақти кори худро барои фаъолияти бемузд сарф мекунанд. Занон бошанд, ба фаъолияти музднок 27,3%-и вақти кории худ ва 72,7%-и вақти худро ба кори бемузд сарф мекунанд.

Афзудани сарбории хона барои баромадани занон ба бозори меҳнат монеа ба вуҷуд меорад. Дар натиҷа онҳо собиқаи кории дахлдор ва кафолатро барои таъмини нафақаи сазовор намегиранд, ки осебпазирии иқтисодӣ ва вобастагии онҳоро аз дигар аъзоёни оила зиёд менамояд.

Чунин ҳолати кор ҳавасмандии занонро ба сармоягузории маблағҳо барои ба даст овардани малакаҳои нави меҳнатӣ ва захира кардани сармояи инсонӣ суст мегардонад, ки он гирифтани таҳсилот ва интихоби стратегияи фаъолият дастрас мегардад, ки ба ташаккули тарзи ҳаёти солим меоварад. Кам шудани ҳиссаи духтарони ба таҳсил фаро гирифташуда дар мактаб аз он шаҳодат медиҳад, ки механизми тавсифшудаи ташаккули нобаробарии гендерӣ аллакай амал карда истодааст.

## ОДАТҲОИ ГЕНДЕРӢ ИНТИХОБИ ДУХТАРОНРО БАРОИ ГИРИФТАНИ ТАҲСИЛОТ МАҲДУД МЕНАМОЯД

Аксари муҳаққиқон қайд менамоянд, ки паҳнгашта будани қолибҳои анъанавии гендерӣ ба дастрасии воқеии таҳсилоти олӣ барои духтарон ҳатто бештар нисбат ба соҳаи таҳсилоти миёна, таъсири манфӣ мерасонад. Аз ҷумла, як қатор тадқиқотҳо собит месозанд, ки дар шароити паҳншавии қолибҳои анъанавии гендерӣ сатҳи баланди таҳсилоти духтарон аз ҷониби атрофиён хамчун «арзиши манфӣ» арзёби карда мешавад.[75] Масалан, ҳатто дар оилаҳои шаҳрӣ, деҳот он тараф истад, чунин ақида ба таври васеъ паҳн шудааст, ки гӯё барои духтарони дорои сатҳи таҳсилоти олӣ ба шавҳар баромадан хеле душвор мебошад, чунки умеди онҳо вобаста ба ҳаёти оилавӣ зиёдтар буда, худбаҳодиҳии онҳо назар ба духтарони дорои таҳсилоти миёна низ баландтар аст. Чунин тасаввурот ба сифати омили камгардонандаи хоҳиши волидайн ҷиҳати сармоягузорӣ барои таҳсилоти духтаронашон маҳсуб меёбад.

Натиҷаи ба системаи таҳсилоти касбӣ кам ҷалб гардидани духтарон он ҳолат мебошад, ки аксари ҷавонзанон барои шуғл суст омода шуда мебошанд ва дар натиҷа аз оилаи волидайн, дар ҳолати ба шавҳар баромадан бошад, аз шавҳар вобаста мегарданд. Оилаҳои чунин тарзро пеш гирифта, духтарони худро зери хавфи баланди дар вазъи камбизоатӣ дучор шудан мегузоранд, зеро ба муҳоҷирати меҳнатӣ асосан мардони аз 20 то 45-сола сафар мекунанд ва 30% онҳо дар кишвари бо кор таъминкунанда оилаҳо барпо мекунанд. Инчунин, дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ сатҳи ҳолати ҷудошавӣ баланд аст. Дар натиҷаи пурсиши 5,5 ҳазор нафар муҳоҷирони меҳнатие, ки тирамоҳи соли 2008 баргашта буданд, 40,5% изҳор доштанд, ки онҳо аз ҳамсаронашон ҷудо шудаанд.[76] Ба ибораи дигар, бинобар сабаби муҳоҷирати оммавии меҳнатии мардон, проблемаи «камчинии домодҳо» ба назар мерасад. Имконияти занон барои ба шавҳар баромадан кам гардида, хавфи аз даст додани шавҳар ва ба оилаи худ сарварӣ намудан зиёд мешавад. Бо дарназардошти сохтори синнусолӣ ва ҷинсии ба амаломада дар кишвар, гузариш ба стратегияи сармоягузории хонаводаҳо барои таҳсилоти духтарон хеле муҳим гардида истодааст.

Дар боло аллакай зикр шуд, ки дар ҷараёни пурсишҳо аксари пурсидашудагон хусусияти аввалиндараҷа доштани мушкилоти иқтисодиро вобаста ба идомаи таҳсилоти фарзандон таъкид намуданд. Масалан, пурсиши духтарони мактаби миёнаро тарк карда нишон дод, ки яке аз сабабҳои беист даст кашидан аз идомаи таҳсил камбизоатӣ мебошад, зеро аксари оилаҳо имконияти харидории китобҳо, либос ё пойафзолро надоранд. Бо вуҷуди ин, ҳангоми тасмимгирӣ дар бораи тарки таҳсил аз ҷониби кӯдак, оилаҳо чи дар асоси мулоҳизаҳои хусусияти иқтисоди дошта, ва чи дар асоси қолибҳои анъанавии ба таври васеъ паҳнгашта оид ба сарнавишти мардону занон амал менамоянд. Мулоҳизаҳои иқтисодӣ, ки заминаи қатъ кардани таҳсилро ташкил мекунанд, бо он вобастаанд, ки бозори меҳнати Тоҷикистон дар айни замон, бо барзиёдии возеҳи қувваи корӣ тавсиф мегардад. Дар ин шароит хароҷотҳои мустақим ва ғайримустақими вобаста ба идомаи таҳсил, бахусус барои он гурӯҳҳои аҳолӣ, ки чун анъана ҳамчун кормандони «дараҷаи дуюм» фаҳмида мешаванд, яъне барои духтарон баръало самараи кам дорад.

Беш аз 70% аҳолии Тоҷикистон дар деҳот зиндагӣ мекунад, ки сабабдори шакли патриархалии зист дар оилаҳои печ дар печи серавлод гардид. Дар шаҳрҳо низ дар хонаи волидайни шавҳар истиқомат кардани оилаҳои ҷавон ба ҳукми анъана даромадааст. Бо боварии комил метавон гуфт, ки дар ҳолате, ки агар дар Тоҷикистон таҷрибаи ҷудогона зиндаги кардани оилаҳои ҷавон вусъат пайдо кунад, пас муносибати волидайн барои сармоягузорӣ ба

таҳсилоти фарзандон нисбатан аз рӯи варианти гендерию мутаносибӣ сурат мегирад, чи тавре ки инро дар шаҳрҳои калон мушоҳида намудан мумкин аст, ки дар он ҷо ҷудогона зиндагӣ кардани оилаҳои ҷавон ҷой дорад. Дар ин ҳолат маблағгузорӣ барои таҳсилоти духтарон на ҳамчун саҳм барои некӯаҳволии оилаи шавҳаршаванда, балки сармоягузорӣ барои некӯаҳволии оилаи духтар маҳсуб меёбад. Тақсими нақшҳои гендерӣ дар оила, инчунин дар сатҳи ҷамоатҳои маҳаллӣ ба тарзи қатъӣ дар шуурӣ ҷамъиятӣ ҷой дорад.

Пурсиши 1120 мактаббачагони деҳот (дар пурсиш духтарон ва писарон иштирок карданд) нишон дод, ки манфиатҳоро барои мардон ва занон онҳо ба тарзи гуногун мебинанд. Барои мардон пурсидашудагон дар навбати аввал, манфиатҳои иқтисодӣ, болоравӣ дар вазифа, инчунин баландшавии мақоми иҷтимоиро дар ҷомеа (вазифаи хуб, эҳтиром) медиданд. Барои занон бошад, манфиатҳо барои оила вобаста ба беҳтар намудани сифати иҷрои вазифаҳои репродуктивӣ (тарбияи фарзандон, нигоҳубини беморон) дар навбати аввал буда, манфиатҳои иқтисодӣ барои оила дар ҷои дуюм қарор доштанд. Ягон нафар пурсидашуда ба манфиатҳои вобаста ба рушди шахсӣ ё баландшавии мақоми иҷтимоии занон ишора накард.

***Тибқи маводи таҳқиқотии «Дастрасии духтарон ба таҳсилот», САҲА дар Тоҷикистон, соли 2008***

Боз як натиҷаи (ва ҳамзамон нишондиҳандаи) вусъат пайдо кардани қолибҳои анъанавии гендерӣ васеъ гардидани амалияи бастани ақди никоҳи барвақтӣ мебошад. Мувофиқи натиҷаҳои ТСЗТ-2007 ҳиссаи занони шавҳардори синни 18-сола 15,5%-ро ташкил дод. Ҳолатҳои бастани ақди никоҳ то синни 18-сола кам нестанд. Чунончи, ҳиссаи занони шавҳардори синни 17-сола 4,7%, синни 16-сола бошад 0,8% мебошад. Маълумоти овардашуда барои гуфтани он асос шуда метавонанд, ки анъанаи бастани ақди никоҳи барвақтӣ яке аз омилҳои ҷиддие мебошад, ки барои аз системаи таҳсилоти миёна (таҳсилоти нисбатан баландтар он тараф истад) барвақт рафтани духтарон мусоидат мекунад.

## ЗАМИМАИ МАТНИ 17
## ТИБҚИ МАВОДИ ТАҲҚИҚОТИИ «ДАСТРАСИИ ДУХТАРОН БА ТАҲСИЛОТ», САҲА ДАР ТОҶИКИСТОН, СОЛИ 2008

Дар деҳаи мо танҳо 26% духтарон ва 35% писарони синни мактабӣ ба мактаб мераванд. Волидайн шикоят мекунанд, ки фарзандони онҳо зуд-зуд бемор мешаванд, чунки дар мактаб сардӣ бинобар набудани қувваи барқ ва гармӣ дар қисми зиёди соли таҳсил ҳукмрон аст. Аксари мактаббачагон худашон намехоҳанд, ки ба мактаб раванд, зеро ҳар сол якчанд моҳ ба онҳо лозим меояд, ки ба ҷои таҳсил ба пахтачинӣ машғул шаванд.
Ба духтарони синфҳои болоӣ анъанаҳо таъсири манфӣ мерасонанд. Дар айни замон, хостгорӣ намудани духтарони 14-15-сола расм шудааст. Духтарони хостгоришуда бо ороишоти арӯсӣ ба мактаб меоянд. Ба назди онҳо ба мактаб домодшавандаҳо омада, тӯҳфаҳо тақдим менамоянд. Духтарони хостгоринашуда дар ин маврид худро хиҷолатманд ҳис мекунанд ва барои рафтан ба мактаб шарм медоранд. Аз ин рӯ, сатҳи давомоти духтарон дар синфҳои болоӣ якбора паст мешавад.
Волидайн низ чунин мешуморанд, ки духтарон бояд зудтар ба шавҳар бароянд ва агар духтар ба шавҳар барояд, он гоҳ кор намекунад ва пас ҳоҷат нест, ки вақти худро барои таҳсил сарф намояд, чунки бе ин ҳам дар деҳот корҳои хона бисёр буда, ба калонсолон низ кӯмак кардан зарур аст.

***Ҷамоати Ленинград, ноҳияи Ховалинги вилояти Хатлон. Саломат Холназарова, омӯзгор***

## ОДАТҲОИ ГЕНДЕРӢ ИМКОНИЯТИ ЗУДҲАРАКАТИИ МЕҲНАТӢ ВА МИНТАҚАВИИ ЗАНОНРО МАҲДУД МЕНАМОЯД

Дар шароити сатҳи баланди таваллуд ва андозаи начандон калони бозори меҳнат яке аз алтернативаҳои баланд бардоштани сатҳи шуғлнокӣ муҳоҷирати меҳнатӣ маҳсуб меёбад. Вале имконияти зудҳаракатии минтақавӣ барои мардон ва занон гуногун аст.

Қолибҳои патриархалӣ дар бораи нақши зан - нигаҳбони хонадон - инчунин тафовутҳои гендериро

нисбати муҳоҷират ба вуҷуд меорад: муҳоҷират - ин кори занона набуда, сирф кори мардона аст. Тафовутҳои гендерӣ нисбати муҳоҷирон монеаҳои иловагро барои занон дар ҷустуҷӯи музди меҳнати нисбатан муносиб ба вуҷуд меорад. Аксар вақт занони муҳоҷир мавриди маҳкумнамоӣ аз тарафи ҷомеа ва аъзоёни оила қарор мегиранд. Атрофиён на танҳо муносибати манфии худро нисбати занони муҳоҷир изҳор менамоянд, балки ҳаматарафа ба муносибатҳои оилавӣ дахолат намуда, шавҳар ва аъзоёни оилаи ӯро барои «шӯронидан» (пеш аз ҳама хушдоман) бар зидди ин зан кӯшиш мекунанд. Бахусус ин ба заноне, ки барои пайдо намудани музди меҳнат мустақилона, бе шавҳар ё хешовандон сафар кардаанд, дахл дорад.

На ҳамаи занон ба худ раво медонанд ва ба даъвати ҷомеа беэътиноӣ карда, ба муҳоҷирати меҳнатӣ даст зананд. Оқибати чунин тасмими занон фақат бо «вайрон шудани» муносибатҳо бо хешовандон ва аъзоёни ҷомеа маҳдуд намегарданд. Дар оянда ин рафтор метавонад ба фарзандони онҳо таъсири манфӣ расонад. Бо баробари «ном» баровардан, дар ҷомеаи маҳаллӣ барои онҳо ҷустани домод ё арӯси сазовор барои фарзандон душвор мегардад. Ҳамин тариқ, зудҳаракатии минтақавӣ ва меҳнатии занон дар ҷамоаҳо бо механизмҳои иҷтимоии патриархалӣ маҳдуд мегардад, ки афкори манфии умумро нисбати он заноне ба вуҷуд меоранд, ки кӯшиши вайрон намудани тасаввуроти анъанавиро дар бораи нақшҳои гендерӣ доранд,

### ЗАНОНИ МУҲОҶИР ДАР БОРАИ ВОСИТАҲОИ ҶОМЕА ОИД БА МАҲДУДСОЗИИ ЗУДҲАРАКАТИИ МИНТАҚАВИИ ЗАНОН СУХАН МЕРОНАНД

«Нисбати мардон беҳтар, нисбати занон бошад бадтар муносибат менамоянд. Ин пеш аз ҳама, бо он вобаста аст, ки зан нигаҳбони хонадон мебошад. Аммо замона дигаргун шудааст. Одамон ба проблемаҳои зиёд рӯ ба рӯ мешаванд, ва як мард наметавонад ҳамаро ҳал намояд» - зани муҳоҷир, Шаҳринав

«Дар маҳаллаи мо нисбати мардон ва занон - муҳоҷирони меҳнатӣ ҳар хел муносибат мекунанд. Масалан, ман ба хона баргаштам, ҳамоно аксарияти ҳамсоягонам аз ман кунҷковона пурсон мешуданд, ки ман дар Россия бо кадом кор машғул мешудам ва бо ҳамроҳии кӣ сафар намудам. Оё ту ба шавҳар баромадӣ ё не, барои чӣ ту ба он ҷо рафтӣ? Аксарият бисёр саволҳои соддалавҳона медиҳанд» - зани муҳоҷир, ш.Турсунзода

«Албатта фарқият мавҷуд аст. Ба мард ҳама чиз мумкин аст. Ӯ озод аст. Зан бошад, бояд оиларо нигоҳубин кунад, кӯдаконро нигоҳ кунад ва агар ӯ сафар карда бошад, пас ӯ озодиро хостааст. Ҳамон замон аксарият ӯро мазаммат мекунанд. Агар либосашро иваз карда бошад, дар ҳамин ҷо тамом, даст ба даст шуда, ба шавҳараш хиёнат мекунад, барои кор кардан нарафтааст, мегӯянд» - зани муҳоҷир, Душанбе

«Масалан ман - бешавҳар, фарзанд надорам. Вале аз ду сар пул намерасад, ман маҷбур будам, ки ба Россия сафар кунам. Вале бисёриҳо маро мазаммат менамоянд. Мегӯянд, ки маълум нест, ки ман дар он ҷо бо чи кор машғул будам ва ғ. Вале ин ҳаёти ман аст ва чи хеле ки мехоҳам ихтиёрдорӣ менамоям. Ман худро ноҳинҷор эҳсос намекунам. Ман худро хуб ҳис мекунам» - зани муҳоҷир, ш.Турсунзода.

***Тибқи маълумоти таҳқиқотӣ:***
***О статусе соблюдения прав женщин-мигрантов.***
***- ОО «Панорама, ЮНИФЕМ, 2009г.***



# 5.2. ТАЪСИРИ НОБАРОБАРИИ ГЕНДЕРӢ БА ШУҒЛ ВА ДАРОМАД

## ХУСУСИЯТҲОИ СИННУСОЛӢ ВА ГЕНДЕРИИ ШУҒЛ

Нобаробарии гендерӣ дар бозори меҳнат баробар дастрас будани мардон ва занонро ба тамоми имкониятҳои фароҳамоварандаи ин бозор дар назар дошта, инчунин баробарии натиҷаҳои зоҳиршаванда, аз ҷумла набудани номутаносибиҳои яқин ифодаёфтаи гендериро дар пардохти музди меҳнат пешбинӣ менамояд.

Нобаробарии гендерӣ имкониятҳои занонро дар андӯхти сармояи инсонӣ маҳдуд намуда, дастрасии онҳоро ба захираҳои барои фаъолияти ҳаётӣ ва рушд зарур танг мекунад ва эҳтимолияти ба миён омадани зӯровариро дар оила баланд менамояд. Дар натиҷа ба тамоми ҷамъият зарари ҷиддӣ расонида мешавад, чунки ҳосилнокии умумии меҳнат паст шуда, миқёси истифодабарии иқтидори меҳнатӣ кам гардида, сатҳи даромаднокии аҳолӣ паст шуда, имкониятҳои истеъмол ва пасандозҳо маҳдуд мегарданд.

Азбаски дар тамоми ҷаҳон аз ду гурӯҳи гендерӣ занон дар бозори меҳнат нисбатан осебпазир мебошанд, сиёсат оид ба таъмини баробарии гендерӣ чун анъана барои дастгирии маҳз мавқеи онҳо дар соҳаи шуғл нигаронида шудааст.

### ДИАГРАММАИ 5.1
### ВАЗНИ ХОСИ МАРДОН ВА ЗАНОНИ АЗ ҶИҲАТИ ИҚТИСОДӢ ФАЪОЛ ДАР ШУМОРАИ УМУМИИ МАРДОН ВА ЗАНОН, СОЛҲОИ 2001-2007[77]




## ЗАМИМАИ МАТНИ 18
## ҲАДАФИ РУШДИ ҲАЗОРСОЛА ДАР БОРАИ БАРОБАРИИ ГЕНДЕРӢ ДАР СОҲАИ ШУҒЛ

Ҳадафи 3 дар доираи ҲРҲ ҳавасмандгардонии баробарии мардон ва занон, васеъ намудани ҳуқуқ ва имкониятҳои занонро пешбинӣ менамояд. Яке аз вазифаҳои афзалиятнок, ки ҳалли он барои ба даст овардани ин ҳадаф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона карда шудааст, зарурати расонидани кӯмак барои бо ҷойи кор таъмин намудани духтарон ва занон тавассути омӯзонидани касбии онҳо эътироф мегардад. Ба сифати гурӯҳи мақсаднок ҳангоми ҳалли ин вазифа духтарони наврас, ки мактабро тарк кардаанд ва инчунин занони бекор баррасӣ мегарданд. Татбиқи бомуваффақияти вазифаи гузошташуда дар соли 2015 ноил шуданро ба натиҷаҳои зерин пешбинӣ менамояд:

- бо барномаҳои омодасозии касбӣ бояд то 30%-и духтарони наврас ва 5%-и занон фаро гирифта шаванд;
- таҳсилоти касбии техникӣ бояд 20%-и талабагони мактаби таҳсилоти миёнаи умумиро фаро гирад;
- 1,5%-и занон бояд ба қарзҳои хурд (микрокредитҳо) ба андозаи $1000 дастрасӣ пайдо кунанд.

Арзиши ин қисмати барнома оид ба баробарии гендерӣ тахминан 47,0 млн долларро ташкил менамояд.

***Манбаъ: Сармоягузорӣ ва рушди устувор: баҳодиҳии талабот барои ноилшавӣ ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола. Ҳисоботи мукаммал. – Душанбе, соли2005***

Саҳми муҳимро дар боло рафтани фаъолияти иқтисодии занон аз солҳои 90-ум то соли 2004 Ташкилотҳои молиявии хурд (ТМХ) гузоштанд. Гурӯҳи мақсадноки лоиҳаҳои қарзии хурд занҳо буданд. Гарчанде фарогирии аҳолӣ бо ин лоиҳаҳо чандон зиёд набошад ҳам, бо вуҷуди ин онҳо дар паст намудани сатҳи камбизоатӣ нақши назаррас бозиданд.
Ба туфайли Қонуни ҶТ «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд», ки моҳи июни соли 2004 қабул шудааст, шумораи аҳолии ба қарзхои хурд дастрасӣ пайдо карда, якбора афзуд. Мувофиқи ҳолати моҳи апрели соли 2009 ҷузвдони қарзии бахши молиявии кишвар ба 1,078 млрд доллар расид, ки аз 86,7% он ба бонкҳои тиҷоратӣ ва 13,3% ба ташкилотҳои хурди қарздиҳӣ тааллуқ дошт. Зимнан ба ҳиссаи бонкҳои тиҷоратӣ 69% ва ба ҳиссаи ТМХ – 31%-и мизоҷон рост омаданд. Яке аз вазифаҳои ТМХ дастгирии табақаи осебпазири аҳолӣ, бахусус занон махсуб меёбад. Аммо ҳиссаи занон дар байни мизоҷони ин ташкилотҳо кам шуда истодааст. Мувофиқи ҳолати моҳи апрели соли 2009 аъзоёни фаъоли ТМХ 143,6 ҳазор нафар буданд, ки аз онҳо занон 34%, мардон бошанд 66% ҳастанд. Чи тавре ки маълум аст, бе ӯҳдадориҳои махсус дар хусуси риояи баробарии гендерӣ, занон камтар рақобатпазир буда, мавқеи худашонро аз даст дода истодаанд.

***Ҳисоботи Ассотсиатсияи ташкилотҳои хурди молиявӣ (ҲАТМХ), соли2009***

Дар байни занон назар ба мардон сатҳи таҳсилоти касбӣ ба андозаи 2,5 маротиба пасттар (11,0% ба муқобили 27,6%). Сатҳи нисбатан пасти тахассус дар байни занон ба рақобатпазирии пасти онҳо дар бозори меҳнат меоварад.

**ДИАГРАММАИ 5.2**
**САТҲИ ТАҲСИЛОТИ АҲОЛИИ АЗ ҶИҲАТИ ИҚТИСОДӢ ФАЪОЛ**[78]




Бо дарназардошти он ки дар Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳое пешбинӣ шудаанд, ки ҳимояи иловагӣ ва имтиёзҳои иҷтимоиро вобаста ба таваллуди фарзандон, нигоҳубини онҳо барои занони коркунанда таъмин менамоянд, ҷои тааҷҷуб нест, ки занон аз ҷониби корфармоён ҳамчун қувваи кории нисбатан гарон дарк карда мешаванд. Ин, аз ҷумла ба он оварда мерасонад, ки ҳангоми кироя корфармоён ба мардон бартарият медиҳанд.

Ақибмонии зиёди суръати афзоиши ҷойҳои нави кори аз суръати афзоиши захираҳои меҳнатӣ зимни сатҳи умумии камбизоатӣ занонро ба бозори меҳнат ташвиқ менамояд. Вале бартараф кардани қолибҳои гендерӣ аз ҷониби занone, ки тасмими ба фаъолияти иқтисодӣ машғул шуданро гирифтаанд, ҷидду ҷаҳди зиёдро талаб менамояд.

Тибқи маълумоти ТСЗТ - соли 2007 ҳар як панҷумин хонаводаро дар Тоҷикистон занон сарварӣ менамоянд. Занон маҷбур ҳастанд қолибҳои патриархалиро доир ба нақшҳои гендерӣ дар оила ва ҷамъият бартараф намоянд. Чунончи, тамоюли муҳоҷирати меҳнатӣ аз ҷиҳати гендерӣ нишон медиҳанд, ки шумораи мутлақи занони ба муҳоҷирати меҳнатӣ ҷалбшуда меафзояд, суръати рушди шумораи муҳоҷирон-мардон бошад, нисбат ба занон зуд паст шуда истодааст.

Сарфи назар аз баландшавии эҳтимолии зарурати иштироки занон дар шуғли иқтисодӣ, инчунин саъю кӯшиши давлат барои ҷалби духтарон ба раванди таҳсил, шуури ҷамъиятии патриархалӣ муқовиматро ба раванди баландшавии мақоми таҳсилотӣ ва мақоми иқтисодии духтарон ва занон идома медиҳад.

**ҶАМОАТИ ДЕҲОТИ МАРКСИЗМ, НОҲИЯИ БОХТАРИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН. САЪДУЛЛО РАҶАБОВ, ДИРЕКТОРИ МАКТАБ**

Аҳолии ҷамоатро муҳоҷирони ноҳияҳои кӯҳистон (Ҳоит ва Вахё) дар бар мегиранд, ки ба расму оини динӣ сахт пайравӣ мекунанд. Қисми зиёди мардон дар шаҳрҳои ҷумҳурӣ ва Россия дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор дорад. Таъсири сахти дин имконияти занонро барои гирифтани таҳсилот ва ин ё он ташаббусро дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ маҳдуд месозад. Маблағҳои аз тарафи муҳоҷирони меҳнатӣ барои оилаҳояшон интиқол намуда бисёр нокифоя ва номунтазам мебошад. Таъминоти озуқа танҳо аз ҳисоби хоҷагиҳои ёрирасон амалӣ карда мешавад. Дигар сарчашмаҳои даромад, ба ғайр аз интиқоли маблағҳои муҳоҷирон, дар маҳали аҳолинишин нест, зеро музди меҳнат дар деҳот хеле паст ва  дар баробари ин бо таъхири зиёд пардохта мешавад.

Дар ҳудуди маҳали аҳолинишин мактаби миёнаи нопурра (9-сола) ҷойгир аст. Дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ (солҳои 1992-1997) духтаронро ба мактаб рафтан намемонданд, зеро ин ҷо минтақаи амалиёти ҷангӣ буд. Духтарон то соли 2004 ба мактаб намерафтанд. Волидайн на танҳо духтарони болиғи аз ҳамсинфонашон калонтарро, ки дар машғулиятҳи дарсӣ дар солҳои ҷанг иштирок накардаанд, ва акнун аз рафтан ба синфҳои поёнӣ шарм медоранд, балки духтарони синни хурди мактабиро низ ба мактаб рафтан намемонанд, чунки мактаб пурра мардона гардида, аз нуқтаи назари ақидаҳои динӣ ин раво нест.

Маро соли 2004 директори мактаб таъин карданд. Ман бо волидайн корҳои зерини мақсаднок бурдам, то ки кӯдаконро ба мактаб ҷалб намоям: дар масҷидҳое, ки одатан тамоми мардон ҷамъ мешаванд, лексияҳо гузаронидам, ба хонаҳо рафта бо падару модарон сӯҳбатҳо оростам. Дар натиҷа, тамоми кӯдакони синни мактабӣ, аз ҷумла духтарон, барои ба мактаб рафтан оғоз карданд. Ман ҳамаи омӯзгоронро вазифадор сохтам, ки давомоти хонандагонро қатъӣ назорат баранд.

Маоши омӯзгорон хеле паст мебошад. Онҳо ва инчунин дигар сокинони деҳот, бояд вақти зиёди худро барои хӯрондани оилаҳои худ дар қитъаҳои замини худ сарф намоянд. Интизоми қатъии мактаб ба бисёр омӯзгорон маъқул нест, зеро имкониятҳои онҳоро барои машғулшавӣ бо хоҷагии ёрирасони худ маҳдуд месозад. Дар мактаб омӯзгорони таҳсилоти олидошта намерасанд, баъзе дарсҳоро талабагони синфҳои болоӣ мегузаронанд.

Волидайн низ бо тартибу қоидаҳои нав чандон розӣ нестанд. Онҳо чунин мешуморанд, ки фарзандонашон вақти зиёди худро дар мактаб мегузаронанд, ҳарчанд ки барои хона ва саҳро кӯмаки онҳо зарур аст. Онҳо чунин меҳисобанд, ки духтаронро бояд барои ба шавҳар баромадан омода намудан лозим аст, таҳсилот барои онҳо зарур набуда, барои анҷом додани кори вазнини саҳро бошад, таҳсилот лозим нест.

Дар деҳаи ҳамсоя мактаби таҳсилоти пурра (11-сола) ҷойгир аст. Дар ин мактаб баъзе писарон, ки мактаби 9-солаи моро тамом кардаанд, таҳсили худро идома медиҳанд. Лекин то ҳанӯз ягон нафар духтар таҳсили худро дар синфи 10-11 дар мактаби деҳаи ҳамсоя идома надодааст.

***Аз рӯи маводи таҳқиқотии «Таҳсилоти духтарон», ЮНЕСКО, соли 2006***

Пурсиши талабагони деҳот нишон дод, ки ҳар як толибаи панҷум рӯҳан барои иҷрои тасмимҳои шавҳаршавандаи оянда омода аст. Ӯ агар барои кор кардан иҷозат диҳад, пас ҷиҳати сарф намудани вақт ва кӯшиш барои таҳсил зарурат намемонад. Ҳар як даҳумин толиба тамоман ҷавоб дода натавонист, ки таҳсилот барои зан чи манфиат дорад. Дар байни писарон ҳар як ҳафтумин чунин меҳисобид, ки барои таҳсилоти духтар кӯшиш кардан лозим нест, аз ду сар ӯ кор карда наметавонад, чунки ба ӯ шавҳараш иҷозат намедиҳад. Ҳар як ҳаштумин писари пурсидашуда дар бораи манфиати таҳсилот барои духтарон умуман посух надод. Ҳамин тариқ, қариб ҳар як сеюмин толибаи деҳотӣ вобастагии худро аз ихтиёри шавҳаршавандаи оянда эҳсос намуда, барои сарфи вақт, маблағ ва кӯшиши баланд бардоштани мақоми таҳсилотӣ ягон манфиат намебинад. Саволи асоснокнамоӣ оид ба баланд бардоштани сатҳи таҳсилот, инчунин ба занони ҷавон (18-25 сола) дар ҳамон маҳалҳои аҳолинишини деҳот дода шуд:  23% чунин ҷавоб доданд, ки ӯ дигар роҳ надорад, вазифаи вай нигоҳубини шавҳар ва фарзандон аст, 27% бошад ба як маънӣ изҳор доштанд, ки онҳо барои баланд бардоштани сатҳи таҳсилот эҳтиёҷ надоранд, 12% гуфтанд, ки онҳо хоҳиши идома додани таҳсили худро доранд, вале дар оила ба ӯ иҷозат намедиҳанд ва 13% ҷавонзанони пурсидашуда иброз доштанд, ки мехостанд соҳиби ягон касб гардида, дар курсҳои кӯтоҳмуддати касбӣ иштирок намоянд. Ҳамин тавр, дар байни ҷавонзанон, ки пас аз хатми мактаб аллакай каме таҷрибаи ҳаётӣ доранд, ҳар як дуюмин барои кӯшиши баланд бардоштани мақоми таҳсилот ягон манфиате намебинанд.

***Тибқи маводи таҳқиқотии «Дастрасии духтарон ба таҳсилот», САҲА дар Тоҷикистон, соли 2008***

Аз тарафи дигар, набудани мисолҳои намунавии баробарии гендерӣ дар бозори меҳнат, дар шуури оммавии аҳолии деҳот қолибҳои патриархалиро дар бораи нақшҳои гендерӣ пойдор менамояд. Маҳдудияти мавҷудаи гендерӣ дар бозори меҳнат - аксарияти занон дар соҳаҳои каммузд ва аз рӯи мақоми вазифавӣ пасттар кор мекунанд - хонаводаҳоро маҷбур месозанд, ки стратегияҳои сармоягузории худро ба сармояи инсонӣ мутобиқ созанд, вақте ки афзалият дар шароити буҷети маҳдуд барои баланд бардоштани имкониятҳои писарон дода мешавад.

## СЕГРЕГАТСИЯИ ГЕНДЕРӢ ДАР БОЗОРИ МЕҲНАТ

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳама гуна зуҳуроти табъиз (ҳуқуқмаҳдудкунӣ)-ро нисбати занон манъ менамояд. Бо вуҷуди ин, сохтори гендерии шуғл дар хусуси ҷой доштани сегрегатсияи гендерӣ, яъне оид ба нобаробарӣ дар тақсимоти мардону занон байни соҳаҳо, касбҳо, вазифаҳо шаҳодат медиҳад, ки он гувоҳи ғайримустақим дар бораи он ки занон дар вақти ба кор дохилшавӣ дар ҷойҳои кории алоҳида бо маҳдудиятҳо рӯ ба рӯ мешаванд.

Ҳангоми дар бораи сегрегатсияи гендерӣ сухан рондан, ҷудо нишон додани сегрегатсияи уфуқӣ ва амудӣ маъмул шудааст. Маҳдудияти амудӣ дар сурати тақсимоти нобаробари намояндагони ҷинсҳои гуногун дар чаҳорчӯбаи иерархияи вазифавӣ ҷой дорад. Зери мафҳуми маҳдудияти уфуқӣ одатан маҳдудияти касбӣ ва соҳавӣ, яъне тақсимоти мардон ва занон аз рӯи касб ё соҳаҳо дар тамоми самтҳои онҳо фаҳмида мешавад.

Чараёни тағйирёбии тақсимоти мардон ва занон аз рӯи соҳаҳои иқтисодиёт нишон медиҳад, ки дар давраи аз соли 2000 то 2006 сегрегатсияи гендерӣ пурзӯр гардид. Чунончи, ҳиссаи занон дар соҳаи музди пасттариндошта - кишоварзӣ аз  55,3% то 59,0%-ро ташкил медиҳад. Дар чунин соҳаҳои сердаромад, ба монанди саноат ва сохтмон, ҳиссаи занон зиёда аз 1,5 маротиба кам гардид. Соҳаи идораи давлатӣ ва қарздиҳӣ истисно мебошад, ки шумораи дар он машғулбудагон дар ин солҳо бештар аз 35% афзуд ва ҳиссаи занон нисбат ба ҳиссаи мардон дар ин соҳаи иқтисодиёт бо суръати баланд афзоиш ёфт. Аммо,

ин соҳаи иқтисодиёт аз шумораи умумии ба тариқи кироя коркунандагон ҳамагӣ 4%-ро ташкил медиҳад. Шохиси сегрегатсияи уфуқӣ аз 16,5% дар соли 2000 то ба 18,3% дар соли 2006 афзуд. Ҳарчанд шохиси сегрегатсия нисбатан зиёд набошад ҳам, бо вуҷуди ин фарқияти гендерӣ аз ҳисоби афзоиши ҳиссаи занони дар соҳаҳои каммузд машғулбуда ва афзоиши ҳиссаи мардон дар соҳаҳои сердаромади иқтисодиёт меафзояд.

## ЗАМИМАИ МАТНИ 19 ҲИСОБНАМОИИ МАҲДУДИЯТ (СЕГРЕГАТСИЯ)-И ГЕНДЕРӢ

Нишондиҳандаи нисбатан васеъ истифодашавандаи сегрегатсияи гендерӣ дар бозори меҳнат шохиси зерини диссимилятсияи Дункан маҳсуб меёбад:
$D=1/2\ \Sigma|Fi/F-Mi/M|$,
ки дар он Fi и Mi – миқдори занон ва мардоне, ки дар соҳа (касб) ва i, F и M бошад – миқдори умумии дар иқтисодиёт машғулбудагон мебошад. Шохис сатҳи сегрегатсияро аз 0 месанҷад, вақте ки бозори меҳнат бо пурра аз байн рафтани сегрегатсия тавсиф мегардад, то 1 (ё 100%), ки таркиби мутлақан маҳдудгардонидашудаи шуғлро инъикос менамояд.

Ҷамъ кардани занон дар кишоварзӣ ва тамоюли баамаломадаи афзоиши ҳиссаи занон дар ин соҳаи иқтисодиёт боиси нигаронӣ мебошанд, зеро дар ин бахш яке аз пасттарин сатҳи музди кор ба назар мерасад. Таъмини даромади мунтазам бо доштани ҳуқуқ ба замин алоқамандии зич дорад. Воқеият чунин аст, ки соҳибони аксари заминҳои кишт мардон мебошанд.

Дар омори расмӣ сохтори касбии шуғл аз ҷиҳати ҷинс дода намешавад, ки мониторинги иҷрои ӯҳдадориҳои давлатро оид ба пешбурди баробарии гендерӣ дар соҳаи шуғл душвор мегардонад. Маълумот дар бораи сохтори касбии гендерии машғулбудагон дар раванди таҳқиқоти сатҳи зиндагӣ дар солҳои 1999 ва 2003 ҷамъоварӣ гардида буданд. Шохиси сегрегатсияи амудӣ дар кишвар аз 14,3% дар соли 1999 то ба 15,7% дар соли 2003 афзоиш ёфт.

Мавҷуд набудани маълумоти омории мунтазам дар бораи сохтори касбии аз ҷиҳати гендерӣ машғулбудагон, барои мушоҳидаи тамоюли тағйироти нобаробарии гендерӣ дар бозори меҳнат имкон намедиҳад. Гарчанде ин шохис барои хулосабарории меъёрӣ воситаи умумӣ маҳсуб наёбад ҳам, ба ҳар ҳол мушоҳидаи доимии тағйироти шохиси мазкур таваҷҷӯҳи ҷомеа ва ҳукуматро оид ба мавҷудияти ин проблема ҷалб намуда, имконияти таҳлили нисбатан амиқи сабабҳои вусъат пайдо кардани нобаробарии гендериро дар соҳаи шуғл ва андешидани тадбирҳои пешгирикунандаро оид ба аз байн бурдани оқибатҳои сегрегатсияи гендерӣ фароҳам меорад.

Бештар аз нисфи занони коркардаистода дар соҳаи кишоварзӣ меҳнат мекунанд. Вале хаҷагиҳои деҳқониро ҳамагӣ 13,4% занон сарварӣ намудаанд. Ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2004 паст гардидааст. Хамин тариқ, занон дар соҳаи кишоварзӣ асосан коргарони кироя маҳсуб ёфта корҳои вазнини каммуздро иҷро мекунанд.

Қатъи назар аз афзоиши начандон зиёди вазни хоси занон дар мақомоти қонунгузории ҳамаи сатҳҳо, намояндагии онҳо то ҳанӯз барои расонидани таъсири ҷиддӣ дар қабули қарорҳо нокифоя мебошад. Бо тавсияҳои СММ намояндагии ҳар кадоме аз ҷинсҳо дар мақомоти қонунгузорӣ бояд на камтар аз 30%-ро ташкил намояд. Дар ҳолати то моҳи апрели соли 2005 (интихоботи охирин моҳи феврали соли 2005 барпо гардиданд) занон 11,8%-и вакилони Маҷлиси миллӣ, 17,5% вакилони Маҷлиси намояндагон ва 15,4% вакилони маҷлисҳои вакилони халқҳои вилоятӣ ва шаҳрию ноҳиявиро ташкил додаанд.

Маҳдудсозии нисбатан амиқ дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ба назар мерасад. Дар байни роҳбарони вазоратҳо ва идораҳо ягон нафар зан нест. Намояндагии занон дар сатҳи муовинон дар ҳолати паст боқӣ мемонад. Дар давраи аз соли 2003 то 2009 вазни хоси занон дар сатҳҳои гуногуни идоракунӣ дар вазоратҳо ва идораҳо, ба ғайр аз сатҳи муовинони аввал амалан бетағйир боқӣ мондааст.

**ҶАДВАЛИ 5.1**
**СОХТОРИ ГЕНДЕРИИ МАҚОМИ ВАЗИФАҲОИ РОҲБАРИКУНАНДА ДАР ВАЗОРАТУ ИДОРАҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ 2003 ВА 2009 (ДАР %)[79]**

| Вазифа | Дар ҳолати то 01.04.2003 с. | | Дар ҳолати то 01.05.2009 с. | |
|---|---|---|---|---|
| | мардон | занон | мардон | занон |
| Шахсони аввал | 100 | 0 | 100 | 0 |
| Муовинони аввал | 96 | 4 | 88 | 12 |
| Муовинон | 89 | 11 | 89 | 11 |

**ҶАДВАЛИ 5.2**
**НАМОЯНДАГИИ МАРДОН ВА ЗАНОН ДАР МАҚОМОТИ МАҲАЛЛИИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ 2003 ВА 2009 (ДАР %)[80]**

| Должность | Дар ҳолати то 01.04.2003 с. | | Дар ҳолати то 01.05.2009 с. | |
|---|---|---|---|---|
| | мардон | занон | мардон | занон |
| Раисони вилоятҳо | 100 | 0 | 100 | 0 |
| Муовинони раисони вилоятҳо | 82 | 18 | 82 | 18 |
| Раисони шаҳру ноҳияҳо | 91 | 9 | 94 | 6 |
| Муовинони аввали раисони шаҳру ноҳияҳо | 91 | 9 | 95 | 5 |
| Муовинони раисони шаҳру ноҳияҳо | 66 | 34 | 62 | 38 |

То ҳанӯз дар байни роҳбарони мақомотҳои вилоятӣ занон нестанд. Намояндагии занон дар зинаҳои дигари мансабӣ кам буда, ба пастравӣ тамоюл дорад. Ҳамин тариқ, агар дар соли 2003 дар байни роҳбарон ва муовинони авали онҳо дар муассисаҳои шаҳру ноҳияҳо занон аз даҳ як ҳиссаро ташкил дода, дар соли 2009 бошад, танҳо аз бист як ҳиссаро ташкил намудаанд. Сатҳи муовинони раисони шаҳру ноҳияҳо, ки дар онҳо намояндагии занон 38%-ро ташкил медиҳад, истисно мебошад. Зимнан, тамоюли камшавии тафовути гендерӣ дар ин сатҳи ҳокимият мушоҳида мешавад.

Намояндагии ками занон, баъзан тамоман набудани онҳо дар мақомоти қонунгузорӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимият ва дигар мақомотҳо дар деҳот, ки қарорҳо қабул мекунанд, монеаҳои иловагиро барои дастрас шудани занон ба захираҳои гуногун, ки барои ҷалби самараноки онҳо ба шуғл зарур аст, яъне ин дастрасиро ба замин, барасмиятдарории расмиёти гуногун, дастрасиро ба ашёи хом, ба таҷҳизот, ба иттилоот ва ғайра ба вуҷуд меорад.

## ЗАМИМАИ МАТНИ 20
## ЗАНОН-РОҲБАРОН ДАР ТОҶИКИСТОН АЗ МАДДИ НАЗАР ДУР ҚАРОР ДОРАНД

**ДУШАНБЕ, 17 августи соли 2009 - «Авесто»**

«Мутаассифона, заминаи соҳаи маорифи мо суст аст, тарбияи кадрҳо, аз ҷумла аз қатори занон, дар сатҳи зарурӣ амалӣ карда намешавад. Алҳол дар Ҷумҳурӣ дар сатҳи вазирон ягон нафар зан нест. Онҳо дар сатҳи муовинон ҳастанд, фоизи на он қадар зиёд дар парлумон иштирок дорад, вале фаъолияти онҳо дида намешавад. Шояд кори занон – вакилони мо хуб инъикос карда намешавад, шояд онҳо дар он ҷо менишинанд ва беамалӣ зоҳир менамоянд. Махзани маълумоти мо дар хусуси кордонии занон инкишоф наёфтааст. Чунин ҳолат ба миён омадааст, ки тарбияи занон-роҳбарон дар madди дуюм меистад».

***Раиси Ассотсиатсияи занони олими Тоҷикистон Муҳиба Ёқубова***

«Дар байни мо заноне ҳастанд, ки бо кордонии худ омодаанд ин ва ё он вазоратро сарварӣ намоянд. Сухан дар бораи он меравад, ки дар ин маврид ба онҳо масъулияти калон вогузор мегардад. Ба зиммаи онҳо вазифаҳое гузошта мешавад, ки барои ҳалли онҳо салоҳият лозим аст. Ана дар ҳамин ҷо на танҳо кордонӣ, балки сифатҳои қавииродагӣ, ки ҳар як роҳбар бояд дошта бошад, лозим аст. Имрӯз дар ҷумҳурӣ, агар ба зан вазифаи вазириро бовар намоянд, он ҳам бошад танҳо дар бахши иҷтимоӣ, на бахши молиявию иқтисодӣ, мақомоти қудратӣ он тараф истад. Дар соли 1999 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баланд бардоштант нақши зан дар ҷомеа» ба имзо расид, ки баъд аз он дар кишвар мавҷи таъиноти занон дар сатҳҳои гуногун шурӯъ гардид. Дар мо занон вазирони маориф, тандурустӣ буданд, вале вазироне набуданд ва нестанд, ки бахши молиявию иқтисодиро сарварӣ намоянд. Ин ба он вобаста аст, ки мо асосҳои омодасозии занҳоро дар соҳаи иктисод ва молия надорем. Албатта, мехостем, ки занҳои муосирро дар сатҳи шахсиятҳои аввали вазорату идораҳо бубинем, вале бо дарназардошти кордонӣ ва салоҳиятнокии онҳо».

***Сарвари Ассотсиатсияи занони таҳсилоти донишгоҳӣ дошта. Гулҷаҳон Бобосодиқова***

Дар ин гуна шароит баъзе занон, роҳбарони ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ғайриҳукуматӣ чунин меҳисобанд, ки дар Тоҷикистон занон-роҳбарон ҳастанд, вале бо як қатор сабабҳо аз madди назар дур қарор доранд. «Дар байни намояндагони «ҷинси латиф» шахсиятҳое ҳастанд, ки ба вазифаи вазирӣ сазоворанд. Масъала дар сари он аст, ки оё чунин имкониятро ба мо медиҳанд. Дар шарқ чунин қабул шудааст, ки ҳамаро мардон идора мекунанд, вале агар ба ягон мансаб зан таъин гардад, ҷамъият ба он номуносиб таваҷҷӯҳ менамояд. Албатта, занонро ба вазифа таъин менамоянд, вале ба вазифаи нисбатан пасттар. Баровардани қарорҳои асосӣ бо вуҷуди ин, ба зиммаи мардон аст».

***Сарвари иттиҳодияи ҷамъиятии «Фонди ташаббусҳои шаҳрвандӣ»- Муаззама Бурҳонова.***

Ҳамин тавр, ҳангоми ҷамъбаст намудани тамоюлҳои асосии марбут ба сегрегатсияи гендерӣ дар соҳаи шуғл, хулосаҳои зерин баровардан мумкин аст:

- мутамарказонии занҳо дар соҳаи кишоварзӣ, асосан дар мавқеи кормандони беихтисос, ки музди хеле камро пешбинӣ менамояд;
- мутамарказонии занҳои тахассуси баланддошта дар соҳаи маориф ва тандурустӣ, ки инчунин бо сатҳи начандон баланди музди меҳнат тавсиф мегардад;
- дар байни занон бартарӣ доштани касбҳои ба иҷрои кори беихтисоси камдаромад алоқаманд;
- сатҳи баланди сегрегатсияи амудии гендерӣ дар соҳибкорӣ ва сиёсат, ки доштани имкониятҳои маҳдудро барои занон ҷиҳати қабули қарорҳо ифода мекунад.

Ҳаҷми нокифояи сармояи инсонӣ ва сатҳи пасти натиҷаи истифода аз он, имконияти эҳтимолии занонро барои мусоидат кардан ҷиҳати баланд бардоштани некӯаҳволии иқтисодии давлат маҳдуд месозанд, ки хавфи ба вуҷуд омадани хароҷотҳои ҷиддиро барои тамоми ҷомеа дорад.

Муносибати нисбатан васеъ, назар ба инкишофи муқаррарии шабакаҳои муассисаҳои давлатӣ зарур аст, ки хизматрасониҳоро барои нигоҳубини аъзоёни ғайриқобили меҳнат пешниҳод мекунанд. Бешубҳа, сармоягузорӣ ба самтҳои зерин, ба монанди рушди муассисаҳои кӯдакона, хонаҳои пиронсолон, ташкили системаи нигоҳубини тиббӣ дар хона, таъмини дастрасии хизматрасонии тиббӣ барои аҳолӣ, беҳтар намудани шароити коммуналӣ зарур аст. Вале кор кардан оид ба бартараф сохтани қолиб нисбати нақшҳои гендерӣ низ зарур аст, вақте ки ба зан пешбурди хонавода вогузор гардидааст, ҳол он ки некӯаҳволии оила ӯҳдадории мард мебошад. Сармоягузориҳо барои дастгирии самтҳои дигар зарур аст, масалан, ба монанди кор бо мардон аз ҷиҳати он ки онҳо низ бештар ташвишҳоро оид ба нигоҳубини фарзандон ва дигар корҳои хона ба зиммаи худ гиранд. Таваҷҷӯҳи махсус бояд барои зиёд гардонидани намояндагиҳои занон дар мақомотҳои қабулкунандаи қарор, бахусус дар маҳалҳо додан зарур аст. Ин раванд имконоти тағйир додани қолибҳои гендериро дар бораи нақши занон дар ҷомеа ва мутаносибан паст кардани муқовимат ба раванди баробарии гендерӣ дар соҳаи таҳсилот ва шуғл аз ҷониби ҷамоаҳои маҳаллӣ фароҳам меорад. Афзоиши шуғли занон, бахусус даромадҳои занон, талаботро барои шуғли кӯдакон кам гардонда, шароитро барои фарогирии кӯдакон бо таҳсилоти мактабӣ фароҳам оварда, барои идома додани таҳсил ҷиҳати гирифтани тахассуси касбӣ имкон медиҳад ва дараҷаи рақобатпазириро дар бозори меҳнат баланд менамояд.

## ТАФРИҚАИ ГЕНДЕРИИ МУЗДИ МЕҲНАТ

Баробарии гендерӣ дар музди меҳнат шарти зарурии баланд бардоштани мақоми занон дар оила мегардад, ки дар навбати худ, имконияти иштироки онҳоро дар тақсимоти захираҳои хонавода таъмин намуда, заминаҳоро барои устувории иқтисодии хонаводаҳо дар ҳолатҳои ғайричашмдошт, ба монанди фавти саробони асосӣ (бештар - шавҳар), бемории вай, аз даст додани ҷои корӣ аз ҷониби шавҳар, муҳоҷирати тӯлонӣ, ҷудошавӣ (талоқ) ва ғайра ба вуҷуд меорад.

Музди меҳнати занон дар Тоҷикистон аз музди меҳнати мардон хеле паст мебошад. Дар соли 2000 музди меҳнати занон дар маҷмӯъ дар кишвар аз сатҳи музди меҳнати мардон 43,2%-ро ташкил дод. Дар соли 2006 тафовути гендерӣ дар музди меҳнат каме паст гардида, музди меҳнати занон ба 55,3% сатҳи музди меҳнати мардон баробар шуд.

Ба сатҳи музди меҳнат омилҳои зиёди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва хусусияти институтсионалидошта таъсир мерасонанд. Нуқсонҳои мавҷудаи имрӯза дар омори миллии гендерӣ имкон намедиҳанд муайян карда шаванд, ки то кадом андоза тафриқаи баамаломадаи гендерии музди меҳнат натиҷаи тафовут дар сатҳи захира намудани сармояи инсонӣ, миқдори вақти коркардашуда ва хусусиятҳои ҷойҳои корӣ маҳсуб меёбанд. Бо вуҷуди ин, бо боварии том метавон таъкид кард, ки яке аз сарчашмаҳои асосии тафовут дар сатҳи музди меҳнати мардон ва занон сегрегатсияи гендерӣ дар соҳаи шуғл ба шумор меравад.

Чи хеле ки аз диаграммаи 5.3 дида мешавад, баландтарин вазни хоси занон дар маҷмӯъ дар тамоми соҳаҳо, ки аз нишондиҳандаи миёна болотар мебошад, соҳаи кишоварзӣ (52,5%), тандурустӣ (58,3%), маориф (49,3%) ва соҳаҳои фарҳанг, санъат ва илм (48,5%) ба мушоҳида мерасад. Маҳз дар ин чор соҳа музди меҳнат аз нишондиҳандаи миёна дар иқтисодиёт дар маҷмӯъ пасттар аст. Ҳатто дар соҳаи кишоварзӣ, ки дар он сатҳи пасттарини музди меҳнат ҳаст, қариб сеяки занон ба ҳисоби миёна назар ба мардон камтар музди меҳнат мегиранд. Дар соҳаҳои дигари камдаромад, вале соҳаҳое, ки дар онҳо кадрҳои баландихтисос (дар соҳаи маориф, тандурустӣ ва фарҳанг) машғули коранд, музди меҳнати занон нисбат ба мардон хеле паст мебошад.

Чунончи, дар соҳаи тандурустӣ музди меҳнати занон ба ҳисоби миёна камтар аз нисф, дар соҳаи маориф, илм, фарҳанг ва санъат бошад аз чор се ҳиссаи сатҳи музди меҳнати мардонро ташкил медиҳанд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки мардон ҳангоми баробар будани сатҳи таҳсилоташон бо занон, вазифаҳои нисбатан баландтарро ишғол менамоянд, ки бо маоши нисбатан баланд тавсиф меёбад.

## ДИАГРАММАИ 5.3
## ТАНОСУБИ МУЗДИ МЕҲНАТИ ЗАНОН НИСБАТ БА МУЗДИ МЕҲНАТИ МАРДОН АЗ РӮИ СОҲАҲОИ ИҚТИСОДИЁТ, СОЛИ 2006[81]




Тафриқаи гендерии музди меҳнат хусусияти возеҳи минтақавӣ низ дорад. Чунончи, музди миёнаи меҳнати мардон дар пойтахт дар моҳи декабри соли 2006, аз ҳамин нишондиҳандаи мардон дар вилояти Хатлон қариб се маротиба, дар вилояти Суғд зиёда аз 2,5 баробар, дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон қариб 2 маротиба ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ қариб 1,5 маротиба зиёдтар буд. Ва ҳатто дар сурати ҷой доштани чунин тафовут дар музди меҳнати мардон дар байни пойтахт ва минтақаҳо, сатҳи музди меҳнати занон дар минтақаҳо аз мардон боз бештар паст мебошад. Азбаски дар пойтахт истеҳсолоти кишоварзӣ (соҳаи аз ҳама меҳнатталаби шуғл) ҷой надорад, пас тафовути гендерии тафриқаи музди кор кам ба назар мерасад, нисбат ба дигар минтақаҳое, ки дар онҳо қисми зиёди аҳолии аз ҷиҳати иқтисоди фаъол дар соҳаи кишоварзӣ машғуланд. Масалан, дар шаҳри Душанбе музди меҳнати занон 69,7%, дар вилояти Хатлон - 59,9%, вилояти Суғд - 52,3%, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон - 37,5%, дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бошад  51,5%-и музди меҳнати мардонро ташкил дод.

Тафовути гендерӣ дар музди меҳнат ҳавасмандиро барои захира кардани сармояи инсонӣ, инчунин асоснокии ба бозори меҳнат баромадани занонро паст менамояд. Дар чунин шароит тафриқаи зиёди музди меҳнат дар гурӯҳи ҷавонон нақши манфӣ мебозад. Дар гурӯҳи синнусолии аз 16 то 24-сола музди меҳнати мардон нисбат ба музди меҳнати занони ҳамсолашон ба ҳисоби миёна 2,5 маротиба зиёдтар аст, ки барои шуғли ҷавонзанон монеаҳоро ба таври ҷиддӣ бештар мегардонад.[83] Дар гурӯҳҳои синнусолии нисбатан калонтар тафовути гендерӣ дар пардохти музди меҳнат кам гардида, вале дар сатҳи 1,8-2,3 баробар хеле баланд боқӣ мемонад.

Истисно дар ду соҳа ҷой дорад, ки дар онҳо сатҳи музди меҳнати занон аз ҳамин нишондиҳандаи мардон фарқ намекунад, ин соҳаи идоракунии давлатӣ ва қарздиҳӣ (96,1%) ва дигар соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ (106,9%) мебошанд.  Аммо дар ин соҳаҳо ҳамагӣ мутаносибан 4,2% ва 0,8% аҳолии машғулбуда кор карда, вазни хоси занон мувофиқан хеле паст 28,5% ва 17,9% мебошад. Тафовути зиёд дар сатҳи музди меҳнат дар соҳаҳои дигар низ ба назар мерасад, аммо шуғли занон дар онҳо маъмул нест.

## ДИАГРАММАИ 5.4
## МУЗДИ МЕҲНАТИ МАРДОН ВА ЗАНОН АЗ РӮИ МИНТАҚАҲО ДАР МОҲИ ДЕКАБРИ СОЛИ 2006, БО СОМОНӢ[82]



# 5.3. АНДОЗАГИРИИ НОБАРОБАРИИ ГЕНДЕРӢ

Андозагирии нобаробарии гендерӣ бо воситаи нишондиҳандаҳои оморӣ аз соли 1995 ҷорӣ карда шуд ва ба давраи болоравии эътирофи муҳимияти мониторинги дастовардҳо дар ҷодаи аз байн бурдани нобаробарии гендерӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёт рост омад, ки дар Конференсияи умумиҷаҳонӣ оид ба вазъи занон дар моҳи сентябри соли 2005 қайд гардида буд. Нишондиҳандаҳои хеле маъмул шохиси рушд бо дарназардошти омили гендерӣ (ШРОГ) ва нишондиҳандаи васеъшавии имкониятҳои занон (НВИЗ) мебошанд. Такмили усулҳои ҳисобкунии нобаробарии гендерӣ ҳанӯз идома дорад. Яке аз нишондиҳандаҳои охирини ҳисобкунии баробарии гендерӣ (ё норасоии он) шохиси рушди гендерӣ (ШРГ) маҳсуб меёбад.

## ШОХИСИ РУШДИ ИҚТИДОРИ ИНСОНӢ БО ДАРНАЗАРДОШТИ БАРОБАРИИ ГЕНДЕРӢ (ШРОГ)

Шохиси рушд бо дарназардошти омили гендерӣ (ШРОГ) нобаробариро байни мардон ва занон аз рӯи ҳолатҳои зерин ба ҳисоб мегирад:

- аз рӯи дарозумрӣ, ки бо нишондиҳандаҳои давомнокии умедбастаи умр ҳангоми таваллуд ҳисоб карда мешавад;
- аз рӯи донишҳо, ки бо сатҳи саводнокии аҳолии калонсол ва маҷмӯи коэффитсиенти умумии ба муассисаҳои таълимии ибтидоӣ, миёна ва олӣ қабулшудагон, ҳисоб карда мешавад;
- аз рӯи сатҳи сазовори зиндагӣ, ки бо нишондиҳандаи тахминии даромади бадастомада ҳисоб карда мешавад.

Ба таври дигар, ШРОГ норасоии рушди инсониро ба инобат мегирад, ки дар заминаи тафовутҳои гендерӣ дар нишондиҳандаҳо ба миён омадааст ва дар асоси онҳо шохиси рушди иқтидори инсонӣ ҳисоб карда мешавад. Вале ШРОГ ҳисобкунандаи дақиқи нобаробарии гендерӣ намебошад. Масалан, ШРИИ ва ШРОГ барои Тоҷикистон дар соли 2007 мутаносибан бузургиҳои 0,688 ва 0,686-ро ташкил доданд. Тафовути гендерӣ 0,002-ро дар бар гирифт. Зимнан, коэффитсиенти умумии фарогирӣ бо таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олӣ нисбат ба занон дар байни мардон ба андозаи 19,5% зиёдтар аст, сатҳи даромади занон бошад аз сатҳи даромади мардон ҳамагӣ 65,2% мебошад. Ин тафовут дар нишондиҳандаҳои гендерӣ дар маҷмӯъ дар ШРОГ аз ҳисоби давомнокии умри пешбинишаванда баробар шуда истодааст, ки дар байни занон нисбат ба мардон ба андозаи 5,6 сол дарозтар аст.

ШРОГ ҷаримаҳоеро инъикос менамояд, ки ба нобаробарии гендерӣ вобаста буда, ҳиссаи ин ҷарима бошад ба тафовути гендерӣ аз рӯи се ҷанбаи рушди инсонӣ алоқаманд аст. Чи тавре ки аз ҷадвал бармеояд, ҷаримаи гендерӣ дар давоми ҳафт сол 10 маротиба кам гардидааст.

Ҷараёни инкишофи нишодиҳандаҳои ШРОГ (шохисҳои давомнокии умр, таҳсилот ва даромади занону мардон) нишон медиҳад, ки тафовут дар нишондиҳандаҳои давомнокии умри занон ва мардон дар тӯли ин солҳо чандон ночиз боқӣ мемонад. Тафовути гендерӣ дар шохисҳои таҳсилот нисбат ба дигар нишондиҳандаҳои ШРОГ аз ҳама зиёд буда, дар солҳаи охир ҳатто якчанд

### ҶАДВАЛИ 5.3
### НИШОНДИҲАНДАҲОИ ШРИИ ВА ШРОГ БАРОИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ 2000-2007[84]

| Солҳо | ШРИИ | ШРОГ | Ҷарима барои нобаробарии гендерӣ |
|---|---|---|---|
| 2000 | 0,648 | 0,628 | - 0,020 |
| 2004 | 0,680 | 0,670 | - 0,010 |
| 2006 | 0,684 | 0,680 | - 0,004 |
| 2007 | 0,688 | 0,686 | - 0,002 |

маротиба афзуд (барои муқоиса: -0,039 дар соли 2004 ва -0,046 дар соли 2006). Пастшавии ҷаримаи гендерӣ ба андозаи зиёд аз ҳисоби кам шудани тафовут дар сатҳи даромади мардону занон сурат гирифт.

Бояд тазаккур дод, ки нишондиҳандаҳои саводнокии аҳолӣ дар ҳисоби ШРОГ дар давоми 10 сол бетағйир боқӣ мемонад, зеро ки онҳо ба маълумоти барӯйхатгирии аҳолии соли 2000 асос ёфтаанд. Азнавсозии нишондиҳандаи саводнокӣ пас аз барӯйхатгирии соли 2010 ҷиҳати паст кардани нишондиҳандаҳои ШРИИ ва ШРОГ метавонад тасҳеҳоти ҷиддиро ворид созад. Дар гурӯҳи синнусолии занон, ки дар давраи аз соли 1985 то соли 1992 таваллуд шудаанд, сатҳи саводнокӣ метавонад хеле пасттар бошад, чунки қабулшавии онҳо ба мактабҳои ибтидоӣ ба солҳои ҷанги шаҳрвандӣ (солҳои 1992-1995) рост омада буд, вақте ки духтаронро дар ноҳияҳои амалиёти ҷангӣ бо андешаи бехатарӣ ба мактабравӣ намемонданд.

Қатъи назар аз таҳрифи вазъи нобаробарии гендерӣ дар нишондиҳандаи муттаҳидгардонидашуда, ШРОГ ба ҳар ҳол воситаи универсалие мебошад, ки барои муқоисаи вазъи пешравии баробарии гендерӣ, ҷараёни инкишофи он дар сатхи байналмилалӣ истифода бурда мешавад. Тоҷикистон аз рӯи ШРОГ аз 155 кишваре, ки барои онҳо шохис дар соли 2007 ҳисоб карда шуд, ҷои 107-умро ишғол менамояд. Дар рейтинги ҷаҳонӣ аз рӯи ШРОГ Тоҷикистон дар қатори Никарагуа (ҷойи 106) ва Намибия (ҷойи 108) қарор дорад.

## НИШОНДИҲАНДАИ РУШДИ ИМКОНИЯТҲОИ ЗАНОН (НРИЗ)

НРИЗ барои арзёби кардани сатҳи имкониятҳои занонро аз нуқтаи назари намояндагии сиёсӣ ва сатҳи иштироки онҳо дар иқтисодиёт имкон медиҳад. Ин нишондиҳанда барои арзёбии баробарии гендерӣ аз ҷиҳати сиёсӣ ва иқтисодӣ бо дарназардошти намояндагии нисбии занон нигаронида шудааст. Дар НРИЗ таносуби вазни хоси занон ва мардон дар намояндагии сиёсӣ, тақсимоти вазифаҳои касбӣ ва роҳбарикунанда, даромадҳои меҳнатӣ ба назар гирифта мешавад.

Норасоии маълумот оид ба нишондиҳандаҳои НРИЗ ҳисоби онро дар бисёр кишварҳо душвор мегардонад. Чунончи, дар Гузориши глобалӣ оид ба рушди инсон то ҳанӯз нишондиҳандаи НРИЗ барои Тоҷикистон мавҷуд нест. Кумитаи давлатии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон ин нишондиҳандаро танҳо як бор, дар асоси натиҷаҳои ТҚК-2004 дар бораи тақсимоти вазифаҳо байни мардон ва занон, ба ҳисоб гирифт. Дар соли 2004  НРИЗ 0,492-ро ташкил дод.

### ҶАДВАЛИ 5.4
### НИШОНДИҲАНДАҲОИ НРИЗ ДАР СОЛИ 2004[85]

| Нишондиҳандаҳои НРИЗ | Занон | Мардон |
|---|---|---|
| Ҳиссаи аҳолӣ, % | 0,498 | 0,502 |
| Ҳиссаи ҷойҳо дар парлумон, % | 15,5 | 81,5 |
| Ҳиссаи шахсоне, ки вазифаи қонунгузорон, мансабдорон ва роҳбарони зинаи олиро ишғол менамоянд, % | 35,4 | 64,6 |
| Ҳисса дар вазифаи мутахассисон ва кормандони техникӣ, % | 38,0 | 62,0 |
| Нишондиҳандаи тахминии даромад, ПҚХ бо доллари ИМА | 641 | 1619 |
| Шохиси даромад | 0,014 | 0,038 |

НРИЗ бо ШРИИ бинобар сабаби гуногун будани унсурҳои таркибии ин нишондиҳандаҳо қиёснопазир аст. Арзёбии чараёни инкишофи НРИЗ имрӯз бо сабаби набудани қаторҳои динамикӣ имконнопазир мебошад. Чараёни инкишофи ин нишондиҳанда имкон медиҳад, ки тамоюли пешравии баробарии гендерӣ дар фароҳам овардани ваколатҳо дар соҳаҳои сиёсию иқтисодӣ муайян карда шавад. Инчунин арзёбии нишондиҳандаи миллӣ дар сатҳи байналмилалӣ хеле душвор аст, чунки дар соли 2006 дар Гузориши глобалӣ оид ба рушди инсон НРИЗ бинобар норасоии маълумот оид ба кишварҳои боқимонда танҳо барои 102 кишвар, аз ҷумла Тоҷикистон ба ҳисоб гирифта шуда буд. Вале агар бо дарназардошти он ки, дар давраи аз соли 2004 то соли 2006 дар Тоҷикистон НРИЗ метавонист ба андозаи садяк бузургӣ аз ҳисоби камшавии тафовути гендерӣ дар музди меҳнат зиёд гардад, пас Тоҷикистон шартан ҷои 52-умро бо нишондиҳандаи 0,492, дар қатори Мексика (бо бузургии 0,603 НРИЗ ), ки ҷои 51-ум ва Умон, ки ҷои 52-умро (бо бузургии 0,434 НРИЗ ) ишғол намудаанд, ҷой гирифт.

## ШОХИСИ БАРОБАРИИ ГЕНДЕРӢ (ШБГ)

Дар Форуми умумиҷаҳонии иқтисодӣ ҳисобкунии миқдории нобаробарии ҳуқуқӣ аз рӯи ҷинсҳо пешниҳод гардид, ки аз соли 2005 сар карда, ҳамчун шохиси баробарии гендерӣ (ШБГ) барои аксарияти кишварҳои ҷаҳон ҳисоб карда мешавад. Вобаста ба бузургии ин шохис рейтинги кишвар аз рӯи сатҳи бартарафнамоии тафовути байни мардон ва занон дар таъмини ҳуқуқҳои воқеӣ дар соҳаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ тартиб дода мешавад.

Ба хилофи ШРОГ ба шохиси нав нишондиҳандаҳои усулан нав барои ҳисобкунии нобаробарии гендерӣ – ваколатҳои занон ва мардон дар соҳаҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ ворид карда шудаанд. Тафовути гендерӣ аз рӯи чор меъёри ниҳоии зерини нобаробарии байни занон ва мардон арзёбӣ карда мешавад:

- иштирок ва имконияҳо дар фаъолияти иқтисодӣ - маълумотҳои ҷамъбастӣ оид ба музди меҳнат, сатҳи иштирок ва дастраси ба шуғли баландихтисос;
- имкониятҳои таҳсилот - маълумотҳои ҷамъбастӣ оид ба дастрасии таҳсилоти базавӣ ва олӣ;
- солимӣ ва давомнокии умр - маълумотҳои ҷамъбастӣ оид ба таносуби давомнокии чашмдошти умр ва таносуби миқдорӣ аз рӯи ҷинс;
- иштирок дар раванди сиёсӣ - маълумотҳои ҷамъбастӣ аз рӯи намояндагиҳо дар мақомоти роҳбарикунанда.

Бузургии ШБГ аз 0 то 1 тағйир меёбад: бузургии сифрӣ ба нобаробарии пурра ва бузургии 1 бошад ба баробарии пурра мувофиқат мекунад. Баробарии пурраро аз рӯи ҷинсҳо ҳанӯз ягон кишвари дунё ноил нагардидааст.

Барои Тоҷикистон ШБГ аз соли 2007 ҳисоб карда мешавад. Вазъи баробарии гендерӣ бадтар гашта, аз бузургии 0,658 дар соли 2007 то бузургии 0,654 дар соли 2008 паст шудааст. ШБГ аз рӯи чор нишондиҳандаҳои он, чи тавре ки дар диаграмма дида мешавад, ҷудо мегардад (Замиммаи 5).

**ДИАГРАММАИ 5.5**
**ШОХИСИ БАРОБАРИИ ГЕНДЕРӢ БАРОИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛИ 2008**[86]







Дар давраи аз соли 2007 то соли 2008 рейтинги кишвар дар байни кишварҳои ҷаҳон аз ҷойи 79 то ба 89 поён фаромада, дар қатори Кения (ҷойи 88) ва Бангладеш (ҷойи 90) қарор дошт.

Тоҷикистон ҷиҳати кам намудани нобаробарии гендерӣ дар соҳаи фаъолнокии иқтисодӣ (ҷойи 44), тандурустӣ (ҷойи 55) ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардида бошад ҳам, вале аз нишондиҳандаҳои миёнаи умумиҷаҳонӣ дар соҳаи маориф (ҷойи 112) ва иштироки сиёсӣ (ҷойи 98) дар ақиб қарор дорад.

Дар асоси маълумоти ду сол дар бораи тамоюлҳои муайянгардида гуфтан имконнопазир аст. Бо вуҷуди ин, бояд таъкид кард, ки вазъи нобаробарии гендерӣ дар соли ҷорӣ дар соҳаи тандурустӣ, маориф ва иштироки иқтисодӣ бад гардид. Ин аз хусуси аз даст додани мавқеҳои комёбгардида дар ин соҳаҳо гувоҳӣ медиҳад. Тафовути гендерӣ дар соҳаи сиёсӣ то андозае кам гардид.

Нокифоя будани маълумоти оморӣ аз рӯи ҷинс арзёбии раванди пешравии баробарии гендериро мушкил мегардонад. Нишондиҳандаҳои оддитарини саломатӣ, таҳсилот ва даромад дар ШРОГ камшавии тафовути гендериро нишон медиҳанд. Вале таҳлили босифати (бе баҳодиҳии оморӣ) вазъи гендерӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки дар Тоҷикистон аллакай заминаҳои тавсеаи нобаробарии гендерӣ ҳамчун оқибатҳои пурзӯр гардидани қолибҳои патриархалӣ дар бораи нақшҳои гендерӣ мавҷуд мебошанд. Нишондиҳандаҳое, ки тафовути гендериро дар сатҳи ваколатҳо (НРИЗ ва ШБГ) ба назар мегиранд, тамоюли муайяншудаистодаи омориро инъикос менамоянд. Мутаассифона, бо сабаби мавҷуд набудани заминаи доимии оморӣ барои ҳисоби ин нишондиҳандаҳо ба суръат ва миқёси ин раванд баҳои муносиб додан душвор аст.

# БОБИ 6 ХУЛОСА

## ҶАВОБҲОИ ИМКОНПАЗИР БА ДАЪВАТҲО



Сиёсати ба нигоҳдорӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ, инчунин ба кулан баланд бардоштани даромад ва музди меҳнати ҳадди ақал равонагардида, бояд қисми таркибии стратегияи шуғл дар кишвар бошад. Татбиқи стратегия метавонад ҳам чораҳои давраи кӯтоҳмуддат ва ҳам миёна ва дарозмӯҳлатро пешбинӣ намояд.


6

# 6.1. ТАҶДИДИ СИЁСАТ ДАР БОЗОРИ МЕҲНАТ

## СИЁСАТ ДАР САТҲИ КОРХОНАҲО

Сиёсати шуғл дар сатҳи корхонаҳо дар кишвар ташаккул наёфтааст, аз ин рӯ аз кор озодкунии кормандон ба доираи моделҳои зерини мавҷудаи бозори меҳнат мутобиқат намекунад: америкоӣ - азкорозодкунӣ ва азнавтақсимкунии қувваи корӣ байни корхонаҳо ва ҷопонӣ - ҳаракати дохилиширкатии кормандон. Сиёсати нисбатан мақбул дар соҳаи шуғл дар шароити бамиёномада ҷоннок гардидани истеҳсолот дар асоси диверсификатсия ва ташкили истеҳсолоти ба ҳам наздик бо таъсис додани ҷойҳои нави корӣ мебошад.

Татбиқи он дар корхонаҳои бахши хусусӣ, ки берун аз доираи танзими давлатии шуғл қарор дорад, нисбатан душвор мебошад. Ҳатто агар шартномаҳои коллективӣ дар баъзе корхонаҳо вуҷуд дошта бошанд ҳам, бо вуҷуди ин дар онҳо масъалаҳои шуғл пурра пешбинӣ нашудаанд. Тезонидани ҳалли масъалаҳо оид ба баланд бардоштани масъулияти корхонаҳо барои истифодаи қувваи корӣ, фароҳам овардани шароит барои баланд бардоштани нуфуз ва ҷолибияти меҳнат дар истеҳсолоти саноатӣ зарур аст.

Тадбирҳо оид ба дастгирии соҳибкории фермерӣ ва хурд аз ҷиҳати таъмини шуғл нисбатан самарабахш маҳсуб меёбанд. Бинобар ин, афзалияти муҳими сиёсати шуғл бояд танзимнамоии меъёрӣ, молиявӣ ва андозии фаъолияти корхонаҳои бахшҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ дар бозори меҳнат бошад. Маҳз аз ҳамин вазъи умумии шуғл дар кишвар умуман ва рақобатпазирии корхонаҳо аз ҷумла вобаста аст.

Тадбирҳо оид ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ бояд ба ҷойҳои кории «технологӣ» нигаронида шаванд. Ин тадбирҳо аз нигоҳи мусоидат ба шуғли аҳолӣ инҳоро дар бар гирифта метавонанд:

- машварат ва роҳнамоии касбии ҷавононӣ бекор бо мақсади муайян сохтани доираи фаъолияти онҳо, омӯзонидани асосҳои соҳибкорӣ;
- тибқи квота ҷудо намудани ҷойҳои корӣ барои ҷавонон;
- амали кардани дастгирии иқтисодии аҳолӣ дар ташкили хоҷагии фермерӣ (деҳқонӣ), ба онҳо додани қарзҳои имтиёзнок ва имтиёзҳо барои андозбандӣ;
- таъсиси маркази байнимитақавии ҷойҳои кории холӣ ва ҷойҳои корӣ бо мақсади баланд бардоштани сатҳи зудамалии минтақавӣ ва касбии қувваи корӣ;
- ҷалби васеи бекорон ба корҳои ҷамъиятии муваққатӣ бо роҳи баланд бардоштани эътибор ва ҳавасмандии моддии онҳо;
- мусоидат ба худиштиғолии аҳолӣ дар бахши ғайрирасмии иқтисодиёт, тавассути ташкили меҳнати хонакорӣ ва фаъолияти инфиродӣ дар асоси шаклҳои чандирии шуғл;
- мусоидат барои бо кор таъмин намудани шаҳрвандон тавассути баланд бардоштани рақобатпазирии онҳо дар бозори меҳнат (омӯзонидан, бозомӯзӣ, беҳтарсозии иттилоотӣ оид ба тақозои қувваи корӣ);
- ҳавасмандгардонии рушди соҳибкории хурд ва миёна дар деҳоти кишвар;
- таъмини дастгирии мақсаднок ва ҳимояи ҳамаи гурӯҳҳои аҳолӣ дар бозори меҳнат, бахусус шахсони нисбатан ба ҳимоя эҳтиёҷдошта;

Дар иқтисодиёти хурди кушоди кишвар ба роҳ мондани ҷиҳати таҳияи барномаи давлатии кӯтоҳмуддати «Маҳдудияти воридоти истеъмолӣ ва ҳавасмандгардонии истеҳсолкунандагони ватанӣ», бо мақсади паст намудани тавозуни манфии савдо, ивāз кардани воридоти бесамар ва таъсиси ҷойҳои иловагии корӣ, муҳим аст.

Инчунин коркарди барномаи миёнамӯҳлати дастгирии соҳибкории хурд ва миёнаро бояд ба роҳ монд, ки барои батартибдарории системаи андозбандии дукарата дар амалиётҳои лизингӣ дар чунин соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт, ба монанди: а) кишоварзӣ; б) саноати нассоҷӣ, хӯрокворӣ ва маснуотбарор; в) таҳсилоти касбии техникӣ ва г) соҳаҳои инноватсионӣ нигаронида мешавад. Ин метавонад барои фаъолона ҷалб кардани соҳибкории хурд ва миёна дар амалигардонии чунин барнома ва таъсис додани ҷойҳои иловагии корӣ шароити мусоидро муҳайё созад.

Дар давраи бӯҳрон нигоҳ доштани алоқаҳои мавҷудаи истеҳсолии ширкатҳои ватанӣ (асосан ширкатҳои хурд ва миёна) бо ширкатҳои хориҷӣ муҳим аст. Бо ин мақсад, яке аз чораҳои пешгирикунанда ҷиҳати дастгирии бозори меҳнат метавонад ҷалби фаъоли соҳибкории хурд ва миёна дар раванди харидкунии давлатӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ ва маблағҳои созмонҳои байналмилалӣ бошад. Чунин тадбир бояд «тақсим намудани» лотҳои тендерии

фармоишҳои давлатиро то он сатҳе, ки барои таъмини иштироки соҳибкории хурд ва миёна дар системаи хариди давлатӣ имкон медиҳад, пешбинӣ намояд.

## СИЁСАТИ МИНТАҚАВӢ

Минтақаҳо дар сиёсати шуғли аҳолии кишвар бояд ҷои махсусро ишғол намоянд. Дар асоси баҳодиҳии сатҳи бекорӣ ва шиддатнокӣ дар бозори меҳнат саривақт муайян намудани минтақаҳои вазъияташон мушкил дар соҳаи шуғл муҳим аст. Оид ба ҳар як минтақа бояд чораҳои мушаххас ва бо Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ ҳамоҳангкардашуда таҳия карда шаванд, ки ба таъмини шуғли аҳолӣ ва паст намудани сатҳи бекорӣ нигаронида шудаанд.

Дар минтақаҳои вазъияташон мушкил дар бозорҳои меҳнат, аз ҷумла дар ноҳияҳои ҷудогонаи деҳот, чораҳои пешгирикунандаи зерин зарур мебошанд, ки ба сабукгардонии шиддатнокӣ равона гардидаанд:

- гузаронидани таҳлили бозори меҳнати ҳар як минтақаи ҷумҳурӣ (аз рӯи намунаи таҳқиқи бозори меҳнати води Рашт, Ки соли 2008 аз тарафи СБМ гузаронида шудааст);
- гузаронидани ташхиси вазъи молиявии корхона ва ташкилотҳое, ки ба таври оммавӣ кормандонро аз кор озод менамоянд;
- боздоштани ҷараёни аз кор озодшавии кормандон ё марҳила ба марҳила гузаронидани он, ки барои ин молиякунии иловагӣ аз фонди мусоидат ба шуғл пешбинӣ карда шавад;
- қатъи намудани муҷозот нисбат ба роҳбарони корхонаҳо ва корфармоён барои пинҳон доштани ҷойҳои кории холи;
- ҷустуҷӯи имкониятҳои молиякунии барномаҳои мақсадноки ҷумҳуриявӣ, ки татбиқи онҳо ба сабук намудани вазъи душвор дар бозорҳои меҳнат ва ба тартиб даровардани муҳоҷирати меҳнатии ғайрирасмӣ мусоидат менамояд;
- ташкили гузаронидани корҳои оммавии ҷамъиятӣ дар давраи ҷамъоварии ҳосил, сохтмони роҳҳо, иншооти инфрасохтори истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ, инчунин дар соҳаи хизматрасонӣ ба аҳолӣ;
- таҳияи барномаҳои минтақавии «Меҳнат», ки таҳияи тавозуни захираҳои меҳнатии минтақаро – аз сатҳи вилоятӣ Сар карда то ҳар як ноҳия фаро мегиранд.

Бо дарназардошти он ки иқдомҳои мақсадноки аз ҷониби танҳо хадамоти шуғл андешидашаванда бо дастгирии мақомоти ҳокимияти иҷроия дар маҳалҳо барои ҳалли масъалаҳои рафъи пастравии сармоягузорӣ ва аз ҳолати бӯҳронӣ баровардани минтақаҳо қодир нестанд, таҳияи барномаҳои махсуси зиддибӯҳронии минтақавӣ зарур мебошанд. Дар татбиқи чунин барномаҳо мақомоти маҳаллии худидорӣ нақши муҳим доранд, ки онҳо қобилияти ҷалби сармояҳои хориҷӣ ва амалигардонии азнавсозии мақсаднокро доранд.

Дар минтақаҳои аз ҷиҳати саноатӣ инкишофёфта истифодаи иқтидори меҳнатии захирашуда таҷдиди минбаъдаи сохтории истеҳсолот, замонавигардонии онро тавассути ҷалби сармоягузориҳо тақозо менамояд. Таъсиси ҷойҳои нави корӣ бояд ба дигаргуниҳои сохторӣ, рушди инфрасохтори истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ ва соҳаи хизматрасонӣ вобаста карда шавад.

Дар минтақаҳои самти агросаноатидошта сиёсати шуғл бояд бо ташкили корхонаҳои на он қадар калон оид ба коркарди маҳсулоти кишоварзӣ алоқаманд бошад.

Ҷалби фаъоли аҳолӣ ба корҳои ҷамъиятӣ оид ба сохтмони роҳҳо, дарахтшинонӣ ва ободонии шаҳру деҳот метавонад шакли самараноки мусоидат ба шуғл гардад. Танҳо дар шароити татбиқи чораҳои қатъии сиёсати фаъоли шуғл дар ҳар як минтақа бо дарназардошти шароити маҳал, гирифтани пеши афзоиши бекорӣ, суръатбахшии ислоҳоти бозорӣ ва нигоҳдории вазъи устувор дар минтақаҳо имконпазир мегардад.

Сиёсати шуғли аҳолӣ дар минтақаҳо бояд қисми ҷудонопазири сиёсати амалишавандаи минтақавиро ташкил диҳад. Танзими шуғл ва бозори меҳнат бевосита аз дастгирии давлатии минтақаҳои таназзулёфта тавассути ҷудо намудани дотатсияҳо ва кӯмакҳои молиявӣ, ҷалби сармояи хусусии миллӣ ва хориҷӣ ва истифодаи онҳо барои нигоҳдорӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ, ташкили корҳои ҷамъиятӣ, омӯзонидан ва бозомӯзии кормандони аз кор озодкардашаванда, вобаста аст.

Дар ҳар як минтақа бояд афзалиятҳои хусусӣ, бо дарназардошти вазъи баамаломада дар бозори меҳнат ва хусусиятҳои инкишофи иҷтимоию иқтисодӣ ва демографӣ, имкониятҳои воқеии иҷрои вазифаҳои аввалиндараҷа дар оянадаи миёнамӯҳлат ва дарозмӯҳлат муайян карда шаванд.

Дар сиёсати минтақавии шуғли аҳолӣ тағйири самт нисбат ба чораҳои фаъоли пешгирикунанда барои татбиқи он зарур аст, ки ба зиёдшавии фарогирии бекорон, бахусус ҷавонон, омӯзонидан ва бозомӯзӣ, баланд бардоштани зудҳаракатии минтақавӣ ва касбии онҳо нигаронида шудааст.

## СИЁСАТИ МИЛЛӢ

Дар сатҳи миллӣ сиёсати баланд бардоштани даромадҳо ва шуғл бояд самти асосии танзими давлатӣ гардад. Сиёстаи шуғл дар кишвар набояд фақат ҳамчун қисми барномаҳои иҷтимоӣ баррасӣ гардад. Он бояд фавран бо тағйироти инвеститсионӣ ва сохторӣ ҳамоҳанг бошад, ки ба ислоҳоти системаи даромад ва музди меҳнати ҳадди ақал равона гардидааст. Сатҳи пасти нархи қувваи корӣ ба омили сусткунандаи равандҳои иқтисодӣ дар кишвар табдил ёфта истодааст.

Имрӯз кишвар ба шуғли самаранок эҳтиёҷ дорад. Ба манфиати кишвар танҳо чунин баландшавии шуғл мебошад, ки он тавонад ба рушди тахассуси кормандони соҳаи истеҳсолот, баланд гардидани музди меҳнат ва даромади онҳо то сатҳе мусоидат намояд, ки он такрористеҳсоли васеи қувваи кориро таъмин созад. Сиёсати ба баландшавии шуғли аҳолӣ равонагардида, бояд ба инкишофи шахсияти тафаккури эҷодидошта ва боздоштани ҷараёни гум кардани тахассус, донишҳои касбии маҷмӯи қувваи корӣ мусоидат менамояд. Он бояд ба баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва паст намудани сатҳи таваррум нигаронида шавад.

Фароҳам овардани имконият барои шуғли самарабахш ва сарчашмаҳои устувори даромад дар шароити бӯҳрони иқтисодӣ ва ноустувории бозори меҳнат вазифаи ниҳоят мушкил аст.

Ягон шакку шубҳае нест, ки Тоҷикистон  дар оянда имкон дорад дар ҳаҷми микёсан калон ҷойҳои нави корӣ таъсис диҳад ва бекориро то сатҳи табии он паст намояд. Бо ин мақсад сиёсати сармоягузории кишвар инчунин бояд ба ҷалби афзалиятноки сармояҳо ба истеҳсолоти меҳнатталаб ва илмталаб равона карда шавад. Дар мӯҳлати кӯтоҳтарин бартараф кардани монеаҳои дар назди соҳибкории ватанӣ ҷойдошта нисбати таъсиси истеҳсолоти нав муҳим мебошад. Ба вуҷуд овардани ҳавасмандиҳои муассир барои он соҳибкороне зарур мебошад, ки онҳо истеҳсолоти меҳнатталаби ба тахассуси баланд эҳтиёҷдошта ва сатҳи нисбатан баланди музди меҳнат таъминкунандаро ташкил менамоянд.

Сиёсати ба афзоиши музди меҳнат ва даромад нигаронидашуда имконияти васеъ истифода бурдани чунин шаклҳои шуғл дар иқтисодиёти бозорӣ, ба монанди тақсимоти як ҷойи корӣ дар байни ду ва се кормандон, инчунин шуғли муваққатиро  фароҳам меоварад, ки  барои паст намудани ҷалби занон ба ҷараёни шуғли камсамар таъсир мерасонад. Сиёсати ба баланд бардоштани музди меҳнат ва даромад нигаронидашуда, метавонад ҳамчун чораи ҷиддии пешгирикунанда баромад намояд, ки ба паст намудани талаботи баъзе гурӯҳҳои аҳолӣ ба кор, аз қабили занон, хонандагон, шахсони синни нафақа, маъюбони дар нигоҳубини сарвари оила қарор дошта равона мегардад.

Ҳалли самараноки проблемаи шуғл дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи хеле баланд бардоштани нақши давлат дар такрористеҳсоли захираҳои меҳнатӣ имконпазир мебошад.

Давлат бояд боқатъият чораҳои зеринро дар амал татбиқ намояд:
а) инвентаризатсияи миқдори эҳтимолии ҷойҳои корӣ дар тамоми соҳаҳо ва бахшҳои иқтисодиёти кишвар;
б) ҳавасмандгардонии ҳамаҷонибаи худиштиғолӣ ва бахши хурди иқтисодиёт;
в) ба зудӣ барқарор сохтани истеҳсолоти калони меҳнатталаб дар сатҳи баланди инноватсионӣ;
г) баланд бардоштани нақши мутахассисон ва кормандони баландихтисос дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт;
д) таҳияи Барномаи миллии «Меҳнат» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
е) тадриҷан дар ҳаёт ҷори намудани консепсияи «иқтисодиёти ба донишҳо асосёфта».

Бо дарназардошти таҷрибаи дигар кишварҳо, дар назди Вазорати рушди иқтисодӣ ва савдо таъсис додани гурӯҳи таҳлилӣ барои гузаронидани «тафтишоти муҳофизатии» махсус ҷиҳати таҳия кардани пешниҳодоти асосноккардашуда аз рӯи меъёрҳои боҷҳои воридотии гумрукӣ барои молҳои истеъмолии ғайриасосии воридотӣ бо мақсади ташкили истеҳсолоти меҳнатталаби воридотивазкунанда, ба мақсад мувофиқ аст.

Қисми асосии шуғл дар бахши ғайрирасмӣ имрӯз ба шахсони ба худиштиғолӣ машғулбуда рост меояд. Дар марҳилаи кунунии рушди кишвар бахши ғайрирасмӣ дар сохтори шуғли аҳолӣ нақши мусбат дорад. Таҷрибаи кишварҳои дорои шуғли оммавии ғайрирасмӣ собит месозад, ки он бо тадриҷан таъсис додани ҷойҳои корӣ дар бахши расмӣ, худ ба худ аз байн намеравад. Чораҳои манъкунанда нисбат ба бахши ғайрирасмӣ, қатъи назар аз ҳамаи камбудиҳои он,  низ худро амалан собит намесозанд.

Маҳдудшавии бахши ғайрирасмӣ дар натиҷаи пурзӯр гардидани сиёсати давлат нисбати шуғли ғайрирасмӣ ба якбора зиёдшавии бекорӣ оварда мерасонад, зеро аксарияти машғулбудагони ғайрирасмӣ наметавонанд бо кор дар бахши расмӣ таъмин гардад. Барои шахсоне, ки дар бахши ғайрирасмӣ дар шароити шуғли дуюмбора кор мекунанд, чунин сиёсат ба якбора паст

гардидани сатҳи зиндагӣ меоварад. Илова бар ин, бахши манъкардашуда ва таъқибшавандаи ғайрирасмӣ ногузир шакли криминалиро касб менамояд.

Чораҳои манъкунӣ танҳо нисбати зуҳуроти нисбатан манфии шуғли ғайрирасмӣ асоснок ҳисобида мешаванд. Бинобар ин, бояд ба назар гирифт, ки бахши ғайрирасмӣ дар Тоҷикистон дарояндаи дур низ амал хоҳад кард. Вале, дарояндаи миёнамӯҳлат ва дарозмӯҳлат норасоии онҳо метавонанд оқибатҳои зерини ҷиддиро ба бор орад: ҷинояткорӣ дар ҷомеа, унсурҳои паст (люмпенизатсия) дар байни аҳолӣ, ба вуҷуд омадани камбизоатӣ, таназзули иқтидори меҳнатии ҷамъият. Барои пешгирӣ намудани чунин ҳолатҳо, алҳол аз байн бурдани тамоюлҳои манфии инкишофи бахши ғайрирасмӣ, бо равона сохтани рушди он ба маҷрои мутамаддин, зарур аст.

Масъалаи ҳавасмандгардонии рушди соҳибкории хурд - алтернативаи воқеии шуғли ғайрирасмӣ мебошад. Маҷмӯи тадбирҳои танзимкунанда соддагардонии расмиёти бақайдгирии корхонаҳои хурд, кам кардани андоз то ба дараҷаи озодкунӣ аз он дар давраи ташаккулёбӣ ва дастгирии давлатии суроғавии молиявиро бояд дар бар гирад. Тадбирҳои ҳавасмандгардонии соҳибкории хурд метавонанд ҳамзамон ба қонунигардонии як қисми бахши ғайрирасмӣ ва баландбардории дар зери назорат будани он аз лиҳози таъмини кафолатҳои ҳадди ақали иҷтимоӣ оварда расонанд.

Дар марҳилаи ҳозираи рушди иқтисодии кишвар аз байн бурдани меҳнати кӯдакон вазифаи муҳимтарин ба шумор меравад. Ҳамоҳангсозии фаъолияти созмонҳои давлатӣ, байналмилалӣ ва ғайриҳукуматӣ ҷиҳати аз байн бурдани меҳнати кӯдакон, метавонад барои таҳияи механизми ба мактаб баргардонидани кӯдакони коркардаистода ва инкишофи ҷисмонӣ ва маънавии онҳо равона карда шавад. Тадбирҳои пешгирикунандаи кӯтоҳмуддат бояд пеш аз ҳама, барои аз байн бурдани шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакон ва беҳтарсозии шароити меҳнати кӯдаконе, ки аз рӯи зарурат кор мекунанд, равона карда шаванд.

Сиёсати андоз ва молиявӣ бояд ба ҷалби мунтазами аҳолии қобили меҳнат ба соҳаи шуғли самаранок ва расмӣ нигаронида шавад. Тағйироти системаи андоз метавонад дар рушди иқтисодии кишвар, афзоиши шуғли расмӣ ва даромади меҳнатии аҳолӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва иқтисодиёти ғайрирасмӣ дар Тоҷикистон нақши ҷиддӣ бозад.

Сиёсати маблағгузории хурд бояд ба баланд бардоштани шуғл ва худиштиғолии занон, бахусус гурӯҳи нисбатан осебпазир - занон ва духтарони деҳот равона карда шавад. Инчунин роҳҳои имконпазири ҳалли ин вазифа - мусоидат барои ҷустуҷӯи фаъолияти даромадоваранда, таълими касбӣ, дастгирии молиявӣ ва дигар навъи дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкории занон, хоса дар соҳаи соҳибкории хурд ва меҳнати хонакорӣ мебошанд.

Принсипҳои шарикии иҷтимоӣ ҳангоми ҳалли проблемаҳои шуғл метавонанд дар кишвар нақши мусбат гузоранд. Дар чаҳорчӯбаи муколамаи иҷтимоӣ давлат бояд бо корфармоёни дар кишвар навташкилёфтаистода ҳамкории зич дошта бошад. Муколамаи иҷтимоӣ бояд як қисми ҷаҳонбинии роҳбарони мақомоти ҳокимият гардад.



# 6.2. СИЁСАТ ДАР СОҲАИ МАОРИФ

## НОБАРОБАРӢ ДАР ФАРОГИРӢ ВА СИФАТИ ТАҲСИЛОТ

Системаи таҳсилоти миёнаи умумӣ барои ба даст овардани малака ва донишҳои касбӣ таҳкурсии базавӣ мегузорад. Имрӯз ҳукумати кишвар фаъолона чораҳоро оид ба вусъат додани фарогирии ҷавонон бо таҳсилоти мактабӣ ва саъю кӯшиши баланд намудани сифати таълим андешида истодааст. Бар замми ин, агар проблемаи фарогирӣ ба таҳсилот дар кишвар ҳалли худро ёфта истода бошад ҳам, масъалаи сифати хатмкунандагони мактабҳо бошад ҳалношуда боқи мемонад.

Афзоиши фарогирии ҷавонон бо таҳсилоти мактабӣ барои баландшавии дониш боис нагардида, шаҳодатномаҳои дар бораи таҳсилоти миёна гирифташуда, на ҳамеша кафолати омода будан барои гирифтани касб шуда метавонанд. Ин ба паст шудани самаранокии истифодаи захираҳо ва вақт дар зинаҳои нисбатан баланди таҳсилот оварда мерасонад ва ба сифати маҳсулоти «ниҳоӣ» - мутахассиси ба бозори меҳнат воридшаванда таъсир мерасонад.

Проблемаи консептуалии таҳсилоти касбӣ - суст рӯ овардан ба бозори меҳнат мебошад. Дар доираи Стратегияи миллии рушди кишвар дар давраи то соли 2015 аллакай номгӯи амалиёти ба таҷдиди сохторӣ ва баланд бардоштани иқтидор дар тамоми сатҳҳои системаи таҳсилот равонагардида муайян карда шудааст. Татбиқи ин амалиёт омода кардани мутахассисони нисбатан баландихтисосро имконпазир мегардонад, ки аллакай имрӯз ба назар гирифтани воқеияти ба бозори меҳнат вобастаро талаб мекунад.

Мувофиқи мақсад аст, ки:

- сифати таҳияи дурнамоҳои давлатӣ ва минтақавии талабот ба мутахассисон дарояндаи кӯтоҳмуддат, миёнамӯҳлат ва дарозмӯҳлат баланд бардошта шавад. Таҳияи услуби тартиб додани дурнамоҳои давлатӣ ва минтақавии талабот ба мутахассисон дарояндаи кӯтоҳмуддат, миёнамӯҳлат ва дарозмӯҳлат, бо дарназардошти талаботи бахши воқеии иқтисодиёт зарур мебошад;
- дар таҷрибаи таҳияи барномаҳои таълимию маърифатӣ, зарурияти ҷараёни муттасилӣ байни барномаҳои таҳсилоти умумӣ ва касбӣ ҷорӣ карда шавад;
- амалияи баргузории ярмаркаҳои ҷойҳои холии корӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таълимии миёнаи махсус ва олӣ, ҳамчун яке аз вариантҳои имконпазири мувофиқати калон ба талаботи корфармо васеъ истифода бурда шавад;
- ҳангоми таҳияи барномаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи махсус, бештар эҳтиёҷоти сокинони деҳот барои аз худ намудани касб (косибӣ, кор дар ферма, фаъолияти истеҳсолии ба коркарди ашёи хоми кишоварзӣ алоқаманд) ба назар гирифта шавад;
- амалияи тарбияи мутахассисон аз рӯи «квотаи президентӣ» бо дарназардошти эҳтиёҷоти иқтисодиёти минтақаи мушаххас вусъат дода шавад. Зимнан, таъмини шаффофияти ин ҷараён ва ташкили мониторинги доимии натиҷагирии чунин тарбияи мақсадноки мутахассисон муҳим аст.

## ДАСТРАСӢ БА ТАҲСИЛОТИ КАСБӢ

Таъмини дастрасии баробар ба системаи таҳсилоти касбӣ бинобар васеъ паҳн шудани таълими пулакӣ дар кишвар, бахусус дар зинаҳои нисбатан баланди таҳсилот, муҳим аст. Азбаски омили асосӣ ва доимо афзояндаи нобаробарӣ барои гирифтани таҳсилот тафовути даромади аҳолӣ ва вазъи моддии оилаи хонанда маҳсуб меёбад, ҳалли проблемаи дастрасии таҳсилоти олӣ танҳо тавассути ислоҳоти худи системаи таҳсилот имконнопазир аст.

Дастгирии гурӯҳҳои алоҳидаи аз ҷиҳати иҷтимоӣ нисбатан осебпазири хонандагон бояд дар асоси таҳияи стратегияи комплексии тағйироти институтсионалӣ гузаронида шавад.

Андешидани тадбирҳои зерин мувофиқи мақсад аст:

- инкишофи қарздиҳӣ барои таҳсилот;
- нигоҳдорӣ ва рушди минбаъдаи системаи имтиёзҳои давлатии дастрасӣ ба таҳсилот ва дастгирии молиявӣ гурӯҳи хонандагони аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазир дар вақти таҳсил;
- рушди фаъоли таълими касбӣ ва касбомӯзии ибтидоӣ.

## МУВОФИҚАТ БА ТАЛАБОТИ БОЗОР

Таҳсилоти касбӣ бояд ба талаботи бозор мувофиқ бошад. Зимнан, сифати тарбияи мутахассисони ҷавон, мувофиқати барномаҳои таълимӣ ба талаботи муосири истеҳсолот, инчунин эҳтиёҷот ба хатмкунандагони муассисаҳои таълимӣ аз рӯи ҳар як ихтисоси мушаххас дар бозори меҳнат муҳим мебошад.

Имрӯз системаи таҳсилоти касбии кишвар ба талаботи бозори меҳнат мувофиқати суст дорад, ки ба нобаробариҳои ҷиддии сифатӣ ва миқдорӣ байни тақозо ба меҳнати мутахассисони дипломдор ва арзаи онҳо оварда мерасонад.

Дар шароити муосир таъмин намудани хислати инноватсионии соҳаи маориф муҳим аст. Вазифаи афзалиятноки хислати инноватсионии рушди таҳсилот метавонад дастгири мактабҳои олие гардад, ки тадқиқотҳои бунёдӣ (фундаменталӣ) ва амалӣ гузаронда, технологияҳо ва барномаҳои таҳсилотиеро таҳия менамояд, ки ба ҳамгирои вазифаҳои лоиҳавӣ ва таҳқиқотӣ дар раванди таълим нигаронида шудаанд. Мактабҳои олӣ бояд на ин ки марказҳои тарбияи кадрҳои боихтисос, балки инчунин таҳрикдиҳандагони навовариҳое бошанд, ки ба соҳаҳо ва бахшҳои иқтисодиёти кишвар намерасанд.

Тасҳеҳоти механизмҳои молиявию иқтисодӣ дар соҳаи таҳсилот шарти муҳими амалан иҷро намудани чорабиниҳои ба баланд бардоштани сифати таҳсилот равонагардида маҳсуб меёбад.

Андешидани тадбирҳои зерин мувофиқи мақсад аст:

- таъсис ва дастгирии марказҳои илмӣ ва таълимию истеҳсолӣ дар назди мактабҳои олии пешқадами кишвар;
- баланд бардоштани ҷолибияти фаъолияти илмӣ барои олимони ҷавон тавассути зиёд намудани бурсия (грант)-ҳо барои фаъолияти таҳқиқотӣ, ташаккули барномаи махсуси дастгирии гурӯҳҳои таҳқиқотии ҷавонон ва лоиҳаҳои тадқиқотии аз ҷониби олимони ҷавон ва гурӯҳҳои эҷодӣ татбиқшаванда, ки олимони ҷавон сарварӣ мекунанд;
- рушд ва такмили системаи аспирантура ва докторантура;
- таҳия ва тасдиқи нишондиҳандаҳои самаранокии таҳсилоти касбӣ ва рейтинги муассисаҳои таълимӣ дар сатҳи давлатӣ;
- васеъ намудани амалияи эътироф (аккредитатсия)-и ҷамъиятии системаи таҳсилоти касбӣ;
- босуръат ҷорӣ намудани амалияи маблағгузории меъёрии сарикасӣ, ки барои таъмини шаффофияти тақсимоти маблағҳои буҷетӣ ва пайваст намудани ҳаҷми маблағгузорӣ бевосита ба истеъмолкунандаи хизматрасониҳои таҳсилоти имкон медиҳад;
- таҳияи Нақшаи миллӣ оид ба татбиқи Барномаи таҳсилот барои рушди устувор (ТРУ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.



# 6.3. СИЁСАТИ МУҲОҶИРАТ

## МУҲОҶИРАТИ ДОХИЛӢ

Дар шароити муосир муҳоҷират нишондиҳандаи беҳтарини фарқият дар рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои ҷумҳурӣ маҳсуб меёбад. Имрӯз муҳоҷират назаррас ва баръало мебошад, ки нобаробариҳоро дар бозори меҳнат тавсиф менамояд. Ҳаҷми асосии муҳоҷират ба шаҳри Душанбе ва марказҳои вилоятӣ нигаронида шудааст. Ин тамоюл, яқинан, шиддат мегирад, чунки нобаробарӣ дар инкишофи иқтисодӣ ва дар даромади аҳолӣ байни минтақаҳо дар сатҳи баланд боқӣ мемонад.

Таъсири муҳоҷират ба бозори меҳнат ва тарафҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мисли пештара дар сатҳи нокифоя омӯхта шудаанд. Бо вуҷуди ин, муҳоҷирати дохилӣ метавонад ба баланд гардидани самаранокии ҷойгиршавии маконии захираҳо ва ба эътидол омадани фарқиятҳои минтақавӣ дар даромад ва шуғл мусоидат намояд.

Таҳлил нишон дод, ки агар сиёсати баланд бардоштани даромад ва музди меҳнат дар деҳот амалӣ нагардад, таъсиси ҷойҳои иловагии корӣ дар шаҳр боз ҳам бештар муҳоҷиронро ҷалб менамояд, ки сатҳи бекориро дар шаҳрҳо баланд менамояд. Дар натиҷа проблемаҳо чи дар шаҳр (афзоиши шуғли ғайрирасмӣ), ва чи дар деҳот (нарасидани кадрҳо ва қувваи корӣ) шиддат мегиранд. Дар иртибот ба ин, амалӣ намудани сиёсати инкишофи ҳамаҷонибаи деҳот муҳим аст, ки дар доираи он заминаи иқтисодии минтақаҳои деҳот бояд васеъ ва мустаҳкам гардонида шаванд.

Дастгирии институтсионалии хоҷагиҳои деҳқонӣ басо муҳим буда, ба ҳавасмандгардонии тараққиёти истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва баланд бардоштани шуғл равона карда шудааст, ки он бояд осон дастрас шуданро ба захираҳои замин ва молиявӣ пешбини намояд. Зимнан афзоиши даромади на танҳо кормандони хоҷагиҳои деҳқонӣ, балки тамоми аҳолии деҳот тавассути рушди истеҳсолоти хурди коркардкунанда ва косибӣ муҳим аст. Системаи таҳсилот ва тарбияи мутахассисон бояд бо баҳисобгирии эҳтиёҷоти минтақаҳои деҳот муайян карда шавад. Бо мақсади ҳалли проблемаҳои муҷаҳҳазгардонии техникии истеҳсолот, тавсеаи таҷрибаи додани имтиёзҳои гумрукӣ ҳангоми воридоти таҷҳизот ва мусоидат барои таъсиси бозори хизматрасонии лизингӣ зарур мебошад.

Рушди иқтисодӣ хеле кам мутавозин сурат мегирад, аз ин рӯ, саъю кӯшиш барои мувозинатгардонии беасоси он метавонад ба пешрафт зиён оварад. Фарқиятҳои минтақавӣ дар даромад ва истеҳсолот ногузиранд. Таҷрибаи кишварҳои пешрафта нишон медиҳад, ки сиёсати нисбатан самарабахш сиёсати минтақавӣ маҳсуб меёбад, ки баробарсозии территориявии нишондиҳандаҳои базавии сатҳи рушди инсонро имконпазир мегардонад. Сиёсати ба афзоиши даромад дар минтақаҳои кишвар ва мутаносибан, ба баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ нигаронидашуда, бояд афзалияти минтақавии сиёсати шуғл гардад.

Дар ноҳияҳои аксаран кишоварзӣ сиёсати оқилона оид ба замин, инчунин чораҳои таъмини хизматрасонии базавии иҷтимоӣ барои тамоми аҳолӣ, метавонанд заминаи беҳтаршавии нишондиҳандаҳои рушди инсонӣ зимни таъсиси асосҳои институсионалии шаҳришавӣ гарданд. Агар дар асоси сиёсати минтақавӣ, ки зудамалии муҳоҷиратиро пешбинӣ менамояд, барномаи баробарсозии даромад ва музди меҳнат гузошта шавад, пас ба ҳисоб гирифтан зарур аст, ки пеш аз ҳама аз ҷониби хонаводаҳо истеъмоли молҳои ниёзи аввал баробар мешавад ва танҳо баъдан дастрас будан ба хизматрасониҳои базавии ҷамъиятӣ баробар мешавад.[87]

Тағйирот дар механизми пешниҳоди кӯмакҳои молиявӣ ба минтақаҳо (субвенсияҳо ба буҷетҳои маҳаллӣ аз буҷети ҷумҳуриявӣ) тавассути пайваст намудан бо нишондиҳандаҳои иҷтимоии рушди минтақаҳо метавонанд қонунан зимни қабули чунин қонунҳо, ба монанди «Қонун дар бораи дастгирии давлатии территорияҳои проблемавӣ» ва «Қонун дар бораи минтақаҳои баландкӯҳи ҷумҳурӣ» асоснок карда шаванд. Зимнан асоснок кардани меъёрҳо ва муносибатҳо нисбат ба гурӯҳбандии минтақаҳои кишвар на танҳо дар сатҳҳои байниминтақавӣ, балки дар сатҳи дохилиминтақавӣ (ноҳиявӣ) низ муҳим мебошад.

Муҳоҷирати даргузар, чун яке аз шаклҳои зоҳиршавии муҳоҷирати меҳнатии дохилӣ, метавонад нобаробариҳоро дар бозорҳои маҳаллии меҳнат сабук гардонад. Тадбирҳо оид ба дастгирии муҳоҷирати даргузар, ҳамчун роҳи ҳалли проблемаи бекорӣ, нисбатан дар минтақаҳое самараноктар мебошад, ки дар онҳо зудамалии аҳолӣ одатан паст ё ки сатҳи камбизоатӣ баланд мебошад. Дар байни чунин тадбирҳо нисбатан самараноктар тадбирҳое

мебошанд, ки онҳо ба паст намудани хароҷотҳои молиявӣ ва муваққатии дохилиминтақавии нақлиётӣ, тавассути рушди инфрасохтори минтақавӣ ва бозори хизматрасониҳои нақлиётӣ равона гардидаанд.

## МУҲОҶИРАТИ ХОРИҶӢ

***Тасмимҳои пешбинигардида***

Муҳоҷират аз Тоҷикистон ин на танҳо садҳо ҳазор одамони берун аз қаламрави Ватан коркардаистода, балки миқдори зиёди проблемаҳои калон ва хурди иҷтимоиро низ фаро мегирад. Ҳар кадоме аз онҳо хусусияти мушаххас дошта, мутаносибан, чораҳои мушаххасро барои ҳалли худ тақозо менамоянд.

Масъалаҳои муҳоҷирати хориҷӣ имрӯз чунон хусусияти шадид пайдо мекунанд, ки баргузорнамоии саммити сарони давлатҳои кишварҳои аъзои САҲА-ро оид ба проблемаҳои муҳоҷират ногузир мегардонад. Имрӯз Тоҷикистон ба таҳияи сиёсати нави давлатӣ нисбати муҳоҷирони меҳнатӣ эҳтиёҷ дорад.

Ҳалли проблемаҳои солҳо замшуда дар ҷараёни вусъатёбии муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ ҳамохангсозии саъю кӯшишҳои созмонҳои ҳукуматӣ, байналмилалӣ ва ғайриҳукуматиро ҷиҳати ба ин ҷараён додани хислати мутамаддин дар тамоми қаламрави собиқ ИҶШС талаб менамояд. Барои Тоҷикистон баланд бардоштани мақоми муҳоҷирони меҳнатии тоҷик дар хориҷа масъалаи муҳим маҳсуб меёбад.

Омӯзиш ва тавсеаи васеъро дар Тоҷикистон, бахусус дар шароити ташаккули модели миллии идоракунии муҳоҷирати хориҷӣ, таҷрибаи байналмилалии идоракунии ҷараёнҳои муҳоҷират тақозо менамояд. Бахусус, кишвар аллакай таҷрибаи кофии ҷиддӣ ва аз ҷониби ҷомеаи байналмилалӣ эътирофшудаи амалигардонии созишномаҳои сатҳҳои гуногун, аз ҷумла, модели миллии комёбгардии созишномаи сулҳ дар давраи муқовимати шаҳрвандиро дорад.

Иқдоми нахустин дар ин самт метавонад таъсиси гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи назарияи илмии (доктринаи) сиёсати муҳоҷират дар Тоҷикистон ва таҳияи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муҳоҷират бошад. Барои андешидани чораҳои пешгирикунанда дар соҳаи муҳоҷирати хориҷӣ таҳияи маърӯзаҳо (гузоришҳо)-и ҳарсолаи миллии таҳлилӣ «Дар бораи ҳолати муҳоҷирати меҳнатӣ» барои Президенти кишварҳое, ки ба ҷараёни муҳоҷирати меҳнатӣ ҷалб гардидаанд, вазифаи муҳим ба шумор меравад.

Тадқиқотҳо ва пурсишҳои сершумори муҳоҷирони меҳнатӣ собит месозанд, ки бештари проблемаҳои муҳоҷирон ба шарте аз байн бурда мешаванд, ки агар ҳукуматҳои кишварҳо на танҳо созишномаҳои намунавӣ, балки созишномаҳои ҳамаҷонибаи байнидавлатиро дар соҳаи мазкур ба имзо расонанд. Ҳифзи ҳуқуқҳои инсонии муҳоҷирони меҳнатӣ муҳимтарин ҷанбаи раванди муҳоҷирати хориҷӣ гардида истодааст. Ҳалли ин масъала, моҳиятан, ин ҳалли масъала дар бораи шуғли муносиби шумораи зиёди муҳоҷирон мебошад. Қонунигардонӣ мисли пештара, ҳамчун проблемаи муҳоҷирон боқӣ мемонад ва ҳалли он барои бартараф кардани проблемаҳои дигари ин соҳа мусоидат менамояд.

Ҷои муҳимро дар танзими ҷараёнҳои муҳоҷират системаи тарбияи ибтидоии касбии кадрҳо ишғол менамояд. Имрӯз дар Тоҷикистон омодасозии политехникиро дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ барқарор кардан лозим аст, ки дар онҳо гирифтани малака ва ихтисоси муайян унсури ҳатмии раванди таълим ба шумор меравад. Системаи таҳсилоти миёнаи касбӣ дар кишвар, хусусан дар самти таъмини шуғли касбомӯзӣ, аз ҷумла таъмини аҳолии муҳоҷираткунанда ба ислоҳот ниёз дорад.

Дастгирии давлатии муҳоҷирони меҳнатӣ метавонад фақат дар ҳолати баланд бардоштани ҳавасмандгардонии иқтисодии муҳоҷирон дар интиқоли расмии маблағҳои пулӣ ба кишвари асл, самарабахш бошад. Тадбирҳои кӯтоҳмуддат дар ин самт метавонанд имтиёзҳо барои муҳоҷирони меҳнатие бошанд, ки даромади худро ба кишвар тавассути роҳҳои расмии бонкӣ интиқол медиҳанд. Ба чунин тадбирҳо чораҳои зерин мансуб дониста шаванд:

- бепул иваз кардани шиносномаҳои хориҷӣ бо дарназардошти мӯҳлатнокӣ;
- бидуни боҷ ворид кардани амволи шахсӣ ба маблағи то 1000 доллари ИМА;
- ҷудо намудани квотаҳо барои фарзандони муҳоҷирони меҳнатӣ, ки ба муассисҳои таълимии кишвар дохил мешаванд;
- фароҳам овардани шароити имтиёзнок барои дастрасӣ ба захираҳои замин ва ташкили хоҷагиҳои ёрирасон;
- ташкили таъминоти нафақаи мувофиқ.

## ПАНҶ НУҚТАИ НАЗАРИ СИЁСӢ

Дар шароити муосир таъминоти шумораи зиёди одамон тавассути инкишофи ҷараёнҳои муҳоҷират бо шуғл, хусусияти сиёсӣ ва байналмилалӣ касб менамояд. Давраи «ғайритабии» муҳоҷирати хориҷии меҳнатӣ аз Тоҷикистон аз байн рафта истодааст ва имрӯз иштироки ҷомеаи шаҳрвандии кишварҳои қабулкунанда ва интиқолкунанда дар танзими ин ҷараён зарур аст. Ин алалхусус муҳим аст, чунки масъалаҳои шуғл дар бозорҳои меҳнати хориҷӣ ҳар қадар бештар тобиши сиёсӣ касб мекунад.

***Идоракунии демократии ҷараёни муҳоҷират***

Арзишҳои умумии демократӣ, ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ, волоияти қонун, ошкорбаёнӣ, таҳаммулпазирӣ, набудани табъиз ва эҳтироми якдигар бояд принсипҳои асосӣ дар сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар нисбати муҳоҷирони меҳнатӣ гарданд. Таъмини муносибати одилона ва муносиб бо муҳоҷирони меҳнатӣ, воқеан маънои эътирофи муҳоҷирати меҳнатии хориҷиро ҳамчун унсури таркибии стратегияи шуғл дар кишвар дорад.

***Ҳуқуқҳои муҳоҷир***

Идеологияи иқтисодии бозор - имконияти худтаъминкунии ҳар як инсони қобили меҳнат мебошад. Дар шароити давраи гузариш афзоиши фаъолнокии муҳоҷирати аҳолӣ аҳамияти махсус дошта, ба шакли зоҳиршавии масъулияти ҳар як шахси қобили меҳнат барои худтаъминкунӣ ва зиндагӣ табдил меёбад. Ин, ҳамзамон ба зарурати аз байн бурдани қолибҳои мавҷудаи дастнигарӣ дар бораи давлат ҳамчун кафили ягонаи таъминоти шуғл вобаста аст. Аз ин рӯ, дар марҳилаи муосир таъмини ҳифзи ҳуқуқи муҳоҷири меҳнатӣ барои озодии интихоби фаъолияти меҳнатӣ метавонад вазъро куллан дар соҳаи шуғл ва бозори миллии меҳнат дигаргун созад.

***Баробарии имкониятҳо***

Баробарҳуқуқӣ бояд ба чораҳои қатъӣ дар соҳаи сиёсати иҷтимоӣ ҷиҳати таъмини имконияти дар амалия пайдо кардани имкони ҳифзи ҳуқуқҳои худ барои ҳар як муҳоҷири меҳнатӣ мусоидат намояд. Хартияи иҷтимоӣ ва Конвенсияи Аврупоӣ оид ба мақоми ҳуқуқии коргарони муҳоҷир таъкид менамояд, ки давлатҳои иштирокунандаи ҷараёни муҳоҷират барои қабули чораҳое иқдом намоянд, ки тибқи онҳо коргарони муҳоҷир ва оилаҳои онҳо, ки дар қаламрави ин давлатҳо истиқомат мекунанд, дар соҳаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ назар ба шаҳрвандони ин кишварҳо набояд ҳуқуқҳои номусоидтар дошта бошанд.

***Муколамаи тамаддунҳо***

Ташкили фазо барои муколама хеле муҳим аст, ки барои ҳама озод бошад. Муколамаи тамаддунҳо метавонад ба таҳаммулпазирӣ, якдигарфаҳмӣ ва эҳтироми мутақобилаи миллатҳо мусоидат намояд. Баъзе ифодаҳои таҳқиромез нисбати муҳоҷирони меҳнатии тоҷик дар саҳифаҳои нашрияҳои оммавии баъзе кишварҳо то андозае хусусияти нодурусти таҳқиромез ва бадномкунӣ доранд, ки ба худи фарҳанги таҳаммулгароӣ таҳдид менамоянд. Барангехтани бадбинӣ, ки ба тоқатнопазирӣ асос ёфтааст, ба эҳтироми ҳуқуқҳо ва озодиҳои асосие, ки Конвенсияи байналмилалӣ ва амалияи судӣ кафолат додаанд, мувофиқ нестанд.

***Дастгирии давлатии муҳоҷират ва ташкили афкори умумии мусоид***

Мақомоти давлатӣ, фондҳои байналмилалӣ ва ҷамъиятӣ, ҷамоаҳои динӣ ва воситаҳои ахбори омма дар соҳаи аз байн бурдани қолибҳои мавҷуда нисбати муҳоҷирони меҳнатӣ метавонанд ҳамчун навоварон бошанд. Дар марҳилаи ҷаҳонишавӣ қатъ кардани муҳоҷират ғайриимкон буда, фазои боварии ҷамъиятиро нисбати муҳоҷирони меҳнатӣ, чи дар бозори миллии меҳнат ва чи дар бозори меҳнати хориҷӣ фароҳам овардан зарур аст.

# 6.4. СЕНАРИЯҲОИ ЭҲТИМОЛИИ РУШДИ ИҚТИДОРИ ИНСОНӢ

Бӯҳрони молиявӣ ва иқтисодии ҷаҳонӣ тағйироти калони сохториро ба тамоюлҳои дар бозори меҳнати Тоҷикистон тайи даҳсолаи охир ба вуқӯъ пайваста, ворид месозад. Чи тавр онҳо ба рушди иқтидори инсон ва имконияти шуғли муносиб дар кишвар таъсир мерасонанд?

## СЕНАРИЯИ 1 (ПЕССИМИСТӢ) – ПАСТ КАРДАНИ САТҲИ ШРИИ

Дар шароити суръати мавҷудаи афзоиши аҳолӣ ва сатҳи пасти фарогирӣ бо таҳсилоти касбӣ ҳиссаи кадрҳои баландихтисос кам мегардад. Чунин камшавӣ аз ҳисоби ба таври табиӣ аз рӯи синну сол ба нафақа рафтани қувваи корӣ, аз кишвар рафтани кадрҳои боихтисос (муҳоҷирати меҳнатӣ) ва бинобар сабаби суръати нисбатан баланди афзоиши аҳолии қобили меҳнат нисбат ба суръати афзоиши омодагии касбӣ ва шуғл ба вуқӯъ омада метавонад. Ҳамзамон, сарфи назар аз сатҳи баланди бекорӣ, воридшавии коргарони боихтисоси хориҷӣ сурат мегирад, ки омили иловагии афзоиши бекорӣ маҳсуб меёбад. Мутаносибан, пеш аз ҳама аз кишвар ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтани мардони синни фертилӣ (қобилияти ба вуҷуд овардани насл) зиёд мегардад, ки нобаробарии демографиро пурзӯр менамояд.

Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки оилаҳои муҳоҷирон дар маҷмуъ нисбатан осебпазир буда, ба рӯзгузаронӣ назар ба рушди сармояи инсонӣ бештар таваҷҷӯҳ менамоянд. Инчунин дар оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ кӯдакон бештар ба шуғли даромадоваранда ҷалб карда шудаанд. Аз тарафи дигар, қариб аз се як ҳиссаи мардон, ки барои пайдо намудани музд муҳоҷират кардаанд, минбаъд ба хона барнагашта оилаҳои худро бештар бе ягон дастгирӣ мегузоранд. Ҳамин тавр, шумораи оилаҳои осебпазир меафзоянд, ки зери хавфи ба қатори  камбизоатон ворид шудан ва ё раҳоӣ наёфтан аз он қарор доранд.

Ҳангоми чунин сурат гирифтани кор, зарурат дар зиёднамоии қисми хароҷоти буҷети кишвар барои дастгирии шумораи афзудаистодаи қишри аҳолии аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазир, ба миён меояд. Дар ин ҳолат, дастгирии иҷтимоии ин оилаҳо аз ҷониби давлат фақат барои рӯзгузаронӣ, на ин ки барои рушди иқтидори инсонӣ равона карда мешавад.

Ҳамин тариқ, сатҳи тахассус ва мутаносибан рақобатпазирии қувваи корӣ чи дар бозори дохилӣ ва чи дар бозори хориҷӣ паст мегардад. Дар натиҷа, аллакай дар соли 2012, вақте натиҷаҳои барӯйхатгирии соли 2010 пешниҳод мегарданд, ШРИИ аз ҳисоби нишондиҳандаи сатҳи таҳсилот (паст гардидани нишондиҳандаҳои сатҳи саводнокии аҳолии калонсол ва фарогирӣ бо таҳсилоти касбӣ) паст мегардад. Сатҳи таҳсилоти занон назар ба мардон бо суръати баланд паст гардида, дар муқоиса бо ҳамин нишондиҳандаи мардон, яъне ҷаримаи гендерӣ бо фарқияти нишондиҳандаҳои ШРОГ ва ШРИИ меафзояд.

Паст гардидани сатҳи таҳсилот дар маҷмӯъ ба ҳосилнокии умумии меҳнат ва дигар нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ таъсири манфӣ мерасонад. Дар ин ҳолат, афзоиши даромад ва музди меҳнати ҳадди ақал бешак ба раванди таваррум мусоидат менамояд.

Пурзӯршавии нобаробарии гендерӣ дар нишондиҳандаҳои таҳсилот, инчунин дар шиддатёбии сегрегатсияи гендерӣ дар бозори меҳнат таъсир мерасонад, ки хавфи дар сатҳи камбизоатӣ қарор гирифтани шумораи бештари занон ва фарзандони онҳоро зиёд мегардонад.

## СЕНАРИЯИ 2 (ОПТИМИСТӢ) – АФЗОИШИ ШРИИ

Чунин тарз сафарбарии захираҳои давлатиро барои васеъгардонии фарогирии аҳолӣ бо таҳсилоти касбӣ ва либерализатсияи соҳибкории инфиродӣ, хурд ва миёна пешбинӣ менамояд. Он имкон медиҳад, ки рақобатпазирии аҳолӣ нисбат ба қувваи кории хориҷӣ зиёд гардида, бозори ғайрирасмӣ то андозае қонунӣ гардонида шуда, афзоиши худиштиғоли таъмин ва инчунин тақозо ба қувваи корӣ аз ҳисоби таъсиси корхонаҳои хурд ва миёна зиёд карда шавад. Аммо, барзиёдии қувваи корӣ боқӣ хоҳад монд.

Дар ин маврид, муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ ҳамчун зарурат боқӣ мемонад. Лекин сифати нисбатан баланди қувваи корӣ барои ба даст овардани кори нисбатан муносиб ва музди баланд дар хориҷа имкон медиҳад. Рақобат дар бозори дохилии меҳнат, бозори қарздиҳӣ, бозори таҳсилот ва ҳоказо баланд мегардад.

Ин тарз мавҷудияти ҷидду ҷаҳди муайянро барои пешравии баробарии гендерӣ пешбинӣ менамояд, зеро ки бе фароҳам овардани шароити махсус барои занон, онҳо бо мардон рақобат карда наметавонанд ва нақши онҳо дар ҷамъият ва оила бо вазифаҳои репродуктивӣ, яъне кор дар хонавода ва нигоҳубини аъзои оила маҳдуд мегарданд, ки ба онҳо гирифтани даромад, кӯмакпулиҳои иҷтимоӣ ва дар пиронсолӣ бошад нафақаро имкон намедиҳад.

Нишондиҳандаи ШРИИ аз ҳисоби болоравии сатҳи таҳсилот ва баландшавии шуғл ва даромад афзоиш меёбад. Аммо ҷаримаи гендерӣ меафзояд, ки ҳамчун фарқияти байни ШРИИ ва ШРОГ ҳисоб карда мешавад, чунки занон дар бозори меҳнат ҳамчун шахсони нисбатан рақобатнопазир боқӣ мемонанд. Дар ин ҳолат, хароҷоти давлат ногузир барои ҷубронпулиҳо, пардохтҳо, кӯмакпулиҳо ва ғайра меафзояд.

## СЕНАРИЯИ 3 - КАМ КАРДАНИ АНДОЗАИ ҶАРИМАИ ГЕНДЕРӢ

Ин тарз, дар баробари васеъшавии дастрасӣ ба таҳсилоти касбӣ ва либерализатсияи соҳибкории инфиродӣ, хурд ва миёна ва устувор боқи мондани муҳоҷирати хориҷӣ, мавҷудияти таваҷҷӯҳи махсусро ба масъалаҳои гендерӣ пешбинӣ мекунад.

Ба масъалаҳои махсуси гендерӣ маҷмӯи чорабиниҳое марбут мебошад, ки барои ба таври чандири мутобиқ намудани фаъолнокии иқтисодӣ бо вазифаҳои репродуктивӣ имкон медиҳад. Дар ин ҳолат, таҳияи чорабиниҳо оид ба таъсиси боғчаҳои кӯдакон ва кӯдакистонҳои хусусӣ ва ҷамъиятӣ бе андозбандӣ бо қисман дастгирӣ намудани мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар минтақаҳои кишвар зарур аст. Эҳтимолияти ба боғчаҳои кӯдакон ва кӯдакистонҳо супоридани кӯдакон, ба занон имкон медиҳад, ки на танҳо ба фаъолияти даромадоваранда машғул шаванд, балки он пешгири барои аз мактаб гирифтани духтарони синни калони мактаби мебошад.

Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки духтарон-хатмкунандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ хоҳиши баланд барои соҳиб шудан ба ин ё он малакаҳои касбӣ (саводи компютерӣ, пухтупаз, дӯзандагӣ, гулдӯзӣ, бофандагӣ ва ғ.) доранд, аммо имконияти барои ба шаҳр рафта таҳсил кардан надоранд. Мавҷудияти чунин хоҳиш тасодуфӣ нест. Занони деҳот агар таҳсилоти касбӣ надошта бошанд, баъд аз хатми мактаби миёна асосан ба меҳнати вазнини кишоварзӣ бо даромади ночиз машғул мешаванд. Бинобар ин ҳатто таҳсилоти ибтидоии касбӣ метавонад натиҷаҳои назаррас диҳад, зеро занон ба фаъолияти нисбатан даромаднок метавонанд дар шароити нисбатан бароҳат машғул мешаванд.

Ҷалби занон ба фаъолияти иқтисодӣ имконияти кам кардани хавфҳоро дар хонаводаҳо медиҳад, ки онҳо ба муваққатан аз даст додани даромад аз ҷониби яке аз волидайн вобаста мебошанд. Дар чунин оилаҳо маблағгузорӣ ба сармояи инсонӣ – саломатӣ ва таҳсилоти кӯдакон меафзояд. Фаъолияти даромадоваранда ба занон кафолати пардохтҳо ва кӯмакпулиҳои иҷтимоии гуногунро медиҳад, ки аз онҳо занони бекор маҳруманд.

Сармоягузории давлат ҷиҳати фароҳам овардани шароит барои ҷалби занон ба фаъолияти иқтисодӣ, имкон медиҳад, ки сол аз сол хароҷот барои дастгирии хонаводаҳои камбизоат кам карда шавад, чунки дар оилаҳое, ки дар онҳо занон бо меҳнати боихтисос ва баландихтисос музд мегиранд, стратегияҳо на ин ки фақат барои рӯзгузаронӣ, балки бештар ба рушди иқтидори инсонӣ равона гардидаанд.

Зимни рушди ҳассоси гендерии сенария нишондиҳандаи ШРИИ назар ба сенарияҳои аз ҷиҳати гендерӣ ғайриҳассос бо суръати нисбатан баланд афзоиш меёбанд, чунки нишондиҳандаҳои сатҳи таҳсилот ва даромади занон нисбат ба мардон мутаносибан ва инчунин эҳтимолан бо суръати баландтар афзоиш меёбад. Ҷаримаи гендерӣ байни нишондиҳандаҳои ШРИИ ва ШРОГ кам карда мешавад.

# 6.5. ШУҒЛИ «САБЗ» - ДАРКНАМОӢ ВА ИМКОНИЯТИ НОИЛШАВӢ

Дар солҳои охир ҷомеаи ҷаҳонӣ барои ташкил ва рушди ҷойҳои кории ба ном «сабз», яъне барои ҷойҳои корие таваҷҷӯҳи калон медиҳад, ки шуғл дар онҳо ба муҳити зист таъсири мусбат мерасонад,. Баъзе муҳаққиқон чунин меҳисобанд, ки маҳз «иқтисодиёти сабз» қувваи пешбарандаи инкишофи иқтисодии асри XXI мегардад.

Ташаббуси иқтисодиёти сабз се асоси зеринро дар бар мегардад:

- арзёбӣ ва дар мадди аввал гузоштани аҳамияти захираҳои табиӣ;
- таъмини шуғли аҳолӣ аз ҳисоби таъсиси ҷойҳои кории сабз ва таҳияи сиёсати дахлдор;
- истифодаи механизмҳои дахлдор ва аломатҳои вазъи (конъюнктураи) бозор, ки қобилияти тезонидани гузаришро ба «иқтисодиёти сабз» доранд.

Ин стратегия ба натиҷаҳои тадқиқоти ЭЭБ, СБМ, Конфедератсияи байналмилалии иттифоқҳои касаба ва Созмони байналмилалии корфармоён асос ёфта, ба Ташаббуси ЮНЕП оид ба таъсиси ҷойҳои кори сабз алоқаманд аст.

«Дар таърих лаҳзаҳое мавҷуданд, вақте ки фурсати андеша (идея) пайдо мешавад – маҳз ин ҳамон ҳолатест, ки бо Ташаббуси Иқтисодии Сабз. ба вуқӯъ мепайвандад. Нуқтаҳои назар ва тадбирҳои инноватсионӣ дар ҳолати кунунии хеле мураккаб зарур мебошанд, вақте ки ба бӯҳрони бунёдии экологӣ бӯҳрони байналмилалии идоранашавандаи молиявӣ ҳамроҳ шуд. Ман амали ЮНЕП-ро барои таваҷҷӯҳи зуд ва саривақтӣ маъқул мешуморам - бахусус барои он ки ЮНЕП якҷоя бо Созмони байналмилалии меҳнат (СБМ) иқтидори азими истифоданашударо дар соҳаи идоракунии устувори сармояи табиӣ ва сарвати табиӣ намоиш доданд».

***Эрик Солхейм,***
***Вазири ҳифзи муҳити зисти Норвегия***

Дар гузориши «Ҷойҳои кории «сабз»: барои меҳнати сазовор дар ҷаҳони устувор бо сатҳи пасти партовҳо», ки ба таъсири иқтисодиёти нав ва вуҷуд омадаистодаи «сабз» ба соҳаи меҳнат бахшида шудааст, қайд карда мешавад, ки дар даҳсолаҳои оянда саъю кӯшишҳо ҷиҳати муқовимат ба тағйири иқлим метавонанд ба таъсиси миллионҳо ҷойҳои нави кории «сабз» оварда расонанд.[88] Тадбирҳо оид ба пешгирии тағйирёбии иқлим ба таъсиси чунин сохтори шуғл ва фазои сармоягузорӣ оварда мерасонанд, ки зимни он дар аксари бахшҳо, инчунин дар бахши иқтисодиёти бисёре аз кишварҳо аллакай имрӯз ҷойҳои кори нав таъсис дода шуда, дар оянда боз таъсиси миллионҳо ҷойҳои нави корӣ чи дар кишварҳои мутараққӣ ва чи дар кишварҳои рӯ ба инкишоф дар назар аст.

Тағйирёбии иқлим аллакай имрӯз рух дода истодааст, ва ин ҷараён таъсири манфии худро ба кормандон ва оилаҳои онҳо идома медиҳад, бахусус агар даромадҳои онҳо ба соҳаи кишоварзӣ ва туризм алоқаманд бошад. Маҳз барои ҳамин, аллакай имрӯз андешидани чораҳои таъсирбахш оид ба мубориза бо тағйирёбии иқлим ва оқибатҳои он, бо такя ба таъсиси ҷойҳои кори сазовор, зарур аст.

Ҷойҳои кории «сабз» барои паст кардани таъсири манфии фаъолияти корхонаҳо ва соҳаҳо ба муҳити зист ва ниҳоят ҷиҳати ноилшавӣ барои паст намудани ин таъсир то сатҳи мақбул нигаронида шудаанд. Ҷойҳои кории «сабз», ки барои нигоҳдорӣ ва барқарорсозии сифати муҳити зист мусоидат мекунанд, пеш аз ҳама, метавонанд дар чунин соҳаҳо, ба монанди кишоварзӣ, саноат, хизматрасонӣ ва идоракунӣ таъсис дода шаванд. Ин ҷойҳои корӣ бояд «меҳнати сазовор» таъмин созанд, ки онҳо ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ, ҳамзамон бо ҳифзи муҳити зист мусоидат менамояд.

Аз рӯи пешгӯиҳо, бозори глобалии молҳо ва хизматрасониҳои экологӣ то соли 2020 аз сатҳи ҳозираи 1,37 млрд. доллари ИМА то 2,74 млрд. ИМА дар як сол меафзоянд. Нисфи ин бозорро хизматрасониҳо ва молҳо дар соҳаи самаранокии энергетикӣ ва устувории нақлиёт, обтаъминкунӣ, корезҳо ва коркарди партовҳо ташкил менамоянд. Чунончи, аз рӯи пешгӯиҳо дар соли 2030 соҳаи технологияҳои экологӣ дар Олмон ба андозаи чор маротиба афзоиш ёфта, то 16 фоизи ҳаҷми умумии истеҳсоли саноатии кишварро ташкил хоҳад дод, зимнан шуғл дар бахши мазкур назар ба соҳаи мошинсозии калон ва саноати автомобилсозӣ бештар мегардад.

Дар ИМА технологияҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза аз рӯи ҳаҷми сармоягузории венчурӣ ҷойи сеюмро (баъд аз технологияҳои иттилоотӣ ва нанотехнологияҳо) ишғол менамоянд. Дар Хитой чунин сармоягузории венчурӣ дар солҳои охир беш аз ду маротиба афзоиш ёфта, 19 фоизи ҳаҷми умумии сармоягузориро ташкил дод.

Дар солҳои охир танҳо дар соҳаи манбаъҳои барқароркунандаи энергия 2,3 миллион ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шуда, иқтидори афзоиш дар ин бахш хеле калон аст. Дар соли 2030 шуғл дар соҳаи манбаъҳои алтернативии энергия метавонад то 2,1 миллион нафар дар соҳаи истифодаи энергияи шамол ва то 6,3  миллион нафар дар соҳаи истифодаи энергияи офтоб афзояд.

Манбаъҳои барқароркунандаи энергия нисбат ба маъданҳои навъи сӯзишворӣ шумораи зиёди ҷойҳои кориро таъмин месозанд. Дар соли 2030 дар назар дошта шудааст, ки сармоягузори дар манбаъҳои барқароркунандаи энергия 630 миллиард доллари ИМА-ро ташкил дода, таъсиси на камтар аз 20 миллион ҷойҳои кории иловагиро таъмин менамоянд.

Дар бахши кишоварзӣ дар соҳаи истеҳсоли энергия аз биомасса, инчунин дар соҳаҳои омехта то 12 миллион ҷойҳои корӣ таъсис додан мумкин аст. Дар чунин кишвар, ба мисли Венесуэла, илова намудани10% спирти этилӣ ба сӯзишворӣ (ethanol blend of 10 per cent in fuels) дар соли 2012  метавонад як миллион ҷойҳои кориро дар истеҳсоли найшакар таъмин созад.

Дар тамоми ҷаҳон гузариш ба сохтмони иншооти аз ҷиҳати энергитики самарабахш имкон медиҳад, ки миллионҳо ҷойи корӣ таъсис дода шуда, инчунин 111 миллион ҷойҳои кории аллакай мавҷуда дар бахши сохтмон «нисбатан сабз» гардонида шаванд.

Сармоягузори барои сохтмони иншооти аз ҷиҳати энергетики самарабахш танҳо дар Аврупо ва ИМА метавонанд таъсиси 2-3,5 миллион ҷойҳои кории «сабз»-ро таъмин намоянд, дар кишварҳои рӯ ба инкишоф бошад ин иқтидор боз ҳам зиёдтар мебошад. Имрӯз соҳаҳои коркарди такрорӣ (ресиклинг) ва коркарди партовҳо 10 миллион ҷойҳои кориро дар Хитой ва Бразилия таъмин менамоянд. Дар шароити баландшавии нарх барои молҳо, ин бахш, чи тавре ки дар назар аст, дар аксарияти кишварҳо босуръат рушд меёбад.

Бозорҳои «сабз» нисбатан босуръат инкишоф ёфта истода ва бо роҳи ислоҳот дар он кишварҳое таҷдид мешаванд, ки дар он ҷо дастгирии сиёсии муқтадир ва доимӣ дар сатҳи хеле баланди сиёсӣ вуҷуд дорад, ҳадафҳо аниқ муайян карда шуда, системаи муҷозот ва имтиёзҳо амал менамояд, қонунҳо ва стандартҳои дахлдори самаранокӣ барои биноҳо ва иншооте, ки дар онҳо тадқиқотҳои самаранок гузаронида мешаванд, таҳия карда шудаанд.

**ЗАМИМАИ МАТНИ 21**
**ҶОЙҲОИ КОРИИ «САБЗ»**

Танҳо дар ИМА дар соли 2005 дар соҳаи экология, тибқи арзёбӣ, зиёда аз 5,3 миллион ҷойҳои корӣ – 10 маротиба зиёдтар нисбат ба саноати дорусозии кишвар таъсис дода шуд.

Мутобиқи барномаҳои истифодаи манбаъҳои барқароркунандаи энергия дар як қатор кишварҳои Аврупо, ба монанди Испания, ҳамагӣ даҳ сол, вале дар чаҳорчӯбаи онҳо аллакай садҳо ҳазор ҷойҳои корӣ таъсис дода шудаанд.

Дар шаҳри Деҳлии Ҳиндустон дар хатсайрҳо автобусҳои нав ба роҳ монда мешаванд, ки бо гази табии фишурда кор мекунанд, ки он ба муҳити зист зарар нарасонда, барои иловатан таъсис додани 18000 ҷойҳои нави корӣ мусоидат мекунад.

Бразилия барномаи истифодаи спирти этилиро, ки дар чаҳорчӯбаи он ним миллион ҷойҳои корӣ таъсис дода шуда буд ва барномаи истифодаи сӯзишвории биодизелии махсус барои садҳо ҳазор фермерҳо-соҳибмулкони хурдро амалӣ менамояд.

Дар соли 2020 Олмон дар соҳаи технологияҳои экологӣ назар ба тамоми саноати мошинсозиаш  бештар ҷойҳои корӣ таъсис медиҳад.

Дар Аврупо афзоиши 20-фоизаи самаранокии энергия барои таъсиси қариб як миллион ҷойҳои корӣ мусоидат менамояд. Ҳамин гуна ҳолат дар кишварҳои дорои иқтисодиёти давраи гузариш ва кишварҳои рӯ ба инкишоф сурат мегирад. Хитой дар соҳаи истифодаи энергияи офтоб барои гармидиҳӣ дар ҷаҳон пешсаф аст. Зимни даромади умумӣ аз фурӯш ба андозаи 2,5 миллиард доллари ИМА беш аз 1000 истеҳсолкунандаи хитоӣ дар соли 2005 зиёда аз 150 000 нафарро ба кор қабул кардаанд. Дурнамои иқтидорҳои лоиҳавӣ нишон медиҳад, ки шуғл дар ин соҳа метавонад ба таври ҷиддӣ афзояд.

Ташаббуси ҷойҳои кории «сабз» (The Green Jobs Initiative) – шарикие мебошад, ки соли 2007 аз ҷониби ЮНЕП, СБМ ва МКП таъсис дода шудааст. Соли 2008 ба ин шарикӣ СБК (Созмони байналмилалии корфармоён) ҳамроҳ гардид. Ҳадафи ин ташаббус вусъат додани имкониятҳои нисбатан васеъ, баробарӣ ва шароити боадолат дар давраи ислоҳот, ҷалби ҳукумат, корфармоён ва кормандон ба муколама оид ба масъалаҳои таҳияи сиёсати самарабахш ва барномаҳо оид ба ташкили иқтисодиёти «сабз», ҷойҳои кории «сабз» ва меҳнати сазовор барои ҳама маҳсуб меёбад.

Мутаассифона, Тоҷикистон  ҳанӯз ба рӯйхати кишварҳои дорои иқтисодиёти «сабз» шомил нест. Ин соҳа дар кишвар чандон зиёд муаррифӣ нагардидааст. Дар роҳи инноватсияҳои «сабз» монеаҳо дар шакли иттилоотонии нокифояи аҳолӣ, норасоиҳо дар қонунгузорӣ вобаста ба ҷорӣ намудани ин технологияҳо, мавҷуд набудани механизмҳои ҳавасмандгардонии соҳибкорӣ ва маблағгузории нокифоя садди роҳ мешаванд. Беҳтар намудани вазъ ва тезонидани ин ҷараён зарур аст, то ки дар баробари саҳмгузорӣ дар мубориза бо проблемаи тағйирёбии иқлим, шароити сазовори шуғл фароҳам оварда шавад.

Дар барномаҳои стратегии худ Тоҷикистон, ки ба масъалаҳои амнияти экологӣ таваҷҷӯҳ зоҳир менамояд, аз имкониятҳои васеъ барои ташкили ҷойҳои кории «сабз» бархурдор аст. Ин ҳамчунин дар доираи татбиқи лоиҳаҳои МРТ (Механизмҳои рушди тоза)[89] дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ имконпазир аст, чунки дар соли 2008 Тоҷикистон Протоколи Киоторо ба тасвиб расонида буд. Самтҳои нисбатан ояндадор инҳоянд – энергетика, кишоварзӣ,[90] барқарорсозии ҷангалзорҳо ва экотуризм. Татбиқи онҳо имконияти барои ба иқтисодиёти миллӣ ҷалб намудани захираҳои иловагии байналмилалии сармоягузорӣ ва ҳавасмандгардонии ҷорӣ намудани технологияҳои аз ҷиҳати экологи тоза ва сарфакунандаи энергияро фароҳам меоварад.

Илова бар ин, дар Тоҷикистон, чунин шуғли «сабз» дар соҳаи рушди территорияҳои махсус ҳифзшавандаи табиӣ, экотуризм, безарараргардонии сӯзишвории биологӣ ва паст кардани хавфи офатҳои табиӣ дахлдошта имконпазир аст.

Мавзӯи мубрами экологии асри XXI ҷузъи ҷудонопазири мавзӯи мубрами рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии ин қарн ба шумор меравад. Барои Тоҷикистон  зарур аст, ки ба ин мавзӯи мубрами рӯз таваҷҷӯҳ зоҳир намояд, зеро проблемаҳои партовҳои хатарнок, пастравии сатҳи экосистемаҳо, тағйирёбии иқлим ва доираи васеи дигар масъалаҳои рушди устуворро ҳал карда, инсоният инчунин проблемаҳои нобаробарӣ, ки камбизоатӣ ба миён меоварад, мавҷуд набудани амнияти ва суботро, ки рафъ намудани онҳо барои ноилшавӣ ба Ҳадафҳои Рушди ҳазорсола зарур аст, ҳаллу фасл менамояд.

# ИСТИНОД


1 Tajikistan. Living Standards Measurement Survey 2007. Dushanbe 2009. 24 p.

2 Таджикистан: Обследование Уровня Жизни. Душанбе, 2004.

3 Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2008.

4 Обследование рабочей силы. Душанбе. 2004.

5 Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Кумитаи давлатии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2009.

6 Экономические интересы России в Таджикистане: риски и возможности. Душанбе. 2009.

7 Рынок труда в Республике Таджикистан. Статистический сборник - Душанбе, 2009, с. 162.

8 DCI 0818 Обзор рынка труда и миграционный профиль. Обзор рынка труда в Таджикистане. Рабочий документ, июнь 2009, С.45.

9 Ҳамон ҷо, С.52.

10 Куддусов Д. Таджикские трудовые мигранты в глобальном финансовом кризисе: мнение мигрантов / Рабочая версия документа - ИИЦ «Соцсервис», майи с.2009.

11 «Бизнес и Политика» № 22 (611) 2 июни соли 2005

12 Показатели развития человека 2008. ПРООН; Human Development Report 2009. Overcoming barriers: Human mobility and development.

13 Human Development Report 2009. Overcoming barriers: Human mobility and development.

14 Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Кумитаи давлатии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон. с.2009.

15 Кумитаи давлатии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон. с.2009.

16 Кумитаи давлатии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон. с.2009.

17 Кумитаи давлатии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон. с.2009.

18 Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 12 апрели соли 2009

19 Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2009

20 Демографический ежегодник Республики Таджикистан. - Душанбе, Госкомстат, 2008, с. 21.

21 Маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, Кумитаи давлатии омор, 2008, с.13,30,32.

22 Демографический ежегодник Республики Таджикистан. - Душанбе, Госкомстат, 2008, с. 21; Таджикистан: 15 лет государственной независимости. - Душанбе, Госкомстат, с. 49; Образование в Республике Таджикистан. - Душанбе, Госкомстат, 2008, с. 13.

23 Гендерные проблемы и развитие. Стимулирование развития через гендерное равенство в правах, в доступности ресурсов и возможностей выражать свои интересы. Всемирный банк- 2002.

24 Таджикистан. Обследование по определению уровня жизни 2007 г, стр. 77, 80.

25 Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 12 апрели соли 2009

26 Лоиҳаи БУ дар бораи навсозии системаи маориф.-2003.

27 Маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, Кумитаи давлатии омори ҶТ, 2009, с.32.

28 Маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, Кумитаи давлатии омори ҶТ, 2009, с.36.

29 Аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ҷамъбасти барӯйхатгирии умумии аҳолӣ дар соли 2000,- Душанбе, 2005. Ҷ II, қ.1., С. 268-269. Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон . Маҷмӯаи маълумоти оморӣ. Душанбе, 2009, С. 158.

30 Таджикистан: Обследование уровня жизни. 2007.

31 Ҳисоб карда шудааст аз рӯи: Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2009.

32 Ҳисоб карда шудааст аз рӯи: Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2009.

33 Қонуни ҶТ«Дар бораи ҳадди ақали зиндагӣ», № 521 аз 19 майи соли 2009

34 Кумитаи давлатии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон с.2009

35 Рынок труда в Республике Таджикистан. Статистический сборник. Душанбе 2009. С. 101.

36 Аз рӯи маълумоти ҳисоботи ҳарсолаи омори расмӣ

37 Мувофиқи иттилооти дар сомонаи (веб-сайти) расмии МОМ буда.

38 Куддусов Д. Обзор рынка труда в Таджикистане. Рабочая версия документа. Душанбе 2009.с.86.

39 Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 12 апрели соли 2009

40 Баҳои экспертии муҳаққиқони лоиҳа.

41 Синявская О.В. Неформальная занятость в России: измерение, масштабы, динамика. Научный семинар НИСП. 2005.

42 Аистов В.О. Развитие некоторых форм занятости в России в 1992-2004 гг. ВШЭ. 2005.с.186.

43 Обследование рабочей силы 2004 и данные официальной статистики

44 Обследование детского труда. НИИ труда и социальной защиты населения Республики Таджикистан. 2006.

45 Таджикистан и страны СНГ. Стат.сб., Душанбе, 2006, с. 88.

46 Доклад о развитии человека. Изд. «Весь Мир», М., 2006, с. 352.

47 "Непрожиточный" минимум. Бизнес и Политика, № 22 (611) 2 июни соли 2005

[48] Бозори меҳнат дар ҶТ. Маҷмӯаи оморӣ с.2009.

[49] Бозори меҳнат дар ҶТ. Маҷмӯаи оморӣ с.2009.

[50] Бозори меҳнат дар ҶТ. Маҷмӯаи оморӣ с.2009.

[51] Қонуни ҶТ «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» аз 1 августи с.2003, № 44. моддаи 27.

[52] Қонуни ҶТ «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» аз 1 августи с.2003, № 44. моддаи 29.

[53] Обследование рабочей силы. 2004.

[54] Бозори меҳнат дар ҶТ. Маҷмӯаи оморӣ с.2009.

[55] Бозори меҳнат дар ҶТ. Маҷмӯаи оморӣ с.2009., Душанбе, 2009, с. 87

[56] Манбаъ: Межгосударственный статистический комитет СНГ.

[57] Ҳисоб карда шудааст аз рӯи: Бозори меҳнат дар ҶТ. Маҷмӯаи оморӣ с.2009.,Душанбе, 2009, с. 234.

[58] Международная организация труда. Исследование перехода от обучения к работе, Душанбе,2007,С.91. Проект.

[59] Демографический ежегодник-2008, Душанбе, Госкомстат, с. 14, 60-61.

[60] Тибқи маълумотномаи солонаи демографии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, с. 14 ва 118. таҳия гардидааст.

[61] Демографический ежегодник Республики Таджикистан, Душанбе, с. 118.

[62] Тибқи маълумотномаи солонаи демографии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, с. 120. таҳия гардидааст.

[63] Эзоҳ – гурӯҳбандӣ дар шароити кӯчидани аҳолӣ аз рӯи муҳоҷирати хориҷӣ ва дохилӣ анҷом дода шудааст

[64] Матритсаи коррелятсияи байни нишондиҳандаҳои рушди вилояти Хатлонской дар Замимаи 2.

[65] Доклад о мировом развитии 2009. Новый взгляд на экономическую географию. Всемирный банк. Вашингтон, 2008, с.3.

[66] Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маълумотномаи оморӣ - Душанбе, Кумитаи давлатии омор, 2008, с.55.

[67] Тибқи маълумоти маҷмӯаи омории «Минтақаҳои Тоҷикистон», Душанбе, с.2005-2008 таҳия гардидааст.

[68] Аз рӯи маълумоти Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб карда шудааст.

[69] Ниг. ба боб дар бораи шуғли ғайрирасмии ҳисоботи мазкур.

[70] Россия и страны содружества независимых государств.  Москва – 2008, С.30.

[71] Олимова С., Баск И. Трудовая миграция из Таджикистана. Международная организация по миграции. Душанбе, 2003. С.122.

[72] Тибқи маълумоти фаврии Хадамоти муҳоҷирати ВКД ҶТ.

[73] Куддусов Д. Влияние мирового финансового кризиса на трудовых мигрантов из Таджикистана: мнение мигрантов. Рабочая версия документа. ИИЦ «Соцсервис». Май 2009.

[74] Занон ва мардони Ҷумҳурии Тоҷикистон. Кумитаи давлатии омори ҶТ. 2007.

[75] Нушин Явари де Хеленкрт. Образование девочек в Таджикистане: всесторонний анализ причин отсева девочек из школ. – ЮНИСЕФ, 2005г.; Инна Мальцева. Гендерное равенство в сфере занятости. – ЮНИФЕМ, 2007г.;  Елена Мезенцева. Гендерное равенство в сфере образования. – ЮНИФЕМ, 2007г.; Маргарита Хегай. Доступ девочек к образованию. – ОБСЕ, 2008г.

[76] Куддусов Дж. Таджикские трудовые мигранты в глобальном финансовом кризисе: мнение мигрантов/ ИИЦ «Соцсервис», МОТ. – Душанбе, 2009

[77] Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Кумитаи давлатии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон. с.2009

[78] ОУЖНТ – 2007, ЮНИСЕФ.

[79] Маърӯзаи миллии ҶТ оид ба рафти иҷрои Конвенсия «Дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбати занон».с.2005

[80] Маърӯзаи миллии ҶТ оид ба рафти иҷрои Конвенсия «Дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбати занон».с.2005

[81] Занон ва мардони Ҷумҳурии Тоҷикистон. Кумитаи давлатии омори ҶТ.

[82] Занон ва мардони Ҷумҳурии Тоҷикистон. Кумитаи давлатии омори ҶТ.

[83] Обзор гендерных вопросов в Таджикистане. Всемирный банк, Отдел социального развития.
Регион Европы и Центральной Азии. – 2005 г. С.33.

[84] Занон ва мардони Ҷумҳурии Тоҷикистон. Показатели развития человека 2008. – ПРООН, 2008.

[85] Занон ва мардони Ҷумҳурии Тоҷикистон. Показатели развития человека 2008. – ПРООН, 2008.

[86] The Global Gender Gap Report/ World Economic Forum – Geneva, Switzerland, 2008.

[87] Доклад о мировом развитии 2009. Новый взгляд на экономическую географию. Обзор. Всемирный банк 2008.

[88] Green Jobs: Towards Decent work in a Sustainable, Low-Carbon World. 2009.

[89] Механизми Рушди Тоза, ки тибқи протоколи Киото пешбинӣ гардидааст, барои амалисозии лоиҳаҳои гузариш ба истифодаи манбаъҳои нисбатан тозаи энергия ва барқаророзии ҷангалзорҳо дар кишварҳои рӯ ба инкишоф  метавонад то 100 млрд. долл. ИМА сармояро равона созад.

[90] Яке аз роҳҳои таъмини аҳолии деҳот бо ҷойҳои корӣ ва паст намудани сатҳи бекорӣ ва камбизоатӣ ба туфайли он, азхудкунии заминҳои нав ва бекорхобида маҳсуб меёбад. Дар айни замон, дар ҷумҳурӣ 57 ҳазор гектар замин истифода бурда намешавад.

## ЗАМИМАИ 1

### ҲИСОБИ ТАСҲЕҲКАРДАШУДАИ МММ БА ҲАР САРИ АҲОЛӢ ДАР МИНТАҚАҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ 2006 – 2007

### ҚАДАМИ 1. ҲИСОБИ МММ (Маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ) ба ҳар сари аҳолӣ

**МММ, ҳазор сомонӣ**

| Минтақаҳо | Солҳо | |
|---|---|---|
| | 2006 | 2007 |
| ВМКБ | 172992,8 | 232342,0 |
| Вилояти Суғд | 2299500,4 | 2814266,0 |
| Вилояти Хатлон | 2384919,4 | 3366033,2 |
| Шаҳри Душанбе | 1778697,0 | 2242509,9 |
| ШНТҶ | 2234145,6 | 3018433,6 |

**Шумораи аҳолии минтақаҳо, ҳазор нафар**

| Минтақаҳо | Солҳо | |
|---|---|---|
| | 2006 | 2007 |
| ВМКБ | 220,4 | 218,0 |
| Вилояти Суғд | 2095,7 | 2132,1 |
| Вилояти Хатлон | 2519,6 | 2579,3 |
| Шаҳри Душанбе | 660,9 | 679,4 |
| ШНТҶ | 1567,2 | 1606,9 |

**МММ ба сари ҳар аҳолӣ**

| Минтақаҳо | Солҳо | |
|---|---|---|
| | 2006 | 2007 |
| ВМКБ | 784,9038 | 1065,788991 |
| Вилояти Суғд | 1097,247 | 1319,950284 |
| Вилояти Хатлон | 946,5468 | 1305,018106 |
| Шаҳри Душанбе | 2691,325 | 3300,721077 |
| ШНТҶ | 1425,565 | 1878,420312 |

### ҚАДАМИ 2. ҲИСОБИ ФАРҚИЯТИ БАЙНИ МММ БА САРИ ҲАР АҲОЛИИ МИНТАҚАҲО ВА ММД БА САРИ ҲАР АҲОЛӢ ДАР МАҶМӮЪ ДАР ҶТ

**Фарқият байни МММ ва ММД**

| Минтақаҳо | Солҳо | |
|---|---|---|
| | 2006 | 2007 |
| ВМКБ | -913,8961887 | -708,7110092 |
| Вилояти Суғд | -601,5530658 | -454,5497162 |
| Вилояти Хатлон | -752,2531672 | -469,4818943 |
| Шаҳри Душанбе | 992,5254653 | 1526,221077 |
| ШНТҶ | -273,2349158 | 103,9203124 |

### ҚАДАМИ 3. ҲИСОБИ ФОНДИ АЗНАВТАҚСИМКУНӢ (ФА) ДАР МИНТАҚАҲО

**Таркиби минтақии аҳолӣ, ҳиссаи воҳид**

| Минтақаҳо | Солҳо | |
|---|---|---|
| | 2006 | 2007 |
| ВМКБ | 0,031201 | 0,030212 |
| Вилояти Суғд | 0,296682 | 0,295481 |
| Вилояти Хатлон | 0,356692 | 0,357457 |
| Шаҳри Душанбе | 0,093562 | 0,094156 |
| ШНТҶ | 0,221864 | 0,222695 |

**ФА дар минтақаҳо**

| Минтақаҳо | Солҳо | |
|---|---|---|
| | 2006 | 2007 |
| ВМКБ | -28,5148 | -21,41150547 |
| Вилояти Суғд | -178,47 | -134,31,6629 |
| Вилояти Хатлон | -268,323 | -167,8194285 |
| Шаҳри Душанбе | 92,86221 | 143,7025652 |
| ШНТҶ | -60,6209 | 23,14252948 |

### ҚАДАМИ 4. ҲИСОБИ МАБЛАҒИ АРЗИШИ ФОНДИ АЗНАВТАҚСИМКУНӢ

| Минтақаҳо | Солҳо | |
|---|---|---|
| | 2006 | 2007 |
| ВМКБ | -28,51478241 | -21,411505447 |
| Вилояти Суғд | -178,4697698 | -134,3106629 |
| Вилояти Хатлон | -268,3225856 | -167,8194285 |
| Шаҳри Душанбе | 9286221014 | 143,7025652 |
| ШНТҶ | -60,62087828 | 23,1425948 |
| СУММА | -443,0658059 | -156,6965021 |

## ҚАДАМИ 5. ҲИСОБИ КӮМАКИ ГИРИФТАШАВАНДАИ МИНТАҚАҲО

### Ҳаҷми субвенсияҳои гирифташавандаи минтақаҳо

| Минтақаҳо | Солҳо | |
|---|---|---|
| | 2006 | 2007 |
| ВМКБ | 28343611 | 33411150 |
| Вилояти Суғд | 0 | 0 |
| Вилояти Хатлон | 46706050 | 67789490 |
| Шаҳри Душанбе | 0 | 0 |
| ШНТҶ | 47569819 | 55199852 |
| ВСЕГО | 122619480 | 156400502 |

### Таркиби минтақавии субвенсияҳо

| Минтақаҳо | Солҳо | |
|---|---|---|
| | 2006 | 2007 |
| ВМКБ | 0,231150964 | 0,213626 |
| Вилояти Суғд | 0,0 | 0,0 |
| Вилояти Хатлон | 0,380902366 | 0,433435 |
| Шаҳри Душанбе | 0,0 | 0,0 |
| ШНТҶ | 0,38794667 | 0,352939 |

### Ҳисоби кӯмаки гирифташавандаи минтақаҳо

| Минтақаҳо | Солҳо | |
|---|---|---|
| | 2006 | 2007 |
| ВМКБ | -102,4150881 | -33,4744 |
| Вилояти Суғд | 0,0 | 0,0 |
| Вилояти Хатлон | -168,7648136 | -67,9178 |
| Шаҳри Душанбе | 0,0 | 0,0 |
| ШНТҶ | -171,8859042 | -55,3043 |

## ҚАДАМИ 6. ҲИСОБИ МАБЛАҒИ ДАРОМАДИ МАВҶУДА

### МММ ба сари ҳар аҳолӣ, сомони

| Минтақаҳо | Солҳо | |
|---|---|---|
| | 2006 | 2007 |
| ВМКБ | 784,9038113 | 1065,788991 |
| Вилояти Суғд | 1097,246934 | 1319,950284 |
| Вилояти Хатлон | 946,5468328 | 1305,018106 |
| Шаҳри Душанбе | 2691,325465 | 3300,721077 |
| ШНТҶ | 1425,565084 | 1878,420312 |

### Маблағи мавҷудаи ДСА дар минтақаҳои ҶТ дар солҳои 2006-2007гг., сомонӣ

| Минтақаҳо | Солҳо | |
|---|---|---|
| | 2006 | 2007 |
| ВМКБ | 878,32 | 1099,26 |
| Вилояти Суғд | 1097,25 | 1319,95 |
| Вилояти Хатлон | 1115,31 | 1372,94 |
| Шаҳри Душанбе | 2691,33 | 3300,72 |
| ШНТҶ | 1597,45 | 1933,72 |
| СУММА | 7388,65 | 9026,60 |
| СУММА /5 | 1477,731 | 1805,319054 |

# ЗАМИМАИ 2

### Суръати афзоиши ШРИИ ва ташкилдиҳандагони он дар ҶТ дар солҳои 2006-2007

| Минтақа | ДПУ, сол | ССАК, % | СФАТ, % | СТ, % | Даромади мавҷуда ба сари ҳар аҳолӣ сомонӣ / долл. ИМА | | ШРИИ, ҳиссаи воҳид | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Сол | Сол | Сол | Сол | Солҳо | | Солҳо | |
| | 2007 | 2007 | 2007 | 2007 | 2006 | 2007 | 2006 | 2007 |
| ВМКБ | 74,4 | 99,3 | 77,4 | 92,0 | 887,3<br>268,9 | 1099,3<br>319,6 | 0,581 | 0,587 |
| Вилояти Суғд | 71,4 | 97,2 | 72,8 | 89,1 | 1097,3<br>332,5 | 1314,0<br>383,7 | 0,550 | 0,555 |
| Вилояти Хатлон | 71,0 | 97,2 | 66,8 | 87,1 | 1115,3<br>338,0 | 1372,9<br>399,1 | 0,539 | 0,552 |
| шаҳри Душанбе | 76,5 | 98,7 | 75,0 | 90,8 | 2691,3<br>815,5 | 3300,7<br>959,5 | 0,648 | 0,666 |
| ШНТҶ | 71,4 | 97,3 | 61,1 | 75,3 | 1597,5<br>484,1 | 1933,7<br>562,1 | 0,557 | 0,567 |

### Ҳисоби ташкилдиҳандагони ШРИИ ва худи ШРИИ дар минтақаҳои ҶТ дар солҳои 2006-2007 (Ш-шохис)

**ДУУ**

**с.2006**

$$Ш^{ДУУ}_{ВМКБ} = \frac{74,0\text{-}41,2}{82,4\text{-}41,2} = 0,796$$

$$Ш^{ДУУ}_{Душанбе} = \frac{75,5\text{-}41,2}{82,4\text{-}41,2} = 0,833$$

$$Ш^{ДУУ}_{Суғд} = \frac{70,9\text{-}41,2}{82,4\text{-}41,2} = 0,721$$

$$Ш^{ДУУ}_{НТҶ} = \frac{71,5\text{-}41,2}{82,4\text{-}41,2} = 0,731$$

$$Ш^{ДУУ}_{Хатлон} = \frac{70,6\text{-}41,2}{82,4\text{-}41,2} = 0,714$$

**с.2007**

$$Ш^{ДУУ}_{ВМКБ_1} = \frac{74,4\text{-}41,2}{82,4\text{-}41,2} = 0,799$$

$$Ш^{ДУУ}_{Суғд_1} = \frac{71,4\text{-}41,2}{82,4\text{-}41,2} = 0,733$$

$$Ш^{ДУУ}_{Хатлон_1} = \frac{71,0\text{-}41,2}{82,4\text{-}41,2} = 0,723$$

$$Ш^{ДУУ}_{Душанбе_1} = \frac{76,5\text{-}41,2}{82,4\text{-}41,2} = 0,857$$

$$Ш^{ДУУ}_{НТҶ_1} = \frac{71,4\text{-}41,2}{82,4\text{-}41,2} = 0,733$$

**СТ**

**с.2007**

$$СТ_{ВМКБ} = \frac{2}{3}99,3 + \frac{1}{3}77,4 = 92,0\%^{*}$$

$$Ш^{СТ}_{ВМКБ} = \frac{92,0\text{-}25,8}{96,3\text{-}25,8} = 0,939$$

$$СТ_{Суғд} = \frac{2}{3}97,2 + \frac{1}{3}72,8 = 89,1\%$$

$$Ш^{СТ}_{Суғд} = \frac{89,1\text{-}25,8}{96,3\text{-}25,8} = 0,898$$

$$СТ_{Хатлон} = \frac{2}{3}97,2 + \frac{1}{3}66,8 = 87,1\%$$

$$Ш^{СТ}_{Хатлон} = \frac{87,1\text{-}25,8}{96,3\text{-}25,8} = 0,870$$

$$СТ_{Душанбе} = \frac{2}{3}98,7 + \frac{1}{3}75,0 = 90,8\%$$

$$Ш^{СТ}_{Душанбе} = \frac{90,8\text{-}25,8}{96,3\text{-}25,8} = 0,922$$

$$СТ_{НТҶ} = \frac{2}{3}97,3 + \frac{1}{3}61,1 = 85,3\%$$

$$Ш^{СТ}_{НТҶ} = \frac{85,3\text{-}25,8}{96,3\text{-}25,8} = 0,844$$

* СТ дар асоси ТҚҚ 2007 ҳисоб карда шудааст

## ДСА

### с.2006

$$Ш^{ДСА}_{ВМКБ} = \frac{\log(268,9)-\log(281,0)}{\log(75611)-\log(281,0)} = 0,007$$

$$Ш^{ДСА}_{Сугд} = \frac{\log(332,5)-\log(281,0)}{\log(75611)-\log(281,0)} = 0,030$$

$$Ш^{ДСА}_{Хатлон} = \frac{\log(338,0)-\log(281,0)}{\log(75611)-\log(281,0)} = 0,033$$

$$Ш^{ДСА}_{Душанбе} = \frac{\log(815,5)-\log(281,0)}{\log(75611)-\log(281,0)} = 0,190$$

$$Ш^{ДСА}_{НТҶ} = \frac{\log(484,1)-\log(281,0)}{\log(75611)-\log(281,0)} = 0,097$$

### с.2007

$$Ш^{ДСА}_{ВМКБ_1} = \frac{\log(319,6)-\log(281,0)}{\log(75611)-\log(281,0)} = 0,023$$

$$Ш^{ДСА}_{Сугд_1} = \frac{\log(383,7)-\log(281,0)}{\log(75611)-\log(281,0)} = 0,055$$

$$Ш^{ДСА}_{Хатлон_1} = \frac{\log(399,1)-\log(281,0)}{\log(75611)-\log(281,0)} = 0,063$$

$$Ш^{ДСА}_{Душанбе_1} = \frac{\log(959,5)-\log(281,0)}{\log(75611)-\log(281,0)} = 0,219$$

$$Ш^{ДСА}_{НТҶ_1} = \frac{\log(562,1)-\log(281,0)}{\log(75611)-\log(281,0)} = 0,124$$

## ШРИИ

### с.2006

$$ШРИИ_{ВМКБ} = \frac{0,796+0,939+0,007}{3} = 0,581$$

$$ШРИИ_{Сугд} = \frac{0,721+0,898+0,030}{3} = 0,550$$

$$ШРИИ_{Хатлон} = \frac{0,714+0,870+0,033}{3} = 0,539$$

$$ШРИИ_{Душанбе} = \frac{0,833+0,922+0,190}{3} = 0,648$$

$$ШРИИ_{НТҶ} = \frac{0,731+0,844+0,097}{3} = 0,557$$

### с.2007

$$ШРИИ_{ВМКБ_1} = \frac{0,799+0,939+0,023}{3} = 0,587$$

$$ШРИИ_{Сугд_1} = \frac{0,733+0,898+0,034}{3} = 0,555$$

$$ШРИИ_{Хатлон_1} = \frac{0,723+0,870+0,063}{3} = 0,552$$

$$ШРИИ_{Душанбе_1} = \frac{0,857+0,922+0,219}{3} = 0,666$$

$$ШРИИ_{НТҶ_1} = \frac{0,733+0,844+0,124}{3} = 0,567$$

# ЗАМИМАИ 3

## Тавсифи кластерҳои ҷудошуда

| | Миқдори кластерҳо дар минтақаҳо | Тамоюли миёнаи квадратӣ | Таркиби кластерҳо | Нишондиҳандаҳо-омилҳои муҳоҷират (дар ҳолати то соли 2007) | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Зичии аҳолӣ | Сатҳи миёнаи музди меҳнати моҳона | Масофа аз ноҳия то шаҳри нисбатан калон |
| Кластери 1 | 5 | 103,6 | ш.Турсунзода, ш.Хуҷанд, ш.Чкаловск; ноҳияҳо- Рӯдакӣ ва Б. Ғафуров | **Нисбатан зиёд**<br>- аз зичии миёнаи ҷумҳурӣ зиёд | **Нисбатан зиёд**<br>аз сатҳи миёнаи ҷумҳурӣ баланд, ба истиснои ноҳияҳои Рӯдакӣ и Б.Ғафуров | **Хеле наздик**<br>аз 11 км то 17 км |
| Кластери 2 | 9 | 54,52 | ш.Ваҳдат, ш.Қӯрғонтеппа, ноҳияҳо- Айнӣ, Исфара, Конибодом, Панҷакент, Бохтар, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Фархор | **Нисбатан зиёд**<br>аз зичии миёнаи ҷумҳурӣ зиёд, ба истиснои Айнӣ | **Нисбатан кам**<br>аз сатҳи миёнаи ҷумҳурӣ паст, ба истисноии ш.Қӯрғонтеппа | **Наздик**<br>Ба истисноии Айнӣ, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва Фархор |
| Кластери 3 | 10 | 17,7 | ноҳияҳо- Ҳисор, Ашт, Ҷаббор Расулов, Истаравшан, Вахш, Данғара, Қубодиён, Кӯлоб, Мӯъминобод, Шаҳритус | **Нисбатан зиёд**<br>аз зичии миёнаи ҷумҳурӣ зиёд, ба истисноии ноҳияи Ашт | **Нисбатан кам**<br>аз сатҳи миёнаи ҷумҳурӣ паст | **Наздик**<br>Ба истисноии Ашт, Данғара, Қубодиён, Мӯъминобод ва Шаҳритус |
| Кластери 4 | 4 | 24,55 | ш.Кайроққум, ноҳияҳо – Варзоб, Зафаробод, Ҷалолиддини Румӣ | **Нисбатан зиёд**<br>аз зичии миёнаи ҷумҳурӣ зиёд, ба истисноии ноҳияи Варзоб | **Нисбатан кам**<br>аз сатҳи миёнаи ҷумҳурӣ паст | **Наздик**<br>Ба истисноии ноҳияҳои Зафаробод ва Ҷалолиддини Румӣ |
| Кластери 5 | 20 | 14, 56 | ш.Табошар, ноҳияҳо- Ҷиргатол, Нуробод, Рашт, Файзобод, Шаҳринав, Ғончӣ, Мастчҳ, Спитамен, Восеъ, Қумсангир, Панҷ, Темурмалик, Ҷомӣ, Ховалинг, Ёвон, Ванҷ, Дарвоз, Ишкошим, Шуғнон | **Нисбатан зиёд**<br>аз зичии миёнаи ҷумҳурӣ зиёд, ба истисноии ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ВМКБ | **Нисбатан кам**<br>аз сатҳи миёнаи ҷумҳурӣ паст | **Нисбатан дур**<br>Ба истисноии ноҳияҳои Шаҳринав ва Восеъ |
| Кластери 6 | 10 | 16,65 | ш.Роғун, ш.Хоруғ, ноҳияҳо- Шаҳристон, Хуросон, Ҷиликӯл, Норак, Сарбанд, Шӯрообод, Мурғоб, Рӯшон | **Нисбатан зиёд**<br>аз зичии миёнаи ҷумҳурӣ зиёд, ба истисноии ноҳияҳои Шӯрообод, Мурғоб, Рӯшон | **Нисбатан кам**<br>аз сатҳи миёнаи ҷумҳурӣ паст, ба истисноии Норак, Роғун ва Сарбанд | **Нисбатан дур** |
| Кластери 7 | 6 | 11,8 | Ноҳияҳо- Тавилдара, Тоҷикобод, Кӯҳистони Мастчоҳ, Балҷувон, Носири Хисрав, Роштқалъа | **Нисбатан кам**<br>аз зичии миёнаи ҷумҳурӣ кам, ба истисноии Тоҷикобод | **Нисбатан кам**<br>аз сатҳи миёнаи ҷумҳурӣ паст | **Нисбатан дур** |
| ВСЕГО | **64** | | | | | |

Кластери 1 - чи минтақаҳои ҷолиб (ш.Турсунзода), чи шаҳру ноҳияҳои дорои коэффитсиенти нисбатан баланди вазни холиси муҳоҷират (-1,44), вазни ғайрихолиси муҳоҷират (22,7) ва самаранокии нисбатан мусоиди иштирок дар равандҳои дохилиҷумҳуриявии муҳоҷиратро муттаҳид менамояд (ба ҳисоби миёна ба ҳар 100 нафар ба ҷумҳурӣ воридшаванда 123 нафар аз ҷумҳурӣ хориҷшаванда рост меояд).

Кластери 2 - минтақаҳоеро дар бар мегирад, ки маҷмӯи зиёди муҳоҷират дошта, бидуни шиддатнокӣ аҳолиашон кам гардида истодааст, вале самаранокии муҳоҷират нисбат ба минтақаҳои кластери қаблӣ бадтар мебошад (ба ҳисоби миёна ба ҳар 100 нафар ба ҷумҳурӣ воридшаванда 442 нафар аз ҷумҳурӣ хориҷшаванда рост меояд).

Кластери 3 - минтақаҳоеро аз ҷиҳати муҳоҷират дар бар мегирад, ки ба ҳолатҳои тамоман номусоид гузаштанашон мумкин аст. Ба ҳисоби миёна ба ҳар 100 нафар ба ҷумҳурӣ воридшаванда 768 нафар аз ҷумҳурӣ хориҷшаванда рост меояд. Ба таври дигар, маҷмӯи муҳоҷират аллакай ба суръати афзоиши шумораи аҳолии минтақаҳо таъсири калон мерасонад.

Кластери 4 - аз минтақаҳое иборат аст, ки бо муҳоҷирати мӯътадили аҳолӣ тавсиф мегардад. Ин кластер дар худ 4 минтақаеро, ки дорои хусусиятҳои наздики иҷтимоию иқтисодӣ доранд, дар бар мегирад. Барои намояндагони чунин навъ ба ҳисоби миёна коэффитсиенти вазни холиси муҳоҷират ба –0,496, коэффитсиенти вазни ғайрихолиси муҳоҷират бошад ба 15,06 баробар аст. Самаранокии нисбатан «пасти» муҳоҷират таваҷҷӯҳро ҷалб месозад: ба ҳисоби миёна ба ҳар 100 нафар ба ҷумҳурӣ воридшаванда 121 нафар аз ҷумҳурӣ хориҷшаванда рост меояд.

Кластери 5 - минтақаҳои аз ҷиҳати муҳоҷират нисбатан бӯҳронии ҷумҳуриро муттаҳид менамояд. Барои минтақаҳои навъи мазкур талафи нисбатан мутлақ ва ҳадди аксари муҳоҷират (–3,4) бо дарназардошти коэффитсиенти вазни ғайрихолиси муҳоҷирати –6,07 ва нишондиҳандаи самаранокии муҳоҷират баробар ба 1216 нафар аз ҷумҳурӣ хориҷшаванда ба 100 нафар ба ҷумҳурӣ воридшаванда хос аст.

Кластери 6 - даҳ минтақаро муттаҳид менамояд. Аз рӯи хусусияти вазни холиси муҳоҷират намояндагони навъи мазкур ба намояндагони минтақаҳои навъи сеюм наздик аст ( ба ҳисоби миёна коэффитсиенти вазни холиси муҳоҷират ба (–2,26) баробар аст, дар ҳоле ки аз рӯи хусусиятҳои микёси ҷараёни муҳоҷират ба минтақаҳои навъи панҷум баробар аст (ба ҳисоби миёна коэффитсиенти вазни ғайрихолиси муҳоҷират ба 6,5 баробар аст). Ба ҳисоби миёна ба ҳар 100 нафар ба ҷумҳурӣ воридшаванда 390 нафар аз ҷумҳурӣ хориҷшаванда рост меояд.

Кластери 7 - минтақаҳои гурӯҳи мазкур аз рӯи коэффитсиенти вазни холиси муҳоҷират ба гурӯҳи якум (-1,3), аз рӯи коэффитсиенти вазни ғайрихолиси муҳоҷират ба гурӯҳи сеюм (5,17) баробар буда, ба ҳисоби миёна ба ҳар 100 нафар ба ҷумҳурӣ воридшаванда 517 нафар аз ҷумҳурӣ хориҷшаванда рост меояд.

## ЗАМИМАИ 4

**Матритсаи коррелятсияҳо байни нишондиҳандаҳои рушди ноҳияҳои вилояти Хатлон (аз рӯи маълумоти соли 2007)**

| | Тавозу-ни муҳо-ҷират ба 1 ҳазор аҳолӣ | Таносуби бекорон ва ҷойҳои кории холи ба қайд гирифташуда | Таносуби музди меҳнати моҳонаи номиналӣ нисбат ба сатҳи миёнаи ҷумҳуриявӣ | Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳар сар аҳолӣ | Май-дони кишт ба ҳар сар аҳолӣ | Ҳаҷми воридоти мустақими андози буҷети маҳаллӣ ба ҳисоби ҳар сари аҳолӣ | Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба ҳар сар аҳолӣ | Ҳаҷми гар-диши моли чакана ба ҳар сар аҳолӣ | Камшавии шумораи шахсоне, ки аз рӯи кироя кор мекунанд | Зичии аҳолӣ | Афзоиши табиии аҳолӣ (ба 1000 нафар аҳолӣ) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Тавозуни муҳоҷират ба 1 ҳазор аҳолӣ | 1 | 0,22 | 0,38 | -0,33 | -0,3 | 0,48 | 0,36 | 0,15 | 0,56 | 0,11 | 0,09 |
| Таносуби бекорон ва ҷойҳои кории холии ба қайд гирифташуда | 0,22 | 1 | -0,21 | 0,15 | -0,01 | -0,16 | -0,22 | 0,56 | 0,21 | 0,01 | 0,42 |
| Таносуби музди меҳнати моҳонаи номиналӣ нисбат ба сатҳи миёнаи ҷумҳуриявӣ | 0,38 | -0.21 | 1 | -0,48 | -0,43 | 0,85 | 0,92 | -0,3 | 0,28 | 0,02 | -0,36 |
| Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳар сар аҳолӣ | -0,33 | 0,15 | -0,48 | 1 | 0,85 | -0,5 | -0,5 | -0,26 | -0,06 | -0,62 | 0,33 |
| Майдони кишт ба ҳар сар аҳолӣ | -0,3 | -0,01 | -0,43 | 0,85 | 1 | -0,57 | -0,5 | -0,36 | -0,125 | -0,63 | 0,1 |
| Ҳаҷми воридоти мустақими андози буҷети маҳаллӣ ба ҳисоби ҳар сари аҳолӣ | 0,48 | -0,16 | 0,85 | -0,5 | -0,57 | 1 | 0,92 | -0,07 | 0,4 | 0,11 | -0,23 |
| Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба ҳар сар аҳолӣ | 0,36 | -0,22 | 0,92 | -0,5 | -0,5 | 0,92 | 1 | -0,07 | 0,36 | 0,04 | -0,35 |
| Ҳаҷми гардиши моли чакана ба ҳар сар аҳолӣ | 0,15 | 0,56 | -0,3 | -0,26 | -0,36 | -0,07 | -0,25 | 1 | 0,07 | 0,55 | 0,23 |
| Тағйироти шумораи шахсоне, ки аз рӯи кироя кор мекунанд | 0,56 | 0,21 | 0,28 | -0,06 | -0,125 | 0,4 | 0,36 | 0,07 | 1 | -0,11 | -0,11 |
| Зичии аҳолӣ дар 1 км мураббаъ | 0,11 | 0,01 | 0,02 | -0,62 | -0,63 | 0,11 | 0,04 | 0,55 | -0,11 | 1 | 0,11 |
| Афзоиши табиии аҳолӣ (ба 1000 нафар аҳолӣ) | 0,09 | 0,42 | -0,36 | 0,33 | 0,1 | -0,23 | -0,35 | 0,23 | -0,05 | 0,11 | 1 |

# ЗАМИМАИ 5

**Шохиси баробарии гендерӣ (ШБГ) барои Тоҷикистон дар соли 2008**

| Ташкилдиҳандагони ШБГ | Рей-тинг | Нишон-диҳандаи ШБГ | Нишондиҳандаи миёнаи ҷаҳонӣ | Занон | Мардон | % занон нисбат ба мардон |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Фаъолияти иқтисодӣ** | **44** | **0,689** | **0,587** | | | |
| Таносуби сатҳи шуғли мардон ва занон | 67 | 0,75 | 0,69 | 49 | 66 | 0,75 |
| Таносуби пардохти музди меҳнати мардон ва занон барои меҳнати баробар | 53 | 0,73 | 0,64 | | | 0,73 |
| Таносуби музди меҳнати занон ва мардон | 57 | 0,58 | 0,51 | 992 | 1725 | 0,58 |
| Таносуби мардон ва занон дар ҳайати қонунгузорон, кормандони масъул, роҳбарон | - | - | 0,28 | - | - | - |
| Таносуби мардон ва занон дар байни мутахассисон | - | - | 0,72 | - | - | - |
| **Маориф** | **112** | **0,867** | **0,929** | | | |
| Таносуби сатҳи саводнокии мардон ва занон | 49 | 1,0 | 0,87 | 100 | 100 | 1,0 |
| Таносуби фарогирии мардон ва занон бо таҳсилоти ибтидоӣ | 113 | 0,96 | 0,97 | 95 | 99 | 0,96 |
| Таносуби фарогирӣ бо таҳсилоти миёна | 117 | 0,84 | 0,92 | 74 | 87 | 0,84 |
| Таносуби фарогирӣ бо таҳсилоти олӣ | 119 | 0,37 | 0,86 | 10 | 27 | 0,37 |
| **Саломатӣ ва дарознокии умр** | **55** | **0,979** | **0,958** | | | |
| Таносуби ҷинс ҳангоми таваллуд | 1 | 0,94 | 0,92 | - | - | 0,95 |
| Таносуби дарознокии солими умри мардон ва занон | 67 | 1,06 | 1,04 | 56 | 53 | 1,06 |
| Иштироки мардон ва занон дар сиёсат | 98 | 0,081 | 0,163 | | | |
| Таносуби ҷинс дар парламент | 60 | 0,21 | 0,21 | 18 | 83 | 0,21 |
| Таносуби ҷинс дар вазифаҳои вазир | 114 | 0,06 | 0,17 | 6 | 94 | 0,06 |
| Шумораи солҳои дар сари давлат қарор доштани занон (дар 50 соли охир); | 40 | 0,00 | 0,13 | 0 | 50 | 0,00 |

**Рейтинги Тоҷикистон аз рӯи ШБГ дар соли 2008 (аз 130 кишвар) – ҷойи 89 (0,654)**
**Рейтинги Тоҷикистон  аз рӯи ШБГ дар соли 2007 (аз 128 кишвар) – ҷойи 79 (0,658)**

Манбаъ:The Global Gender Gap Report/ World Economic Forum – Geneva, Switzerland, 2008




Тоҷикистон, Душанбе, к. Айнӣ, 39
VSAT тел.: (47) 241-36-929. Inmarsat тел.: (873) 382-420-321
Тел.: (992-372) 21-06-70, 21-06-80
VSAT факс: (47) 241-36-930. Inmarsat факс: (873) 382-420-322
Факс: (992-372) 51-00-21.
Почтаи электронӣ: registry.tj@undp.org
www.undp.tj